# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ
# БАРОИ СИНФИ 4-УМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я2 81.2 (2тоҷик)+74.261.4 Я 72**
**Р-84**

**Н-90.** М. Зиёев, Ф. Ниёзов, Ҳ. Ҷумъаева, М. Одилова. **Роҳнамои фанни Забони модарӣ барои синфи 4-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Душанбе, «Маориф», 2016, 256 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-411-7**

**© «Маориф», 2016**

Мундариҷа


**МУҚАДДИМА........................................................................................7**
**I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ........................................................................................9**
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум.........9
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум ..........10
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум ..........10
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум.....11
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум...12
**II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ..............13**
2.1. Салоҳиятҳои гӯш кардан, гуфтан ва хондану навиштан ..........14
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои гӯш кардан, гуфтан ва хондану навиштан..........16
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ..........20
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо..........20
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ..........21
**III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ..........22**
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан..........22
3.2. Принсипҳои таълими самаранок..........23
3.3. Ташаккули малакаҳои фикронӣ..........23
3.4. Алоқаи байнифаннӣ..........24
3.5. Стратегияҳои таълими фанни забони модарӣ дар синфи якум ..........24
3.5.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан ..........24
3.5.2. Таълими луғат..........25
3.5.3. Таълими хониши равон ва бурро..........27
3.5.4. Таълими хониши бошуурона..........29
3.5.5. Таълими малакаи навиштан..........34
**IV. АРЗЁБӢ..........37**
4.1. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан ..........37
4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулидиҳандаи малакаҳои хондан..........37
4.2.1. Санҷидани хондани калимаҳои шинос ..........37
4.2.2. Гӯш додан ба тарзи хондани хонандагон ..........37
4.2.3. Саволҳо барои санҷидани дарки маънии матни хонда ..........37
4.3. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии малакаҳои хондан ..........38
4.3.1. Санҷидани суръати хониш..........38
4.3.2. Санҷиши дарки маънӣ..........38
4.4. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи навиштан ..........38
4.4.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи навиштан ..........39
4.4.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии навиштан..........40
4.5. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи шунидан..........41
4.5.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардан (шунидан)......41
4.5.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии шунидан ..........42
4.6. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гуфтан..........42
4.6.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои шунидан..........42
4.6.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан ..........42
**V. БАРНОМАИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ..........43**
**БОБИ 1. ВАТАН. ВАҲДАТ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ (26 СОАТ )..........46**
Дарсҳои 1-2. Дарси сулҳ..........46
Дарсҳои 3-4. Китоби забони модарӣ ва «Замима» ..........47
Дарсҳои 5-6. Таътили тобистона чӣ тавр гузашт?..........49
Дарсҳои 7-8. Ватан сар мешавад аз гоҳвора..........52
Дарсҳои 9-10. Ватан..........55
Дарсҳои 11-12. Бӯйи Ватан ..........56
Дарсҳои 13-14. Шаҳру ноҳияҳои Ватан ..........59

Дарсҳои 15-16. Сайру саёҳат ба шаҳру ноҳияҳои дигар ........ 62
Дарсҳои 17-20. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар аввали соли таҳсил ........ 65
Дарсҳои 21-22. Суруди Ваҳдат ........ 71
Дарсҳои 23-24. Ангушт ва мушт ........ 72
Дарсҳои 25-26. Низоъ бадбахтӣ меораду дӯстӣ - хушбахтӢ ........ 74
**БОБИ 2. ВАСФИ ТИРАМОҲИ ТОҶИКИСТОН (36 СОАТ)........ ...76**
Дарсҳои 1-2. Тирамоҳ кай оғоз меёбад ва чаро баргҳо зард мешаванд? ........ 76
Дарсҳои 3-4. Васфи тирамоҳ аз нигоҳи шоир ........ 79
Дарсҳои 5-6. Васфи тирамоҳ аз нигоҳи шоир (Баргҳои тиллоӣ) ........ 81
Дарсҳои 7-8. Машқи навиштани нақли хаттӢ ........ 84
Дарсҳои 9-10. Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест (муҳокимаи хониши беруназсинфӣ) ........ 85
Дарсҳои 11-12. Ташаккур бар ту бодо, устодам! ........ 88
Дарсҳои 13-14. Нависанда тирамоҳро чӣ гуна тасвир мекунад? ........ 90
Дарсҳои 15-16. Як рӯзи тирамоҳ ........ 92
Дарсҳои 17-18. Мо ҳам китобча менависем! ........ 94
Дарсҳои 19-20. Муносибати мо ба табиат ........ 95
Дарсҳои 21. Имлои санҷишӣ ........ 98
Дарсҳои 22. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ ........ 98
Дарсҳои 23-24. Ҷашни Меҳргон ........ 99
Дарсҳои 25-26. Дӯстони ҷонӣ, нонӢ, забонӣ ........ 101
Дарсҳои 27-28. Дӯстро кас дар сафар бояд шинохт ........ 1053
Дарсҳои 29-30. Миралӣ ва Мирвалӣ . ........1055
Дарсҳои 31-34. Агар дӯстат туро нафаҳмад… ........ 106
Дарсҳои 35-36. Кори лоиҳавӣ ........ 1088
**БОБИ 3. ЗАБОНИ МОДАРИИ МО (30 СОАТ)........1099**
Дарсҳои 1-2. Забонгумкарда ........ 1099
Дарсҳои 3-4. Сухан дониста гӯй….Ман зебоям! ........ 110
Дарсҳои 5-6. Сухани хуш морро аз хонааш берун барорад ........ 113
Дарсҳои 7-8. Машқи навиштани нақли хаттӣ ........ 115
Дарсҳои 9-10. Аниси кунҷи танҳоӢ китоб аст (хониши беруназ синфӣ) ........ 116
Дарсҳои 11-12. Чароғ барои кӯрдилон ........ 116
Дарсҳои 13-14. Аъзои беҳтарин ва бадтарин ........ 1188
Дарсҳои 15-16. Дӯсти одам ҳам-забон… ........ 120
Дарсҳои 17-18. Шоколади талх ........ 122
Дарсҳои 19-20. Муболиға ........ 1255
Дарси 21. Нақли хаттии санҷишӣ ........ 1257
Дарси 22. Ҷамъбасти дарсҳои гузашта ........ 1257
Дарсҳои 23-26. Суханҳои шунидаро фаромӯш макун ........ 128
Дарсҳои 27-28. Суханчин нашавед! ........ 1301
Дарсҳои 29-30. Варзиш – қосиди сулҳ ........ 1333
**БОБИ 4. МО ҲАМ ҚАҲРАМОН МЕШАВЕМ!- (44 СОАТ)........134**
Дарсҳои 1-2. Чӣ хел машҳур шавем? ........ 134
Дарсҳои 3-4. Китоби аввалини Садриддин чӣ ном дошт? ........ 135
Дарсҳои 5-6. Китоби «Тоҷикон» дар бораи чист? ........ 138
Дарсҳои 7-8. Дарахти дӯстӣ бинишон… ........ 141
Дарсҳои 9-10. Нусратулло дар овони кӯдакӣ чӣ мехонд? ........ 143
Дарсҳои 11-12. Шириншоҳи зирак ........ 145
Дарсҳои 13-14. Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст! (хониши берунaзсинфӣ) ........ 147
Дарсҳои 15-16. Орзуи Малика ........ 148
Дарси 17. Имлои санҷишӢ ........ 149
Дарси 18. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ ........ 150

Дарсҳои 19-20. Табиб, олим ва шоири тавоно ..... 150
Дарсҳои 21-22. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ..... 151
Дарсҳои 23-24. Машқи навиштани иншо ..... 153
Дарсҳои 25-26. Абулқосими ФирдавсӢ ..... 154
Дарсҳои 27-28. Зебуннисо ..... 155
Дарсҳои 29-30. Манзараҳои зимистон ..... 156
Дарсҳои 31-32. Чаро барф сафед аст? ..... 158
Дарсҳои 33-34. Мо ҳам китобча менависем! ..... 159
Дарсҳои 35-36. Шӯхиҳои зимистона ..... 1601
Дарсҳои 37-38. Ҷашни Сада ..... 1623
Дарсҳои 39-40. Муҳокимаи китобҳои хонда ..... 164
Дарсҳои 41-44. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи аввали соли таҳсил ..... 164
БОБИ 5. РАСМУ ОИНҲОИ МО (34 СОАТ) ..... 165
Дарсҳои 1-2. Нияти нек ..... 165
Дарсҳои 3-4. Эҳтироми падару модар ва калонсолон ..... 167
Дарсҳои 5-6. Ту ва шумо ..... 168
Дарсҳои 7-8. Одоби меҳмондорӣ ..... 169
Дарсҳои 9-10. Ҳар касеро баҳри коре сохтаанд… ..... 1712
Дарсҳои 11-12. Ҳунарҳои мардумӣ ..... 1724
Дарсҳои 13-14. Ёди Ватан ..... 1746
Дарсҳои 15-16. Мо ва оинаи нилгун ..... 176
Дарсҳои 17-18. Китобхона ..... 177
Дарсҳои 19-20. Театр ..... 179
Дарсҳои 21-22. Биё, ба осорхона биравем! ..... 181
Дарсҳои 23-24. Шуғли дӯстдошта ..... 183
Дарсҳои 25-26. Муаррифии корҳои лоиҳавӢ ..... 184
Дарсҳои 27-28. Фурӯғи субҳи доной китоб аст! (хониши беруназсинфӣ) ..... 1857
Дарси 29. Имлои санҷишӣ ..... 1857
Дарси 30. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ ..... 186
Дарсҳои 31-32. Зодрӯз муборак! ..... 186
Дарсҳои 33-34. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ ..... 189
**БОБИ 6. ҚАДАМИ НЕКИ БАҲОР (28 СОАТ) ..... 189**
Дарсҳои 1-2. Баҳор омад! Баҳор омад! ..... 189
Дарсҳои 3-4.Чӣ манзараи зебо! ..... 191
Дарсҳои 5-6. Мо ҳам китоб менависем! ..... 192
Дарсҳои 7-8. Дӯстрӯякони модар ..... 193
Дарсҳои 9-10. Модар ..... 195
Дарсҳои 11-12. Машқи навиштани нақли хаттӣ ..... 197
Дарсҳои 13-14. Тирукамон ..... 197
Дарсҳои 15-16. Наврӯз – иди баҳор ..... 199
Дарсҳои 17-18. Дастархони наврӯзӣ ..... 200
Дарсҳои 19-20. Гулгардонӣ ..... 202
Дарсҳои 21-22. Ҷашни Наврӯзи оламафрӯз ..... 204
Дарсҳои 23-24. Аниси кунҷи танҳой китоб аст! (Муҳокимаи китобҳои хонда) ..... 205
Дарси 25. Нақли хаттии санҷишӢ ..... 206
Дарси 26. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ ..... 206
Дарсҳои 27-28. Дарси ҷамъбаст ва кор бо ғалатҳо ..... 207
**БОБИ 7. БУЗУРГИИ ИНСОН (38 СОАТ) ..... 207**
Дарсҳои 1-4. Суруди одам ..... 207
Дарсҳои 5-6 Одамон чӣ тавр кори худро осон мекунанд? ..... 209
Дарсҳои 7-8. Дастовардҳои илму техника. Аз “Гилеми паррон” то фатҳи коинот ..... 211
Дарсҳои 9-10. Дастовардҳои илму техника. “Роботҳо” ..... 212
Дарсҳои 11-12. Кори лоиҳавӣ ..... 212

Дарсҳои 13-16. Ақлу хирад воситаи наҷот аз фалокат. «Моҳигир ва Ҷин» ............... 214
Дарсҳои 17-20. Ҳақиқати талх ............... 216
Дарсҳои 21-22. Мардӣ набувад фитодаро пой задан ............... 218
Дарсҳои 23-24. Орзуҳои ширин ............... 220
Дарсҳои 25-26. Машқи навиштани иншо ............... 2213
Дарсҳои 27-28. ҳуҷраи махфӣ ............... 2224
Дарсҳои 29-30. Муъҷизаҳои офаридаи инсоният. «Аҳромҳои Миср» ............... 224
Дарсҳои 31-32. Муъҷизаҳои офаридаи инсон: «Тоҷмаҳал» ............... 225
Дарсҳои 33-34. Дарси арзёбӣ ва кор бо ғалатҳо ............... 2268
Дарсҳои 35-36. Аниси кунҷи танҳой китоб аст (Муҳокимаи китобҳои хонда) .... 2268
Дарси 37. Имлои санҷишӣ ............... 227
Дарси 38. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ ............... 227
**БОБИ 8. МО ВА ДУНЁ (20 СОАТ)...............2279**
Дарсҳои 1-2. Мо ва кӯдакони ҷаҳон ............... 227
Дарсҳои 3-4. Ҳамдилию ҳамзабонӣ ............... 228
Дарсҳои 5-6. Аҳамияти забономӯзӣ ............... 2302
Дарсҳои 7-8. Машқи навиштани иншо ............... 2313
Дарсҳои 9-10. Намунаи адабиёти ҷаҳонӣ. Расул Ғамзатов “Се сайёд” ............... 2324
Дарсҳои 11-12. Намунаи адабиёти ҷаҳонӣ. Шарл Перро «Кулоҳсурхак» ............... 234
Дарсҳои 13-14. Кори лоиҳавӣ ............... 2368
Дарсҳои 15-16. Намуни адабиёти ҷаҳонӣ.“Моҳии заррин”(қиссаи мардуми Ҳиндустон) ............... 2379
Дарсҳои 17-18. Машқи навиштани афсона ............... 238
Дарсҳои 19-20. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ ............... 2391
**БОБИ 9. ЧАШМА ВА ДАРЁҲОИ ТОҶИКИСТОН (16 СОАТ)...............240**
Дарсҳои 1-2. Чашма ............... 240
Дарсҳои 3-4. Оби Душанбе ............... 2424
Дарсҳои 5-6. Об- муъҷизаи ҳаёт ............... 2435
Дарсҳои 7-8. Об аз куҷо меояд? ............... 2476
Дарсҳои 9-10. Аниси кунҷи танҳой китоб аст (Муҳокимаи китобҳои хонда) ...... 2478
Дарсҳои 11-14. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи ДУЮМИ соли таҳсил ............... 248
Дарсҳои 15-16. Дарси ҷамъбаст ва хатми синфи 4-ум ............... 2488
Замимаи 1. Хониши ифоданок чист? ............... 2489
Замимаи 2. Маълумоти мухтасар дар бораи нақл ва хелҳои он ............... 249
Адабиёт ............... 255

# МУҚАДДИМА

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин бобат ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни забони модарӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни забони модариро дар синфи якум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон собит месозад, ки вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо муҳассилин бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдаборӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси муҳим аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;
- Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳр ё ноҳия;
- Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои Шумо ниёз дорем);
- Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон таъмин мекунад, даъват менамояд.

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## 1.1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

**Арзёбӣ** – чараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-и хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ барои паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон, ки берун аз дарс таҳия мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Мақсади таълим** – банақшагирии пешакии натиҷаҳои омӯзиш, инкишоф ва тарбия, натиҷаи чашмдошти фаъолият. Мақсад равиши дарс, усул ва воситаҳои таълимро муайян мекунад.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ** – фаъолияти пай дар пай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод** (юн. *methodos* - роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) ба омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Нишондиҳандаҳо** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио** – ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳо (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва мутташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни

таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, дониш омӯхтан аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои ақлии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки маҳорати хондан, навиштан ва баён кардани мазмуни ягон матни одиро дорад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ва маърифатӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида, ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад; дар таълим: роҳу усули аз худ кардани малака.

**Таҳлил** – яке аз усулҳои таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

## 1.2. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

Стандарти мазкур бо назардошти талаботи ҳуҷҷатҳои зерин, ки самтҳои стратегии рушди маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд, таҳия шудааст:

Стандарти фанни забони модарӣ барои хонадагони синфи чорум дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархатти 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷӣкистон дар соҳаи маориф таҳия гардида минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омузгорон ва хонандагогни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

## 1.3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

Доираи татбиқи стандарти фанни забони модарӣ дар синфи чорум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан, шуъба - кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи чорум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синф гузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

Стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
- ба қобилияти фардии хонанда диққат додан.

Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо шарти зарурии ҷараёни таълим аст. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

Таълим самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;
- хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
- раванди таълим ба "чӣ тавр фикр кардан" равона гардад, на ба "оид ба чӣ фикр кардан";
- ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокоми дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

**Ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон**

Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.

**Ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим**

Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст

**Инкишофи арзишҳо**

Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

**Алоқаи таълим бо ҳаёт**

Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне, дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

**Омӯзиш дар тӯли ҳаёт**

Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

**Арзёбии натиҷаи таълим**

Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем ҳангоми зарурат усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни Забони модарӣ барои синфи чорум

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудаанд.

Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни забони модарӣ дар синфи чорум аз инҳо иборатанд:

- муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи чорум аз фанни забони модарӣ;
- ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни забони модарӣ дар синфи чорум;
- муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни забони модарӣ мувофиқи талаботи забономӯзӣ бо дарназардошти хусусиятҳои инкишофи синнусолии хонандагони синфи чорум;
- мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;
- малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод мегарданд. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни забони модарӣ, стандарти мазкур фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, ӯро барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим ҳидоят менамояд;
- мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд.

Фанни забони модарӣ барои синфи 4 дар нақшаи таълими асосӣ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои «Филологӣ» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсили зинаи ибтидоӣ 272 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| 4 | 34 | 8 | 272 |

Забон маҳсули тафаккур ва падидаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, инсонро тарбия мекунад. Он воситаи ифодаи ақидаҳо ва арзишҳо буда, василаи асосии интиқоли фарҳангу маданият аз як насл ба насли дигар мебошад. Забон барои рушди тафаккур, баёни андешаи шахсӣ, ташаккули муошириату муносибати иҷтимоӣ, тасаввурот дар бораи ҷаҳон ва табодули фарҳанг ҳамчун восита хидмат мекунад.

Қобилиятҳои хондану гӯш кардан ва сипас, шифоҳиву хаттӣ баён кардани фикр малакаҳои мураккаб буда, самтҳои асосии стандарти фанни забони модарӣ ба шумор меравaнд.

Забони модарӣ дар байни фанҳои таълим нақши махсус дошта, вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Ин фан хонандагонро ба малакаҳои муомилаю муоширати зарурии омӯхтани фанҳои дигар мусаллаҳ месозад. Забони модарӣ (тоҷикӣ) дар ҳамаи зинаҳои таълим фанни асосӣ буда, ҳамчунин барои ҳамгироии фанҳои гуногун нақши бузург дорад.

## II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

Фасли мазкури стандарти фанни забони модарӣ барои синфи чорум хеле муҳим аст. Дар ин фасл салоҳиятҳои фанни забони модарӣ мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби пешниҳоди маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули зинавӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам меоварад ва дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

**2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ГӮШ КАРДАН, ГУФТАН ВА ХОНДАНУ НАВИШТАН**

| Синфи 1 (Марҳалаи «Забони модарӣ») | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Гӯш кардан (шунидан)** | | | |
| 1.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи васеи вазъиятҳо риоя мекунад. | 2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи васеъ-тари вазъиятҳо риоя мекунад. | 3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъият-ҳои гуногун риоя намуда, аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад. | 4.1.1.Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд. |
| 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. | 2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. | 3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. | 4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. |
| 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад. | 2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад. | 3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян карда, хулоса мебарорад. | 4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян карда, муносибати худро баён менамояд. |
| **Гуфтан** | | | |
| 1.2.1. Дар вазъиятҳои муайян қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. | 2.2.1. Дар вазъиятҳои васеътар қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. | 3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад. | 4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад. |
| 1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | 2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | 3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ исти-фода мебарад. | 4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ самаранок истифода мебарад. |
| 1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои | 2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва | 3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва | 4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад. | мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад. | мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад. | мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад. |
| **Хондан** | | | |
| 1.3.1. Қоидаҳои одии хондан ва риояи оҳангро медонад ва риоя мекунад. | 2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад. | 3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад. | 4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад. |
| 1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад. | 2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки калимаҳои ношинос доранд, мехонад. | 3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад. | 4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад. |
| 1.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад. | 2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 200 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад. | 3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима)-ро, ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад. | 4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онҳоро муайян мекунад. |
| **Навиштан** | | | |
| 1.4.1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. |
| 1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад. | 2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад. | 3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад. | 4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро исти-фода бурда, матн-ҳои ҳаҷман калон-тар менависад. |
| 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби матни хурд) менависад. | 2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад. | 3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонта-ри сохторашон гуногун эҷод мекунад. | 4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохтора-шон гуногун эҷод мекунад. |

## 2.2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ГӮШ КАРДАН, ГУФТАН ВА ХОНДАНУ НАВИШТАН

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои забономӯзиро пешниҳод мекунем.

| **Гӯш кардан (шунидан)** |
|---|
| **4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.**<br><br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ*<br>– суханони гӯянда (ҳамсинфон, ҳамсуҳбатон, омӯзгор, калонсолон, хониши намунавӣ ё сабти овозӣ, нақшофарӣ, нақли воқеаҳои дидаю шунида ва ғайра)-ро бодиққат гӯш мекунад;<br>– ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ мекунад;<br>– фикрҳоро, ки ба гӯш кардан халал мерасонанд, ба як сӯ мегузорад;<br>– ба садоҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон аҳамият намедиҳад;<br>– имои мувофиқ нишон медиҳад;<br>– қоматро рост ва кушода нигоҳ медорад;<br>– аҳамияти риоя кардани қоидаҳоро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода, дигаронро барои бодиққат гӯш кардан даъват менамояд. |
| **4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.**<br><br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– тарзи дурусти талаффузи калимаҳои мураккабро такрор мекунад;<br>– ҳар чӣ бештар луғати дар нутқ шунидаро ҳангоми гуфтор истифода мебарад;<br>– ба маънои саволҳои мантиқӣ ва эҷодӣ сарфаҳм рафта, ҷавоби мувофиқ медиҳад;<br>– матнҳои шунидаашро менависад менависад;<br>– калимаҳои имлояшон нисбатан мураккабтареро, ки тарзи навишташон аз талаффуз фарқ дорад, дуруст менависад;<br>– тарзи ғалати талаффузро муайян карда, дурусташро нишон медиҳад;<br>– ҳангоми муошират табъи гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро истифода мебарад. |
| **4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян карда, муносибати худро баён менамояд.**<br><br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– дастурҳои шифоҳии бисёрамаларо иҷро мекунад;<br>– ба саволҳои одӣ, мантиқӣ ва эҷодӣ ҷавоб дода метавонад;<br>– мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ, барномаҳои телевизиону радио, муҳокима)-и шунидаро муайян карда метавонад;<br>– мавзӯъ ва фикри асосии сухани гӯянда(гон)-ро муайян месозад;<br>– табъи гӯяндаро пай бурда, оҳанги муносиби гуфторро истифода мебарад;<br>– суханони шунидаро айнан ва мазмунан нақл карда метавонад. |

| Гуфтан |
|---|
| **4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ба забони адабии тоҷикӣ сухан меронад;<br>– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён мекунад;<br>– одоби моширатро ҳангоми салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ риоя карда метавонад;<br>– дар суҳбатҳо бонавбат сухан мегӯяд;<br>– ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром мекунад;<br>– наҳаросида, бо боварӣ сухан мегӯяд;<br>– аҳамияти риоя кардани қоидаҳои сухангӯйиро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода, дигаронро низ ба риояи ин қоидаҳо даъват мекунад. |
| **4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– нутқи худро пешакӣ ба нақша мегирад;<br>– ба кӣ нигаронда шудани суханро муайян мекунад;<br>– андеша мекунад, чӣ ва барои чӣ мегӯяд;<br>– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми суханро муайян мекунад;<br>– барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозии бештарро истифода мебарад;<br>– суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда метавонад. |
| **4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ба мақсади суҳбат оростан мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб мекунад;<br>– ба мақсади дар бораи чизе хабар додан, воқеаю ҳодисаҳои дидаю шунидаро муфассал, мухтасар ва интихобан нақл мекунад;<br>– ба мақсади чизеро пурсидан ё қонеъ кардани ҳисси кунҷкобии худ саволҳои мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ медиҳад;<br>– ба мақсади касеро ба амале водор кардан дастур медиҳад;<br>– ба мақсади ба чорабиние даъват кардан шифоҳӣ эълон мекунад;<br>– ба мақсади ҳазлу шӯхӣ кардан латифа мегӯяд;<br>– ба мақсади хурсанд кардан шахсро шифоҳӣ табрик мекунад;<br>– ба мақсади дар бораи чизе огаҳӣ доштани худро баён кардан хусусиятҳои ашёро номбар мекунад;<br>– ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо нисбат ба синфи сеюм зиёдтар аст. |
| **Хондан** |
| **4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хондан (алоқаи байни ҷумлаҳо ва сархатҳо)-ро медонад ва риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ба синтагмаҳо ҷудо карда мехонад;<br>– калимаҳои сохта ва мураккаби ба синфи чорум мувофиқро хонда метавонад; |

- матнҳои навъ ва жанри гуногун (назмию насрии ба синну сол мувофиқ; матнҳои монологию диалогӣ, ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизаронӣ)-ро мехонад;
- равону бурро (талаффузи калимаҳо – тибқи қоидаҳои имло) мехонад;
- ба оҳанги аломатҳои китобат риоя карда мехонад;
- ҳангоми хондан ғалатҳои содиркардаашро мустақилона ислоҳ мекунад.

**4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.**

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- равон (бо суръати муътадил 80-90 калима дар як дақиқа) мехонад;
- тарзҳои хондан (тасаввур кардан, такроран хондан, муайян кардани маънои калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд)-ро истифода карда, матнро мехонад;
- стратегияҳои гуногунро истифода бурда, унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян карда метавонад;
- матнҳоро аз рӯйи навъ ва жанр (назмӣ, насрӣ; ҳикоя, афсона, матнҳои маърифатӣ ва илмӣ-оммавӣ) фарқ карда, хусусиятҳои умдатарини онҳоро муайян карда метавонад;
- матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизарониро муқоиса карда фарқи онҳоро муайян карда метавонад;
- матнҳои ба синфи чорум мувофиқро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ, дарёфти ахбори зарурӣ, дарки маънӣ) мехонад.
- ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан ҷавоб мегӯяд;
- мазмуни матнҳои ҳикоягиро пешгӯйӣ карда, бо мазмуни матн муқоиса мекунад;
- мустақилона бо овози баланд ва хомӯшона хонда, ба саволҳо ҷавоб меёбад;
- оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнҳои нисбатан калонтарро муайян мекунад;
- маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғат, фарҳанг, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;
- ҷадвал, нақша, диаграммаҳоро мехонад;
- аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас рӯзномаву маҷалла ва китобҳои бачагонаро мунтазам мутолиа мекунад.

**4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк намуда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.**

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- доир ба мазмуни матнҳои ношинос саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, эҷодӣ) карда метавонад;
- мазмуни матн (асарҳои бачагонаи хурд)-ро муфассал, мухтасар, интихобӣ ва эҷодӣ нақл карда метавонад;
- пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягиро муайян карда метавонад;
- ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро, ки ошкоро ифода нашудааст, муайян мекунад;
- мазмуни матнҳои гуногунро таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ мекунад;
- мазмуни матнҳои гуногунро муқоиса карда метавонад;
- мазмуни матнҳои гуногунро бо ҳаёт ва фанҳои дигар алоқаманд карда метавонад;
- тахайюлот ва ё воқеият будани мазмуни матнҳои нисбатан мураккабро муайян карда метавонад.

| |
|---|
| **Навиштан** |
| **4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– хоно, зебо ва тоза менависад;<br>– калимаҳои ба синфи чорум мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта метавонад;<br>– қоидаҳои аз сатр ба сатри дигар гузарондани ҳиссаи калимаро риоя мекунад;<br>– калимаҳо (исм, феъл, сифат, пешояндҳо)-ро фарқ карда, бамаврид истифода мебарад;<br>– аввали ҷумла ва мисраъҳои шеъриро бо ҳарфи калон менависад;<br>– аввали исмҳои хосро бо ҳарфи калон менависад;<br>– қоидаҳои гузоштани нохунакро риоя мекунад;<br>– дар охири ҷумла аломати мувофиқ (нуқта, савол, хитоб) мегузорад;<br>– пас аз калимаҳои номбаршудаи ифодакунандаи исм, феъл, сифат аломати вергул мегузорад;<br>– ҳангоми навиштани матн сархатро дуруст мегузорад. |
| **4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад**.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– луғати бештарро дар нутқи хаттӣ истифода мебарад;<br>– ба мақсади равшан кардани ахбор ё қонеъ кардани ҳисси кунҷкобии худ хаттӣ саволҳои мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ тартиб медиҳад;<br>– тарзҳои гуногуни босуръат навиштанро истифода карда, равон (тахминан 30-40 ҳарф дар як дақиқа) менависад;<br>– имлоҳои зиёди таълимиро барои инкишофи малакаҳои беғалатнависӣ истифода мебарад;<br>– дар доираи мавзӯъ муколамаи хаттии хеле хурд тартиб медиҳад;<br>– сохтори матнҳои гуногун (эълон, табрикнома, мактуб, ҳикоя)-ро муқоиса карда метавонад;<br>– воситаҳои алоқаи ҷумлаҳоро истифода мебарад;<br>– мустақилона малака ва маҳорати навиштани худро такмил дода, дафтар ва варақаҳоро аз қабили “Дафтари имло”, “Луғати аввалини ман” истифода мебарад;<br>– маълумотнома (анкета), кроссворд ва сканвордҳои мураккабтарро пур мекунад. |
| **4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ба мақсади нишон додани донишу таҷрибаи тавассути дигар навъҳои нутқ (гӯш кардан, хондан) андӯхташуда иншо, ҳикоя, афсона (60-70 калима) менависад;<br>– ба мақсади ба чорабиние даъват кардан эълон менависад;<br>– ба мақсади хурсанд кардан табрикнома менависад;<br>– ба мақсади муошрати хаттӣ мактуб навишта метавонад;<br>– ба мақсади фаҳмондани тартиби иҷрои амале дастур навишта метавонад. |

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф кунем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 5 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дарбар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | м | о | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | | |
| Барои таваккал кардан омода аст | | | |
| Тобовар аст | | | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | | |
| Таҳаммулпазир аст | | | |
| Ҳамкорӣ мекунад | | | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | | |
| Фаъол аст | | | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мешавад | | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | | |
| Эҷодкорӣ | | | |

Мунтазам
одатан
баъзан

## 2.4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИСЛАТҲО

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки андозаи лаёқати хонандаро нишон медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора кардан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худаш кӯшиш мекунад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише мақсад мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад. Кӯшиш мекунад, баҳои сазовор гирад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун намуна арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба кардани донишро эътироф мекунад, ҳарчанд он қисман боиси нокомӣ ё танқид гардад. Аммо ин нокомӣ ё танқид набояд барои бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод кунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият хифз мекунад. Арзишҳо инҳоянд: |

| | |
|---|---|
| | – дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истисноӣ ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳамулпазир аст | Ақида ва арзишҳои шахсони гуногунро қабул мекунад. (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯйиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ мекунад | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад (нигаред ба «Блум») . |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни забони модарӣ омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
- усулҳои таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
- усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
- натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
- роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд. Дар стандартҳои фанни "Забони модарӣ" ба истифодаи дуруст ва моҳиронаи забони тоҷикӣ ба мақсади муошират ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан зарур диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон мафҳумҳои "хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "чӣ тавр меомӯзанд?" аз саволи "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳият фаъолиятеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳад.

Муҳим он аст, ки хонанда барои ифодаи андешаҳои худ ба мақсадҳои гуногун матнҳои сохторашон гуногун таҳия кунад. Агар ин амалро хонанда иҷро карда тавонад, ӯ метавонад мавзӯъҳои гуногунро нависад. Масалан, дар мавзӯъҳои "Ватан", "Сулҳу дӯстӣ" матн офарад. Ин маънои онро надорад, ки мавзӯъҳо муҳим нестанд. Мавзӯъҳо ҳамчун восита барои ноил шудан ба салоҳият хизмат мекунанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба омӯзгор имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхатти пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвимӣ) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода мешавад, аммо ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгорон танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1. БА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДИИ ХОНАНДА ДИҚҚАТ ДОДАН

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста ба қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад, дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки ҳар як хонанда дорои

таҷрибаи мушаххас ва дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъул аст.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на аз рӯйи дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амали сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. Принсипҳои таълими самаранок

Таълим самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи заминавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузоштаушударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 3.3. Ташаккули малакаҳои фикронӣ

Дар низоми таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона гардида, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд. Низоми нави таълим диққати асосиро ба ташаккули фикронӣ равона мекунад.

Мо дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар нақшаи зерин мушоҳида карда метавонем:




Фикронӣ тафаккурро пурра фаро мегирад, ки нишондиҳандаҳои он чунинанд:

- таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
- санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳҳои гуногун, аз ҷумла, таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;
- таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
- истифодаи усулҳои мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан, масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
- таҳия ва додани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;

– муайян намудани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд намудани донишҳои фаннӣ.[1]

Оид ба фикронӣ якчанд нуктаро бояд ба хотир гирифт:

1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои фикронӣ, арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, низоми арзёбии мо бояд тағйир ёбад.
2. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки малакаи фикрронӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 3.4. АЛОҚАИ БАЙНИФАННӢ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими хубтар мегирад. Бо назардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқаи фанҳо ба даст меояд (асосан, алоқаи байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Намунаи алоқаи байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст:

Омӯзгор дар синф "дукони фурӯши маҳсулот" ташкил карда, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки бо "маблағи шартӣ" маҳсулот харанд. Онҳо бо навбат нақши фурӯшанда ва харидорро иҷро карда метавонанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки маблағи доштаашонро сарф карда, маҳсулот харанд ва оид ба амали иҷрокардаашон иншо нависанд.

Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:

1) Истифодаи пул/маблағ (математика)
2) Ҳисоб кардани нарх ва бақия (математика)
3) Муқоисаи нарх ва андоза (математика)
4) Пурсидани маҳсулот (забон – гуфтан)
5) Муайян кардани сифат ва макони истеҳсоли мол (табиатшиносӣ)
6) Оид ба маҳсулот маълумоти пурра пайдо кардан (забон – гуфтан)
7) Оид ба вазъият навиштан (забон – навиштан)
8) Навбати худро интизор шудан (малакаи иҷтимоӣ)

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳияти якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳад. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

### 3.5. СТРАТЕГИЯҲОИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР СИНФИ ЯКУМ

#### 3.5.1. ТАЪЛИМИ МАЛАКАҲОИ ГӮШ КАРДАНУ ГУФТАН

Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарк кардани ахбори шунида ва муошират бо дигарон таъсири калон мерасонад. Шахс ба мақсадҳои гуногун суҳбатҳо, нақл ва дигар навъҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) Гирифтани ахбор;
2) Дарки маънӣ;
3) Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);
4) Барои омӯхтан.

Таҳқиқотҳои илмҳои гуногун нишон медиҳанд, ки шахс аз 25 то 50 фоизи чизи шунидаашро ба хотир нигоҳ медорад[2]. Аз ин лиҳоз ташаккули малакаи гӯш кардан ба хонандагон имконият медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводди таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи самаранокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин

---

[2] http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm

қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин, малакаи хуби гӯш кардан имконият медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд:

1) Ба суханони гӯянда диққат додан, яъне:

- Ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан.
- Фикрҳоеро, ки ба гӯш кардан халал мерасонанд, ба як тараф гузоштан.
- Ҳангоми гӯш кардан хаёлан ихтилоф омода накардан.
- Ба омилҳое, ки ҷараёни гӯш карданро халалдор месозанд (ба монанди овозҳои атроф, гуфтугӯи дигарон ва ғ.), аҳамият надодан.
- Ба имову ишораи гӯянда диққат додан.

Дар ҳақиқат гӯш карданро нишон додан, яъне, истифода бурдани воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора) барои ба гӯянда равона намудани диққат:

- Такрор ба такрор сар ҷунбондан;
- Табассум кардан ва аз имои мувофиқ истифода бурдан;
- Қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан.

**Тавзеҳот додан ва ҷавоб гардондан.**

Ақидаҳо, боварӣ, таҷриба, арзёбии шахсӣ метавонанд ахбори шунидаро таҳриф намоянд. Вазифаи шунаванда дарки ахбори шунида аст. Барои ин шунаванда бояд ба ахбори шунидааш диққат диҳад ва барои аниқ сохтани маълумот савол диҳад. Тавзеҳ додан тавассути "Яъне, шумо мегӯед, ки ...", "Ман шуморо дуруст фаҳмидам, яъне ..."

**Ба таъхир гузоштани хулосабарорӣ**

Буридани сухан сарфаи беҳудаи вақт аст ва гӯяндаро хафа карда, барои пурра дарк кардани ақида халал мерасонад.

- Ба гӯянда имконияти ба охир расонидани суханро дода, сипас савол додан лозим аст;
- Суханони гӯяндаро бо ақидаҳои мухолиф набояд бурид.

**Ҷавоби мувофиқ додан**

Фаъолона гӯш кардан эҳтиром ва дарк кардани масъаларо нишон медиҳад. Шахси шунаванда ахбор ва ақидаҳои навро қабул мекунад. Агар шахси шунаванда ҳангоми суҳбат нияти ба гӯянда ҳамла кардан, ё ӯро таҳқир кардан дошта бошад, он гоҳ аз ин суҳбат чизе намегирад.

- Дар ҷавоб додан дақиқ ва одил будан;
- Ақидаро эҳтиромона пешниҳод кардан;
- Ба шахси мусоҳиб муносибати мувофиқ нишон додан.

### 3.5.2. Таълими луғат

Дониши луғавӣ маънои захираи калимаҳоеро дорад, ки тавассути он шахс ба таври самаранок муошират мекунад. Захираи луғавӣ аз ду қисм: захираи луғавии нутқи шифоҳӣ ва нутқи хаттӣ иборат аст. Захираи луғавии нутқи шифоҳӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми гуфтан истифода мебарад ва ҳангоми шунидан дарк мекунад. Захираи луғавии нутқи хаттӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми хондани матн дарк мекунад ё ҳангоми навиштан истифода мебарад[3].

Ба ҳамагон маълум аст, ки дониш (захира)-и луғавӣ дар омӯхтани малакаи хондан нақши муҳим дорад. Хонандае, ки акнун малакаи хонданро аз худ мекунад, ҳангоми хондани калимаҳои матн онҳоро ба калимаҳои шунидааш (дониши заминавӣ) алоқаманд карда, маънои онҳоро дарк мекунад. Масалан, ҳангоми хондани калимаи ***нон*** хонанда

---

[3]Аз Put the Reading First. Kidergarten Through Grade 3. National Institute for Literacy//Teaching Literacy, Unified Curriculum for Teacher Training in South Sudan// иқтибос ва мутобиқ гардонида шудааст.

аввал овозҳои калимаро муайян карда, онро мехонад ва бо дониши луғавии шифоҳиаш муқоиса карда, маънии онро муайян менамояд. Хонанда калимаи мазкурро хеле зиёд шунидааст ва дар нутқи шифоҳӣ истифода бурдааст. Ин тартиб бо калимаҳое, ки ба хонандагон шиносанд осон ба роҳ монда мешавад. Аммо кор бо калимаҳое, ки ба хонандагон ношиносанд (эҳтимол хонандагон ин калимаҳоро ягон маротиба дар нутқи шифоҳӣ истифода набурда бошанд ё нашунида бошанд), мураккабтар аст.

Ба омӯхтани луғат бояд диққати махсус дода шавад, зеро:

- Танҳо 10 фоизи кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанд;
- На ҳамаи волидон бо фарзандонашон оид ба мавзӯъҳои гуногун суҳбат мекунанд;
- Шумораи ками волидон ба фарзандонашон китоб мехонанд;
- Захираи луғавии хонандагон хеле маҳдуд буда, доираи маҳдуди мавзӯъҳоро фаро мегирад.

Қобили қайд аст, ки ақидаҳои "дар китобҳо калимаҳои мушкил ва нофаҳмо истифода мешаванд", "хонандагон маънои матнро намефаҳманд, зеро калимаҳо мушкиланд" ва амсоли он барои ташаккул додани захираи луғавии хонандагон монеа шуда наметавонад ва сабаби наомӯхтани луғати нав намебошад.

Аз ин лиҳоз, дар стандартҳои фанни забони модарӣ барои синфҳои ибтидоӣ ба ин малака диққати махсус дода мешавад ва аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки захираи луғавии хонандагонро мунтазам бой гардонда, ба онҳо тарзи истифодаи роҳу усули луғатомӯзиро таълим диҳанд.

Луғат барои хониши бошуурона аҳамияти муҳим дорад. Хонанда агар маънои аксари калимаҳоро надонад, мuҳтавои матни хондаашро дарк карда наметавонад. Вақте ки хонандагон ба мутолиаи матнҳои мураккабтар оғоз мекунанд, онҳо бояд маънои калимаҳоеро, ки намедонанд, аниқ созанд.

Аз худ кардани луғат бо ду роҳ сурат мегирад: бевосита ва бавосита. Хонандагон маънои аксари калимаҳоро ***бевосита,*** тавассути муошарати шифоҳӣ ва хондани матнҳо, аз худ мекунанд. Аз ҷумла:

- Хонандагони хурдсол маънои калимаҳоро ҳангоми муошират бо одамони дигар, махсусан, калонсолон аз худ мекунанд. Ҳангоми муошират хонандагони хурдсол калимаҳои гуногунро мешунаванд ва ин калимаҳоро якчанд маротиба такрор мекунанд. Ҳамон қадар, ки хонандагон муошират намоянд, ба ҳамон андоза маънии калимаҳои зиёдро аз худ мекунанд.
- Хонандагон ба маънии калимаҳо тавассути аз тарафи калонсолон хондани матн (афсона, ҳикоя ва ғайра) сарфаҳм меравaнд. Аз тарафи калонсолон бо овози баланд хондан дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар шахси мутолиакунанда ҳангоми пайдо шудани луғати мураккаб ист карда, маънои онро шарҳ диҳад ё бо хонандагон онро муҳокима кунад. Инчунин муҳокимаи матн пас аз хондан ба хонандагон имконият медиҳад, ки калимаҳои навро аз худ кунанд ва онро бо дониши замимнавии худ муқоиса намоянд.
- Хонанандагон маънии калимаҳоро ҳангоми мустақилона кор кардан бештар аз худ мекунанд. Ҳар қадар, ки хонанда зиёдтар мустақилона хонад, ҳамон қадар калимаҳои бештарро меомӯзад.

Баъзе калимаҳо бояд ба воситаи усул ва роҳу равиши дастрас аз худ карда шаванд. Усулҳои омӯзиши луғат ба хонандагон имконият медиҳанд, ки калимаҳои маънои душворфаҳмро, ки дар нутқи шифоҳӣ қариб истифода намешаванд, дарк кунанд. Таълими бавоситаи луғати матни додашуда ба дарки маънии матн таъсири мусбат мерасонад. Роҳу воситаҳои гуногуни таълими луғат мавҷуданд, ки дар ҷараёни дарс тарзи истифодаи онҳоро ба хонандагон омӯзондан мумкин аст.

– **Таълими луғати мушаххас пеш аз хондани матн.** Таълими луғати нав пеш аз хондани матн ҳам ба дониши луғавӣ ва хониши бошууронаи хонанда таъсири мусбат мерасонад. Тавсия мешавад, ки пеш аз хондани матн омӯзгор калимаҳои душворфаҳм ва мураккаб, вале барои дарки маънӣ ва мавзӯъ аҳамиятноки матнро ба хонандагон омӯзонад. Зеро ах худ кардани калимаҳои асосии мавзӯи матн ба дарки он мусоидат мекунад.
– **Машқи тулонӣ ва пайдарҳами луғатҳо.** Пӯшида нест, ки машқ ва истифодаи зиёди луғат ба дарки маънӣ ва босалоҳиятона истифода бурдани калимаҳо ёрӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз тавсия мешавад, ки омӯзгорон роҳу усулҳои гуногуни таълими луғатро бо хонандагон машқ кунанд, аз ҷумла, тарзи истифодаи луғату фарҳангҳои гуногун, таҳияи луғати тафсирӣ, кроссвордҳои мавзӯӣ, гурӯҳбандии калимаҳо аз рӯйи хусусиятҳояшон (маъноӣ, сарфиву наҳвӣ ва амсоли он), бозиҳои гуногуни таълимӣ (бозии "Бинго", "Майдони муъҷизот" ва ғайра), навиштани ҷумла бо калимаҳои додашуда ва ғайра.
– **Такроран ва муназзам кор кардан бо луғат.** Тавсия мешавад, ки луғати нав дар вазъиятҳои гуногун (гуфтан, шунидан, хондану навиштан) мунтазам ва такроран истифода гардад. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро ба хотир гиранд ва бамаврид истифода баранд.

### 3.5.3. ТАЪЛИМИ ХОНИШИ РАВОН ВА БУРРО

Хониши равон ва бурро қобилияти дуруст ва босуръат хондани матн аст. Хонандагоне, ки равон ва бурро мехонанд калимаҳоро ба зудӣ гурӯҳбандӣ карда, маънии матни хондаашонро дарк мекунанд. Хонандагоне, ки қобилияти хониши равон ва ифоданок доранд, бо овози баланд бемамониат ва ифоданок мехонанд. Хониши онҳо табиӣ буда, ба суръат ва оҳанги гуфтор мувофиқат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро надоранд, оҳиста ва калима ба калима мехонанд.

Хониши равон ва ифоданок муҳим аст, зеро он байни шинохти калима ва хониши бошуурона ҳамчун пул хизмат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро доранд, диққати худро ба маънии матн равона мекунанд, на ба хондани калимаҳои алоҳида (ё рамзкушоӣ). Онҳо байни ақидаҳои дохили матн ва матну дониши заминавии худ алоқа барпо мекунанд. Ба ибораи дигар, хонандае, ки қобилияти хуби хониши равон ва бурро дорад, ҳангоми хондан маънои чизи хондаашро ба осонӣ дарк мекунад.

Хониши равон ва бурро тадриҷан ва тавассути машқҳои зиёд такмил дода мешавад. Дар марҳалаҳои аввали таълими хондан хонандагон хеле оҳиста мехонанд, зеро онҳо акнун ҳарфҳоро мешиносанд, овозҳоро ба ҳамдигар пайваст карда, калимаро мехонанд.

Хонанда калимаҳоро дар алоҳидагӣ ва ба таври автоматӣ хонад ҳам, шояд ҳангоми хондани матн онро равон ва ифоданок хонда натавонад, зеро ҳангоми хониши ифоданок хонанда бояд матнро ба қисмҳо ҷудо кунад. Қисмҳо аз иборахо ва ҷумлаҳо иборат буда метавонанд.

Таҳқиқотҳои фаннӣ[4] ду навъи усули таълими хониши равон ва бурроро пешниҳод кардаанд: 1) хониши такрорӣ бо овози баланд бо роҳнамоии омӯзгор ва 2) хониши мустақилонаи хомӯшона. Ҳар ду усул ба ташаккули малакаи хондани равон ва бурроии хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Аммо усули якум – хониши такрорӣ бо овози баланд бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор назар ба хониши мустақилонаи хомӯшонаи хонанда ба ташаккули малакаи равон ва бурро хондани хонанда таъсири бештар мерасонад.

Такроран якчанд маротиба хондани матн (на камтар аз се маротиба) имконият медиҳад, ки хонанда матнро равон ва бурро хонад. Тавсия мешавад, ки барои машқи хондан бо овози баланд матнҳое интихоб шаванд, киаксари калимаҳо бояд ба хонанда

---

[4]The Research Building Blocks for Teaching Children to read. Put the Reading First. National Institute for Literacy

шинос бошанд ва ба дараҷаи хониши мустақилонаи хонанда баробар бошанд. Ин маънои онро дорад, ки хонандагон қариб 95 фоизи матнро дуруст хонда метавонанд, яъне – 1 ғалат дар 20 калима.

Усули хониши такрорӣ бо овози баланд ва бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор усули самараноки такмили малакаи хониши равон ва буррои хонандагон мебошад. Онро метавон тавассути воситаҳои зерин ташкил намуд:

**Хониши намунавии омӯзгор**. Бо гӯш кардани намунаи хуби хониши равон ва буррро хонандагон тарзи гузоштани овозро, ки ба фаҳмидани матн ёрӣ мерасонад, аз худ мекунанд. Тавсия мешавад, ки омӯзгорон ҳар рӯз ба хонандагон бо овози баланд ҳамчун намуна хонанд. Ҳангоми равон, бурро ва ифоданок хондан омӯзгор ба хонандагон намунаи хуби хонданро намоиш медиҳад. Пас аз хониши намунавӣ омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки матнро бори дигар хонанд. Онро бо чунин тартиб ба роҳ мондан мумкин аст: *Омӯзгор матни ба дараҷаи қобилияти хониши хонандагон мувофиқро интихоб мекунад (душвории луғат, мавзӯъ, ҳаҷми матн ба эътибор гирифта мешавад). Ӯ онро ҳамчун намуна ба хонандагон бо овози баланд, равон, бурро ва ифоданок мехонад. Сипас, хонандагон дар алоҳидагӣ (ё дунафара ва чорнафара) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд.*

Вақти барои дарс ҷудошуда ба омӯзгорон имконият намедиҳад, ки ҳамаи хонандагон матнро ба пуррагӣ се ё чор маротиба хонанд. Агар имконият бошад, омӯзгор метавонад аз омӯзгорони дигар (ё калонсолону хонандагони синфҳои болоӣ) хоҳиш кунад, ки дар дарс иштирок карда, ба хонандагони алоҳида матнро хононанд, ё тарзи хондани хонандагонро гӯш кунанд.

- **Хониши такрорӣ**. Такроран якчанд маротиба хондани як матн стратегияи хуби ташаккули малакаи хониши равон ва бурроИ хонандагон мебошад. Аз ин лиҳоз омӯзгорон бояд ба хонандагон имконияти зиёди хондани ҳамон як матнро фароҳам оранд. Чунин имкониятро тавассути усулҳои зерин ба даст овардан мумкин аст:
  - *хониши дунафара* – яъне як хонанда ба хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонад. Хуб мешавад, ки агар яке аз хонандагони ин гурӯҳи дунафара малакаи хубтар дошта бошад. Ин хонанда аввал мехонад ва хонандаи дигар гӯш карда, сипас онро дар навбати худ мехонад.
  - *хониши дастаҷамъона* – хонандагон ба гурӯҳҳои чор-панҷнафара муттаҳид шуда, бонавбат ҳамон як матнро бо овози баланд, равон ва бурро мехонанд. Омӯзгор ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ба хонандагон ҳангоми зарурат ёрӣ мерасонад, ё онҳоро раҳнамоӣ мекунад.
  - *хониши калонсол ба хурдсол* – хонанда бо калонсол як ба як мехонад. Шахси калонсол волидайн, омӯзгор ё хонандагони синфҳои болоии мактаб буда метавонанд. Шахси калонсол аввал матнро ба хонанда мехонад ва тарзи дурусти равон ва бурро хонданро намоиш медиҳад. Сипас хонанда ҳамин матнро мехонад ва шахси калонсол ба ӯ ёрӣ мерасонад, ғалатҳояшро ислоҳ мекунад ва ӯро раҳнамоӣ мекунад.
  - *хониши якҷоя (хор[5])* – хонандагон якҷоя ҳамчун гурӯҳи калон бо омӯзгор мехонанд. Барои ин хонандагон бояд матни мехондагиашонро бубинанд, ин матни китоби калонҳаҷм, ё дар варақи калон навишташуда буда метавонад. Инчунин омӯзгор ва хонандагон метавонанд матнҳои китоби дарсиро якҷоя хонанд. Дар ин ҳолат хонандагон ҳангоми хондан матни китоби дарсиро хат мебаранд. Матн набояд калон бошад. Аксари калимаҳои матн бояд ба хонандагон шинос бошанд.
  - *хониш баробари матни сабтшуда* – хушбахтона, айни замон сабти матнҳои китобҳои дарсӣ (аз ҷумла, китоби дарсии фанни “Забони модарӣ” барои

---

[5]Якҷоя ҳамчун усули хор (Хор III. Гурӯҳи сарояндагон, ки якҷоя месароянд. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷилди 2. Душанбе 2008. WWW.firdavsi.com)

синфи 1) мавҷуданд. Матнҳо аз тарафи санъаткорони касбӣ равон, бурро ва ифоданок хонда мешаванд. Дар марҳалаи аввали хондан дар баробари гӯш кардани сабти матн хонандагон онро бодиққат нигоҳ мекунанд. Сипас, хонанда баробари сабт матнро мехонад. Хонандагон бояд се – панҷ маротиба матнро баробари сабт хонанд, ин корро на дар як рӯз, балки дар давоми якчанд рӯз иҷро кардан мумкин аст.

- *нақшофарӣ* – хонандагон матнҳои муколамавиро ба нақшҳо ҷудо карда, байни худ тақсим мекунанд ва ба дигарон намоиш медиҳанд.

### 3.5.4. ТАЪЛИМИ ХОНИШИ БОШУУРОНА

Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: "хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад". Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани "қобилият, малака, дониш ва таҷрибаи" шахс ва он матнест, ки мехонад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими фанни забони модарӣ дар синфи чорум мебошад. Аз ин лиҳоз, стандартҳои фанни мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Тамоми низомҳои маорифи мамолики дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин арзёбиҳои стандартии байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона (PISA, PIRLS, EGRA) мавриди истифода қарор ёфта, сатҳи саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ мешаванд.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад:

- матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онро дарк мекунад;
- ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои хаттиро мехонад;
- аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
- малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;
- матнро аз рӯйи сохтор фарқ карда метавонад;
- ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад.

Дар поён панҷ тавсияе, ки дар асоси таҳқиқотҳои фаннӣ[6] таҳия шудаанд, пешниҳод мегардад. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонанд.

**Тавсияи 1.** *Тарзи истифодаи стратегияҳо (усулҳо)-и хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзед.*

Стратегияи хониши бошуурона ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифта буда барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикронӣ)

---

[6]Шанаҳан, Т., Коллисон, К., Карриер, К., Дюк, Н., Пиерсон, П.Д., Шатчнейдер, К., ва Торгесен, Ҷ. (2010). Такмили малакаи хониши шуурнок дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ (то синфи 3-юм) (NCEE 2010-4038). Вашингтон ОК: Маркази миллии арзёбии таълим ва дастгирии минтақаҳо, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Вазорати маорифи ИМА. Гирифта шуд аз: whatworks.ed.gov/publications/practiceguides

пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Стратегияҳои хониши бошуурона ба хонанда имконият медиҳанд, ки сатҳи фаҳмишашонро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намуда, дониши суст ва номукаммали худро оид ба матн ҷуброн кунанд.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣ мерасонад (ба ҷойи аз ёд додани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стартегияҳоро ба хонандагон омӯзанд.
Таълим ва истифодаи стратегияҳои зерини хониши бошуурона тавсия мешавад[7]:

| | |
|---|---|
| **Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ** | Хонандагон ба донишҳои мавҷудаи худ дониши аз матни хондааш дарккардаро илова карда, пешгӯйӣ мекунанд, ки дар матн сухан дар бораи чӣ меравад. |
| **Саволгузорӣ** | Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ифодаҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ* истифода мебаранд. |
| **Тасаввур кардан** | Хонандагон чизи дар матн тасвиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд. |
| **Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан** | Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд ё не, онҳо матнро бори дигар мехонанд, ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки матн ёрӣ мерасонанд. |
| **Баровардани хулоса** | Хонандагон ахборе, ки барои дарки маънии матн ошкоро наомадааст муайян мекунанд |
| **Ҷамъбаст/Нақл кардан** | Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён/тасвир мекунанд. |

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонда шаванд. Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст. Яъне, хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд. Масалан, пеш аз хондани матн хонандагон метавонанд машқҳоеро иҷро намоянд, ки барои муайян кардани дониши заминавӣ оид ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои матн ёрӣ мерасонанд, сипас оид ба ҳамон матн пешгӯйӣ мекунанд. Инчунин савол мегузоранд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, хаёлан ҳодисаҳои матнро тасаввур мекунанд, ҳамзамон ҷараёни хондани хешро мушоҳида карда, сатҳи фаҳмишашонро месанҷанд, хулоса мебароранд ва маънии матнро ба каси дигар ҳикоя мекунанд. Тавсия мешавад, ки тадриҷан дараҷаи раҳнамойии омӯзгор ҳангоми истифодаи стратегияҳои хониш кам шуда, дараҷаи масъулияти хонандагон дар истифодаи стратегияҳо зиёд мегардад.

**Матнҳои бадеӣ** тасвири ҳикоя ё тартиби ҳодисаҳои бофта ё ҳақоние, ки симоҳои тахайюлотӣ ва ё шахсҳоро фаро мегирад; дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои бадеӣ – матнҳои бадеӣ-таърихӣ, афсонаву ҳикоят ва тарҷумаи ҳол буда метавонанд.

**Матнҳои ахборӣ** иншои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки дар он як мавқеъ назар ба мавқеи дигар муқобил бартарӣ дода мешавад ва матнҳои дастурдиҳиву ҳуҷҷатҳоро фаро мегиранд. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои ахборотӣхабар, суханони шахсони машҳур (баромад) ва ҷадвалҳо (тақвим ва амсоли он).

[7]Барои маълумоти бештар нигаред ба Замимаи 10.

**Тавсияи 2.** *Тарзи муайян кардан ва истифодаи сохтори матнро ба мақсади дарк, омӯхтан ва дар хотир нигоҳ доштани муҳтаво ба хонандагон омӯзед.*

Агар хонандагон бо сохтори матн шинос шуда бошанд, маънои матнро хубтар дарк мекунанд ва ахбори онро ба хотир мегиранд, зеро сохтор ба хонандагон барои бардоштан ва сохтани маънӣ ҳангоми хондан ёрӣ мерасонад. Масалан, дарки сохтори матн ба хонандагон имконият медиҳад, ки фарқи байни ҳодисаҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро донанд ва ҳодисаҳои ҳикояро пешгӯӣ кунанд. Хонандагон метавонанд дар зинаи таҳсилоти томактабӣ бо сохтори матн шинос шаванд. Таълим дар ин зина дар асоси матнҳои ҳикоягӣ ба роҳ монда шавад ҳам, хонандагони синфҳои поёнӣ бояд ҳатман ба матни ахборотӣ шинос гарданд, зеро сохтори он фаҳмиши онҳоро ташаккул дода, ба онҳо имконият медиҳад, ки масъалаҳои асосии онро бозгӯӣ кунанд (нигаред ба тафсири навъҳои матн).

Барои ташаккул додани дониши хонандагон оид ба сохтори матн ва истифодаи ин дониш барои дарки маънои матн воситаҳои гуногуни таълимӣ мавҷуданд. Масалан, омӯзгорон метавонанд ба хонандагон тарзи истифодаи нақша ва ҷадвалҳои гуногунро омӯзанд. Яке аз чунин воситаҳо тартиб додани ҷадвали қайдҳо аст. Масалан, омӯзгор метавонад аз хонандагон хоҳиш намояд, ки рӯйхатти унсурҳои асосии матнро (макон, симоҳо, ҳодиса, масъала/проблема, ҳал) тартиб диҳанд. Омӯзгорон инчунин метавонанд қисмҳои матни ҳикояро тавассути харитаи матн ё дигар воситаҳои графикӣ, ба монанди (1) нақшаи мувофиқгузории сохтор ба мундариҷа, (2) ҷобаҷогузории қисмҳои матн, расмҳои ҳодисаҳои асосӣ ва ба тартиби муайян гузоштани қисмҳои матни бадеӣ, ё (3) диаграммаи сархатҳои матн, ки ҳодисаҳои асосии матнро алоқаманд мекунанд, пешниҳод намоянд.

Омӯзгорон бояд на танҳо унсурҳои сохтори матни бадеӣ, балки унсурҳои умумии сохтори матни ахборӣ ё тавзеҳиро низ шиносонанд. Сохтори матнҳои ахборӣ одатан аз сархатҳо ё параграфҳо иборат буда, матни пурра метавонад якчанд сохторро фаро гирад. Омӯзгорон барои таълими сохтори матни ахборӣ аз мавзӯъҳои ба хонандагон шинос истифода бурда, матнҳоеро интихоб менамоянд, ки намунаҳои осонфаҳм ва мушаххаси сохтори матни ахбориро фаро мегиранд. Муқоиса ва монандкунӣ намунаи хуб аст. Омӯзгор метавонад матнҳоро оид ба навъҳои гуногуни ҳайвонот, ду ё се навъи нақлиёт истифода бурда, аз хонандагон хоҳиш кунад, ки якҷоя кор карда, ҷадвал таҳия намоянд, ё тавассути диаграммаи Венн монандӣ ва фарқи онҳоро муайян кунанд.

**Тавсияи 3.** *Хонандагонро ба муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамойӣ кунед.*

Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас раҳнамойӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ мерасонанд. Чунин муҳокимаронӣ байни хонандагон ё байни хонандагон ва омӯзгор тавассути саволу ҷавоби мантиқиву таҳқиқӣ ташкил мешавад. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон тарзи ақидаеро дастгирӣ кардан ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмиҳои матнро ҳал мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Ҳангоми ташкил намудани муҳокимаронӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бештар савол медиҳад. Омӯзгор тарзи дар доираи саволи додашуда фикр карданро ба хонандагон намойиш медиҳад. Масалан, омӯзгор чунин гуфта метавонад: “Савол дар бораи он аст, ки оҳувон чӣ мехӯранд. Ман ба сарлавҳаҳо оид ба ғизогирӣ нигоҳ мекунам. Сарлавҳа бо калимаҳои ғафси сиёҳ оварда мешавад ва он ба мо мефаҳмонад, ки дар ин қисми матн сухан дар бораи чӣ меравад. Ана, нигаред, сарлавҳа оид ба “Ғизои оҳувон”. Ман ин қисмро хонданиам. Ба фикрам, он ба ман оид ба хӯроки оҳуҳо маълумот медиҳад”. Ҳамин тавр муҳокимаро доир ба матни хондашуда ба роҳ мондан мумкин аст.

Инчунин омӯзгор метавонад матнро бо овози баланд ба талабагон хонад ва ба тартиби муайян оид ба ҳодисаҳои матн ба хонандагон савол диҳад (ҳикоя дар бораи чист, ё ба фикри онҳо, сипас чӣ ҳодиса мешавад ва ғ.). Муҳокимаро бо истифодаи саволҳои

гуногуни фикронии дараҷаи баланд ба роҳ мондан ба талабагон имконият медиҳад, ки матнро таҳлил намоянд.

Гоҳе барои муҳокима омӯзгор метавонад матнеро интихоб кунад, ки ягон масъалаеро, фаро гирад, ки хонандагон шояд ба он розӣ набошанд, ба монанди дурустии рафтори симо ё оё натиҷаҳои ҳикоя ба ҳақиқат рост меоянд ё не ва ғайра. Пас аз хондан омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо мувофиқи ақидаашон (розӣ будан ё розӣ набудан) муттаҳид менамояд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз матн ақидаеро интихоб намоянд, ки ақидаи онҳоро дастгирӣ мекунад (масалан, ҳодисаҳое, ки натиҷаҳоро ҳаққонӣ ё тахайюлӣ мегардонанд). Барои ба роҳ мондани ҷараёни мазкур омӯзгор ба хонандагон варақаҳо супорида, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки бо ин варақаҳо қисмҳои матнро ба қайд гиранд.

Омӯзгор бояд саволҳои дараҷаи баланди фикррониро таҳия намояд, ки оид ба маънии матн хонандагонро ба амиқ фикр кардан водор намояд, на гуфтани маълумоти одӣ. Саволҳо бояд он чизеро инъикос кунанд, ки омӯзгор мехоҳад, то хонандагон аз матн гиранд, аз ҷумла, ахбори мушаххас ва муфассал. Саволҳо набояд хеле сода бошанд (“Номи писар чӣ буд?”), ё танҳо ақидаи хонандагон пурсида шавад (“Ҳикоя ба Шумо маъқул шуд?”). Саволҳои дараҷаи баланди фикррон̣ӣ асосан чунин унсурҳоро фаро мегиранд:

- Барои чӣ ... ?
- Шумо дар бораи ... чӣ фикр доред?
- Агар Шумо ба ҷойи муаллиф мебудед ...?
- Ин чиро ба ёди Шумо меорад ва чаро?

**Тавсияи 4.** *Матнро мақсаднок интихоб намоед, то хониши бошууронаро тақвият диҳад.*

Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи “як ченак барои ҳама” бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии маводди зиёди хониш, ки хонандагон дар синфҳои минбаъда вомехӯранд, ташаккул медиҳад. Омӯзгорон на танҳо хонандагонро бо матнҳои гуногун шинос мекунанд, балки боварӣ ҳосил мекунанд, ки матни интихобшуда (1) ақида ва ахбори бой дорад, (2) дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равони хонандагон ва хониши бошууронаи онҳо мувофиқ аст, (3) ба мақсади таълимии дарс мувофиқ аст. Матнҳои мушаххасе, ки барои таълими стратегияҳои хониши бошуурона назар ба дигар матнҳо мувофиқтар бошанд, вуҷуд надоранд. Барои хонандагони хурдсол кор бо ҳамаи матнҳо таҳлил ё санҷиши фаҳмишро талаб мекунад, малакаи хониши бошууронаи хонандагон тавассути нақли унсурҳои матн беҳтар гардонида мешавад.

*Хониши бошууронаро тавассути матнҳои жанрҳои гуногун омӯзед.* Дар стардартҳои фаннӣ матнҳо ба ду навъи фарогир – бадеӣ ва ахборӣ ҷудо мешаванд. **Матнҳои бадеӣ** ҳикояҳо ва шеърҳое мебошанд, ки ҳодисаеро тасвир мекунанд, ё тартиби воқеаҳои тахайюлотӣ ё ҳақиқии дорои персонажҳо (одамон) ё симоҳои тахйаюлӣ ҳастанд. **Матнҳои ахборӣ** таҳлил ё тафсири ахбори ҳақиқӣ оид ба табиат ва ҷомеа мебошанд. Дар стандартҳо навъҳои жанрҳоро вобаста ба навъҳои матн ва мувофиқи синфҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Матнҳои бадеӣ - матнҳои ҳикоя, матнҳои адабӣ ва шеър мебошанд; дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои бадеӣ – матнҳои таърихӣ, афсонаҳо, ривоятҳо ва ҳолномаҳо низ буда метавонанд.
- Матнҳои ахборӣ матнҳои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки як ақидаро нисбат ба ақидаи дигар бартарӣ медиҳанд, матни дастурдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои расмӣ мебошанд. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои ахборӣ чунинанд: хабарҳо, баромадҳо ва ҷадвалҳо.

Тавсия мешавад, ки омӯзгорон барои таълими хониши бошуурона ҳарду навъи матн (бадеӣ ва ахборӣ)-ро истифода баранд. Зеро на ҳамеша малакаву маҳорати кор бо як навъи матн ба навъи дигар мегузарад. Стандартҳои фаннӣ дастурҳои иловагиро оид ба жанрҳои матне, ки бояд хонандагон дар синфҳои гуногун аз худ кунанд, фаро мегиранд.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки сифати баланд, ақида ва ахбори бою рангин доранд.*** Ҳикояҳое, ки услуби баланди бадеӣ доранд ва матҳои ахборие, ки хуб таҳия шудаанд ва шавқоваранд, барои таълими хониши бошуурона хуб мусоидат мекунанд. Дар поён баъзе хусусиятҳои баландсифат будани матн, ки барои ташаккули малакаи фикронии интиқодии хонандагон муосидат мекунанд, оварда мешаванд:

- Муҳтавои бой (инкишофи симоҳои матнҳои бадеӣ ё тафсири маълумот дар матнҳои ахборӣ)
- Сохтори хуб
- Луғати гуногун ва услуби хуби баён

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки дараҷаи мураккабии калимаҳо ва дарки маънӣ ба синну сол ва қобилияти хондани хонандагон ва мақсади таълим мувофиқ аст.*** Омӯзгорон бояд матнеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон на осон бошад ва на мушкил. Ду нишондиҳандаи мураккабии матн мавҷуд аст: муракабии иншо/унсурҳои забонӣ (масалан, мураккабии хондани калима, мураккабии ҷумлаҳо ва ташкили матн, равшании қолаб/сохтор) ва мураккабии муҳтаво (яъне, то кадом андоза маълумот, ақидаҳо ва ҳодисаҳо мураккабанд). Ин ду нишондиҳандаи мураккабӣ дар ҳамон як матн аз ҳам фарқ карда метавонад, аз ин лиҳоз омӯзгорон бояд ҳардуро ба эътибор гиранд. Ҳарчанд матн ба осонӣ хонда шавад ҳам, ахбори пешниҳодшуда мураккаб ё тамоман ба хонандагон ношинос бошад, дарки матн ба хонандагон хеле мушкил мегардад. Ҳамин тавр, агар матн муҳтавои осон дошта, бо калимаҳои мураккабу ношинос иншо шуда бошад, дарки чунин матнҳо низ мушкил мегардад.

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳоеро, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолиятҳои таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд (хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда), мувофиқанд. Шавқи хонандагон ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн метавонад ҳавасмандии хонандагонро ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд гардонад, аз ин лиҳоз омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, ки мавзӯъ ба хонандагон маъқул аст ё ба хонандагон шинос аст, интихоб намоянд.

***Матнеро интихоб намоед, ки ба мақсади таълим мувофиқ бошад.*** Мақсадҳои гуногуни дарсҳои хониши бошуурона инҳоро фаро гирифта метавонанд: (1) ташаккули малакаи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона; (2) ташккули дониши хонандагон оид ба жанр, сохтор ва матнҳои мушаххас; ё (3) ташаккули малакаи онҳо барои иштирок дар муҳокимарониҳо оид ба матн. Ҳадафҳои гуногунро ба эътибор гиред, ҳайати машваратӣ боварӣ дорад, ки ин нуктаҳо ба омӯзгор барои интихоби матн барои таъмини мақсади дарс ёрӣ мерасонанд.

**Тавсияи 5.** *Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намоед.*

Барои дарёфтан ва сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд ва агар онҳо дар фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор метавонад фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани он ки чӣ тавр стратегияҳои хониши бошуурона ба хонандагон барои омӯхтан ёрӣ мерасонад, ташкил мекунад ва доимо ҳис мекунад, ки кадом хонанда муваффақ аст. Илова бар ин омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо дар иҷрои вазифаи таълимӣ, балки инчунин барои ба ҳадафҳои калони таълимӣ диққат додани онҳо ёрӣ расонанд. Омӯзгорон бояд ҳамон маводди хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки чӣ тавр қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамаррӯза таъсир мерасонад, ҳаловат мебахшад ва ба хонандагон барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад.

Инчунин омӯзгорон метавонанд шавқи хонандагонро ба хондан тавассути фаъолиятҳои шавқоваре, ки ба мавзӯи таълимӣ мувофиқанд, бедор намоянд. Масалан, иҷрои саҳнача аз рӯйи матни китоб, расмкашӣ ё дигар навъи воситаҳои санъату меҳнат, ки метавонанд хонишро ба ашёи ҳаққонӣ алоқаманд кунанд.  Барои бедор намудани шавқи хонандагон хондани матнҳои ахборӣ оид ба растаниҳоро пешниҳод кардан мумкин аст. Масалан, хонандагон метавонанд дар тубакҳо донаҳои растаниро шинонанд ва ҷараёни инкишофи онро мушоҳида намоянд. Сипас, ҳангоми хондани матн омӯзгор метавонад ба хонандагон барои алоқаманд кардани маънои матн ба таҷрибаи шинондан ва нигоҳубини растанӣ ёрӣ расонад.

**Хулосаҳои умумӣ**

Омӯзгорон бояд ба хонандагон тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошууронаро таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо ба мақсади ташкил намудани фикрронӣ ҳангоми хондан омӯзанд. Инчунин ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур хонандагон бояд бо матнҳои босифат кор кунанд, матнҳое, ки аз лиҳози муҳтаво ва сифат барои фикрронии амиқ мусоидат менамоянд. Бояд қайд кард, ки хонандагон на танҳо стратегияҳои хонишро бояд дуруст истифода баранд, балки аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин рӯ истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона бо муҳокимаронии фаъол оид ба муҳтавои матн  бояд тақвият дода шавад ва хонандагон барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонида шаванд.

### 3.5.5. ТАЪЛИМИ МАЛАКАИ НАВИШТАН

Дар стандарти мазкур як қатор салоҳиятҳои навиштан муайян шудаанд. Барои шавқовар ба роҳ мондани навиштан дар баробари саволу супоришҳои китоб чанд масъалаҳои шавқовар эҷод карда метавонед:

1. **Навиштани дастурамал** (Тарзи пухтани ягон навъи хӯрок. Тарзи омода кардани суманак. Тарзи гуфтугӯ бо телефони ҳамроҳ ва ғайра).
2. **Нақлҳои эҷодӣ** (Агар ман миллионер мебудам, чӣ кор мекардам? Рӯзе, ки ман бо шахси шинохта вохӯрдам. Зиндагӣ дар деҳаи мо дар соли 2050 чӣ гуна хоҳад буд?)
3. **Нақлҳо аз гузашта.** (Рӯзи аввале, ки ман компютерро истифода бурдам. Як рӯзи фаромӯшнашавандаи тобистон).
4. **Муколамаҳои эҷодӣ** (Мусоҳиба бо симоҳои матнҳо). Сипас шумо, метавонед аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро нишон диҳанд. Инчунин шумо аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки силсилафилми телевизиониеро тамошо карда, қисмҳои минбаъдаи онро пешгӯйӣ кунанд.
5. **Навиштан ба мақсади боваркунонӣ** (иншо доир ба вайрон накардани хомӯшӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, матни эълонномае, ки дигаронро ба харидани чизе даъват мекунад.)
6. **Навиштан ба мақсади тасвири чизе ё ҳодисае** (тасвири симои қаҳрамоне аз барномаи телевизионӣ ё китоби бадеӣ, баромадани офтоб дар фасли зимистон, рӯзи аввали ман дар Душанбе пас аз зиндагӣ дар деҳа, дарёи назди хонаи мо, ман уқёнусро чӣ тавр тасаввур мекунам ва ғайра)
7. **Шеър/Суруд**.
8. **Плакатҳо** (эълонномаи маҳсулот ё нақл дар бораи филм ё китоби бадеӣ).

Б) Усули «Навигариҳо»

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

1. Хонандагон бо навбат дар гурӯҳ (4-5 нафар) ба ҳамдигар дар бораи воқеаи ба қарибӣ руxдода нақл мекунанд, яъне бо навигариҳои ҳаёти худ ҳамсинфонро шинос мекунанд.
2. Паси ҳамдигар хонандагон навигариҳоро нақл мекунанд ва сипас дар варақи коғаз тасвир мекунанд.

3. Мазмуни расмро бо ду-се ҷумла менависанд.
4. Кори иҷрокардаро дар гӯшаи «Навигариҳо» меовезанд.

Навигариҳо бояд ҳар ҳафта иваз карда шаванд. Азбаски мақсад аз истифодаи ин усул инкишоф додани малакаҳои навиштан аст, сифати расм ба назар гирифта намешавад.

Мунтазам иҷро кардани ин фаъолият ба хонандагон имкон медиҳад, ки барои навиштани нақли хаттӣ ва иншо тайёр шаванд.

*Тавсия ба омӯзгор*: Усули «Навигариҳо» хосси синфҳои ибтидоист. Дар вақти кори гурӯҳӣ лаҳзаҳои нақли воқеаи шунидаву дидаи шогирдонро гӯш кунед. Ба назди ҳар гурӯҳ рафта, фаъолияти хонандагонро мушоҳида кунед. Ба ин васила ба шумо маълум мешавад, ки то кадом дараҷа малакаву маҳорати хонанда ташаккул ёфтааст.

Қисми асосии барномаи самараноки навиштан ин ба хонандагон омӯзонидани раванди навиштан аст. Ба ҷойи ба хонандагон пешниҳод кардани мавзӯъ ва интизор шудани он, ки онҳо матне эҷод мекунанд, беҳтар аст онҳоро ба таҳияи нақшаи матн ва зикри ақидаҳои асосии ҳар як банд водор кунед. Сипас онҳо дастхате таҳия карда, онро мехонанд ва таҳрир мекунанд. Баъд дастхатти дигар навишта, аз ҳамсинфе хоҳиш мекунанд, ки онро хонад. Онҳо бояд онро бори дигар таҳрир карда, нусхаи дигари онро нависанд. Агар пас аз хондан қаноатманд шаванд, корро ҳамчун нусхаи охирин ба шумо месупоранд.

Шумо ба хонандагон дар ҳолате ёрӣ расонида метавонед, ки аввал диққататонро ба сохтор ва ташкилии матни навиштаи онҳо равона кунед. Танҳо ҳангоми навиштани дастхатҳои минбаъда ба ғалатҳои имлоиву грамматикӣ диққат диҳед. Шумо бояд таъкид кунед, ки то матнро ба шахси дигар барои хондан додан, худатон онро пурра хонда, ғалатҳои имлоиву грамматикиашро ислоҳ кунед. Қайд кунед, ки барои нависандаҳои маъруф низ якбора навиштани асар бе навиштани чандинакаратаи сиёҳнавис ғайриимкон аст.

В) Усули «таҳрир».

Ин усул кор бо матни корҳои хаттӣ буда, он ҳамчун воситаи ба худ ва ё ба ҳамдигар баҳо додан истифода мешавад. Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?
Навиштани матн, нақли хаттӣ ё иншо;

1. Саволҳо барои таҳрири кори худ ё ҳамдигар:
   – оё ҳамаи калимаҳо дуруст навишта шудаанд? (Ба ёд овардани имлои калимаҳо);
   – ҳамаи ҷумлаҳо фикри тамомшударо ифода мекунанд?
   – ҷумлаҳо мураккаб нестанд? Агар мураккаб бошанд, чӣ тарз метавон онро ихтисор кард ё аз он ду ҷумлаи сода сохт?
   – оё баъд аз аломатҳои нуқта, савол ва хитоб ҷумлаҳо бо ҳарфи калон сар мешаванд? Аломатҳои китобат дуруст гузошта шудаанд?
   – сархатҳо дуруст гузошта шудаанд?
2. Ғалатҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунед.

Чи тавре ки аз номаш маълум аст, ин усул дар дарсҳои кори хаттӣ (имло, нақли хаттӣ, иншо) истифода мешавад.

Муаллим аз намунаи меъёрҳои арзёбии ташаккулдиҳанда истифода бурда метавонад.

Тавсия ба омӯзгор: Барои санҷидан ва ба кори худ баҳо додан шогирдонро таъкид кунед, ки дар кори хаттии худ ҷумла (ибора, калима)-и бараяшон мақбулро бо ягон ранг (беҳтараш қаламии сабз) ишора кунанд. Сипас барои такмил додани корашон ҷумлаеро интихоб кунанд, ки ислоҳталаб аст. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳам хонанда муваффақият ба даст оварад ва ҳам кори устодаш (масалан, ислоҳи ғалатҳои китобат, имло) сабук шавад.

Воситаи хуб ин равона сохтани диққати онҳо ба навиштаи бад аст. Дар ин ҳолат диққати асосӣ ба сифат равона мешавад, на ба миқдор.

Барои равона кардани диққати хонандагон ба сифат, чунонки дар боло қайд кардем, мо бояд боварӣ ҳосил кунем, ки дигарон матни эҷодкардаи онҳоро мехонанд. Шумо метавонед ҷузвдоне ташкил карда (барои ҳар як мавзӯъ ҷузвдони алоҳида), нусхаи охирини корҳои хаттии хонандагонро дар он нигоҳ доред. Ин матнҳоро минбаъд ҳамчун маводди хониши хонандагон истифода бурда метавонед. Тадриҷан метавонед аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни беҳтаринро аз ин маҷмӯа барои аҳли синф хонанд.

Ҳангоми таҳлили кори хаттии хонандагон чиро бояд арзёбӣ кард?

– сохтор ва пешниҳоди матн (кори хаттӣ);
– баёни мавзӯъ (агар пешниҳод шуда бошад);
– истифодаи воситаҳои бадеӣ;
– истифодаи луғати ғайриодӣ;
– сохтори дурусти грамматикӣ;
– истифодаи дурусти аломатҳои китобат.

***Г) Ҳамгироии малакаҳои муаррифӣ кардан – Кори лоиҳавӣ***

Корҳои лоиҳавӣ фаъолияти дарозмуҳлат буда, хонандагон ё гурӯҳи хонандагон таҳқиқот бурда, кори эҷодӣ таҳия мекунанд. Лоиҳа ба хонандагон имконият медиҳад, ки малакаи забондонии худро озодона ва эҷодкорона истифода бурда, воситаҳои гуногуни ахбор пешниҳод кунанд. Лоиҳаҳо низ воситаи қулай барои такрори маводди азхудкардаи хонандагон аст.

Илова ба мақсадҳои забонӣ кори лоиҳавӣ малакаҳои иҷтимоӣ ва ташкилии хонандагонро вусъат медиҳад. Барои таҳияи кори лоиҳавӣ хонандагон дар алоҳидагӣ ё дар гурӯҳҳо машғул мешаванд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки ҳамкорӣ кунанд, масъулиятро ба дӯш гиранд, вақтро ба ҳисоб гирифта, кори худро ташкил кунанд.

Чиро бояд арзёбӣ кард?

– Агар кор дар гурӯҳҳо бошад, оё ҳамаи хонандагон фаъолона иштирок мекарданд?
– Хонандагон аз китобҳои дарсӣ ва дигар мавод самаранок истифода бурданд?
– Муаррифӣ мувофиқи қоидаҳои имлоиву услубии забони адабии тоҷикӣ таҳия шудааст?
– Плакат/муаррифӣ шавқовар тарҳрезӣ шудааст?
– Муаррифии шифоҳии хонандагон равшан ва шавқовар буд?
– Ахбори пешниҳодшуда дуруст буд?

Ҳангоми таҳияи масъалаи кори лоиҳавӣ боварӣ ҳосил кунед, ки барои гузаронидани таҳқиқот маводди зарурӣ доред. Масалан, шояд дар мактаби шумо китоб доир ба ҳаёт ва фаъолияти қаҳрамонон набошад. Маълум аст, ки деҳот сарчашмаи ҳикояҳои шифоҳӣ аст – масалан, шумо аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки мавзӯи «Мактабхонӣ 50 сол аз ин пеш»-ро таҳқиқ кунанд. Онҳо метавонанд инро аз модаркалону бобоҳои худ пурсон шаванд.

## IV. Арзёбӣ

### 4.1. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан

Бо назардошти мураккабии малакаи хондан, ки маҷмӯи малакаҳоро фаро мегирад, мо бояд як қатор тартиботи арзёбиро истифода барем. Аммо ин чунин маъно надорад, ки мо наметавонем як қатор салоҳиятҳоро дар як вақт тавассути воситаҳои содаи арзёбӣ санҷем. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи андозаи сатҳи иҷро карда тавонистани зонанда хеле муҳиманд.

### 4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулидиҳандаи малакаҳои хондан

#### 4.2.1. Санҷидани хондани калимаҳои шинос

Дар синфи чорум хонанда чанд калимаи шинос (маъмул)-ро равону бурро мехонад (яъне ҳарфакӣ ё бо ҳиҷо намехонанд). Роҳи осони санҷиши ин дараҷаи маҳорати гӯш кардани тарзи хондани матн аст.

Шумо инчунин метавонед чанд калимаҳои шинос/маъмулро интихоб карда, дар варақе нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Тарзи хондани хонандагон аз ҳамдигар фарқ хоҳад кард. Дар ҳолате ки агар хонандагон калимаҳоро хонда натавонанд, онҳоро ба машқи хондани ақалан даҳ калима дар як рӯз водор кунед.

**Намуна**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| модар | корхона | сурх | китобхона | рӯбоҳ | себ | дастархон |
| муаллима | муаллиф | нардбон | падар | дилрабо | одам | гуворо |
| ҳашт | тобистон | паланг | садбарг | тирамоҳ | гандум | барф |
| Наврӯз | машқ | китобхона | ошёна | бемор | шабнам | рафиқ |
| гунҷишк | навиштан | баҳор | дувоздаҳ | гӯсола | бадан | рухсора |
| курта | вазифа | каланд | меояд | зимистон | дӯст | сулҳ |
| омӯзгор | фароштурук | нома | тахта | чил | дил | шарбат |

#### 4.2.2. Гӯш додан ба тарзи хондани хонандагон

Вақте ки хонандагон хонданро оғоз мекунанд ва малакаи хонишро такмил медиҳанд, яке аз воситаҳои сода, ки шояд шумо истифода мебаред, ин аст, ки дар синф давр зада, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки ба шумо матнеро хонанд. Агар шумо ҷадвал ё варақи бақайдгирӣ дошта бошед, ҳамзамон чанд салоҳияти хонандагонро дар ин бобат санҷида метавонед. Масалан:

1. Оё хонанда калимаҳои маъмул ва ба ин синф мувофиқро равон мехонад? (яъне, калимаро мебинаду дарҳол мехонад.)
2. Оё онҳо пешбинии мантиқии калимаро аз муҳтавои матн барои суръати хониш истифода бурда метавонанд?
3. Оё хонанда қобилияти бо овози баланд ва бо суръати ба ин синну сол мувофиқ хонданро, ки барои дарки маънӣ мусоидат мекунад, дорад?

#### 4.2.3. Саволҳо барои санҷидани дарки маънии матни хондашуда

Пас аз он ки хонанда матнро мехонад, аз ӯ чанд саволеро, ки қобилияти ӯро дар муайян кардани маънои матн месанҷанд, пурсед. Танҳо пурсидани нақл кардани маънои матн на он қадар хуб аст. Шумо бояд санҷед, ки онҳо ҳодисаҳои матнро дарк кардаанд ва маънии матнро муайян карда метавонанд ё не. (Ба фикри шумо чӣ ҳодиса рух медиҳад?) Шумо сипас мувофиқи дараҷаҳои ташаккули тафаккур саволу масъалаҳо тартиб дода метавонед. (Шумо дар ин вазъият чӣ кор карда метавонед?)

Дар асл, агар Шумо нишонаи дарки маънии матни хондаро мушоҳида карда натавонед, бояд бо ин хонандагон барои такмил додани тарзи истифодаи стратегияҳои хондан бо онҳо кор кунед.

### 4.3. ВОСИТАҲОИ АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТИИ МАЛАКАҲОИ ХОНДАН

Баъзе воситаҳои арзёбиеро, ки дар боло шарҳ дода шудаанд, метавонед ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ низ истифода баред. Ҳарчанд мақсади арзёбии ҷамъбастӣ муқоисаи як хонанда ба хонандаи дигар бошад, ҳам истифодаи воситаи санҷиши хониши калимаҳои шинос маъно намекунад.

Диққат! Мо ҳеҷ гоҳ набояд маълумоти аз арзёбии ташаккулдиҳанда ҷамъовардаамонро ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ истифода барем. Маълумотеро истифода барем, ки дар ҷараёни таълим ҷамъ оварда шудааст на дар натиҷаи анҷоми таҳсил! Масалан, арзёбии оши палав пеш аз пӯхтанаш ғайриимкон аст!

#### 4.3.1. САНҶИДАНИ СУРЪАТИ ХОНИШ

Яке аз воситаҳои хубе, ки Шумо айни замон истифода мебаред ин дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти муқарраршуда матнро мехонад. Сипас мо миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Усули дигар ин шумораи аниқи калимаҳо ва санҷидани вақте, ки барои хондани онҳо сарф мешавад.

Аммо мо бояд дарк кунем, ки ин усули дуруст аст, зеро ҳамеша матни монанд ва вақти муайян истифода мешавад, аммо он мувофиқ нест, зеро хонандагон метавонанд калимаҳоро нодуруст хонанда аммо маънои он калимаҳоро донанд.

Умуман хуб мешавад, ки дар арзёбии ҷамъбастӣ ба натиҷаи ниҳоӣ диққат диҳем. Барои хондан хонанда бояд маънии матни хондаашро дарк кунад.

#### 4.3.2. САНҶИШИ ДАРКИ МАЪНӢ

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур шумо бояд супоришҳои хондан ва дарки маънӣ, ки дар фасли "Арзёбии ташаккулдиҳанда" шарҳ дода шудааст, таҳия кунед. Аммо айни замон чанд воситаҳои стандартии арзёбии малакаи дарки маънӣ истифода мешаванд, ки тавассути онҳо мо метавонем натиҷаҳои хонандагонро байни худ, дар сатҳи синф ва мактаб муқоиса кунем.

Намуна:

***Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.***

*Ману бародарам ба хонаи бобоям ба деҳа рафтем. Аз назди хонаи бобоям дарёчае мегузарад. Ману бародарам ба назди дарёча рафтанӣ шудем. Модарам моро таъкид кард, ки дар дарёча оббозӣ накунем. Мо ба суханони модарамон гӯш надода, дар дарёча оббозӣ кардем. Ногаҳон дар вақти оббозӣ ба пойи бародарам шишапорае халид. Пойи бародарам захмин шуд. Мо ба хонаи бобоям баргаштем. Модарам инро дида моро сарзаниш кард. Ба пойи бародарам дору гузошта, онро бастанд.*

***Саволҳо:***

*1. Бародарон дар куҷо буданд?*
*2. Модар ба писаронаш чӣ гуфт?*
*3. Бо бародари дуюм чӣ ҳодиса руй дод?*
*4. Чаро модар писаронашро сарзаниш кард?*
*5. Агар писарбачаҳо ба гапи модарашон гӯш медоданд, чӣ мешуд?*

Мо метавонем салоҳиятҳои қадр кардани хонишро чунин мушоҳида кунем, ки хонандагон то кадом андоза аз хондан ҳаловат мебаранд ва барои хондан чанд маротиба мустақилона китоб интихоб мекунанду ба дигарон мехонанд.

### 4.4. АРЗЁБӢ ВА БАҲОДИҲИИ МАЛАКАИ НАВИШТАН

Навиштан раванди хеле мураккаб буда, малакаҳои гуногунро талаб мекунад. Барои ҳамин ба омӯзгорон воситаҳои гуногуни арзёбӣ зарур аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо натавонем ба воситаи усулҳои сода як қатор салоҳиятҳоро бисанҷем. Дар ин

марҳала ташхиси малакаи навиштани ҳар як хонанда ва муайян кардани чизеро, ки хонанда метавонад ва амалеро, ки хонанда иҷро карда наметавонад, хеле муҳим аст.

### 4.4.1. ВОСИТАҲОИ АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ НАВИШТАН

**1) Ҳусни хат ва қоидаҳо**. Мақсади воситаи мазкур муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои хат (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд, сархат гузоштан) аст. Барои ин матни хурде ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Хонандагон матнро дар дафтар мекӯчонанд. Сипас омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мегирад.
Намунаи матн:

*Мунира ва Озода аз дарс меомаданд. Пиразане пеш-пеши онҳо мерафт. Ногаҳон аз дасти пиразан рӯймолчае афтод. Духтарон рӯймолчаро гирифтаанд. Дар рӯймолча дафтарча ва калидҳо буданд. Духтарон давида рӯймолчаро ба пиразан доданд. Пиразан хурсанд шуда ба онҳо ташаккур гуфт.*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, тахти кунҷи 65°) аст | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ** | | | |
| **Ҳамагӣ** | | | |

2) **Санҷиши имло**. Рӯйхатти калимаҳои имлояшон мураккабро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфӣ *ӯ, ӣ, ъ* ё ҳамсадоҳои такрор ба ғалат роҳ диҳанд. Сипас калимаҳоро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред. Сипас холи гирифтаи хонандаро бо холи қисми санҷиши наҳв ҷамъ карда ба ҷадвал нависед.
Намуна:
*рӯзнома, зиндагӣ, баъд, шанбе, якшанбе, муаллим, китобхона, парвозкунон, арра, раъд* ва амсоли он.
Меъёрҳо:
Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол
Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол
Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3 хол

3) **Санҷиши наҳв/синтаксис**. Барои санҷиш метавонед ба хонандагон чанд калимаи шинос пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки як ё ду ҷумла нависанд.
Намуна: *китоб, модар, мактаб, ҳамсинф, дӯст*
Сипас ҷумлаи навиштаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои поён санҷида ба онҳо хол гузоред.

| Меъёрҳо | Дуруст нест | Қисман дуруст аст | Пурра дуруст аст |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ** | | | |

4) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонандагон чанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Сипас кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида мешавад ва натиҷаи холҳо дар ҷадвал дарҷ мешавад. Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

Намунаи мавзӯъҳо:

*Ҷаро ман мактабро дӯст медорам; Китоб – дӯсти инсон. Тобистон хуш гузашт. Дӯст. Тирамоҳ. Офтоб. Замин. Падар. Модар ва амсоли он.*

| **Меъёрҳо** | Нодуруст | Қисман дуруст | Пурра дуруст |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ** | | | |

### 4.4.2. ВОСИТАҲОИ АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТИИ НАВИШТАН

**1) Санҷиши имло**

Барои ба роҳ мондани санҷиши имло омӯзгорон бояд рӯйхатти калимаҳои маъмули синфи дуюмро таҳия кунанд. Мақсади асосӣ – муайян кардани сатҳи мувофиқи талаботи имлои забони тоҷикӣ дуруст истифода бурдани калимаҳои шинос аз тарафи хонандагони синфи дуюм.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои навиштан омӯзгор кори хонандаро месанҷад ва рӯйхатти калимаҳоеро, ки ғалат навишта шудаанд, тартиб дода, аз хонанда хоҳиш мекунад, ки тарзи навиштани калмаҳои мазкурро дар хона машқ кунад. Дар ин ҳолат омӯзгор воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода мебарад. Роҳи осони санҷидани имло ин санҷиши кори хаттии хонандагон ва муайян кардани дурустии имлои калимаҳо мебошад.

Дастурҳо:

- кори хаттии хонандагонро ҷамъ оваред;
- ибора, ҷумла ё матни навиштаи хонандагонро санҷед ва калимаҳои ғалатнавиштаро муайян кунед;
- миқдори калимаҳои ғалатро муайян кунед ва ба хонанда баҳо гузоред.

**2) Санҷиши наҳв/синтаксис**

Дар синфи чорум хонандагон ҷумлаҳои сода менависанд. Инчунин матнҳои кӯтоҳ таҳия мекунанд. Кори хаттии хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед:

- тартиби калимаҳои ҷумлаи навиштаи хонанда дуруст аст;
- ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи талаботи наҳви забони тоҷикӣ мебошад.

**3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида**

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- матни навиштаи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
- хонанда ақидаашро тавассути матн (навиштан) баён карда метавонад.

## 4.5. АРЗЁБӢ ВА БАҲОДИҲИИ МАЛАКАИ ШУНИДАН

Гӯш кардан ва гуфтан раванди мураккаби баҳампайванд буда, алоқамандии малакаҳои шунавоӣ ва фикррониро талаб мекунад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки омӯзгорон салоҳиятҳои шунидану гуфтанро тавассути воситаҳои сода санҷида наметавонанд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи шунидану гуфтан барои муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонанда хеле муҳим аст.

### 4.5.1. ВОСИТАҲОИ АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ МАЛАКАИ ГӮШ КАРДАН (ШУНИДАН)

**1) Санҷиши малакаи қабули калима ва ибораҳо**

Дар синфи дуюм омӯзгорон малакаи мазкурро тавассути варақҳои махсуси санҷишӣ, ки дар онҳо калима ва ибораҳо навишта шудаанд, санҷида метавонанд. Онҳо калима ё ибораро мехонанд ва хонандагон онҳоро нишон медиҳанд.

**2) Имло (диктант)**

Омӯзгор машқи имлоро, пас аз он ки хонандагон хондану навиштанро ёд мегиранд, гузаронда метавонад. Имло барои муайян кардани он, ки то кадом андоза хонандагон калимаи шунидаашонро мефаҳманд ва навишта метавонанд, истифода мешавад.

**3) Санҷиши дарки ахбори шунида**

Матнро ба хонанда бихонед ва сипас чанд савол дода, бисанҷед, ки то кадом андоза онро дарк кардааст. Дар ин ҳолат набояд танҳо дар хотир гирифтани ахбор, балки дараҷаи фаҳмидану таҳлили ҳодисаву воқеаҳои матн низ бояд санҷида шавад. Барои чунин санҷиш саволҳои мувофиқ таҳия карда мешаванд. Масалан, “Ба фикри шумо давоми ҳикоя чӣ мешавад? Дар чунин вазъият шумо чӣ кор мекардед?” Тавсия мешавад, ки саволу ҷавоб ба таври шифоҳӣ сурат бигирад.

Агар дар натиҷаи саволу санҷиш муайян шавад, ки малакаи дарки маънии ахбор дар хонанда то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст, он гоҳ бо чунин хонанда дар алоҳидагӣ кор карда, роҳу усулҳои ташаккули малакаи гӯш карданро биомӯзонед.

**4) Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан**

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану шунидан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия кунед:

- ҳангоми гуфтор баландии овозаш мувофиқ аст;
- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бонавбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмо ва бо суръати мувофиқ гап мезанад;
- дигаронро бодиққат гӯш мекунад;
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

### 4.5.2. ВОСИТАҲОИ АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТИИ ШУНИДАН

Асосан барои ба натиҷаи ниҳоӣ диққати махсус додан бояд ба дарки маънии ахбори шунидашуда санҷида шавад. Аз ин лиҳоз, воситаҳои санҷиши дарки маънии ахбори шунида (нигаред ба боло) барои арзёбии ҷамъбастӣ мувофиқанд.

## 4.6. АРЗЁБӢ ВА БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ГУФТАН

### 4.6.1. ВОСИТАҲОИ АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ САЛОҲИЯТҲОИ ШУНИДАН

**1) Санҷиши тарзи талаффузи фонемаҳо ва калимаҳо**

Дар синфи чорум санҷидани тарзи талаффузи фонемаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ, махсусан фонемаҳои /ӣ/ ва /ӯ/ санҷида мешавад. Барои ин омӯзгор ба суханронии хонанда диққат дода, ғалатҳоро ба қайд мегирад ва мутаносибан барои ислоҳи ғалатҳо ба хонандагон тавсия медиҳад ва роҳҳои аз худ кардани тарзи дурусти талаффузи ин калимаҳоро нишон медиҳад.

**2) Санҷиши сарф ва наҳв**

Бо вуҷуди он ки хонандагони хурдсол ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳои дуруст гуфта тавонанд ҳам, омӯзгор ба гуфтори хонандагон аҳамият дода, тавассути ҷадвали арзёбие, ки дар асоси меъёрҳои зерин таҳия мекунад, месанҷад:

– тартиби калимаҳои ҷумла риоя шудааст;
– ҷумлаи гуфтаи хонанда мувофиқи қолаби наҳви забони тоҷикӣ аст.

**3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида**

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида, шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

– як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
– нутқи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
– хонанда ақидаашро ба таври шифоҳӣ дуруст баён карда метавонад.

### 4.6.2. ВОСИТАҲОИ АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТИИ САЛОҲИЯТҲОИ ГУФТАН

Ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ воситаҳои арзёбӣ аз кортҳои мавзӯиро истифода баред.

## V. БАРНОМАИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

(Ҳафтае 8 соат. Ҳамагӣ 272 соат)

Нақшаи тақвимӣ - корӣ

| | | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май<br>Июн | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Боби 1. Ватан. Ваҳдат ва ифтихори миллӣ** | 26 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 2. Тирамоҳ ва табиати Тоҷикистон** | 36 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 3. Забони модарии мо** | 30 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 4. Мо ҳам қаҳрамон мешавем!** | 44 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 5. Фарҳанги мо (Расму оинҳо)** | 34 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 6. Қадами неки Баҳор** | 28 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 7. Бузургии одам** | 38 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 8. Мо ва кӯдакони дунё** | 20 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Боби 9. Чашма ва дарёҳои Тоҷикистон** | 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафта** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | |

**Ҷадвали тақсимоти соатҳо аз рӯйи навъҳои дарс**

| № | Навъҳои дарс | Миқдори соатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Дарсҳои омӯзишӣ ва ташаккули салоҳиятнокӣ | 184 |
| 2 | Дарсҳои арзёбӣ | 18 |
| 3 | Дарсҳои корҳои хаттии таълимӣ (омӯзишӣ) | 22 |
| 4 | Дарсҳои хониши беруназсинфӣ | 16 |
| 5 | Дарсҳои ҷамъбастӣ ва кор бо ғалатҳо | 16 |
| 6 | Дарсҳои эҷодӣ (кори лоиҳавӣ) | 16 |
| | | Ҳамагӣ: 272 соат |

Шарҳи мухтасари дарсҳо. Ҳамаи дарсҳои фанни забони модарӣ дар синфи чорум чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

**1. Дарсҳои ташаккули салоҳиятнокӣ (омӯзиши маводди нав, мустаҳкамкунӣ, истифода ва арзёбии ташаккулдиҳанда) (184 соат)**

Ин дарсҳои муқаррарӣ буда, асоси таълими забони модарӣ дар синфи чорумро ташкил медиҳанд. Фаъолиятҳои гӯш кардан, гуфтан, хондан, навиштан асоси ин дарсҳоро ташкил медиҳанд, ки ҳамгиро таълим дода мешаванд.

2. Дарсҳои арзёбӣ (18 соат):

Аз ин 12 соат барои арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар се давра (аввали соли таҳсил (4 соат), нимсолаи 1 (4 соат) ва дар ҷамъбасти соли таҳсил (4 соат);

8 соат барои арзёбии корҳои хаттии санҷишӣ (имлои санҷишӣ-4 соат, нақли хаттии санҷишӣ (2соат) дар давраҳои муайяни таҳсил. Ҳангоми дарҷи ин мавзӯъҳо нишон додани унвони матн барои арзёбии корҳои хаттӣ ҳатмист. Дар саҳифаи баҳогузорӣ низ барои ҳамаи хонандагоне, ки кори хаттиро иҷро кардаанд баҳо гузоштан ҳатмӣ мебошад.

3. Дарсҳои корҳои хаттии таълимӣ (омӯзишӣ) (22 соат)

Вобаста ба душворӣи ташаккули малакаҳои матнофарӣ барои омӯзондани корҳои хаттӣ (нақли хаттӣ, иншо, ҳикоя) 24 соат ҷудо мешавад. Ин дарсҳоро аз дарсҳои арзёбии ҷамъбастӣ бояд фарқ кард. Дар ин дарсҳо танҳо тарзи матнофарӣ омӯзонда мешавад. Дар дафтари синф мавзӯи кори хаттӣ навиштан ҳатмӣ бошад,ҳам, ба ҳама баҳо гузоштан шарт нест (Нигаред ба дарсҳои «Машқи навиштани нақли хаттӣ» ва «Машқи навиштани иншо»)

4. Дарсҳои хониши беруназсинфӣ (муҳокимаи китобҳои бадеии берун аз дарс хонда)

Дарсҳои мазкур ба муҳокимаи китобҳои бадеии берун аз дарсхонади хонандагони синфи чорум бахшида мешавад Низоми таълими салоҳиятнокӣ на танҳо дар доираи мактаб таълим гирифтан, балки таълими беруназсинфии хонандагонро низ тақозо мекунад. Бо мақсади назорат ва арзёбии он ки мактабу омӯзгор то кадом андоза шавқу ҳаваси донишандӯзии хонандагонро ривоҷ додаанд, ин гуна дарсҳо ба роҳ монда мешаванд.

**5. Дарсҳои ҷамъбастӣ ва кор бо ғалатҳо (16 соат)**

Дарсҳои мазкур ба муайян кардани душвориҳои хонандагон ва ёрии амалии бештар расондан ба онҳо равона карда мешавад. Дар раванди таълим шумо бояд муайян кунед, ки кадом хонандаи шумо дар ин ё он масъалаи таълим душворӣ мекашад. Дар ин дарсҳо шумо душвориҳои хонандагонро гурӯҳбандӣ намуда, бо ёрии хонандагони пешсаф ба онҳо барои ноил шудан ба салоҳиятҳо ёрӣ мерасонед.

**6. Дарсҳои эҷодӣ (Кори лоиҳавӣ) (16 соат)**

Дарсҳои мазкур ба мақсади ривоҷ додани эҷодкории хонандагон равона шуда, таълифи китобча, гирдоварии мавод доир ба ягон мавзӯи таълим ё мушоҳидаҳои ҳаётии хонандагонро дарбар мегирад.

**Шарҳи нақшаи дарс**

**Дарсҳо вобаста ба мақсад ва навъ сохтори гуногун доранд.**

| | |
|---|---|
| **Фан** | Дар ин қисм номи фан навишта мешавад. Масалан, забони модарӣ |
| **Синф** | Дар ин қисм синф навишта мешавад. Масалан, синфи 4 "а" |
| **Санаи баргузории дарс** | Дар ин қисми нақша рӯзи баргузории дарс навишта мешавад. Масалан, 12. 12. 2016 |
| **Мавзӯъ** | Пас аз навиштани фан, синф, санаи баргузорӣ номи мавзӯъ навишта мешавад. Мавзӯъ умумӣ буда, дар доираи он ташаккул додани ҳамаи салоҳиятҳо гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан дар назар дошта шудааст. На ҳамеша мавзӯъ номи матни дар ин дарс омӯхташавандаро ифода мекунад. Номи баъзе матнҳо ҳам дар асл мавзӯъ буда наметавонанд. Дар низоми кунунӣ ду мавзӯъ: хониш (номи матн) ва забонӣ навишта мешуд. Дар ин тарзи номгузории мавзӯъ инкишофи нутқи шифоҳӣ: гӯш кардану гуфтан ба эътибор гирифта намешуд. |
| **Салоҳиятҳо** | Дар ҳамаи нақшаи дарсҳо салоҳиятҳо бояд нишон дода шаванд. Ин ба шумо барои муайян кардани он ки ин дарс барои ноил гаштан ба кадом салоҳият равона карда шудааст, зарур мебошад. |
| **Мақсадҳои дарс** | Пас аз салоҳиятҳо мақсадҳои дарс оварда мешаванд. Мақсадҳо ҷузъи таркибии салоҳиятҳо буда, мазмун, метод, ва арзёбии дарсро муайян мекунад. |
| **Ташкили арс** | Дар оғози ҳар дарс тартиби гузарондани қисми ташкилӣ ба салоҳдиди омӯзгорон вогузор шудааст. |
| **Пурсиши вазифаи хонагӣ** | Тарзи пурсиши вазифаи хонагӣ низ ба салоҳдиди омӯзгор аст. Аммо кӯшиш бояд кард, ки он ба қолаби анъанавии якрангу дилбазан ва воситаи сарзанишу ҳукмбарорӣ (доно/нодон) мубаддал нашавад. |
| **Муҳокимаи мақсадҳои дарс** | Муаррифии мавзӯи нав аз муҳокимаи мақсадҳои дарс оғоз мешавад. Дар ин лаҳзаи дарс хонандагон бо мақсадҳои дарс шинос шуда, имкони истифодаи дониш, малака ва маҳоратҳои андӯхтаашонро дар ҳаёт муҳокима мекунанд. Ин тарзи кор имкон медиҳад, ки хонандагон донанд ва фаҳманд, ки дар ин дарс аз онҳо чӣ талаб карда мешавад ва онро дар куҷо истифода карда метавонанд. |
| **Фаъолиятҳои таълим** | Фаъолиятҳои таълими дар дарсҳо пешниҳодшуда мисли таълими кунунӣ яксону якранг набуда, дар асоси технологияти таълим ба роҳ монда мешаванд. Дар ин қисми дарс ҳам усулҳои анъанавӣ ва ҳам усулҳои интерактивии таълим истифода шудаанд. Хонандагон бештар бо саволу супоришҳое, ки боиси инкишофи тафаккур ва бедор шудани шавқу ҳаваси донишандӯзӣ мегарданд фаъолият мекунанд. Раванди таълим то андозае фардӣ кунонда мешавад. Баъзе супоришҳо хусусияти интихобӣ дошта, хонандагон метавонанд аз рӯйи шавқу ҳавас, майлу рағбат ва минтақаи актуалии инкишофашон онҳоро интихоб намоянд.<br>Таъкид! Дарсҳо хусусияти тавсиявӣ дошта омӯзгорон вобаста ба шароит ва имконият метавонанд онро тағйир диҳанд. Омӯзгорон ҳақ доранд миқдори супоришҳо ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ (корҳои мустақилона, гурӯҳӣ)-и мувофиқро низ вобаста ба шароит ва имконот интихоб намоянд. |
| **Арзёбии натиҷаҳои дарс** | Дар охири ҳар нақшаи дарс барои муайян кардани он ки то кадом андоза хонандагон ба мақсадҳои дарс ноил шудаанд саволу супоришҳо пешниҳод мешаванд. Натиҷаҳои он барои таълими минбаъдаи хонандагон замина хоҳад шуд. |
| **Вазифа барои хона** | Дар ин лаҳзаи дарс омӯзгор дар асоси мушоҳидаҳои худ вобаста ба минтақаи актуалии инкишоф ба хонандагон вазифаҳои инфиродӣ медиҳад. Ба мақсади ҷалби падару модар ба раванди таълиму тарбияи фарзандон дар баъзе дарсҳо вазифаи хонагӣ тарзе супорида шудааст, ки бояд дар ҳамкорӣ бо аъзои хонавода иҷро карда шавад. |

## НИМСОЛАИ I
### БОБИ 1. ВАТАН. ВАҲДАТ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ (26 СОАТ )
### ДАРСҲОИ 1-2. ДАРСИ СУЛҲ

**Барнома.** Нақли омӯзгор дар бораи сулҳ: маънои сулҳ, рамзи сулҳ, аҳамияти сулҳ барои инсоният, муқоисаи сулҳ ва ҷанг, вазифаи мо барои пойдории сулҳ–омӯхтани илму маърифат. Муҳокимаи нақли омӯзгор аз рӯйи саволҳои «Сулҳ» чӣ маъно дорад? Сулҳ барои чӣ даркор аст? Мо чӣ тавр метавонем барои сулҳи пойдор саҳм гузорем? Барои чӣ кабӯтарро рамзи сулҳ мегӯянд? Навиштани калимаҳои ҳаммаънои «Сулҳ» ва тартиб додани ҷумлаҳо. Машқи бурро талаффуз кардани калимаи «Сулҳ». Машқи талаффуз ва навиштани дигар калимаҳое, ки овози [х] доранд. Ибораҳои ифодакунандаи «Сулҳ» ва «Ҷанг»-ро муайян кардан ва бо онҳо навиштани ҷумлаҳо. Навиштани зарбулмасалу мақолҳо оид ба сулҳ. Шифоҳӣ дар мавзӯи «Ман сулҳро чӣ хел мефаҳмам?» ҳикояи хурд тартиб додан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, муносибати худро баён менамояд.
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад..

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- маънои «сулҳ»-ро шарҳ дода тавонанд; (4.1.3)
- аҳамияти сулҳу оштӣ карданро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ гуфта тавонанд; (4.2.3)
- калима ва ибораҳои ифодакунандаи сулҳ ва ҷангро фарқ карда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода баранд; (4.4.1)
- дар бораи сулҳ нақли кӯтоҳ тартиб дода тавонанд.(4.2.3)

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расмҳои ифодакунандаи ҷанг ва сулҳ; расми кабӯтар,
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Хонандагонро хайрамақдам гӯед. Агар хонандагони нав омада бошанд, онҳоро шинос кунонед. (Агар шумо ҳам, соли аввал ба ин синф дарс гӯед, худро шинос намуда, бо хонандагон шинос шавед).
3) Мақсадҳои дарсро муаррифӣ кунед.

Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
- Мақсадҳои дарсро дар лавҳи дарсхона (ё дар гӯшаи «Мақсадҳои таълимии дарси мо») нависед;
- Мақсадҳои таълимро ба хонандагон хонед ва аз онҳо пурсед, ки ноил гаштан ба ин мақсадҳо чӣ аҳамият дорад?
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаашонро аввал бо рафиқашон (дунафарӣ) муҳокима карда, сипас, ба аҳли синф гӯянд;
- Шумо метавонед якчанд ақидаро дар лавҳи дарсхона нависед ва онҳоро тақвият диҳед, то аҳли синф ба дарс шавқ пайдо кунад. Шумо метавонед аз ҳаёти худ ё ягон нафари дигар мисол оред, яъне ҳамин гуна малакаҳо (аҳамияти сулҳу оштӣ карданро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ гуфта тавонистан) ба шумо дар ҳаёти ҳаррӯзаатон чӣ гуна ёрӣ мерасонанд.

- Барои ба савол посух додан ба хонандагон вақт диҳед, кӯшиш кунед, ки ҳамаи хонандагон дар муҳокимаи масъалаҳо иштирок кунанд.

**Тавсия:** Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои дарсро пайваста, дар ҳамаи дарсҳо ба роҳ монед!

4) Хонандагон дар синфҳои 1-3 дар бораи сулҳ маълумоти кофӣ гирифтаанд. Дарси сулҳро тариқи суҳбат ташкил кунед. Имкон диҳед, ки хонандагон бештар фаъолият карда, ба саволҳои зер ҷавоб гӯянд: «Сулҳ» чӣ маъно дорад? Сулҳ барои чӣ даркор аст? Мо чӣ тавр метавонем барои сулҳи пойдор саҳм гузорем?
5) Дар бораи «Барои чӣ кабӯтарро рамзи сулҳ мегӯянд?» мушаххас ҳарф зада, ҷангҳои асри 20-умро каме ёдрас кунед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки пас аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ҷамъият ва созмонҳое ба вуҷуд омаданд, ки сулҳу оштиро дар байни миллат ва кишварҳои гуногун ташвиқу тарғиб мекарданд. Яке аз ин созмонҳо Конгресси Умумиҷаҳонии Ҷонибдорони Сулҳ мебошад. Ин ташкилот аввалин бор кабӯтарро рамзи сулҳ эълон кардааст. Акнун солҳост, ки дар ҳамаи кишварҳои дунё кабӯтарро ҳамчун рамзи сулҳ мешиносанд. Тавсия. Вобаста ба сатҳи омодагӣ ва қобилиятнокии синф шумо метавонед аз таҷрибаи шахсӣ, маводди «Интернет» ва дастури «Шакарханди лаби кӯдакон» истифода баред.
6) Хонандагон супоришҳои саҳифаҳои 5-6-и китобро иҷро мекунанд. Шумо метавонед зарбулмасалу мақолҳоро доир ба сулҳу оштӣ низ мисол оред. Хонандагон онҳоро менависанд ва шарҳ медиҳанд.
7) Хонандагон дар мисолҳои додашуда калима ва ибораҳои ифодакунандаи сулҳ ва ҷангро муайян карда, муқоиса мекунанд ва дар ду қатор менависанд.
8) Хонандагон дар мавзӯи «Ман сулҳро чӣ хел мефаҳмам?» шифоҳӣ ҳикояи хурд тартиб медиҳанд. Онро нақл мекунанд. Ҳикояҳои тартибдодаи хонандагонро муҳокима намуда, барои беҳтар шудани онҳо тавсияҳои мушаххас диҳед.
   Тавсия: ҳангоми нақл кардан ба меъёрҳои зерин аҳамият диҳед:

- мувофиқии пайдарпайии нақл;
- дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён кардан;
- риояи қоидаҳои забони тоҷикӣ.

9) Вазифа барои хона: дар бораи аҳамияти сулҳу оштӣ шеър, панду зарбулмасалҳоро нависед ва аз ёд кунед.
10) Дарсро ҷамъбаст кунед: Дарси имрӯза дар бораи чӣ буд? Кадом фаъолиятҳоро иҷро намудем? Чиро омӯхтем?

## ДАРСҲОИ 3-4. КИТОБИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА «ЗАМИМА»

**Барнома.** Шиносоӣ бо китоби дарсии «Забони модарӣ» ва замимаи он. Тарзи истифодаи китоб ва замима. Суҳбат аз рӯйи мазмуни расми муқоваи китоби «Забони модарӣ». Кори амалӣ доир ба тарзи истифодаи китоб ва замима. Мазмуни матн ва саволу супоришҳо. Кор бо чанд намунаи машқ ва саволу супоришҳо. Ташкили воситаҳои таълим: дафтарҳои корӣ. Дафтари корҳои хаттӣ. Ташкили дафтарҳои «Имло» ва «Луғат». Тарзи ташкили портфолио. Хониши берунАзсинфӣ. Рӯйхатти адабиёт барои хониши берунАзсинфӣ.

**Салоҳятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.
4.4.1.Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- тарзи истифодаи китоби «Забони модарӣ» ва замимаи онро фаҳмонда тавонанд;
- дафтар, портфолио ва дигар ашёи барои омӯзиши фанни забони модариро ташкил намуда, тарзи истифодаи онҳоро гуфта тавонанд;
- тарзи иҷрои вазифҳои беруназсинфиро гуфта тавонанд;
- қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро номбар карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ ва замимаи китоби дарсӣ

**Равиши дарс.** Ин дарс дарси шиносоӣ бо китоби «Забони модарӣ» ва замимаи он мебошад.

1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагиро арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дар аввал тарзи истифодаи китоби дарсӣ ва замимаи онро нишон ва шарҳ диҳед. Пас аз он дар бораи хусусиятҳои онҳо сухан ронед.
5) Хонандагонро бо мундариҷаи китоб ва замима шинос кунед. Бо хонандагон чанд намунаи машқ ва саволу супоришҳоро аз китоб ва замима таҳлил кунед. (Тавсия: Мо одат кардаем, ки ҳамеша шарти машқу супоришҳоро ба хонандагон худамон фаҳмонем, аммо ин тарз барои мустақилона фикр ва фаъолият намудани онҳо мусоидат намекунад. Чӣ бояд кард? Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шарти машқ ё супоришро хонанд. Масалан, дар шарти супориш омадааст, ки «Фикри асосии матн дар кадом ҷумла ифода ёфтааст, онро хонед».
   Пас аз хондани шарти супориш аз онҳо пурсед, ки мо бояд чӣ кор кунем? Бояд боварӣ ҳосил намоем, ки хонандагон шарти супоришро фаҳмидаанд. Онҳо бояд ҷавоб диҳанд, ки масалан, «Аз матн ҷумлаеро ёфта мехонем, ки мақсади асосии матнро ифода мекунад» ё «Матнро хонда, мазмунашро мухтасар нақл мекунем». Дар аввал ин кор баъзе душвориҳо дорад, аммо баъди пайваста иҷро кардани ин амалҳо хонандагон одат мекунанд. Танҳо пас аз пурра боварӣ ҳосил намудан, ки хонандагон вазифаро фаҳмидаанд, онҳоро ба иҷрои он ҳидоят намоед.
6) Аз рӯйи мазмуни расми муқоваи китоби «Забони модарӣ» суҳбат гузаронед. Дар бораи аҳамияти тозаву озода нигоҳ доштани китоб суҳбат ороед.
7) Бо хонандагон қоидаҳои гӯш карданро муҳокима намоед:
   - суханони гӯяндаро бодиққат гӯш кардан;
   - ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан;
   - фикрҳое, ки ба гӯш кардан халал мерасонад, ба як сӯ гузоштан;
   - ба садоҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон аҳамият надодан;
   - ҳар сари вақт сар ҷунбонда, розигии худро нишон додан;
   - имои мувофиқ нишон додан, ки гӯш карда истодаам;
   - қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан;
   - аҳамияти риоя кардани қоидаҳоро шарҳ додан;
   - дигаронро барои бодиққат гӯш кардан даъват намудан.

**Тавсия:** Ин қоидаҳоро дар вараҷи алоҳида навишта, дар гӯшае овезон кунед. Онро ҳамеша вақте сухан дар бораи гӯш кардан меравад, таъкид намоед.

8) Ташкил намудани дафтарҳои кории хонандагон. Тарзи пур кардани дафтарҳои корӣ (синфи ва хонагӣ), дафтари корҳои хаттӣ (барои иншо ва нақли хаттӣ)- ро нишон диҳед. Зебо, тоза ва беғалат навиштани муқоваро таъкид кунед. Тарзи ташкил намудани дафтарҳои луғат ва имлоро нишон дода, мақсад ва вазифаҳои онҳоро шарҳ диҳед.
9) Тарзи ташкил намудани портфолиоро нишон диҳед ва мақсаду вазифаҳои онро фаҳмонед.
10) Дар бораи тарзи истифодаи «Гӯшаи хониш» маълумот дода, таъкид кунед, ки моҳе як маротиба ҷараёни китобхонии ҳар хонанда муҳокима карда мешавад.

**Тавсия:** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки*«Дафтари имло»* ташкил намоянд. Ҳар вараќи дафтарро ба ҳарфе бахшанд ( ҳарфҳои имлояшон душвор и, ӣ, ӯ, й, д, т, ҳ, ё, е, ю, я, ъ, ҳарфҳои такрор). Хонандагон дар ҳар дарс калимаҳоеро, ки имлои махсус доранд, мувофиқи ҳарф дар дафтари имло нависанд ва дар хотир нигоҳ доранд.

Масалан,

| | | | |
|---|---|---|---|
| **ӣ**<br>*моҳӣ* | **Ӯ**<br>*дирӯз* | **Ъ**<br>*меъда* | **Ҳарфҳои такрор**<br>*иттиҳод* |

Ҳар дафъае, ки хонандагон дар навишти калимаҳо душворӣ мекашанд, ин дафтарро барои таҳрири корашон истифода мебаранд. Омӯзгор низ ҳангоми таҳлили кори хонандагон аз онҳо хоҳиш карда метавонад, ки бароиислоҳи ғалатҳои имлоӣ ба *«Дафтари имло»* муроҷиат намоянд.

11) Қоидаҳои гуфтору рафтор, аҳамияти риоя намудани онҳоро дар дарсхона ва мактаб муҳокима намоед.
**Намунаи қоидаҳои рафтор:**
*Ба дарс сари вақт меоем.*
*Дар дарс фаъолона иштирок менамоем.*
*Суханони дигаронро намебурем.*
*Масъулият нишон медиҳем.*
*Мустақилона кор мекунем.*
*Дигаронро таҳқир намекунем.*
*Омӯзгор ва ҳамсинфонро ҳурмат мекунем.*
*Дар дарс беҳуда ғалоғула намекунем.*
*Ашёи хониш ва мактабро тозаву озода нигоҳ медорем.*

**Барои хона вазифа диҳед**. Шарти иҷрои вазифаро мушаххас фаҳмонед. Бовар ҳосил намоед, ки ҳама шарти иҷрои вазифаро фаҳмидаанд.

## ДАРСҲОИ 5-6. ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА ЧӢ ТАВР ГУЗАШТ?

**Барнома.** Суҳбат дар бораи таътили тобистона. Ба саволҳои «Ба куҷо рафтед?» «Чиро дидед?», «Чӣ барои шумо нав буд?», «Чӣ таассурот бардоштед?» ҷавоб гуфтан. Ифоданок хондани шеър. Суҳбат дар бораи «Адиб пазмон шудани мактабашро чӣ тавр тасвир кардааст?» Дар матн муайян кардани калима ва ибораҳои ифодакунандаи меҳри адиб ба мактаб ва навиштани онҳо. Муқоисаи таътили тобистонаи худ ва симоҳои матн. Шифоҳӣ дар мавзӯи «Ман таътили тобистонаро чӣ тавр гузарондам?» ҳикоя тартиб додан. Риоя кардани қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ ҳангоми гуфтор. Бамаврид истифода кардани калимаҳо ва дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён кардани фикр. Бодиққат гӯш кардани ҳикояҳои ҳамдигар. Барои муайян сохтани ҷузъиёти ҳикоя саволу ҷавоб кардан. Барои беҳтар шудани нутқи ҳамдигар тавсияҳо пешниҳод намудан. Дар бораи мактаби худ ҳикоя навиштан. Дар ҳикояи худ истифода кардани калимаю ибораҳои матн. Хондани ҳикояҳои навиштаи ҳамдигар. Ислоҳ кардани ғалатҳои ҳамдигар.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.

4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– доир ба чӣ тавр гузарондани таътили тобистона шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд;
– матнро ифоданок хонда, мазмун ва мақсади онро муайян карда тавонанд;
– калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
– имлои калимаҳои ҳарфҳои ӣ, ӯ, ъ, ҳ дорро дар навишт риоя намоянд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ, расми манзараи тобистон ва манзараи истироҳати бачагон

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагиро арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима намоед (нигаред ба Дарсҳои 1).
4) Суҳбати Бежан ва Манижаро муҳокима кунед (саҳ. 7)
5) Хонандагон доир ба чӣ тавр гузарондани таътили тобистона аз рӯйи нақшаи зер шифоҳӣ ҳикоя тартиб медиҳанд ва ҳикояҳои ҳамдигарро арзёбӣ мекунанд.
   Нақша:
   Дар таътили тобистона ба куҷо рафтед?
   Дар он ҷо ба чӣ кор машғул шудед?
   Кадом лаҳзаҳои мактабхониро ёд кардед?
   Чӣ тавр ба мактаб тайёрӣ дидед?
   *Тавсия: ҳангоми нақл кардан ба меъёрҳои зерин аҳамият диҳед:*
   – *мувофиқи нақша риоя намудани пайдарпайии нақл;*
   – *дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён кардан;*
   – *риояи қоидаҳои забони тоҷикӣ.*
6) Матни шеър («Мактаби мо», шеъри Убайд Раҷаб)-ро як маротиба ифоданок хонед.
7) Калимаю ибораҳои душвори матн (рӯди мусаффо, подара, фарқи кӯҳ, бурс, ирғай)-ро шарҳ диҳед.
8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонанд.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд хонанд (аз усули занҷирвор истифода баред). Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад).

Тавсия. *Қоидаҳои хондани шеърро риоя намоед.*

– Як маротиба шеърро (матнро) бодиққат мустақилона хонед. Кӯшиш кунед, ки дар бораи чӣ навиштани муаллифро ҳис кунед. Хаёлан тасаввур кунед.
– Матнро бори дигар бо овози баланд хонед. Шеърро хаёлан ба қисмҳо ҷудо кунед.
– Дар ҳар қисми шеър оҳанги махсус калимаи асосӣ (задаи матниқӣ) -ро ҷудо кунед (ин калимаҳо фикри асосиро ифода мекунанд).
– Бо кадом оҳанг ҳар як қисми шеърро хонданӣ ҳастед. Ҳолати эмотсионалии муаллифро муайян кунед. Барои ин мисраъҳои шеърро чанд маротиба бо овози баланд хонед ва оҳангро интихоб кунед.

***Таъкид! Дар дарсҳои минбаъда ҳангоми хондани шеърҳо ин қоидаҳоро ҳатман риоя намоед.***

10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки банди якуми матнро бори дигар хомӯшона хонанд. Таъкид намоед, ки пас аз хондан бо онҳо савол медиҳед.

**Тавсия:** Агар хонандагон маротибаи аввал ба савол ҷавоб дода натавонанд, аз онҳо хоҳиш кунед, ки маротибаи дуюму сеюм хонанд. Аз рӯйи мазмуни банди аввал саволу ҷавоб кунед.

Намуна:

– *Шоир ин шеърро аз номи кӣ навиштааст?*
– *Шоир ин шеърро аз номи мактаббачагон навиштааст.*
– *Барои чӣ гумон мекунед, ки аз номи мактаббачагон навиштааст?*
– *Шояд аз номи худаш навишта бошад?*
– *Шоир мегӯяд, ки ҳамраҳи мо будӣ.*
– *Мактаббачагон дар вақти таътил ба куҷоҳо рафтаанд?*
– *Мактаббачагон дар вақти таътил ба кӯҳу саҳро, шаҳр, деҳа, назди чашмаю дарё рафтаанд.*
– *Бачаҳо барои чӣ ба он ҷо рафтаанд?*
– *Барои тамошою истироҳат рафтанд.*

11) Монанди намунаи боло хонандагон бандҳои боқимондаи матнро мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб медиҳанд.

*Намунаи саволҳо барои бандҳои минбаъда: Бачаҳо дар он ҷойҳо ба чӣ кор машғул шудаанд?*
*Кадом лаҳзаҳои мактабхониро ёд кардаанд?*
*Мактабро чӣ хел пазмон шудаанд?*
*Мактабро ба кӣ монанд кардаанд?*

12) Дар лавҳи дарсхона (ё вараҷи сафеди калон) диаграммаи Веннро тасвир намоед.
Дар давраи тарафи рости диаграмма нависед, ки хонандагон таътили тобистонаро чӣ тавр гузаронданд. Дар тарафи чапи диаграмма нависед, ки симоҳои матн таътили тобистонаро чӣ тавр гузаронданд. Дар қисми миёнаи диаграмма монандии ҳар ду тарафро нависед.

Намуна:

Симоҳои матн — Хонандагони мо




13) Бо хонандагон дар бораи фаъолияти муқоисакунӣ суҳбат кунед (диаграммаи Венн) Аҳамияти муқоиса карданро дар ҳаёт шарҳ диҳед. Аз хонандагон пурсед, ки монанди дарси имрӯза мо чиро дар ҳаёт муқоиса карда метавонем. Яъне, ҷиҳатҳои монанд ва фарқкунандаи чиҳоро метавонем муайян кунем. Хонандагон андешаҳои худро мегӯянд. Агар ғалат бошад, ислоҳ кунед.

14)Имло. Хонандагон калимаҳоеро, ки ҳарфҳои ӣ, ӯ, ъ, ҳ ва ҳарфҳои такрор доранд, дар дафтар менависанд. Тарзи талаффузи онҳоро машқ мекунанд. Калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи "дафтари имло" мекӯчонанд.

| Й | Ӯ | Ҳ | Ъ |
|---|---|---|---|
| Будӣ | Кӯҳ<br>рӯд<br>оғӯш<br>сӯйи | Кӯҳ<br>деҳа<br>шаҳр<br>ҳамраҳ<br>меҳр | Таътил |

***Таъкид! Ин фаъолиятро дар ҳамаи дарсҳои минбаъда низ иҷро кунед! Дар ҳама лаҳзаҳои дарс зебо, тоза ва бегалатнависиро таъкид кунед!***

15) Вазифа барои хона: нақли шифоҳии имрӯзаро аз рӯйи нақшаи зер нависед.

1. Дар таътили тобистона ба куҷо рафтед?
2. Дар он ҷо ба чӣ кор машғул шудед?
3. Кадом лаҳзаҳои мактабхониро ёд кардед?
4. Чӣ тавр ба мактаб тайёрӣ дидед?

*Тавсия. Тарзи иҷро кардани вазифаи хонагиро дуруст фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои дигарро низ пешниҳод кунед.*

**16) Арзёбӣ.** Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳои дарс ноил гаштани хонандагонро арзёбӣ кунед. Бо душвориҳои ҷойдошта дар дарсҳои минбаъда кор баред.

## ДАРСҲОИ 7-8. ВАТАН САР МЕШАВАД АЗ ГОҲВОРА

**Барнома.** Суҳбат дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳтавои суҳбат: «Кишвари мо чӣ ном дорад?», «Пойтахти Тоҷикистон кадом шаҳр аст?», «Барои чӣ Тоҷикистонро Ватан мегӯем?», «Ватан чӣ маъно дорад?». Кор бо матни «Ватан сар мешавад аз гоҳвора». Шеърро ифоданок хондан ва маънидод кардани омӯзгор. Бодиққат гӯш кардани суханони омӯзгор. Машқи ифоданок хондани шеър. Матнро хомӯшона хондан. Омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Тарзи аз луғати зери матн истифода кардан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи Ватан. Истифодаи ин гуна калимаву ибораҳо дар нутқ. Қоидаҳои навиштани мисраъҳои шеърӣ. Имлои калимаҳо (машқи дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, е, ъ ва ҳарфҳои такрор доранд). Аз ёд кардани шеър.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд;
- аломати вергулро бамавқеъ истифода бурда, тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расми манзараи шаҳру деҳоти Тоҷикистон; сабти наворҳо оид ба манзараҳои Тоҷикситон (аз рӯйи имкон); сабти суруд дар васфи Тоҷикистон (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед (нигаред ба Дарсҳои 1- 2).
4) Бо хонандагон дар бораи Тоҷикистон суҳбат кунед.
«Кишвари мо чӣ ном дорад?», «Пойтахти Тоҷикистон кадом шаҳр аст?», «Барои чӣ Тоҷикистонро Ватан мегӯем?», «Ватан чӣ маъно дорад?» “Ватан аз чӣ сар мешавад?” ва амсоли он.

5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. (Нигаред ба қоидаҳои гӯш кардан) Матни шеърро як маротиба ифоданок хонед (доир ба тарзи хониши ифоданок нигаред ба Замимаи 1).
Қоидаҳои дуруст (аз рӯйи синтагмаҳо)хонданро нишон диҳед:

**Менависем**
Ватан – имрӯзи мо, ояндаи мост,
Паноҳи мурдаи мо, зиндаи мост.

**Мехонем**
Ватан  имрӯзи мо/ ойандайи мост/
Паноҳи мурдайи мо/ зиндайи мост//

/- исти кӯтоҳ, //- исти дароз
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд.  Сипас матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран  кор баред.
Тавсия. *Қоидаҳои хондани шеърро риоя намоед.*

- *Як маротиба шеърро (матнро) бодиққат мустақилона хонед. Кӯшиш кунед, ки дар бораи чӣ навиштани муаллифро ҳис кунед. Хаёлан тасаввур кунед.*
- *Матнро бори дигар бо овози баланд хонед. Шеърро хаёлан ба қисмҳо ҷудо кунед.*
- *Дар ҳар қисми шеър бо оҳанги махсус калимаи асосӣ (задаи мантиқӣ)-ро ҷудо кунед (ин калимаҳои фикри асосиро ифода мекунанд).*
- *Бо кадом оҳанг ҳар як қисми шеърро хонданӣ ҳастед. Барои ин мисраъҳои шеърро чанд маротиба бо овози баланд хонед ва оҳангро интихоб кунед.*

***Таъкид! Дар дарсҳои минбаъда ҳангоми хондани шеърҳо ин қоидаҳоро ҳатман риоя намоед.***

7) Тарзи аз “Луғат”-и зери матн истифода карданро омӯзонед. Шеърро як маротибаи дигар хонда, дар калимаҳое, ки бо ситорача ишора шудаанд, истед. Гӯед, ки агар дар матн калима ё иборае бо ситорача ишора шуда бошад, шарҳи вай дар поёни матн оварда мешавад. Масалан,

Ватан сар мешавад аз он тавора*,
Ки онро сохта дастони модар.

Дар калимаи «тавора» истода, шарҳи онро аз поёни матн хонед ва мазмуни байтро шарҳ диҳед.

Ба ҳамин тариқ, калимаҳои дигарро шарҳ дода, шеърро  маънидод кунед.
8) Тариқи саволу ҷавоб шифоҳӣ маънои луғатро пурсед. Бовар ҳосил намоед, ки аксари хонандагон луғати навро шарҳ дода метавонанд.
9) Доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб ташкил кунед.
Намунаи саволҳо: Ватан аз чӣ сар мешавад? (шири пок, пистони модар, бурдаи нон…)
Агар шумо мебудед, чӣ мегуфтед?

10) Муайян кардани калимаҳои ифодакунандаи Ватан

а) Ба хонандагон вазифа супоред, ки аз матн калимаҳои ифодакунандаи ватанро муайян кунанд (гоҳвора, тавора, шири пок, пистони модар, бурдаи нон, дастархони падар, хона...)

б) Навиштаҳои хонандагонро санҷед. Оё ҳамаи хонандагон пас аз ҳар як калимаи ифодакунандаи ватан аломати вергул гузоштаанд, ё не? Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар мо калимаҳоро номбар кунем, пас аз онҳо аломати вергул мегузорем.

в) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаҳои худро хонанд. Ҳангоми хондан ба қоидаҳои хондан диққат диҳед. Оё бо оҳанги шуморидан дар ҷойи вергул исти кӯтоҳ кардан (хона, девор, остон, …)-ро риоя мекунанд ё не? Агар не, нишон диҳед.

г) Дар лавҳи дарсхона оғози ҷумларо нависед: «Ватан сар мешавад аз …» ва хоҳиш кунед, ки ба ҷойи нуқтаҳо худашон калимаҳоро фикр карда нависанд (машқи 2-и Замима).

11) Тарзи иҷрои машқи 4-ро нишон диҳед. Шумо метавонед вобаста ба сатҳи омодагии хонандагон чанд калимаи дигар илова намоед.

12) Имлои дунафарӣ

а) Ба хонандагон тарзи иҷрои машқи 4-ро фаҳмонед. Ин машқ бо усули "Имлои дунафарӣ" иҷро мешавад. Тартиби иҷрои машқ:

1. Хонандаи А калимаҳоро мехонад, хонандаи Б менависад, сипас – баръакс.
2. Баъд аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз карда имлои навиштаашонро санҷанд.
3. Барои боварӣ ҳосил кардан дафтари якчанд хонандаро санҷед.

б) Ба хонандагон гӯед, ки ин калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи "дафтари имло" кӯчонанд ва тарзи талаффузу навишти онҳоро дар хотир гиранд.

**Тавсия.** Бо мақсади такмили малакаҳои беғалатнависии хонандагон қариб дар ҳар дарс аз рӯйи имкон имлои дунафарӣ, имлои «Худамро месанҷам!» ва ғ. Имлоҳои таълимӣ (биноӣ, шунавоӣ, таъкидӣ, луғат, эҷодӣ) гиред. Ба хотири аз такрор худдорӣ кардан дар дарсҳои минбаъда, мо на ҳамеша онро қайд мекунем.

13) Бо мақсади мустаҳкам намудани дониши хонандагон доир ба луғатомӯзӣ тарзи иҷрои машқи 5-ро пурсед (хонандагон шарти машқро мустақилона хонда, мефаҳмонанд, ки чӣ кор мекунанд) ва хонандагонро ба иҷрои он ҳидоят намоед.

14) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед: Аз ёд кардани шеър ва иҷрои машқи 6.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Масалан, барои хонандаи сустхон ба ҷойи аз ёд кардани шеър, машқи ифоданок хондан.

Тарзи иҷрои машқи 6-ро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба онҳо ноил шуданро муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбӣ ба меъёрҳои хониши ифоданок диққат диҳед:

- хондани матн аз рӯйи синтагмаҳо;
- пешояндҳоро бо калимаҳои минбаъда якҷоя хондан;
- беист хондани ибораҳои изофӣ ва таркибҳои феълӣ;
- беист хондани аъзои чидаи ҷумла, ки бо пайвандаки –у (-ю) пайваст шудаанд;
- ним ист кардан пас аз вергул ва исти пурра пас аз нуқта;
- риояи оҳанги хонише, ки аз мазмуни матн бармеояд;
- оҳанги хонише, ки аз аломатҳои китобат бармеояд (бо оҳанги пурсиш хондани ҷумлаҳои саволӣ, бо оҳанги амр хондани ҷумлаҳои амрӣ, бо ҳаяҷон хондани ҷумлаҳои хитобӣ).

## Дарсҳои 9-10. Ватан

**Барнома.** Суҳбат дар бораи «Ватан» Кор бо матни «Ватан». Шеърро ифоданок хондан ва маънидод кардани омӯзгор. Бодиққат гӯш кардани суханони омӯзгор. Машқи қоидаҳои ифоданок хондани шеър. Матнро хомӯшона хондан. Омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Тарзи аз луғати зери матн истифода кардан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи Ватан. Истифодаи ин гуна калимаву ибораҳо дар нутқ. Қоидаҳои навиштани мисраъҳои шеърӣ. Имлои калимаҳо (машқи дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, е, ъ ва ҳарфҳои такрор доранд). Аз ёд кардани шеър. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хондан (алоқаи байни ҷумлаҳо ва сархатҳо)-ро медонад ва риоя мекунад.

4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд;
- аломати вергулро бамавқеъ истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба манзараҳои Тоҷикистон, мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба Тоҷикистон (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).

**Тавсия.** Дарси мазкурро метавонед пурра аз рӯйи маводди китоби дарсӣ (саҳ. 9-10) гузаронед, ё шеъри ба ҳамин мавзӯъ мувофикро аз рӯзномаю маҷаллаҳо ва китобҳои бадеӣ интихоб намоед.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Вазифаи хонагиро пурсед. Аввал дафтарҳоро ҷамъ кунед ва аз хонандагон шеъри аз ёд кардаашонро пурсед. Ҳамзамон муайян кунед, ки ҷумлаи аз ҳама дарозтаринро кӣ навиштааст. Ба дуруст гузоштани аломати вергул диққат диҳед.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед (нигаред ба дарсҳои 1-2).

4) Бо хонандагон дар бораи дарси гузашта суҳбат кунед.

Дар лавҳи дарсхона “Хӯша”-ро тасвир карда, дар байн калимаи “Ватан”-ро нависед. Аз хонандагон пурсед, ки зери мафҳуми “Ватан” чиро мефаҳманд. Ҷавобҳои хонандагонро дар атрофи калимаи “Ватан” нависед.

5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. (Нигаред ба қоидаҳои гӯш кардан) Аз хонандаи фаъоле хоҳиш намоед, ки шеърро як маротиба ифоданок хонад (доир ба тарзи хониши ифоданок нигаред ба Замимаи 1).

Қоидаҳои дуруст хонданро дар мисоли ду мисраъ нишон диҳед:

**Менависем**

Даруни синаи ман хуфта гӯё
Ҳама сарбозҳои ҷонсупурда.

**Мехонем**

Даруни синайи ман/ хуфта гӯйо/
Ҳама сарбозҳойи ҷонсупурда//

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Сипас матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

7) Тарзи аз “Луғат”-и зери матн истифода карданро пурсед. Шеърро як маротибаи дигар хонда, дар калимаҳои наве, ки бо ситорача ишора шудаанд, ист кунанд ва тарзи бо луғати зери матн кор карданро нишон диҳанд. Масалан,

Ватан дар синаам бо ин бузургӣ
Ба монанди диле маъво* гирифтаст.

Дар калимаи «маъво» истода, шарҳи онро аз поёни матн хонанд ва мазмуни байтро шарҳ диҳанд (агар душворӣ кашанд, ёрӣ расонед).

Ба ҳамин тариқ, хонандагон калимаҳои дигарро шарҳ дода, бояд бо ёрии шумо шеърро маънидод кунанд.

8) Доир ба мазмуни шеър аз рӯйи суҳбати Бежан ва Манижа (саҳ. 10-и китоб) саволу ҷавоб ташкил кунед.

9) Муайян кардани калимаҳои ифодакунандаи Ватан

а) Ба хонандагон вазифа супоред, ки аз матн калимаҳои ифодакунандаи ватанро муайян кунанд (дарё, кӯҳсор, хок).

б) Дар бораи дарё, кӯҳсор ва хоки кишвар суҳбат кунед. Масалан, чаро дар матн калимаи «кӯҳсор» омадааст? Барои он ки Тоҷикистон кишвари кӯҳсор аст.

10) Аз хонандагон пурсед, ки барои обод кардани Ватанамон онҳо чӣ кор карда метавонанд. Фикрашонро бо чанд ҷумла нависанд. (Нигаред ба саҳ. 11-и китоб, ишораи "Иҷро кунед") 11) Хонандагон аз ҳамон саҳифаи китоб калимаю ибораҳоро хонда, танҳо калимаю ибораҳои ифодакунандаи ватанро менависанд.

12) Имлои "Худамро месанҷам!" гузаронед. Ибораҳои намуди "оби Шоҳамбарӣ", "мӯзаи чармӣ", "пудинаи кӯҳӣ"...-ро дар лавҳи дарсхона нависед. Ба хонандагон таъкид кунед, ки онҳоро хонанд ва тарзи навишти онҳоро дар хотир гиранд. Як дақиқа вақт диҳед. Сипас рӯйи навиштаҳои худро пӯшонед. Хонандагон аз хотир ибораҳоро менависанд. Рӯйи навиштаҳои лавҳи дарсхонаро кушоед ва имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро бо лавҳи дарсхона муқоиса карда, ғалатҳои худро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷед ва дурустии кори онҳоро муайян кунед.

Диққати хонандагонро ба тарзи навишти –и (изофат) ва ӣ равона кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки монанди намунаҳои боло чанд мисол оварда, и ва ӣ-ро дуруст истифода кунанд.

Мисол, неругоҳи бодӣ, гӯшти моҳӣ, забони модарӣ.

Хонандагон дафтарҳои худро бо ҳам иваз менамоянд ва ғалатҳои ҳамдигарро ёфта ислоҳ мекунанд. Тарзи иҷрои ин фаъолиятро дар лавҳи дарсхона низ машқ мекунанд. Ин фаъолиятро қариб дар ҳамаи дарсҳо гузародан мумкин аст. Мақсади асосии ин фаъолият такмили малакаю маҳорати беғалатнависӣ буда, фаъолияти бештари фикррониро талаб мекунад. Ин фаъолиятро бо имлои ҳарфҳои у-ӯ, е, ё, ю, я, ъ, д, т, ҳ ва ҳарфҳои такрор низ гузарондан мумкин аст. Мунтазам иҷро кардани он хонандагонро саводнок намуда, дар ташаккули салоҳияти навиштан кумак мерасонад.

**Таъкид. Ин фаъолиятро пайваста гузаронед! Гоҳ-гоҳ иҷро кардани он натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.**

13) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед: Машқи ифоданок хондани шери "Ватан"

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарти вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

14) Арзёбӣ. Аз хонандагон пурсед, ки аз дарси имрӯза чиро омӯхтанд. Ҷавобҳои онҳоро дар "Хӯша" нависед ва муҳокима кунед.

15) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба онҳо ноил шуданро муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред. Бо душвориҳои хонандагон дар дарсҳои минбаъда кор баред.

## ДАРСҲОИ 11-12. БӮЙИ ВАТАН

**Барнома.** Васфи Ватан аз нигоҳи нависанда. Кор бо матни «Бӯйи Ватан». Машқи аз рӯйи синтагмаҳо хондани матн. Арзёбии хониши ифоданок. Кор бо луғат. Муайян кардани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Мавзӯъ ва фикри асосии матн. Нишон додани тарзи дуруст (ба синтагмаҳо ҷудо карда) хондан. Тасаввур кардан. Такроран хондан. Тарзи аз луғати зери матн истифода кардан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи Ватан. Истифодаи ин гуна калимаву ибораҳо дар нутқ. Муқоисаи хусусиятҳои шеър ва ҳикоя. Имлои калимаҳо (машқи дуруст навиштани

калимаҳое, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, е, ъ ва ҳарфҳои такрор доранд). Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мавзӯъ ва мақсади асосии матнро муайян карда тавонанд;
- ду матнро муқоиса карда тавонанд;
- мактуб навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми манзараи шаҳру деҳоти Тоҷикистон; расми афсарон ё ягон лаҳзаи хизмати аскарон (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ (тарзи ифоданок хондан)-ро занҷирвор пурсед ва арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед (нигаред ба дарсҳои қаблӣ).
4) Бо хонандагон суҳбат кунед. Бачаҳои азиз, мо дар дарсҳои қаблӣ матнҳое, ки шоирон дар бораи Ватан эҷод кардаанд шинос шудем. Имрӯз бо матне, ки нависанда дар бораи Ватан эҷод кардааст шинос мешавем ва фарқи онҳоро муайян мекунем.
5) Машқи хондани матн. Аввал як маротиба матнро ифоданок ба синтагмаҳо ҷудо карда хонед:[пиразан/ қамаринисо/ аз наберааш мирзо/хат гирифт// шодии ӯ ҳадду канор надошт//]. Сипас ба хонандагон тарзи ба синтагмаҳо ҷудо карда, хондани матнро машқ кунед.
6) Хониши матн бо усули "Мехонем ва муҳокима менамоем" гузаронида мешавад. Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки матнро хонда, ҳангоми нақли мазмун мулоҳизаронӣ карда, фикри асосиро муайян карда тавонанд. Инчунин муҳокимаи мавзӯъ ва маънии матн ҳангоми хондан барои такмили малакаи хондан хеле муфид аст. Тартиби гузаронидани ин усул чунин аст:
- Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид кунед.
- Матни «Бӯйи Ватан»-ро ба қисмҳо ҷудо карда, ҷойҳои исти онро муайян созед. Ба хонандагон он қисмҳоро нишон дода гӯед: «Аввал сархатти якум ва дуюми матнро мустақилона хонед ва сипас ба шарикатон чизи фаҳмидаатонро нақл кунед.
- Хонандагон ба хониши мустақилона шурӯъ мекунанд. Шумо дар синф давр зада, ин равандро мушоҳида кунед.
- Баъди хондани қисми якум аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро муҳокима намоянд.
- Метавонед аз як гурӯҳи дунафарӣ хоҳиш намоед, ки инро ба аҳли синф намоиш диҳанд.
- Баъд гурӯҳҳо ин амалро бо қисми дигари матн идома медиҳанд.
- Пас аз хондани матн аз гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш намоед, ки фикру ақидаашонро оид ба матн ба гурӯҳи дигар гӯянд ва муҳокима намоянд.
- Ин амалро якчанд маротиба бо қисмҳои дигари матн иҷро намоед. Барои он ки боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни матнро дарк кардаанд, саволу ҷавоб ташкил намоед. Масалан:

  **Намунаи саволҳо**
- Пиразан чиро интизор буд?
- Сабаби шодии пиразан дар чӣ буд?

– Чанд муддат пиразан мактубро интизорӣ кашид?
– Ба фикри шумо, пас аз гирифтани мактуб модаркалон чӣ кор кард?
– Пас аз гирифтани мактуб бо пиразан чӣ ҳодиса рух дод?
– Оё пиразан мактубро хонда тавонист?
– Кӣ ба хондани мактуб ба пиразан ёрӣ расонд?
– Сабаби мактуб навиштани набера дар чӣ буд?
– Бо кадом ният Мирзо ба дарахти коҷ баромаданӣ шуд?
– Шумо, ба рафтори Мирзо чӣ хел баҳо медиҳед?
– Агар шумо ба ҷойи Мирзо мебудед, чӣ кор мекардед?

7) Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, хулосабарорӣ кунед.

8) **Кор бо луғат**: аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як маротибаи дигар равону бурро хонанд ва калимаҳои душвори матнро муайян карда, шарҳ диҳанд.

**Дурушт** – ноҳамвор, дағал.

**Коҷ** – дарахти сӯзанбарги ҳамешасабз.

**Полша** – номи як давлат дар Аврупо.

**9) Кор бо матн:** хонандагон он ҷумлаеро, ки хурсандии модаркалони Мирзоро ифода мекунад, аз матн мехонанд ва менависанд.

**10)** Машқи инкишофи тасаввурот. Шарти машқ: хонандагон чашмонашонро мепӯшанд ва хона, модар ва падарашонро тасаввур мекунанд. Сипас чашмонашонро кушода мегӯянд, ки чиро пеши назар оварданд (тасаввур карданд). Масалан, яке шояд гӯяд, ки ман хонаамонро тасаввур кардам: модарам дар хона нишаста, либосҳои маро дарзмол карда истодааст.

**11)** Шеърҳои ба ватан бахшидаро, ки дар дарсҳои қаблӣ таҳлил карда будед ба хотири хонандагон расонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фарқи байни шеър ва ҳикояро муайян кунанд. Барои ин дар лавҳи дарсхона ё вараќи сафеди калон диаграммаи Веннро тасвир кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар диаграмма хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи шеър ва ҳикояро муқоиса кунанд.

Намуна:




12) Машқи мактубнависӣ.

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз матн мактуби Мирзоро бори дигар хонанд ва мазмунашро нақл кунанд.

б) Монанди намунаи китоб (саҳ. 13-14) мактуб нависанд.

13) Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки мактубҳои худро хонанд. Мактубҳои онҳоро аз рӯйи меъёрҳои қабулкарда арзёбӣ намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.

14) Арзёбӣ. Арзёбии дарси мазкурро метавонед ба воситаи саволномаи зер гузаронед.

**Саволнома**

1. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   а) Зайнабхола, Мирзо, Тоҳир.
   б) Таҳмина, Зайнабхола, Мирзо.
   в) Қамарнисо, Мирзо, Робия.
   г) Робия, Мирзо, Зайнабхола.
2. Кай мактуб омад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   а) пас аз 3 рӯз.
   б) баъд аз 1 моҳ.
   в) баъд аз 31 рӯз
   г) баъд аз 2 моҳ.
3. Мактубро кӣ хонд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   а) хаткашон
   б) ҳамсоя
   в) Қамарнисо
   г) Робия
4. Мирзо дар куҷо буд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   а) дар хона
   б) дар мактаб
   в) дар хизмати ҳарбӣ
   г) дар саҳро

15) Вазифаи хонагӣ: Дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Аз онҳо пурсед, ки ҳангоми аз Ватан дур будан чиро ёд мекарданд. Аз нақли онҳо ҳикояи хурд нависед.

Намуна: Падарам вақти дар сафар будан хона, кӯча, боғи назди ҳавлиамонро ёд мекардаанд.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 13-14. ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВАТАН

**Барнома.** Суҳбат дар бораи шаҳру ноҳия ва деҳаҳои Тоҷикистон. Хондани номи шаҳри ноҳияҳои Тоҷикистон. Мувофиқи тартиби алифбо навиштани номи шаҳру ноҳияҳо. Имлои исмҳои хос. Муайян кардани шаҳр (ноҳия)-и худ. Дар бораи шаҳр (ноҳия)-и худ шифоҳӣ ҳикоя кардан. Риоя кардани қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ ҳангоми гуфтор. Бамаврид истифода кардани калимаҳо ва дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён кардани фикр. Бодиққат гӯш кардани ҳикояҳои ҳамдигар ва саволу ҷавоб кардан. Барои беҳтар шудани нутқи ҳамдигар тавсияҳо пешниҳод намудан. Навиштани ҳикояи хурд доир ба шаҳр (ноҳия, деҳа)-и худ. Муҳокимаи ҳикояҳои ҳамдигар. Тавсияҳо доир ба беҳтар шудани ҳикояи навишташуда.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.

4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад/

4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатанро истифода мебарад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- қоидаҳои хондани калима (исм)-ҳои пайиҳамҳомада риоя кунанд;
- исмҳои хосро дуруст навишта тавонанд;
- суроғаи худро навишта тавонад;
- дар бораи шаҳру ноҳияи худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд;
- вазъиятҳои ҳаётиро таҳлил карда тавонад.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; сурат, расму мусаввараҳо доир ба манзараҳои Тоҷикистон; Варақаҳо барои бозии "Бинго"; мақола, шеъру ҳикояҳо дар васфи шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон (аз рӯзномаву маҷаллаҳо)

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ карда, дар вақти мувофиқ вазифаи хонагиро арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки номи шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистонро мувофиқи тартиби алифбо нависанд. Бо ҳарфи калон навиштани аввали номи шаҳру ноҳияҳоро таъкид кунед. (Ниг. машқи 1-и Замима)
5) Бозии «**Бинго!**» гузаронед. Ин бозии мувофиқгузорӣ буда, ҳамаи хонандагони синф дар як вақт иҷро мекунанд. Ин навъи машғулият-бозӣ барои азхуд кардани луғат ва малакаи навиштан равона шуда, омодагии пешакии шуморо талаб мекунад ва натиҷаи назаррас медиҳад. Пешакӣ номи шаҳру ноҳияҳоро нависед. Онҳоро алоҳида дар варақчаҳои хурд навишта, тоб дода, ба қуттӣ (халтача) андозед.

Тарзи бозӣ:

1. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақи алоҳида ҷадвали 4х4 кашанд. Нигаред ба намунаи ҷадвал:

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

2. Сипас, хонандагон аз дафтарашон номи 16 шаҳру ноҳияро интихоб карда, дар ҷадвал ба монанди намунаи поён менависанд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳисор | Хуросон | Дарвоз | Турсунзода |
| Истаравшан | Варзоб | Хуҷанд | Данғара |
| Ховалинг | Исфара | Рашт | Панҷакент |
| Ишкошим | Норак | Фархор | Кӯлоб |

3) Варақаҳои тобдодаи дохили қуттиро як-як гирифта бо овози баланд хонед.
6) Агар калимаи хондаи шумо, дар ҷадвали хонандагон бошад, он гоҳ онро хат мезананд ё муҳра мегузоранд.

Хонандае, ки якумин шуда чор номро (аз поён ба боло ё аз чап ба рост) хат мезанад, «Бинго!» мегӯяд. Ҷадвали «Бинго»-и ӯро бо рӯйхатти худ муқоиса карда, бурд кардани хонандаро тасдиқ кунед.

7) Бо хонандагон дар бораи “Барои чӣ мо бояд номи шаҳру ноҳияи худро донем?” суҳбат ташкил кунед.

8) Аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҷадвали зерро пур кунанд.

| | |
|---|---|
| Ному насаб | |
| Мамлакат | |
| Шаҳр (ноҳия) | |
| Деҳа (кӯча, маҳалла) | |
| №-и хона | |

9) Машқи 3. (Замима). Мисли дарсҳои қаблӣ шифоҳӣ ҳикоя карданро омӯзонед. Дар ин дарс хонандагон дар бораи деҳа, кӯча, маҳаллаи худ ҳикоя мекунанд.

Аз се қисм (1. Оғоз 2. Қисми асосӣ 3. Анҷом) иборат будани ҳикояро таъкид намоед. Хонандагон бо намунаҳои зер шинос мешаванд (мехонанд).

Дар қисми аввал хонандагон бо як-ду ҷумла дар бораи маҳалла (кӯча)-и худ маълумот медиҳанд. Дар қисми дуюм доир ба хусусиятҳои маҳаллаи худ 5-6 ҷумла ҳикоя мекунанд (вобаста ба сатҳи омодагии синф хонандагон метавонанд аз он зиёдтар ҷумла гӯянд).

Дар қисми сеюм онҳо бояд бо як-ду ҷумла муносибати худро ба маҳаллаи худ изҳор кунанд. (Вобаста ба сатҳи омодагии синф хонандагон метавонанд се ё зиёдтар ҷумла гӯянд).

Намунаи нақли шифоҳӣ дар бораи деҳаи худ (барои мактабҳои деҳот):

**Деҳаи Гулистон**

Деҳаи мо Гулистон ном дорад. Гулистон дар доманаи кӯҳ ҷойгир аст

Деҳаи мо дар тарафи офтобрӯя ҷойгир аст. Субҳ офтоби ҷонбахш аз паси кӯҳ баромада, аввал ба деҳаи мо нурпошӣ мекунад. Аз тарафи чапи деҳа чашмаю дарёҳо ба сӯйи ҷангалзор ҷорӣ мешаванд. Дар ҷангалзор дарахтони худрӯй мерӯянд. Дар ҷангалзор гулу гиёҳҳои шифобахш низ ҳастанд. Мо онҳоро чида ҳамчун доруворӣ истифода мебарем.

Ман деҳаамонро дӯст медорам. Мо рӯзи истироҳат ҳамроҳи хонавода ба тамошои ҷангалзор меравем.

Намунаи нақли шифоҳӣ дар бораи кӯчаи худ (барои мактабҳои шаҳр ва маркази ноҳияҳо):

**Хиёбони Рӯдакӣ**

Ман дар хиёбони ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зиндагӣ мекунам. Хиёбони Рӯдакӣ калонтарин ва зеботарин хиёбони шаҳри Душанбе мебошад.

Хиёбони Рӯдакӣ дар маркази шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Муҷассамаи асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ, Боғи фарҳангии Устод Рӯдакӣ дар хиёбони Рӯдакӣ ҷойгиранд. Дар хиёбони Рӯдакӣ боз биноҳои баландошёна, муҷассамаҳо, донишгоҳҳо, театру гулгаштҳо ва бисёр биноҳои дигар ҷойгиранд. Дар роҳҳои он мошинҳои гуногун равуо мекунанд. Одамон ҳамеша дар гулгаштҳои ин хиёбон сайругашт мекунанд.

Мо бо аъзои хонавода ҳар шом ба тамошо мебароем. Тамошои хиёбони Рӯдакӣ ҳамеша хотирмон аст. Ман фахр мекунам, ки дар хиёбони ба номи Рӯдакӣ зиндагӣ мекунам. Шуморо ҳам ба тамошои он даъват менамоям.

10) Ба хонандагон гӯед, ки ана, бинед, бачаҳо, маҳаллаи худро чӣ хел таъриф кардаанд. Шумо ҳам мехоҳед, ки маҳаллаи худро таъриф кунед? Биёед, монанди намунаҳо дар бораи маҳаллаи худ ҳикоя мекунем. (Тавсия. Шумо метавонед вобаста ба маҳалли зисти худ яке (деҳа ё шаҳр)-ро интихоб намоед.) Сипас хонандагон монанди намуна дар бораи маҳаллаи худ шифоҳӣ ҳикоя мекунанд. Ҳангоми нақл кардани онҳо ба забони адабӣ сухан рондан, риоя намудани қолаби ҳикояро диққат диҳед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсия диҳед. Ин корро хонандагон метавонанд тавассути усули “Ба ҳамдигар баҳо додан” иҷро кунанд.

11) Пас аз ҷамъбасти ин фаъолият аз хонандагон пурсед: Оё шумо, ҷойҳои зебо ва тамошобоби шаҳр, ноҳия ва деҳаи худро медонед? Агар ягон меҳмон ояд дар куҷо ҷойгир будани онҳоро гуфта метавонед? Баъди ҷавоби хонандагонро гӯш кардан, онҳоро таъкид

намоед, ки донистан ё пурсидани ҷойҳои даркорӣ барои ҳама зарур аст. Мисол нафаре ба макони мо меҳмон мешавад. Азбаски вай ҷойҳои моро намедонад аз мо мепурсад. Масалан, мепурсад, ки мактаб (духтурхона, мағоза) дар куҷост. Ё мо ба ҷойи бегона рафта, ҷойҳои ба худ заруриро мепурсем.
Бинобар ин, биёед, чанд мисолро дида мебароем. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳо мисолҳоро интихоб намуда, дар нақшҳо бозӣ кунанд. Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ: Машқи 5.
12) Вазифа барои хона. Машқи 6. (Замима). Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмонед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Арзёбӣ. Аз хонандагон пурсед, ки ҳангоми дар бораи маҳаллаи худ ҳикоя кардан чиҳоро бояд ба эътибор гиранд. Ҷавобҳои хонандагонро бишнавед ва дарсро ҷамъбаст намоед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳои дарс ноил шуданро бо хонандагон муҳокима кунед ва ба онҳо баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 15-16. САЙРУ САЁҲАТ БА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ДИГАР

**Барнома.** Суҳбат перомуни сайру саёҳат ба шаҳру ноҳия ва деҳаҳои дигар. Сафар ба хонаи хешовандоне, ки дар шаҳру ноҳия ва деҳаҳои дигар зиндагӣ мекунанд. Саволу ҷавоб дар бораи ҷойҳои ҷолиб ва тамошобоб. Кор бо матни Ҷалол Икромӣ «Сайри Бухоро». Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муфассал ва мухтасар нақл кардани мазмуни матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Муқоисаи воситаҳои нақлиёт дар замони гузашта ва ҳозира. Дар бораи мошини дӯстдоштаи худ ҳикояи шифоҳӣ тартиб додан. Муқоисаи мазмуни матн бо таҷрибаи худ ва ҳаёт. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асоси матн. Машқи навиштани исмҳои хос. Машқи навиштани суроғаи худ. Навиштани мактуб дар бораи сайру саёҳати худ ба шаҳру ноҳияҳои дигар. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи сафари худ ба шаҳр, ноҳия ё деҳаи дигар шифоҳӣ маълумот дода тавонанд;
- исмҳои хосро гурӯҳбандӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; сурат, расму мусавварахо доир ба манзараҳои Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба сайру саёҳати Тоҷикистон ва берун аз он (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).

**Тавсия.** Ин дарсро аз рӯйи нақшаи намунавии зер гузаронда метавонед:

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Пурсиши вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед (нигаред ба Дарсҳи 1).

4) Омӯзгор:– Бачаҳо, шумо ба куҷо сафар кардаед?
5) Хонандагон ҷойҳои сафар кардаашонро номбар мекунанд (хонаи хешовандон, боғи ботаникӣ, боғи ҳайвонот, осорхона, театр, шаҳр ё ноҳияи дигар).
6) Омӯзгор: – Дар бораи сафари худ ба хонаи хешовандон, боғи ботаникӣ, боғи ҳайвонот, осорхона, театр, шаҳр ё ноҳияи дигар ҳикоя кунед.
7) Хонандагон дар бораи сафари худ ҳикоя мекунанд.
8) Омӯзгор: – Ба андешаи шумо, чаро мо имрӯз дар бораи сафар кардан суҳбат кардем?
9) Хонандагон:– Дарси имрӯзаи мо дар бораи сафар кардан аст.
– Мо имрӯз одоби сафар карданро меомӯзем.
10) Омӯзгор: – Офарин! Ман фахр мекунам, ки чунин шогирдони зираку доно дорам. Акнун биёед, матнро мехонем ва муайян мекунем, ки дар он сухан дар бораи чӣ меравад.
11) Хонандагон мустақилона матнро мехонанд. «Сайри Бухоро»-и Ҷалол Икромӣ
12) Омӯзгор: – Дар ин матн сухан дар бораи чӣ меравад?
13) Хонандагон: –Дар бораи ба Бухоро сафар кардани муаллиф.
14) Омӯзгор: – Дар Бухоро чиҳоро диданд?
15) Хонандагон: – Дар Бухоро пули Меҳтарқосим, дарёи Зарафшон, дарвозаи Самарқанд, чойхонаҳо, ошхонаҳо, саройҳоро диданд.
16) Омӯзгор: – Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои ишоршуда чӣ маъно доранд?

| | |
|---|---|
| **Пули** Меҳтарқосимро дар болои дарёи Зарафшон сохта буданд. | Пул – кӯпрук, танга,хона |
| Он шаб **осуда** хобидем | Осуда – натарсида, хотирҷамъ |

17) Хонандагон: –Калимаи **пул** –кӯпрук, **осуда**–хотирҷамъ.
18) Омӯзгор: – «Байни Ғиждувони Бухоро панҷ фарсанг роҳ аст.» – мегӯяд муаллиф. Агар як фарсанг шаш километр бошад, панҷ фарсанг ба чанд километр баробар мешавад?
19) Хонандагон: – 5 х 6 = 30км.
20) Омӯзгор: – «Ин панҷ фарсангро, ки ҳар фарсангаш шаш километр аст, мо қариб дар як рӯз тай кардем.» – мегӯяд муаллиф. Агар инро ба замони мо баргардонем ба масофаи байни маркази шаҳри Ваҳдат ва бозори Корвон рост меояд. Агар ин масофаро замони пеш дар як рӯз тай мекарда бошанд, ҳоло-чӣ?
21) Хонандагон аз маҳаллаи худ то маҳаллаи ҳамсоя ё маркази ҷамоат ва ноҳияро номбар мекунанд ва мегӯянд, ки ин масофаро тахмин дар 25-30 дақиқа тай мекунанд.
22) Омӯзгор: – Дар давраҳои пеш барои аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан бештар аз ароба истифода мебурданд. Ҳоло-чӣ? Аз расмҳои поён истифода карда ҷавоб гӯед.
23) Хонандагон номи расмҳоро навишта бо онҳо ҷумлаҳо тартиб медиҳанд.





24) Омӯзгор: – Бо исмҳои хос мисол оред.
25) Хонандагон: – Бунафша, Равшан, Душанбе, Тоҷикистон ...
26) Омӯзгор: – Исмҳои хосси матнро ёфта нависед.
27) Хонандагон исмҳои хосси матнро ёфта менависанд.
28) Омӯзгор:– Аз рӯйи кадом нишонаҳо исмҳои хосро муайян мекунанд?

29) Хонандагон: – Номи одамон, шаҳрҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, кӯчаҳо, хиёбонҳо, дарёҳо исмҳои хос мебошанд.
30) Омӯзгор: –Ҳоло мову шумо дар гурӯҳҳо маслиҳату машварат карда, бо исмҳои хос мисолҳо меорем.
31) Кор дар гурӯҳҳо

**Гурӯҳи 1.** Аз рӯйи намуна ба исмҳои хос сетоӣ мисол оред.
Мамлакатҳо: Тоҷикистон, …
Шаҳрҳо: Ваҳдат, ...
Ноҳияҳо: Рашт, ...
Кӯчаву хиёбонҳо: Саъдии Шерозӣ, ...
Кӯлҳо: Сарез, ...
Дарёҳо: Хингоб, …
Кӯҳҳо: Помир, …

**Гурӯҳи 2.** Номи умумии калимаҳоро ёбед.
1. лола, садбарг, хайрӣ, бунафша – ...
2. Садбарг, Бунафша, Хайрӣ, Лола – …

Ба ҷойи нуқтаҳо номҳои мувофиқ фикр карда нависед.
1. Номҳои духтарона – …………….
2. Номи гулҳо – ……………..

**Гурӯҳи 3.** Номи умумии калимаҳоро ёбед.
1. Соҳибҷамол, Меҳрбону, Нозанин – …
2. Рахш, Полвон, Мошон – …
3. Суғд, Хатлон, Бадахшон – …
4. Қӯрғонтеппа, Турсунзода, Сарбанд – …
5. Бахтиёр, Шаҳбоз, Ҷамшед– …

**Гурӯҳи 4.** Ба ҷойи нуқтаҳо номҳои мувофиқ фикр карда нависед.
1. Номҳои духтарона – …………….
2. Лақаби ҳайвонот – ……………..
3. Номи вилоятҳои Тоҷикистон – ……………
4. Шаҳрҳо – ………………………...
5. Номҳои писарона – ……………..

**Қадами 11.** Омӯзгор: – Дафтари худро бо шарикатон иваз кунед. Навиштаҳои якдигарро хонед. Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.
Хонандагон дунафарӣ кори худро арзёбӣ мекунанд.
**Қадами 12.** Омӯзгор: – Ба суратҳо бодиққат назар кунед. Дар онҳо ёдгориҳои машҳури дунё – рамзи кишварҳои гуногун акс ёфтаанд. Аз поёни расмҳо номи онҳо омехта (пароканда) оварда шудааст. Онҳоро мувофиқи тартиби суратҳо нависед.






1. Девори бузурги Чин, Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар Тоҷикистон, бинои Тоҷмаҳал дар Ҳиндустон, бинои Кремл дар Русия

**Ҷамъбаст ва арзёбии дарс.**

**Вазифа барои хона.** Машқи 12 (Замима). Тарзи иҷро кардани вазифаи хонагиро фаҳонед. Ба хонандагони қобилияташон гуногун вазифаҳои гуногун диҳед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

## ДАРСҲОИ 17-20. ДАРСИ АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТНОКИИ ХОНАНДАГОН ДАР АВВАЛИ СОЛИ ТАҲСИЛ

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан дар аввали соли таҳсил. Усулҳои гуногуни арзёбӣ. Арзёбии инфиродии хонандагон. Ҷадвалҳои арзёбии фаъолиятҳои нутқ. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз ҷадвалҳо.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- дар доираи мавзӯъҳои барномаи таълим шифоҳӣ матн тартиб дода тавонанд;
- матн (70-80 калима)-ро хонда, аз рӯйи мазмуни он ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матни хондаи омӯзгорро бодиққат гӯш карда, аз рӯйи мазмуни он ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм дар ҳаҷми 45-50 калима иншо навишта тавонанд.

**Тавсия.**

Омӯзгори гиромӣ! Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар аввали соли таҳсил барои шумо таҷрибаи нав аст. Шояд дар шумо доир ба ин дарс саволҳои зиёде пайдо шаванд: чиро арзёбӣ мекунем? Чӣ тарз арзёбӣ кунем? Барои чӣ арзёбӣ мекунем?

Пеш аз ҳама қайд кардан бамаврид аст, ки дарси мазкур яке аз талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ буда, мақсади асосии он муайян кардани дараҷаи салоҳиятнокии хонандагон дар аввали соли таҳсил аст. Натиҷаҳои таҳлили он имкон медиҳанд, ки шумо дар бораи дониш, малака ва маҳорати ҳар як хонанда маълумоти дақиқ дошта бошед. Дар раванди таълим ин натиҷаҳоро барои инкишофи минбаъдаи онҳо ба эътибор гиред Илова бар ин шояд ин синф барои шумо нав асту шумо дар бораи салоҳиятнокии онҳо маълумот надоред ё дар синф хонандагони нав омадаанд.

Дар доираи дарси мазкур салоҳиятҳои хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, гӯш кардан (шунидан), хондан ва навиштан санҷида шуда, маълумоти ибтидоӣ гирд оварда мешавад. Ин ба шумо, омӯзгорон, имкон медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани дараҷаи салоҳиятнокии хонандагони синфҳои чорумро санҷида ба қайд гиред. Натиҷаҳои арзёбии мазкурро шумо метавонед минбаъд бо ду арзёбии дигар: арзёбии

салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи якум ва охири соли таҳсил муқоиса карда, инкишофи онҳоро муайян созед. Барои омӯзгороне, ки дар синфашон шумораи хонандагон зиёд аст, барои арзёбии салоҳиятҳои хондану дарк кардан ва гуфтан шояд вақт камӣ кунад. Онҳо метавонанд аз кумаки ҳамкасбони худ ва хонандагони синфҳои болоӣ истифода баранд.
Барои гузаронидани арзёбӣ дастур ва намунаҳои зеринро истифода бурда метавонед.

**Равиши дарс**
**Соати якум.**
**Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ (гӯш кардану дарк намудан)**

1) Матнро дар ҳаҷми 110-120 калима интихоб кунед.

Намунаи матн:

*Рӯзе зоғе кабкеро дид, ки дар рӯйи замин мехиромад.*

*Зоғ орзу кард, ки мисли кабк роҳ равад. Зоғ чанд муддат аз паси кабк давид ва роҳгардии ӯро тамошо кард.*

*Рӯзе кабк гуфт:*

*– Эй зоғи сиёҳ, чаро гирди ман мегардӣ, мақсади ту чист?*

*Зоғ гуфт:*

*– Эй зеботарини парандагон! Рафтори ту бисёр хуш аст. Мехоҳам, ки рафтори туро омӯзам ва пеши ҳамҷинсони худ фахр кунам.*

*Кабк хандид ва гуфт:*

*– Аз ин хаёл бигзар ва ин андешаро аз сарат дур кун.*

*Зоғ ҷавоб дод:*

*– Ман, ки ба коре азм кардам, ба осонӣ тарк нахоҳам кард.*

*Бечора зоғ муддате аз пайи кабк бидавид. Вай рафтори кабкро наомӯхта рафтори худ низ фаромӯш кард.* (Мазмун аз *Ҳусайн Воизи Кошифӣ*)

2) Аз рӯйи мазмуни матн пешакӣ дар зинаҳои гуногун (дар хотир гирфтан, фаҳмидан, истифода кардан, таҳлилу арзёбӣ ва эҷод) саволнома (5 савол) тартиб диҳед.

Намуна:

Синфи 4 «_ » МТМУ № ___ Ному насаб ___________________________________

**Саволнома**

1. Зоғ чӣ орзу кард? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Орзу мекард, ки ранги сафед дошта бошад.
Б. Орзу мекард, ки зебо роҳ гардад.
В. Орзу мекард, ки мисли кабк роҳ равад.
Г. Орзу мекард, ки мисли кабк хушхон бошад.

2. Барои чӣ зоғ мехост, ки роҳравии кабкро омӯзад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Зоғ мехост, ки дар пеши ҳамҷинсони худ фахр кунад.
Б. Зоғ мехост, ки шоҳи ҳамҷинсони худ шавад.
В. Зоғ мехост, ки аз дигар ҳамҷинсон фарқ кунад.
Г. Зоғ мехост, ки худро нишон диҳад.

3. Барои чӣ зоғ рафтори кабкро наомӯхт? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Барои он ки кабк ёд надод.
Б. Барои он ки нияти бад дошт.
В. Барои он ки зӯраш нарасид.
Г. Барои он ки вақт кам буд.

4. Ба ин матн кадом сарлавҳа мувофиқ аст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Зоғ ва кабк
Б. Зоғи тақлидкор

В. Зоғи нодон
Г. Кабки худписанд

5. Фикри асосии матн чист? (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред).
А. Зӯри беҳуда миён мешиканад.
Б. Агар ба касе тақлид кунӣ, машҳур мешавӣ.
В. Агар ба касе тақлид кунӣ, албатта ба ҷойе мерасӣ.
Г. Агар ба касе тақлид кунӣ, онро наомӯхта аз рафтори худ мемонӣ.

3) Диққати ҳамаро ба худ ҷалб кунед ва шарти супоришро фаҳмонед: «Ман ҳозир як матнро мехонам. Шумо бодиққат гӯш кунед, сипас ба саволҳо ҷавоб мегӯед».
4) Матнро як маротиба равону бурро хонед.
5) Варақаи саволномаҳоро ба хонандагон тақсим кунед ва 5-10 дақиқа вақт диҳед, ки аз рӯйи матни гӯш кардаашон ба саволҳо ҷавоб диҳанд.
6) Варақаи саволномаҳоро ҷамъ кунед. Дар вақти мувофиқ онҳоро таҳлил намуда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер нависед.

Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои гӯш кардан ва дарк намудан
Синфи___ МТМУ № _________________ Ноҳияи (шаҳри)

| **Ному насаби хонандагони синф** | **Аз рӯйи матни гӯш карда ба чанд савол ҷавоби дуруст дод?** | | |
|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II |
| 1. Аюбзода Аббос | 4 | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | 3 | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | 2 | | |
| 4. ................. | | | |

Ҷадвали боло нишон медиҳад, ки Аюбзода Аббос аз панҷ савол ба чортоаш ҷавоби дуруст додааст. Гулмуҳаммадзода Гулнора ба 2 савол ҷавоби дуруст додааст. То моҳи декабр (арзёбии нимсола) бо вай дар масъалаи фаҳмидани маънои чизи шунида кор баред.

*Дар нимаи дуюми дарси якум*
1) Матнро дар ҳаҷми 80 калима пешакӣ интихоб кунед.

Намунаи матн:

*Мулло Насриддин маркаби худро барои фурӯхтан ба бозор бурд. Роҳ лой буд. Дар байни роҳ думи маркаб лойолуд шуд.*

*Мулло Насриддин худ ба худ фикр кард: аҷаб нест бо чунин думи лойолуд маркабро ҳеҷ кас нахарад. Ӯ думи маркабро бурида ба хӯрҷин андохт.*

*Шахсе муштари (харидор)-и маркаб шуд. Маркаб дум надошт. Харидор ба соҳиби маркаб гуфт:*

*– Маркаби бедум фоида надорад. Мулло Насриддин бошитоб ҷавоб дод:*

*– Шумо савдо кардан гиред. Аз бобати думи вай хотиратон ҷамъ бошад. Думаш дар хӯрҷин аст.*

2) Аз рӯйи мазмуни матн пешакӣ дар зинаҳои гуногун (дар хотир гирифтан, фаҳмидан, истифода кардан, таҳлилу арзёбӣ ва эҷод) саволнома (5 савол) тартиб диҳед.

**Саволнома**

1. Мулло Насриддин ба куҷо равон шуд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Ба бозор
Б. Ба раҳи лойолуд
В. Ба ҷангал барои ҳезум

Г. Барои сайругашт

2. Дар кадом қатор ҳаммаънои «маркаб» омадааст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред).
   А. Уштур
   Б. Асп
   В. Хачир
   Г. Хар

3. Барои чӣ думи маркаб лойолуд шуд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Маркаб афтид
   Б. Аҳамият надод
   В. Роҳ лой буд
   Г. Думаш дароз буд

4. Мулло Насриддин барои чӣ думи маркабро бурид? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Барои он ки лойолуд шуд
   Б. Бо думи лойолуд ҳеҷ кас намехарад.
   В. Афти маркабро безеб мекард
   Г. Қаҳри Мулло Насриддинро овард

5. Ба ин матн кадом сарлавҳа мувофиқ аст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Ба бозор рафтани Мулло Насриддин
   Б. Ҳозирҷавобии Мулло Насриддин
   В. Мулло Насриддин ва савдогарон
   Г. Хари лойолуд

3) Диққати ҳамаро ба худ ҷалб кунед ва шарти супоришро фаҳмонед: «Шумо ҳозир дар як дақиқа як матнро хомӯшона мехонед, сипас ба саволҳо ҷавоб мегӯед».

4) Матнро пешакӣ дар варақи сафеди калон ё лавҳи дарсхона ба андозае, ки ҳамаи хонандагон онро хонда тавонанд нависед.

5) Барои хондан як дақиқа вақт диҳед. Пас аз гузашти як дақиқа рӯйи матнро пӯшед.

6) Варақаи саволномаҳоро ба хонандагон тақсим кунед ва 10 дақиқа вақт диҳед, ки аз рӯйи матни хондаашон ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

7) Варақаи саволномаҳоро ҷамъ кунед. Дар вақти мувофиқ онҳоро таҳлил намуда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер нависед. Шумораи ҷавобҳои дурустро дар ҷадвали зер нависед.

Ҷадвали санҷиши малакаҳои хондан

Синфи__ МТМУ № ________________ Ноҳияи (шаҳри)

| **Ному насаби хонанда** | **Дар як дақиқа чанд калимаи матнро дуруст хонд?** | | | **Аз рӯйи матни хонда ба чанд савол ҷавоби дуруст дод?** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II |
| Аюбзода Аббос | 76 | | | 4 | | |
| Беҳрӯздухти Бунафша | 80 | | | 3 | | |
| Гулмуҳаммадзода Гулнора | 71 | | | 2 | | |

**Соати дуюм.**
Дар ин дарс суръати хонишро санҷед. Ҳар як хонандаро назди худ хонда, хоҳиш намоед, ки матнро хонанд. Муайян кунед, ки хонанда дар як дақиқа чанд калимаи дуруст хонд. Натиҷаҳои нишондодаро сутуни аввал (зерсутуни якум)-и ҷадвали боло дарҷ кунед. Дар сурати пурра санҷида нашудани ҳамаи хонандагон пас аз дарс барои онҳо вақти муайян ҷудо кунед. Аммо он набояд вақти зиёди хонандагонро гирад.
**Соати чорум. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи хаттӣ (навиштан)**
Дар ин соат салоҳияти навиштани хонандагон арзёбӣ карда мешавад.
Тартиб:
1) Расми мазмуннокеро, ки аз рӯйи он ҳикоя навишта шавад пешакӣ интихоб намоед.
2) Онро дар лавҳи дарсхона овезон кунед.
3) Хонандагонро водор намоед, ки расмро бодиққат тамошо кунанд.
4) Аз рӯйи мазмуни расм иншо нависанд.
5) Барои навиштани иншо 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
6) Баъди навиштани иншо имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
7) Иншои хонандагонро ҷамъ карда, арзёбӣ кунед ва натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер дарҷ намоед. Баҳо гузоред (5,4,3,2,1).
Тавсия: ҳангоми арзёбии ҳикояҳои навишта ду баҳо гузошта мешавад
**Баҳои мазмуннокӣ**(1. Мувофиқати мазмун ба расм (агар хонанда аз доираи мазмуни расм берун баромада фикрҳои қолиброи пешниҳод кунад,нуран алонур мешавад. ), 2. Риояи сохтор (оғоз, қисми асосӣ, анҷом; пайдарпайӣ (алоқамандӣ)-и мантиқии ҷумлаҳо; гузоштани сархат)
**Баҳои саводнокӣ** (ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат(аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла; аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат; зебо ва тозагии навишт).
Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои навиштан:
Синфи___ МТМУ № _________________ Ноҳияи (шаҳри)

| Ному насаби хонандагон | **Мазмуннокӣ**<br>- мувофиқати мазмун ба расм<br>-риояи сохтор (пайдарпайии баёни фикр, сархат) | | | **Саводнокӣ**<br>-ғалатҳои имлоӣ<br>-ғалатҳои аломати китобат<br>- ҳусни хат | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I |
| 1. Аюбзода Аббос | | | | | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | | | | | | |
| 3.Гулмуҳаммадзода Гулнора | | | | | | |
| 4. Далерпур Даврон | | | | | | |
| ........................................... | | | | | | |

**Тавсия.** Ҳангоми арзёбии саводнокӣ дар ҳикоя меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.
– Ғалатҳои имлоӣ. Ғалатҳои зерин ғалатҳои имлоӣ ҳисобида мешаванд: ба ҷойи Ғ-ғ, ӣ- и, ӯ-у, й-е, е-й, е-э, э-е навиштан; партофта шудани ҳарфҳо (машқҳо- машқо); илова кардани ҳарфҳо (дос-дост); иваз шудани ҷойи ҳарфҳо (рутба-рубта); нодуруст аз сатр ба сатр гузарондани ҳиссаи калима ва амсоли онҳо. Ишораи ғалати имлоӣ (✓)

– Аломатҳои китобат. Ҳангоми баҳогузории имло аломатҳои китобати зерин ба эътибор гирифта мешаванд. Нуқта, аломати савол, аломати хитоб, аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат. Ишораи ғалати аломати китобат (⊙)
– Ғалатҳои услубӣ (агар талаба калима (ҳо), ибора (ҳо)-ро партофта, ё ҷойи онҳоро иваз карда бошад маъноии ҷумла коста мегардад ва мутаносибан он ғалати услубӣ ҳисоб мешавад. Ишораи ғалати услубӣ (⊠)
– Агар ислоҳи талаба дуруст бошад, калима ҳамчун дурустнавишта ҳисоб мешавад.
– Агар ислоҳи талаба нодуруст бошад, калима нодуруст ҳисобида мешавад.
– Ғалатҳое, ки хусусияти якхела доранд (дар калимаҳои якхела рӯй медиҳанд), як ғалат шумурда мешаванд. Агар ҳамин ғалат дар калимаҳои гуногун рӯй дода бошад, ғалатҳо ҳархела ҳисоб карда мешаванд.
– Ба зери калимаҳои ғалат хат кашида мешавад ва дар ҳошияи дафтар аломати ифодакунандаи ин ғалат оварда мешавад.
– Пас аз арзёбии имлои санҷишӣ ғалатҳо гурӯҳбандӣ ва таҳлил карда мешаванд.
– Дар дарсҳои минбаъда кор бо ғалатҳо гузаронда мешавад.

**Соати чорум. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ (гуфтан)**

1) Миқдори муайяни номгӯйи мавзӯъҳоро тартиб диҳед ва дар варақа нависед («Сулҳ», «Дӯстӣ», «Ватан», «Эҳтироми падару модар», «Фасли дӯстдошта», «Шуғли дӯстдоштаи ман», «Барномаҳои телевизионӣ» ва ғайраҳо).
2) Варақаи мавзӯъҳоро ба хонандагон тақсим кунед. Шарт нест, ки ҳар як хонанда як мавзӯъ гирад. Як мавзӯъро метавонад чанд хонанда гирад.
3) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи мавзӯъ шифоҳӣ нақл тартиб диҳанд. Барои ин ба онҳо панҷ дақиқа вақт диҳед.
4) Хонандагон мавзӯъҳои худро ҳикоя мекунанд.
5) Ҳикояҳои хонандагонро арзёбӣ карда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер қайд намоед. Баҳо гузоред (5, 4, 3, 2, 1).

Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои гуфтан
Синфи___ МТМУ № _________________ Ноҳияи (шаҳри)

| Ному насаби хонандагон | **Мазмуннокӣ**<br>– нақл ба мавзӯъ мувофиқ аст;<br>– нақл аввал, қисми асосӣ ва хотима дорад. | | | **Риояи қоидаҳои гуфтор**<br>- бо забони адабӣ сухан меронад;<br>- пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора мекунад;<br>- аз луғати мувофиқ истифода мебарад. | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I |
| 1. Аюбзода Аббос | | | | | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | | | | | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | | | | | | |
| 4. Далерпур Даврон | | | | | | |
| ........................................... | | | | | | |

## ДАРСҲОИ 21-22. СУРУДИ ВАҲДАТ

**Барнома.** Суҳбат дар бораи матнҳои дар синфи 1-3 доир ба ваҳдат ва ҳамкорӣ омӯхта. Кор бо матни шеъри Сайидалӣ Маъмур «Суруди Ваҳдат». Машқи бурро талаффуз кардани калимаҳои душвори матн ва шарҳ додани онҳо. Гӯш кардани хониши ифоданоки омӯзгор. Ба хотир овардани меъёрҳои хониши ифоданок. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Имлои калимаҳо (машқи дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, е, ъ ва ҳарфҳои такрор доранд). Навиштани зарбулмасалу мақол доир сулҳу ваҳдат. Бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ додани аҳамияти сулҳу оштӣ ва ҳамкорӣ кардан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- доир ба аҳамияти сулҳу оштӣ фикри худро баён карда тавонад;
- калима ва ибораҳои ифодакунандаи “ваҳдат”-ро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода баранд;
- қоидаҳои навиштани шеърро риоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба ҳамкорӣ (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).
**Равиши дарс (**Тавсия. Дарси мазкурро метавонед пурра аз рӯйи маводди китоби дарсӣ (саҳ. 14-16) гузаронед, ё шеъри ба ҳамин мавзӯъ мувофикро аз рӯзномаю китобҳои бадеӣ интихоб намоед.)
1) Ташкили дарс.
2) Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ карда, дар вақти мувофиқ вазифаи хонагиро арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Мавзӯи навро аз суҳбат оғоз намоед. Муҳтавои суҳбат:
Барои чӣ одамон ҳамкорӣ мекунанд? Агар одамон бо ҳам маслиҳату машварат, ҳамкорӣ намекарданд, чӣ мешуд?
**Тавсия.** 1. Аз рӯйи имкон шумо метавонед ягон сурудро дар бораи “Ваҳдат” шунавонда, аз рӯйи мазмуни он суҳбат кунед.
2. Як химча ва бастаи химчаҳоро оварда, осон шикастани як химча ва душвории шикастани бастаи химчаҳоро нишон диҳед.
5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. (Нигаред ба коидаҳои гӯш кардан) Аз хонандаи фаъоле хоҳиш намоед, ки шеърро як маротиба ифоданок хонад (доир ба тарзи хониши ифоданок нигаред ба Замимаи 1). Қоидаҳои дуруст хонданро дар мисоли ду мисраъ нишон диҳад:

Тоҷикему якдилу ҷонем/
Партави як субҳи хандонем//

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд.
7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
8) Монанди дарсҳои қаблӣ тарзи аз "Луғат"-и зери матн истифода карданро машқ кунанд.
9) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил намоед (саҳ. 15-и китоб).
10) Хонандагонро дар чор гурӯҳ муттаҳид кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки пандҳои охири саҳ. 15 ва аввали саҳ. 16-ро нависанд ва хонанд. Сипас, онҳоро шарҳ диҳанд. (тавсия: Шумо метавонед чанд намунаи дигарро ба ин пандҳо илова кунед. Масалан, пандҳои болои саҳифаҳоро).
11) Бо мақсади машқи босуръати навиштан ва риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър аз ба хонандагон вазифа диҳед, ки дилхоҳ банди шеърро интихоб намуда, босуръат, зебо ва беғалат нависанд.
12) **Имлои "Худамро месанҷам!" Нигаред ба дарсҳои 9-10.**
Калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари "Имло" кӯчонанд.
13) Хонандагон калимаҳои навро бо шарҳашон дар "Дафтарчаи луғат" менависанд ва аз ёд мекунанд.
14) Вазифа барои хона: дар бораи дарси имрӯза бо хонавода суҳбат кунед. Бо онҳо маслиҳат намуда муйян кунед, ки ҳамкорӣ ва маслиҳату машварат кардан чӣ фоида дорад. Нақли падару модарро дар бораи аҳамияти маслиҳату ҳамкорӣ дар хотир гиред ва дар дарси оянда ба ҳамсинфон гӯед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
15) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ намоед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳои дарс ноил шуданро бо хонандагон муҳокима кунед ва дар дарсҳои минбаъда аз пайи ислоҳи камбудиҳо шавед.

## Дарсҳои 23-24. Ангушт ва мушт

**Барнома.** Суҳбат дар бораи аҳамияти ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ. Кор бо матн.. Машқи аз рӯйи синтагмаҳо хондани матн. Машқи тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Бо оҳанги мувофиқ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Арзёбии тарзи хониш. Кор бо луғат. Муайян кардани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Мавзӯъ ва фикри асосии матн.. Нишон додани тарзи дурусти хондан. Тасаввур кардан. Такроран хондан. Тарзи аз луғати зери матн истифода кардан. Машқи шифоҳӣ ҳикоя кардан. Сохтори матни шифоҳӣ. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Имлои калимаҳо (машқи дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, е, ъ ва ҳарфҳои такрор доранд). Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- қоидаҳои хондани матни диалогирориоя карда тавонанд;
- матнро аз рӯйи нақшҳо хонда тавонанд;

– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми киштии зериобӣ ва заврақ; мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба ҳамкорӣ (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ (нақли шифоҳӣ дар бораи аҳамияти ҳамкорӣ)-ро арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Баъд аз муаррифии мақсадҳои таълимии дарс ба хонандагон муроҷиат карда гӯед, ки зарбулмасалҳои зерин чӣ маъно доранд? “Қувваи мушт – дар панҷ ангушт” ё ин ки “Аз як даст садо намебарояд”.
Тавсия: Шумо инчунин метавонед ягон амалро бо як ва панҷ ангушт иҷро кунед. Самаранокии кори як ва панҷ ангуштро муҳокима намоед.
5) Фикру ақидаҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.
6) Матни “Ангушт ва мушт”-ро бо усули “Хониши намунавии омӯзгор” гузаронед. Тартиби гузаронидани усули мазкур чунин аст: Омӯзгор онро ҳамчун намуна ба хонандагон бо овози баланд, бурро, равон ва ифоданок мехонад. Оҳанги гуфтори симоҳои матнро махсус таъкид мекунад.
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз саҳ. 16-17 ин қисми матнро хонанд: “Бачаҳо ба зудӣ ҷойи хуберо ёфта, ба ҳосилғундорию қолинпаҳнкунӣ шуруъ намуданд. ва оташдончае сохта, ба таги чойҷӯш оташ монданд.

– Акнун ба мо дар бораи киштиатон ҳикоя кунед, Шарифако, – хоҳиш намуданд бачаҳо.
– Хуб, хуб, – хандида розӣ шуд Шариф-ако.....”

8) Диққати хонандагонро ба “тире”-и аввали сатрҳо равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки барои чӣ баъзе ҷумлаҳо бо тире сар мешаванд. Ҷавобҳои онҳоро бишнавед ва хулоса бароред, ки матнҳо монологӣ ва диалогӣ мешаванд. Дар матнҳои монологӣ ҳодисаву воқеаҳо аз номи як шахс ҳикоя карда мешаванд. Дар матнҳои диалогӣ гуфтугӯйи симоҳои матн айнан оварда мешавад.
Барои ҷудо кардани суханони симоҳои матн онҳоро бо тире ишора мекунанд ва бо оҳанги мувофиқ мехонанд.
Тарзи хондани як қисми матнро нишон диҳед.
9) Сипас хонандагон дар алоҳидагӣ ё дунафарӣ (чорнафарӣ) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд (хониши дунафарӣ – яъне як хонанда бо хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонанд) Ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ба хонандагон ҳангоми зарурат ёрӣ расонед ё онҳоро раҳнамоӣ кунед. Ба иваз шудани оҳанги гуфтор диққат диҳед.
10) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб намудан. Ин лаҳзаи дарсро бо усули “Саволгузорӣ ба матн – пас аз хондани матн” гузаронед. Тартиби гузаронидани усули мазкур чунин аст: Пешакӣ якчанд саволе, ки пурра мазмуни матнро фаро мегирад, таҳия кунед. Пас аз он ки хонандагон матнро мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд, саволҳои омодакардаатонро ба аҳли синф (ё гурӯҳҳои дунафарӣ, гурӯҳҳои хурд) супоред ва хоҳиш намоед, ки ба ин саволҳо ҷавоб гӯянд. Ба хонандагон барои фикр кардан вақт диҳед. Ҷавоби хонандагонро бодиққат гӯш кунед, онҳоро ба шарҳ додани ҷавоб водор намоед, хонандагони дигарро барои таҳлилу арзёбии ҷавоби якдигар ҷалб намоед.

**Намунаи саволҳои матн чунин буда метавонанд:**

1. Симоҳои матн киҳоянд?
2. Дар матн сухан дар бораи сохтани чӣ меравад?
3. Сохтани заврақро кӣ сар кард?
4. Киҳо ба ӯ ёрӣ расонданд?

5. Дар кадом қисми матн сухан дар бораи “Мушт ва ангушт” меравад?
6. Барои чӣ матн “Ангушт ва мушт” ном дорад?
7. Барои чӣ Шарифако мушт ва ангуштро мисол овард?
8. Барои чӣ ба бачаҳо офарин гуфт?
9. Бачаҳо аз Шарифако чиро хоҳиш карданд?
10. Мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян кунед

11) Пандҳо (саҳ. 18-и китоб)-ро якҷоя бо хонандагон маънидод кунед,сипас хонандагон ин пандҳоро менависанд. Зебо, тоза ва беғалат навиштанро таъкид кунед.
12) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10. Боби I.**
13) Мисли дарсҳои қаблӣ шифоҳӣ ҳикоя карданро омӯзонед. Дар ин дарс хонандагон дар бораи натиҷаи ҳамкории ҳамсинфони худ ҳикоя мекунанд. Аз се қисм (1. Оғоз 2. Қисми асосӣ 3. Анҷом) иборат будани ҳикояро таъкид намоед.
14) Арзёбӣ. Машқи ҷумласозиро бо усули “Пур кардани ҷойҳои холӣ” гузаронед. Тартиби гузаронидани он чунин аст: Дар варақаҳои алоҳида ҷумлаҳоро навишта дар ҳар як ҷумла ҷойи ду се калимаро холӣ гузоред. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ гузошта нависанд. Намуна:
Ҳар коре, ки ба як ангушт _____ аст, барои ____ _____ мушкил нест. Ҳеҷ вақт ангушти _____ нашавед, балки мисли ________ бошед.
15) Вазифаи хонагӣ: Дар бораи муттаҳидӣ, тифоқии синфи худ ҳикояча нависед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, фаъолияти таълимии онҳоро баҳогузорӣ кунед.

## ДАРСҲОИ 25-26. НИЗОЪ БАДБАХТӢ МЕОРАДУ ДӮСТӢ - ХУШБАХТӢ

**Барнома.** Суҳбат дар бораи аҳамияти ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ. Кор бо матни «Ҷӯйча ва офтоб». Машқи аз рӯйи синтагмаҳо хондани матн. Машқи тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Бо оҳанги мувофиқ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Арзёбии тарзи хониш. Кор бо луғат. Муайян кардани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Мавзӯъ ва фикри асосии матн. Нишон додани тарзи дурусти хондан. Тасаввур кардан. Такроран хондан. Тарзи аз луғати зери матн истифода кардан. Муқоисаи мазмуни матнҳо. Ба ҳаёт алоқаманд намудани мазмуни матн. Ба мавзӯи матн мувофиқ интихоб кардан ва навиштани зарбулмасалу мақолҳо. Бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ додани аҳамияти ҳамкорӣ кардан. Машқи шифоҳӣ ҳикоя кардан. Сохтори матни шифоҳӣ. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Имлои калимаҳо (машқи дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, е, ъ ва ҳарфҳои такрор доранд). Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷмро (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ ва муқоиса карда тавонанд;
- қоидаҳои хондани матни диалогиро риоя карда тавонанд;

– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақола, шеъру ҳикояҳо оид ба ҳамкорӣ (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дарси қаблиро ба ёд оварда, мазмун ва фикри асоси онро бо хонандагон муайян кунед.
5) Дар лавҳи дарсхона номи матнро нависед: Низоъ бадбахтӣ меораду дӯстӣ - хушбахтӣ.

Аз хонандагон пурсед, ки ба фикри онҳо, калимаи “низоъ” чӣ маънӣ дорад. Барои осонии кор метавонед, гӯед, ки калимаи муқобилмаънои “дӯстӣ”-ро ёбанд. Сипас аз онҳо пурсед, ки дар ин матн сухан дар бораи чӣ меравад? Фикри хонандагонро бишнавед ва қисми якум (сархатти аввалро то “Ту ба ин чӣ муносибат дорӣ?” хонед. Мазмуни қисми хондаатонро бо онҳо муҳокима кунед. Сипас пурсед, ки ба фикри онҳо минбаъд чӣ мешавад?

Хонандагон давоми ҳикояро пешгӯйӣ мекунанд. Боз давоми ҳикояро то “... оташин шуд Офтоб” хонед. Хонандагон пешгӯйии худро бо мазмуни матн муқоиса мекунанд. Ба ҳамин тариқ мазмуни матн то охир пешгӯйӣ ва муқоиса карда мешавад.

Пас аз анҷоми пешгӯйӣ ва муқоиса барои фаҳмидани он ки хонандагон то кадом андоза мазмун ва фикри асоси матнро муайян карда метавонанд чанд саволи умумӣ пешниҳод намоед.

6) Монанди дарси қаблӣ машқи қоидаҳои хондани матни диалогиросупориш диҳед. Барои машқи бо оҳанги мувофиқ хондан 10-15 дақиқа сарф кунед. Ин фаъолиятро ҳангоми омӯхтани матнҳои дилогӣ такрор намоед.

7) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10.**
8) Хонандагон калимаҳои навро бо шарҳашон дар “Дафтарчаи луғат” менависанд ва аз ёд мекунанд.
9) Хонандагонро ба он водор намоед,ки мазмуни матнҳои “Ангушт ва мушт” ва “Низоъ бадбахтӣ меораду дӯстӣ – хушбахтӣ”-ро аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин муқоиса кунанд.

1. Жанр
2. Симоҳо
3. Мушкилот
4. Ки оштӣ доронд?
5. Дар кадом ҷумлаҳо фикри асосӣ ифода шудааст?

Натиҷаҳои муқоисаро дар диаграммаи Венн нишон диҳанд. Ба он муваффақ шавед, ки дар натиҷа диаграммаи зер ҳосил шавад.




| |
|---|
| 1. Жанр 2. Симоҳо 3. Мушкилот 4. Кӣ оштӣ доронд? 5. Дар кадом ҷумлаҳо фикри асосӣ ифода шудааст? |

10) Вазифа барои хона: монанди дарси имрӯза ду амал ё ашёро бо ҳам муқоиса карда, умумият ва фарқи онҳоро муайян кунед. Масалан, муқоиса кардани парандаҳои хонагӣ ва даштӣ. Вобаста ба қобилияти хонандагон вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

11) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

## БОБИ 2. ВАСФИ ТИРАМОҲИ ТОҶИКИСТОН (36 СОАТ)

### ДАРСҲОИ 1-2. ТИРАМОҲ КАЙ ОҒОЗ МЕЁБАД ВА ЧАРО БАРГҲО ЗАРД МЕШАВАНД?

**Барнома.** Фаворасии тирамоҳ. Ҳисоби астрономӣ ва тақвимӣ. Шарҳи «Тирамоҳи заррин». Нишонаҳои тирамоҳ. Мавсими ҳосилғундорӣ. Зард шудани барги дарахтон. Сабабҳои зардшавии баргҳо. Калима ва ибораҳои хосси фасли тирамоҳ. Бодиққат тамошо кардани расму суратҳо доир ба фасли тирамоҳ. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни расмҳо. Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Навиштан ва шарҳ додани онҳо. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Нақли интихобӣ. Шарҳи зард шудани баргҳо. Алоқаманд кардани мавзӯъ бо дарсҳои табиатшиносӣ. Мисол овардани дигар ҳодисаҳои фасли тирамоҳ аз фанни табиатшиносӣ. Муайян кардани калима ва ибораҳои хосси тирамоҳ. Бо истифода аз калимаву ибораҳои матн тартиб додани ҷумлаҳо. Имлои калимаҳои душвор. Муқоисаи навиштаҳои ҳамдигар. Дарёфтан ва ислоҳ кардани ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.

4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мақсади нависандаро муайян карда тавонанд;
- дар гурӯҳ фаъолият карда тавонанд;
- калима ва ибораҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъноро дар матн муайян карда, дар нутқи хаттӣ истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълимӣ (карточка), баргҳои сабз, зард, сурх, бунафш, манзараи фасли тирамоҳ, аз рӯйи имкон гербарийҳои гирдовардаи хонандагон.

**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон матни маърифатиро дар бораи тирамоҳ мехонанд ва фарқияти онро аз матнҳои бадеӣ муайян мекунанд. Сабабҳои фаворасии тирамоҳ ва зарду хазон шудани баргҳоро меомӯзанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Лаҳзаи суҳбат. Дарсҳои фанни табиатшиносиро ба хотир оварда, гӯед, ки барои чӣ фасли тирамоҳ мешавад? Он кай фаро мерасад? Хусусиятҳои тирамоҳ кадомҳоянд? Чаро баргҳо дар тирамоҳ зард мешаванд?
5) Суҳбатро ҷамъбаст намуда, ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мо ба ҳамин саволҳо ҷавоб меҷӯем. Барои он ки ба ин саволҳо ҷавоб гӯем, биёед, матнро бодиққат мехонем.
6) Хонандагон матн (саҳифаҳои 24-27)-ро як маротиба равону бурро мехонанд. Калимаҳои душвореро, ки маъноҳояшонро нафаҳмидаанд, менависанд ва мепурсанд. Калимаҳои нофаҳморо ба онҳо фаҳмонед.
Тавсия: Хондани матнҳои маърифатӣ (ахборотӣ) нисбатан осон аст. Ҳангоми хониши ин гуна матнҳо овоз пасту баланд, тезу оҳиста намешавад ва бомаром сурат мегирад, зеро дар он симоҳо иштирок намекунанд ва ҳолати эмотсионалӣ низ истифода намешавад.
***Таъкид! Дар дарсҳои минбаъада ҳангоми хондани матнҳои маърифатӣ ин қоидаҳоро ҳатман риоя намоед.***

7) Баргҳоро нишон дода сабаби зард шудани онҳоро шарҳ диҳед.
Ба хонандагон муқоиса кардани мазмуни матнҳои маърифатӣ ва ҳикояро омӯзонед. Аввал хоҳиш намоед, ки хусусиятҳои ҳикояро ба хотир оранд:
1. Нависанда эҷод мекунад.
2. Ягон воқеа нақл карда мешавад
3. Воқеаҳо пайдарпай баргузор мешаванд
4. Ҳикоя аз ҷумлаҳо, сархатҳо, аломатҳои китобат иборат аст
5 Ҳикоя симо (ҳо) дорад. Гуфтору рафтори онҳо тасвир карда мешавад.
6. Замон ва макони баргузории воқеа тасвир мешавад.

8) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки матнро хонанд ва муайян кунанд, ки дар матни «Тирамоҳ кай оғоз меёбад ва чаро баргҳо зард мешаванд?» кадом хусусиятҳои ҳикоя дида мешаванд.

Хонандагон бояд муайян кунанд, ки аз хусусиятҳои ҳикоя танҳо ҷумлаҳо, сархатҳо ва аломатҳои китобатро дар матни имрӯза дидан мумкин аст. Сипас шарҳ диҳед, ки матне, ки мо имрӯз хондем, ҳикоя набуда, онро матни маърифатӣ мегӯянд. Матнҳои маърифатӣ ё илмӣ-оммавиро олимон менависанд. Дар матнҳои илмӣ-оммавӣ ягон ҳодисаи табиӣ, воқеаи таърихӣ, дастовардҳои илму техника ба забони содаю оммафаҳм шарҳ дода мешавад. Мақсади асоси нависандаи матнҳои маърифатӣ дар бораи хусусиятҳои ягон чӣ маълумот, дониши муайян додан аст.

9) Кор дар гурӯҳҳои хурд.

а) Аҳли синфро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.

б) Қоидаҳои кор дар гурӯхро муҳокима кунед.

в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (Вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, дар назди гурӯҳҳо гузоред).

**Гурӯҳи № 1**

1. Қисми аввали матн (саҳ. 24-25)-ро хонед ва гӯед, ки тирамоҳ кай фаро мерасад?
2. Нишонаҳои тирамоҳро аз матн ёфта, нависед.

**Гурӯҳи № 2**

1. Қисми аввали матн (саҳ. 24-25)-ро хонед ва гӯед, ки баъд аз баробар шудани шабу рӯз кадомаш дарозу кадомаш кӯтоҳ мешавад.
2. Калимаҳои муқобилмаънои рӯз, дароз, гарм, нав-ро ёфта нависед. Интихобан бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

**Гурӯҳи № 3**

1. Қисми дуюми матн (саҳ. 26-27)-ро хонед ва сабабҳои зард шудани баргҳоро шарҳ диҳед. Ҳангоми шарҳ додан аз баргҳо истифода баред.
2. Калимаҳои муқобилмаънои зиёд, хурд, суст, сард-ро ёфта нависед. Бо ин калимаҳо интихобан ҷумла тартиб диҳед.

**Гурӯҳи № 4**

1. Қисми дуюми матн (саҳ. 26-27)-ро хонед ва гӯед, ки ҷонварон тирамоҳро чӣ тавр мегузаронанд? Ба зимистон чӣ хел омодагӣ мебинанд?
2. Калимаҳои ҳаммаънои ин қисми матнро ёфта нависед. Бо калимаҳо интихобан ҷумла тартиб диҳед.

10 ) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

11) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.

12) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Бароиислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.

13) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.

14) Хонандагон калимаҳои навро бо шарҳашон дар "Дафтари луғат" менависанд ва аз ёд мекунанд.

15) Вазифа барои хона: дар бораи фасли тирамоҳ ҳикояи хурд нависед.

Ҳикояро ин тавр оғоз кунед: *Боз ба диёри мо тирамоҳи заррин ... .*

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

16) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ (бо усули "Хӯша") кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## Дарсҳои 3-4. Васфи тирамоҳ аз нигоҳи шоир

**Барнома.** Шеър дар васфи тирамоҳ. Номи меваҳо. Нишонаҳои тирамоҳ. Тасвири манзараҳои тирамоҳ. Хониши ифоданоки омӯзгор ва тарзи маънидод кардани ӯро бодиққат гӯш кардан. Бо овози баланд машқ кардани тарзи хондани шеър. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Омодагӣ ба хониши ифоданок. Такроран хондан. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз ёд кардани шеър. Машқи бурро талаффуз кардани калимаи «тирамоҳ». Машқи талаффуз ва навиштани калимаҳое, ки овози [х] доранд. Аз матн, ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои хосси тирамоҳ. Бо истифода аз калимаву ибораҳои матн тартиб додани ҷумлаҳо. Имлои калимаҳои душвор. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад;
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мақсади нависандаро муайян карда тавонанд;
- дар гурӯҳ фаъолият карда тавонанд;
- калима ва ибораҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъноро дар матн муайян карда, дар нутқи хаттӣ истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, варақаҳои таълимӣ (карточка), баргҳои сабз, зард, сурх, бунафш, манзараи фасли тирамоҳ, расми меваҳои Тоҷикистон.

**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии дарси гузашта буда, хонандагон тасвири тирамоҳро дар эҷодиёти шоирон таҳлил мекунанд. Хонандагон дониш ва малакаи дар синфҳои 1-3 андӯхтаашонро нишон дода, дар заминаи матни нав бо хусусиятҳои тирамоҳ шинос мешаванд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Бозии «Бинго!» гузаронед. Пешакӣ рӯйхатти меваҳоро тартиб диҳед. Онҳоро алоҳида дар варақчаҳои хурд навишта, тоб дода, ба қуттӣ (халтача) андозед.

Тарзи бозӣ:
1. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақи алоҳида ҷадвали 3х3 ё 4Х4 кашанд. Нигаред ба намунаи ҷадвал:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

2. Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки номи меваҳоро дар ҷадвал нависанд.
3. Варақаҳои тобдодаи дохили қуттиро як-як гирифта бо овози баланд хонед.
4. Агар калимаи хондаи шумо, дар ҷадвали хонандагон бошад, он гоҳ онро хат мезананд ё муҳра мегузоранд.
5. Хонандае, ки якумин шуда се (чор) номро (аз поён ба боло ё аз чап ба рост) хат мезанад, «Бинго!» мегӯяд. Ҷадвали «Бинго»-и ӯро бо рӯйхатти худ муқоиса карда, бурд кардани хонандаро тасдиқ кунед.

5) Номи матнро нависед: ва шарҳ диҳед: хони эҳсон – дастурхони пурсаховат, пур аз тӯҳфа
6) Хонандагонро барои бодиққат гуш кардан водор намоед. (Нигаред ба Дарсҳои 1-2 боби 1). Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд.

7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ба хонандагони дигар имкон диҳед, ки ғалатҳоро муайян сохта, ислоҳ кунанд (тарзи дуруст хонданро нишон диҳанд). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
8) Монанди дарсҳои қаблӣ тарзи аз "Луғат"-и зери матн истифода карданро машқ кунанд.
9) Мақсади шоирро муайян кунед. Шоир аз навиштани ин шеър чӣ мехоҳад?
10) Кор дар гурӯҳҳои хурд.
а) Аҳли синфро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (Вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, дар назди гурӯҳҳо гузоред).

**Гурӯҳи № 1.**
1. Матнро хонед.
2. Бо ибораҳои «хуршеди тирамоҳон», «анори хушбӯ», «пистаҳои худрӯ», «харбузаи шакаррез» ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Гурӯҳи № 2**
1. Матнро хонед.
2. Аз матн номи меваҳо ва таъми онҳоро ёфта нависед.
Намуна: олуи ширин
3. Бо ибораҳои интихобкардаатон ҷумла тартиб диҳед.

**Гурӯҳи № 3**
1. Матнро хонед.
2. Аз рӯйи намуна ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта нависед.
Намуна:
*Себу анори хушбӯ. Боз чиҳо хушбӯ мешаванд?* …….., ……, …..
*Пистаҳои худрӯ. Боз чиҳо худрӯ мешаванд?* ….., …., ….
*Анҷири ширин. Боз чиҳо ширин мешаванд?* ….., …., ….

**Гурӯҳи № 4**
1. Матнро хонед.
2. Ҷуфти калимаҳои ҳамқофияро муайян кунед. намуна: ток-нок, хушбӯ-худрӯ
3. Ба ҳар як ҷуфти калимаҳои ҳамқофия боз як-ду калимаи ҳамқофия ёфта нависед.
Намуна: ток-нок-пок- хок

**Гурӯҳи № 5**
1. Матнро хонед.
2. Дар бораи тирамоҳ шифоҳӣ нақл кунед.
3. Дар нақли худ нишонаҳои фасли тирамоҳро истифода баред

11) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

12) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.

13) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.

14) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.
15**) Арзёбӣ**. Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.
Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

1) Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.
- Масалан, ҳангоми иҷрои фаъолият ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?
2) Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.

16) Вазифа барои хона: дар бораи тирамоҳ матни хурд нависед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

17) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 5-6. ВАСФИ ТИРАМОҲ АЗ НИГОҲИ ШОИР (БАРГҲОИ ТИЛЛОӢ)

**Барнома.** Шеър дар васфи тирамоҳ. Нишонаҳои тирамоҳ. Тасвири манзараҳои тирамоҳ. Хониши ифоданоки омӯзгор ва тарзи маънидод кардани ӯро бодиққат гӯш кардан. Бо овози баланд машқ кардани тарзи талаффузи бурроу калимаҳои душвори матн. Хониши хомӯшонаи матн. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Омодагӣ ба хониши ифоданок. Такроран хондан. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват м екунад;
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– мақсади нависандаро муайян карда тавонанд;

– дар гурӯҳ фаъолият карда тавонанд;
– калима ва ибораҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъноро дар матн муайян карда, дар нутқи хаттӣ истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; баргҳои сабз, зарду, сурх, бунафш, манзараи фасли тирамоҳ; ягон ҳикоя дар бораи Ҳотами Той.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Барои ба хотир овардани дониши мавҷудаи хонандагон аз усули "Пешгӯйӣ" истифода баред. Тартиби гузаронидани усули мазкур чунин аст:

- номи матнро ба хонандагон хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд.
- ба хонандагон чунин мурочиат намоед: "Ба фикри шумо, дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?".
- хонандагон фикру ақидаашонро мегӯянд. Ақидаашон нодуруст бошад ҳам, онҳоро рад накунед.
- кӯшиш намоед, ки аксари хонандагон ақидаашонро пешниҳод намоянд. Чунин мурочиат карда метавонед: "Зебо, ту чӣ фикр дорӣ?", "Собирҷон, ту-чӣ?"...
- Кӯшиш намоед, ки хонандагон масъулият ҳис карда, фикрашонро пешниҳод намоянд. Фикри хонандагонро то охир гӯш кунед.
- Агар дар баробари матн расм бошад, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи расм нақл кунанд.
    - дар расм кадом фасл тасвир ёфтааст?
    - тирамоҳ чӣ гуна фасл будааст?
    - табиат чӣ гуна мешавад?

5) Хондан ва шарҳ додани мазмуни шеъри "Баргҳои тиллоӣ". Ин лаҳзаи дарсатонро шумо метавонед, ки бо усули "Савол ба муаллиф" гузаронед. Тартиби гузаронидани усули мазкур чунин аст:
6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз саҳифаи 29-и китоби дарсиро кушоянд ва бодиққат хонанд.
7) Ҳангоми хондани матни шеър калима ё ҷумлаҳои душворфаҳмро ишора кунанд.
8) Хонандагон қисматҳои душвор ва нофаҳморо ба дафтарашон нависанд ва саволҳо таҳия кунанд.
9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ягон нафар ихтиёран дар нақши муаллифи матн баромад намуда, ба саволҳо ҷавоб диҳад.
10) Шахси хоҳишманд дар мобайни давра ё назди лавҳаи синф ба саволҳо ҷавоб медиҳад (*Барои хонандагонро ба таҳлил водор кардан саволҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст: «Ба фикри шумо, муаллиф дар ин ҷо дар бораи чӣ нақл мекунад?», «Барои чӣ муаллиф дар ин бора ба мо маълумот медиҳад?», "Чаро шоир "Баргҳои сабз тиллоӣ шуданд" гуфтааст?", "Ранги тиллоӣ чӣ гуна аст?", "Чи тавр баргҳо ҳарҷойӣ шудаанд?")*.
11) Муаллиф бо навбат иваз карда мешавад.
12) Кор бо луғат: маънои калимаҳои душворро шарҳ дода, мазмуни шеърро маънидод кунед. Шумо метавонед, ки аз усули "Рӯзномаи дубахша " истифода кунед. Тартиби гузаронидани чусули мазкур чунин аст:

– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали зеринро дар дафтарҳои луғати худ тасвир карда, калима ва ибораҳои мураккаб ва душворфаҳми матни шеърро муайян намуда, дар ҷадвал нависанд. Намуна:

| **Калима** | **Шарҳи калима** |
|---|---|
| Фироқ | Ҷудоӣ, дурӣ |

- Сипас ин калима ва мафҳумҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд.
- Хонандагонро дунафарӣ муттаҳид карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҷадвали пуркардаашонро муҳокима намоянд.
- Баъди ин амал аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва ибораҳоро бо шарҳашон ба аҳли синф хонанд. Аз хонандагони дигар хоҳиш намоед, ки ба ақидаи гуфташуда иловаҳо кунанд. Шумо барои дуруст дарк кардани маънии калима ва ибораҳои интихобшуда ба хонандагон ёрӣ расонед. Шарҳ диҳед.

13) **Имлои дунафарӣ**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои зеринро аз баёни ҳамдигар нависанд ва ба тарзи тарзи навишт ва талаффузи ҳамдигар диққат дода ба ҳамдигар тавсия диҳанд**.**

1. Хонандагонро дар гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Аз хонандаи А хоҳиш намоед, ки калимаҳоро аз рӯйхат (дар китоби дарсӣ оварда шудаанд) хонад ва хонандаи Б онҳоро нависад.
2. Сипас, аз хонандаи Б хоҳиш намоед, ки калимаҳоро аз рӯйхатти худаш хонад ва хонандаи А нависад.
3. Баъд аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳояшонро иваз карда, имлои навиштаашонро санҷанд ва ба ҳамдигар тавсия диҳанд.
4. Барои боварӣ ҳосил кардан, дафтари якчанд хонандаро санҷед.

14) Машқи ҷумласозӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калимаҳои боло истифода карда, ҷумлаҳо созанд ва ба дафтарашон зебо ва беғалат нависанд. Ҷумлаҳои сохтаашонро барои дигарон муаррифӣ намоянд. Ҷумлаҳои онҳоро гӯш карда, барои боз ҳам беҳтар шудани корашон тавсияҳо диҳед.

15) Банди якуми шеърро хонандагон мехонанд ва ба тарзи талаффузи калимаҳо эътибор дода ба ҳамдигар баҳо медиҳанд. Фикрҳои онҳоро ҷамъбаст намуда, тарзи талаффузи калимаҳоро бори дигар бо онҳо дар якҷоягӣ машқ кунед.

16) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз синфҳои дуюм ва сеюм матнҳои дар бораи "Ҳотами Той" хондаашонро ба ёд оварда, гӯянд, ки ӯ бо чӣ хислат машҳур гаштааст? Барои чӣ шоир боғҳоро ба Ҳотами Той монанд кардааст?

17) Фикру ақидаҳои хонандагонро гӯш карда, ҷамъбаст намоед. Ба хонандагон маънои мисраи "Боғҳо чун Ҳотами Тойӣ шаванд" гуфтани шоирро фаҳмонед.

18) Кор бо кроссворд: Калимаҳои катакчаҳо бо ҳарфи "Б" сар мешаванд. Онҳоро аз шеъри "Баргҳои тиллоӣ" ёфта, ба дафтар нависед.

19) Кори хонандагонро мушоҳида карда, аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки хонанд ва муқоиса кунанд.

20) **Арзёбӣ: аз усули "Харитаи баромад" истифода баред.**

- Дар хотимаи дарс ба мақсади арзёбии сатҳи фаҳмиши хонандагон харитаи баромадро пур кунед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвали зеринро дар дафтар кашанд ва онро пур кунанд.
- Пас аз пур кардани ҷадвалҳо муҳокимаи умумӣ гузаронед, аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ба саволҳо ҷавоб гардонанд ва аҳли синф ба муҳокима ҳамроҳ шаванд.

| | |
|---|---|
| Чиро омӯхтед? | |
| Чӣ ба шумо маъқул шуд? | |
| Шумо ба кадом саволҳо ҷавоб наёфтед? | |
| Инро дар амал чӣ тавр истифода мебаред? | |

21) Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
21) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

**ДАРСҲОИ 7-8. МАШҚИ НАВИШТАНИ НАҚЛИ ХАТТӢ**

**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади навиштани нақли хаттӣ. Муҳокимаи имконияти истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Интихоби матни нақли хаттӣ доир ба мавзӯи «Ватан». Бо хонандагон муҳокима намудани нишондиҳандаҳои нақли хуб (дар доираи мавзӯъ, пайдарҳамии мантиқии ҷумлаҳо, мувофиқи нақша гузоштани сархат, риояи имлои калимаҳо ва аломатҳои китобат, зебо ва тоза навиштан). Хондани матни нақли хаттӣ. Нақл кардани мазмуни он. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Шарҳи калимаҳои душвор ва навиштани онҳо дар лавҳаи дарсхона. Интихобан нақл кардани мазмун аз тарафи хонандагон. Дастаҷамъӣ навиштани нақшаи нақл. Мувофиқи нақша навиштани нақли хаттӣ. Хондани нақли хаттӣ аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани нақлҳои хаттӣ. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзи ислоҳи ғалатҳо.
**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мақсади навиштани нақли хаттиро гуфта тавонанд;
- мазмун ва мақсади матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи нақша нақли хаттӣ навишта тавонанд;
- нақли хаттии худро хонда тавонанд;
- душвориҳои худро гуфта тавонанд;
- ғалатҳоро дар навиштаи худ ислоҳ карда тавонанд.

**Тавсия.** Нақли хаттӣ навъи кори хаттиест, ки байни имло ва иншо мақом гирифтааст. Нақли хаттӣ қабул, дарк, пешниҳоди мазмуни матн мебошад. Нақли хаттӣ фикрҳои хонандагонро ба тартиб медарорад, онҳоро ба пешниҳоди пайиҳами ҳодисаву воқеаҳо водор менамояд, ба инкишофи малакаи ҷудо кардани ахбори асосӣ аз дуюмдараҷа, мусоидат мекунад. Дар дарси мазкур тарзи навиштани нақли хаттӣ омӯзонда мешавад.
**Маводди таълим:** Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс**
**Тартиби навиштани нақли хаттӣ:**
1) Матни нақли хаттиро аз маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ интихоб намоед.
2) Матни нақли хаттиро мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ равону бурро хонед.
3) Калимаҳои душворро нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.
4) Ба он муваффақ гардед, ки хонандагон мазмуни матнро нақл кунанд.
5) Дастаҷамъона нақшаи нақли хаттиро тартиб диҳед.
6) Меъёрҳои нақли хаттиро пеш аз навиштан муҳокима кунед:
- мувофиқати мазмун нақли хаттӣ ба матн;
- пайдарпайии баёни фикр (алоқаи мантиқии ҷумлаҳо);
- дуруст гузошта шудани сархатҳо.
7) Барои навиштани нақли хаттӣ 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
8) Баъди навиштани нақли хаттӣ имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нақли хаттии худро хонанд.
10) Кори онҳоро арзёбӣ кунед.

**Арзёбӣ.** Тавсияҳо барои арзёбӣ:

Аксари мо, омӯзгорон, кори хаттии хонандагонро, аз ҷумла, иншо ва нақли хаттии онҳоро тафтиш карда, бо аломатҳои махсус ишорат мекунем ва ё хатои содиршударо (асосан имлоро) бо қалами сурхислоҳ сохта, ба онҳо баҳо мегузорем. Ин амал ба хонандагон барои такмил ёфтан ёрӣ намерасонад, балки онҳоро аз таълим дилхунук месозад. Дар ин ҳолат, хонандагоне, ки баҳои «5 ва 4 » гирифтаанд, қаноатманд гашта, баҳои пастгирифтаҳо рӯҳафтода мешаванд. Аксар вақт тамоми рукнҳои забоншиносӣ ҳангоми таҳлили (санҷиши) иншои хонандагон аз тарафи муллимон ба эътибор гирифта мешавад: имлои калимаҳо, аломатҳои китобат ва ғайра.

Ахбор дар чунин усули санҷиш хеле зиёд аст ва ба хонанда барои такмил додани нақли хаттии навиштааш ёрӣ намерасонад. Аксари шумо шояд, гӯед, ки мо бояд ҳамаи ин хатоҳоро муайян карда, корро дуруст баҳо диҳем. Бале, лекин мақсади таълим *навиштани нақли хаттӣ* аст. Агар мақсади таълим дуруст навиштани калимаҳои «ӯ»-дор, истифодаи дурусти аломатҳои китобат, хушхат навиштан аст, ин усул мувофиқтар мебошад. Барои хонанда “сюжети матнро дуруст тасвир кардааст” ё “кадом ҳодисаи матни шунидаашро дарҷ накардааст” муҳимтар аст.

Тавсияҳои хаттӣ асосан робитаи мутақобилаи масофавӣ мебошанд. Муаллим корҳои хонандагонро ҷамъ карда онҳоро таҳлил менамояд. Сипас тавсия навишта, ба хонандагон (рӯзи дигар) пешниҳод мекунад. Хонандагон дар асоси тавсияҳои муаллим корашонро беҳтар мегардонанд.

Навиштани тавсия ба кори хонандагон як навъ хусусияти раҳнамоӣ дорад. Ҳангоми тавсиядиҳӣ сараввал се самти хуби корро муайян кардан лозим аст. Онро метавонед бо қалами сабз ишора кунед. Пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед, ки ин се қисм (ё зиёдтар) рукнҳои беҳтарини кори онҳост. Сипас ҷойҳои такмилталабро муайян намуда, бо тирча нишон диҳед. Дар ҳошия ва ё поварақ тавсияи худро нависед.

Се навъи навиштани тавсияҳои ёрирасон маъмул аст:

1. **Хотиррасонӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ барои хонандагони аълохон мувофиқтар аст.
2. **Кумаки зинавӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ ба хонандагоне, ки бештар аз рӯйи дастур кор карданро меписананд, мувофиқтар аст. Он бо якчанд восита ба роҳ монда мешавад. Масалан:

   ***а) тавассути саволҳо:*** Ба фикрат чӣ Мукро ба хӯрдани себи сабз водор кард? Баъд аз хӯрдани себи сурх бо ӯ чӣҳодиса рух дод?

   ***б) тавассути тасвир:*** сабаби ба боғ рафтани Мукро гӯед.

   ***в) тавассути ҷумлаҳои нотамом:*** Мук себи сабзро хӯрд, зеро … .
3. **Пешниҳоди намуна**. Ин восита, махсусан, барои хонандагони миёна кумаки зиёд мерасонад. Масалан, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки яке аз пешниҳодҳои мазкурро интихоб намоянд ва ё дар асоси он худашон ҷумлаи нав тартиб дода, ҷумлаи пешинаро иваз созанд.

*Муки Хурдакак гурусна монд, ӯ ба боғ даромада, хост себ хӯрад.*

*Ӯ ба боғ даромада, себи сабзро чида хӯрд, ногоҳ гӯшу биниаш калон шудан гирифтанд.*

**Худбаҳодиҳӣ:**

- *Ҳангоми навиштани нақли хаттӣ ба кадом мушкилот дучор шудед?*
- *Чӣ/кӣ ба шумо ҳангоми навиштани нақли хаттӣ ёрӣ расонд?*
- *Дар кадом самт барои навиштани нақли хаттӣ ба шумо ёрии бештар зарур аст?*
- *Вобаста ба навиштани нақли хаттӣ чӣ омӯхтед?*

## ДАРСҲОИ 9-10. ХУШТАР ЗИ КИТОБ ДАР ҶАҲОН ЁРЕ НЕСТ (МУҲОКИМАИ ХОНИШИ БЕРУНАЗСИНФӢ)

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя, матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба маъқул шудааст(нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар

(бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Кор бо рӯзномаву маҷаллаҳо ва кроссворду сканвордҳо

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,

**Тавсияҳо ба омӯзгор**
**Хониши берун аз дарс чист?**

Хониши берун аз дарс (хониши беруназсинфӣ) гуфта, фаъолияти мустақилона хондан, таҳлил ва хулоса баровардани хонандагонро дар назар доранд, ки аз доираи китобҳои дарсӣ берун аст. Онро чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст?

Дар синф гӯшаи “Хониши берун аз дарс” (беруназсинфӣ, беруназмактабӣ) ташкил кунед. Барои ин гӯша рафҳои китобмонӣ, ҷевон ё сабадҳои махсус омода созед. Дар ин гӯша китобҳои бадеӣ, энсиклопедия (донишнома)-и бачагонаро гирд оваред. Шумо ин корро аз ҳисоби фонди китобхонаи мактаб, сарпарастон ё аз маблағҳои падару модарон ба анҷом расонед. Рӯйхатти китоб, рӯзнома ва маҷаллаҳои гирдовардаро тартиб диҳед. Ба хонандагон мақсад ва вазифаҳои ташкили ин гӯшаро фаҳмонед. Дар дафтари махсус рӯйхатти хонандагонро тартиб диҳед. Таърихи гирифтан ва баргардондани китобҳоро дар ҳамин дафтар дарҷ кунед. Раванди китобхонии хонандагонро арзёбӣ кунед (Ниг. “Рӯзномаи хониш”).
Мақсадҳои хониши берун аз дарс (беруназсинфӣ, беруназмактабӣ):
- инкишофи шавқу рағбати маърифатҷӯии хонандагон;
- шиносоии хонандагон бо муаллифон ва китобҳои бачагона;
- инкишофи завқи китобхонии хонандагон;
- тавассути китобхонӣ ташаккул додани сифатҳои шаҳрвандии хонандагони хурдсол.

*Эзоҳ: муфассалтар дар ин бора нигаред ба китоби Лутфуллоев М. “Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Нашриёти «Маориф». - Душанбе, 1985. Саҳ. 86.*

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо
**Равиши дарс.** Дарси мазкур ба хониши беруздарсии хонандагони синфи чорум бахшида мешавад. Чунон ки маълум аст, таълим набояд дар доираи мактаб маҳдуд гардад. Бо мақсади назорат ва арзёбии он ки мактабу омӯзгор то кадом андоза шавқу ҳаваси донишандӯзии хонандагонро ривоҷ додаанд, ин гуна дарсҳо ба роҳ монда мешаванд.
1) Ташкили дарс.
2) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

3) Дар оғози дарс ҳамроҳи хонандагон зарур будани китобхониро муҳокима кунед.
4) Китоб ё матнҳои берун аз дарс хондаи хонандагонро муҳокима намоед.
Шумо метавонед аз фаъолияти зерин низ истифода баред.

**Фаъолият: Кӣ? Чӣ? Кай? Дар кучо?**

1. Муаллиф:________________________________
2. Номи матн (ҳикоя, афсона, шеър)____________
3. Жанр _____________________________________
4. Мазмуни асосии матн (дар бораи чӣ?)___________аст.
5. Воқеа (дар куҷо?)_______ ба вуқӯъ омадааст?
6. Воқеа (кай?)_______ ба вуқӯъ омадааст?
7. Симоҳои асосӣ ________.
8. Лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд __________________
9. Мавзӯъ ва фикри асосӣ____________________________.

3) Ба хонандагон тарзи ташкили "Рӯзномаи хониш"-ро нишон диҳед ва фаҳмонед.
а) Дар паҳноии дафтар ҷадвали зер тасвир мешавад.

| № | Ному насаби муал-лиф | Номи ҳикоя | Кай хондам? | Чанд саҳи-фа буд? | Симоҳои асосӣ | Мавзӯъ | Фикри асосӣ | Лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд (нашуд) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Пӯлод Толис | «Лолачинӣ» | Моҳи октябр | 10 | Юсуф, Ҳошим, Чӯпони қирғиз | Дӯстӣ | Бузургтарин хурсандии одам бо одами нағз вохӯрдан аст | |
| | Акобир Шари-фӣ | «Гунҷишкаки якрав» | Моҳи ноябр | 4 | гунҷиш-как падару модари вай гурба, Бахтиёр | Раҳму шафқат | Ҳамеша падару модари худро гӯш кунед | |

б) Рӯзнома баъди хондани китоб пурра карда мешавад.
в) Ин ҷадвал барои назорат ва арзёбии китобхонии мактаббачагони хурдсол лозим аст.

5) Оид ба матн ё китоби хонда тарзи маълумотнома навиштанро омӯзонед.
Ба мақсади назорати китобхонии мактаббачагон ва одат кунондани онҳо ба хулосабарорӣ аз матн ё китоби хондашуда хонанда бояд тарзи навиштани таассуроти худро ёд гирад. Хаттӣ баён кардани таассуроти худ аз китоби хондашуда имкон медиҳад, ки барои иншонависӣ дар синфҳои болоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шавад. Навиштани таассурот бояд бандҳои зеринро дар бар гирад:

1. Муаллиф
2. Жанр
3. Номи матн (ҳикоя, афсона, китоб)
4. Мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа)
5. Лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд, барои чӣ?)
6. Хулоса

Намунаи навиштани маълумотнома дар бораи ҳикояи «Гунҷишкаки якрав»-и Акобир Шарифӣ:

Ман ҳикояи Акобир Шарифӣ «Гунҷишкаки якрав»-ро хондам.

Дар ҳикоя сухан дар бораи гунҷишкаки якрав меравад. Он гунҷишкак Хурдӣ ном дорад. Хурдӣ насиҳатҳои падару модарро гӯш намекард. Оқибат вай ба чанголи гурба афтод. Гунҷишкакро аз чанголи гурба Бахтёр халос кард. Гунҷишкак пас аз ин воқеа падару модарашро гӯш мекард ва боэҳтиёт шуд.

Дар ин ҳикоя ба ман ҳамон лаҳзае, ки Бахтёр ба гунҷишкак раҳмаш омад ва онро аз чанголи гурба халос кард, маъқул шуд. (Ба ман суханҳои гунҷишкак маъқул шуд. Гунҷишкак мегӯяд, ки некии Бахтёрро ҳеҷгоҳ фаромӯш намекунам.)

Ҳамеша падару модари худро гӯш кунед. Онҳо ҳамеша барои шумо некӣ мехоҳанд. Шахсонеро, ки ба шумо некӣ кардаанд фаромӯш накунед. Ба некии онҳо бо некӣ ҷавоб диҳед.

6) Дар баробари муҳокимаи матнҳои хонда ва навиштани маълумотнома, шумо метавонед, тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо, тарзи пур кардани сканворд ва кроссвордҳои содаро нишон диҳед. Як-ду намунаякҷоя пур карда мешаванд, намунаҳои дигарро танҳо хонандагон мустақилона кор мекунанд. Дар дарсҳои муҳокимаи хониши беруназсинфӣ чистон, забулмасалу мақолҳоро низ метавонед истифода баред. Машқҳои сароидан ва расмкашӣ ба мазмуни шеъру ҳикоя ва афсона низ аз манфиат холӣ нестанд. Дарсҳои муҳокимаи хониши беруназсинфӣ аз дарсҳои муқаррарӣ он қадар фарқ накунанд ҳам, ба хонандагон имкон медиҳанд,ки дар интихоби матн, чистон, зарбулмасалу мақолҳо нисбатан озод бошанд. Дар ҳар сурат, муваффақияти ин дарсҳо чун дарсҳои дигар ба эҷодкорию кордонии шумо вобаста аст.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои таълим бо воситаҳои зерин арзёбӣ карда мешаванд:
Мушоҳидаи раванди мустақилона хондану навиштан муддати тӯлониро дар бар мегирад. Онро метавон тавассути намунаи ҷадвали зер мушоҳида ва арзёбӣ намуд.

| **Нишондиҳандаҳо (хонанда)** | **Ҳа** | **Не** | **Маълум нест** |
|---|---|---|---|
| Шавқу ҳаваси хондан дорад. Берун аз дарс мунтазам китобҳои бадеӣ мехонад. | | | |
| Рӯзномаи хониш дорад. Мунтазам рӯзномаи хонишро пур мекунад. | | | |
| Ба ин ё он жанр таваҷҷуҳ дорад. Масалан, хондани афсонаҳо (матнҳо дар бораи табиат)-ро дӯст медорад. Китобро мувофиқи завқаш интихоб мекунад. | | | |
| Мустақилона дафтарои “Имло” ва “Луғат”-ро истифода мебарад. Ба онҳо аз ҳисоби китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо калимаҳои нав ворид мекунад. | | | |
| Ба ҳал кардани сканворд, кроссворд ва анаграммаҳо машғул мешавад. | | | |

### Дарсҳои 11-12. Ташаккур бар ту бодо, устодам!

**Барнома.** Суҳбат перомуни омӯзгор, устод ва муаллим. Ба хотир овардани матнҳои синфҳои 1-3 доир ба омӯзгор, муаллим ва устод. Кор бо матни «Ба муаллим» (шеъри Боқӣ Раҳимзода). Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои омӯзгор, устод.

Имлои калимаҳои душвор. Бахшида ба иди касбии омӯзгорон навиштани табрикнома ва оро додани он. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, муносибати худро баён менамояд.
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайя карда тавонанд;
- шифоҳӣ ва хаттӣ муаллими худро табрик карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба омӯзгор, устод, муаллим).
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Саволу ҷавоб: Дар бораи муаллим кадом шеърҳоро медонед? Аз ёд гуфта метавонед? Барои чӣ шоирону нависандагон дар бораи муаллим шеър мегӯянд? Кӣ муаллим шудан мехоҳад? Барои чӣ?
5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ба хонандагони дигар имкон диҳед, ки ғалатҳоро муайян сохта, ислоҳ кунанд (тарзи дуруст хонданро нишон диҳанд). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
7) Монанди дарсҳои қаблӣ тарзи аз "Луғат"-и зери матн истифода карданро машқ кунанд.
8) Барои инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон аз усулҳои зерин истифода баред.
Усули "Ахбори рӯз"
Тартиб:
Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳар рӯз дарсро аз ахборе оғоз мекунем.
Рӯйхатти хонандагон ва рӯзҳои баромади онҳоро тартиб диҳед.
Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар рӯз ба муддати ду дақиқаахбор(воқеаи дидаю шунида, барномаи тамошокарда, китоби хонда) омода кунанд.
Барои ахбори метавонанд аз расму мусаввараҳо истифода баранд.
Мавзӯъҳо гуногун буда метавонанд. Интихоби мавзӯъро ба зиммаи хонандагон гузоред. Ҳар дарс як-ду нафарро пурсед ва барои беҳтар шудани нутқашон тавсияҳо диҳед.
Тавсия: Ин фаъолиятро ба ҷойи гузориши навбатчӣ, ки ҳамеша якрангу қолабӣ мегузарад истифода намоед.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки муаллимро бо иди касбиашон табрик намоянд.
Шифоҳӣ табрик карданро шарҳ диҳед.
10) Тарзи навиштани табрикнома (сохтор ва мазмун)-ро бо хонандагон муҳокима намоед. (Хонандагон дар синфҳои 2-3 тарзи навиштани табрикномаро борҳо машқ кардаанд.)

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки табрикнома навишта, онро оро диҳанд.

11) Вазифа барои хона: дар бораи дарси имрӯза бо падару модар суҳбат кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи айёми таҳсил ва муаллимони худ нақл кунанд. Бо маслиҳат бо волидон панҷ сифати беҳтарини омӯзгорро муайян кунед ва нависед.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

**12) Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.

Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.

- Масалан, ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?

Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 13-14. НАВИСАНДА ТИРАМОҲРО ЧӢ ГУНА ТАСВИР МЕКУНАД?

**Барнома.** Тасвири манзараҳои табиат дар асрҳои насрӣ. Тасвири манзара ва нишонаҳои табии фасл. Истифодаи ибораҳои ифодакунандаи манзара ва нишонаҳои фасл. Фасли мева ва хазонрез. Машқи хондани матн. Дар матн муайян кардани манзара ва нишонаҳои фасл. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кардан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи тирамоҳ. Бо истифода аз калимаву ибораҳои матн тартиб додани ҷумлаҳо. Навиштани нақли хаттӣ аз рӯйи мазмуни матн. Имло ва талаффузи калимаҳои душвор. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.

4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муоширот)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.

4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мақсади нависандаро муайян карда тавонанд;
- дар гурӯҳ фаъолият карда тавонанд;
- калима ва ибораҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъноро дар матн муайян карда, дар нутқи хаттӣ истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълимӣ (карточка), расми манзараи боғ ва меваҳо.

**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии дарси гузашта буда, хонандагон бо тасвири манзара ва нишонаҳои фасл дар матнҳои насрӣ шинос мешаванд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. (Нигаред ба Дарсҳои 2-юми боби якум) Матнро як маротиба равону бурро хонед (“Сайри шоир” саҳ. 33-34). Калимаҳои душвори матнро шарҳ диҳед.
5) Кор дар гурӯҳҳои хурд.
а) Аҳли синфро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ гирд оред.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (Вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, дар назди гурӯҳҳо гузоред).

**Гурӯҳи № 1**
1. Матнро хонед.
2. Расми себро тасвир кунед.
3. Дар матн дар бораи себ чиҳо гуфта шудааст? Аз матн он ҷумлаҳоро ёфта, ба зери расми себ нависед.

**Гурӯҳи № 2**
1. Матнро хонед.
2. Расми хӯшаи ангурро тасвир кунед.
3. Дар матн дар бораи ангур чиҳо гуфта шудааст? Аз матн он ҷумлаҳоро ёфта, ба зери расми хӯшаи ангур нависед.

**Гурӯҳи № 3**
1. Матнро хонед.
2. Дар матн ҷумлаҳое, ки ибораҳои «себи баланд», «шохи пурбор», «хӯшаҳои вазнини ангур», «меваи тар» доранд, ёфта нависед.
3. Ибораҳои муқобилмаънои ин ибораҳоро нависед. Интихобан бо ду ибораи он ҷумла тартиб дода нависед.

*Намуна: Себи баланд – себи паст. Дар ҳавлии мо себи баланде аст, ки меваи бисёр медиҳад.*

**Гурӯҳи № 4**
1. Матнро хонед.
2. Дар бораи тирамоҳ нақл кунед.
3. Дар нақли худ нишонаҳои фасли тирамоҳро истифода баред.

**Гурӯҳи № 5**
1. Матнро хонед.
2. Аз рӯйи мазмуни он нақли хаттӣ нависед.

6) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.
7) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳан.
8) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
9) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.
10) Вазифа барои хона: манзараи боғро дар тирамоҳ тасвир кунед ва мазмуни онро бо як ҷумла нависед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
11) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 15-16. ЯК РӮЗИ ТИРАМОҲ

**Барнома.** Машқи аз рӯйи синтагмаҳо хондани матн. Машқи тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Бо оҳанги мувофиқ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Арзёбии тарзи хониш. Кор бо луғат. Муайян кардани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Мавзӯъ ва фикри асосии матн.. Нишон додани тарзи дурусти хондан. Тасаввур кардан. Такроран хондан. Тарзи аз луғати зери матн истифода кардан. Машқи шифоҳӣ ҳикоя кардан. Сохтори матни шифоҳӣ. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- доир ба мавзӯъ ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- тамғаи мошинҳоро дар нохунак навишта тавонанд;
- калимаҳоро дар ҷумла ва матн истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба манзараҳои тирамоҳ; расми мошинҳои тамғаи гуногун.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ягон воқеаи дар фасли тирамоҳ рӯйдодаро ба хотир оварда, ҳикоя кунанд.
5) Мисолҳои аз ҳаёт овардаи хонандагонро гӯш карда, аз онҳо пурсед, ки чаро мо имрӯз дар бораи “воқеаҳои дар тирамоҳ рӯйдода” суҳбат намудем. Барои он ки матне, ки ҳоло мо бо шумо мехонем сухан дар бораи воқеае меравад, ки дар як рӯзи тирамоҳ ба Собирҷону Наргис рӯй додааст.

6) Хониши мустақилонаи матн. Ин лаҳзаи дарсро бо усули “Курсии сеҳрнок” гузаронед. Тартиби гузаронидани ин усул чунин аст.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд.
- Пас аз хондан мувофиқи мазмуни матн ба хонандагон якчанд савол дода, матнро муҳокима намоед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба мазмуни матн савол омода намоянд.
- Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: “Ҳоло яке аз шумо ба назди лавҳи дарсхона баромада, ба саволҳои ҳамсинфон аз номи яке аз симоҳои матн ҷавоб мегӯяд.”

- Аввал мувофиқи хоҳиши хонандагон якеро ба назди лавҳи дарсхона даъват карда, ба курсӣ шинонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо навбат ба хонандаи дар “Курсии сеҳрнок” нишаста савол диҳанд.
- Шумо метавонед якчанд хонандаи дигарро ба “Курсии сеҳрнок” даъват намоед.

7) Аз хонандагон пурсед, ки Собирҷону Наргис ба кадом мошин савор шуданд. Дар бораи тамғаи мошинҳо суҳбат кунед. Дар бораи нохунак ва мавридҳои истифодаи он маълумот диҳед. (Ниг. ба китоби дарсӣ). Хонандагон аввал дар нохунак навиштани чанд тамғаи мошинро машқ мекунанд.
8) Доир ба мавриди истифодаи нохунак чанд машқи дигар гузаронед. Намуна: навиштаҳои сутуни якум ва дуюмро мувофиқ гузошта, нависед.

| | |
|---|---|
| Рӯзномаву маҷаллаҳо: | «Қисмати шоир», «Дар орзуи падар», «Ҳасани аробакаш» |
| Номҳои тамғаи мошинҳо: | Достони «Ҷони ширин»-и Мирзо Турсунзода |
| Асарҳои бадеӣ: | «Анбоз», «Ворисони Сомониён», «Ахтарон», «Чашма» |
| Кинофилмҳо: | «Мерседес», «Опел», «Волга» |

9) Озмуни “Ҷумлаи дарозтарин” Шарти озмунро ба хонандагон фаҳмонед. Нафаре ғолиб дониста мешавад, ки дар як ҷумла аз ҳама бештар тамғаи мошинҳоро истифода карда метавонад. Ба имлои тамғаи мошинҳо диққат диҳед.
Намуна: Ман мехоҳам, ки мошинҳои “Опел”, “Мерседес”, “БМВ”, “Ауди”, “Лада”, .... дошта бошам.
10) **Машқи ҷумласозӣ**. Ба калимаҳои Обгузар, Офтобрӯй, Чорбоғ, Навгилем ҷумла тартиб дода нависед ва муайян кунед, ки барои чӣ ин калимаҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд. Шумо метавонед, ки аз усули “Якҷоя менависем” истифода кунед. Тартиби гузаронидани ин усул чунин аст:

- Ба хонандагон муроҷиат намоед: “Ҳоло мо аз калимаҳои Обгузар, Офтобрӯй, Чорбоғ, Навгилем истифода карда, ҷумла менависем:
- Ба хонандагон муроҷиат намуда, пурсед: “Кӣ бо калимаи “Обгузар”, “Офтобрӯй”, “Чорбоғ”, “Навгилем” ҷумла гуфта метавонанд?”
- Хонандагон мегӯянд: “Мардумони деҳаҳои Обгузар, Офтобрӯя, Чорбоғ ва Навгилем ҳосили ҳосили меваҳои дарахтонро ҷамъ мекарданд”.
- Омӯзгор дар лавҳи дарсхона ин ҷумларо менависад.
- Сипас, аз хонандагон мепурсад, ки ин ҷумла аз чанд калима иборат аст? Хонандагон калимаҳои дар ҷумла бударо ҳисоб мекунанд ва мегӯянд.
- Барои чӣ калимаҳои “Обгузар”, “Офтобрӯя”, “Чорбоғ” ва “Навгилем” дар мобайни ҷумла бо ҳарфи калон навишта шудаанд? Хонандагон ҷавоб медиҳанд, ки барои он, ки номи деҳаҳо мебошанд.
- Сипас, аз хонандагон пурсед, ки саршавии ҷумла бо чӣ гуна ҳарф сар мешавад ва дар охири ҷумла кадом аломат гузошта мешавад? Хонандагон мегӯянд, ки саршавии ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешавад ва дар охири ҷумла “нуқта” гузошта мешавад. Шумо нуқта мегузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумларо аз лавҳи дарсхона рӯйнавис намоянд. Ҳангоми навиштан ба зебо ва беғалат навиштан диққат диҳанд.

**11)** Кори гурӯҳӣ. Супориши саҳ. 37. Хонандагонро дар гурӯҳҳои чор-панҷ нафарӣ муттаҳид намоед. Ҷадвали зеринро дар лавҳи дарсхона тасвир намоед. Ба ҳар як гурӯҳ супориш диҳед, ки як сутунро пур кунанд. Гурӯҳи 1 – дарахтон, гурӯҳи 2 – одамон, гурӯҳи 3 – деҳаҳо, гурӯҳи 4 – гулҳо. Баъд аз пур кардан аз ҳар як гурӯҳ як нафар баромада дар лавҳи дарсхона корашонро дарҷадвалҳои мувофиқ пур карда, муаррифӣ мекунанд. Сипас кори онҳоро якҷоя аз назар

гузаронида, муҳокима кунед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки кори ичрокардаашонро ба дафтарашон нависанд. Намуна:

Калимаҳои зеринро ба сутунҳои мувофиқи ҷадвал ҷой диҳед; (бед, хайрӣ, Гулдара, чинор, сияҳгӯш, Фарҳод, савсан, Саричашма, нок, Хуррамобод, лола, Садбарг, ёсуман, арча, тӯс, наргис, Лола).

| **Дарахт** | **Одам** | **Деҳа** | **Гул** |
|---|---|---|---|
| Арча | Фарҳод | Саричашма | Савсан |

12) Вазифа барои хона: расми мошини дӯстдоштаатонро тасвир кунед ва дар бораи он як ҳикояи хурд нависед.
13) Арзёбӣ ва ҷамъбасти дарс: барои арзёбӣ ва ҷамъбасти дарс аз усули тестӣ истифода кунед. Тестҳоро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷавобҳои дурустро муайян кунанд.
**Саволҳои тестӣ**:
1) Симоҳои асосии матнро муайян кунед.
а) куҳу теппа
б) дашту саҳро
в) офтобу абр
г) Нагис ва Собирҷон.
2) Чаро бачаҳо мошинро боз намедоштанд?
А) шаб шуда буд.
Б) пул надоштанд.
В) метарсиданд
Г) роҳро гум карданд.
11) Хонандагон ҷавобҳои дурустро муайян карда, интихоби худро шарҳ медиҳанд.

## ДАРСҲОИ 17-18. МО ҲАМ КИТОБЧА МЕНАВИСЕМ!

**Барнома.** Муҳокимаи матнҳо доир ба фасли тирамоҳ. Тасвири манзараҳои тирамоҳ. Навиштани ҷумла(ҳо) дар бораи тирамоҳ. Аз рӯйи мазмуни ҷумла тасвири расм. Ба ҳам алоқаманд намудани ҷумлаҳо ва сохтани китобча. Хондани китобча. Муҳокимаи мазмуни он.
**Тавсия.** Дарси мазкур давоми мантиқии дарсҳои гузашта буда, хонандагон дониш, малака ва маҳоратҳои андӯхташонро дар амал истифода мекунанд. Ин дарси эҷодии хонандагон буда, дар он дастаҷамъона китобча меофаранд.
**Салоҳиятҳо:**
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- доир ба фасли тирамоҳ расм тасвир карда тавонанд;
- мазмуни расмро бо ду-се ҷумла навишта тавонанд;
- кори худ ва гурӯҳро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар фаъолиятҳои гурӯҳи саҳм гузошта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои сафед (А4) ё албом; коғазу қаламҳои ранга; ширеш.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мазмуни матнҳои “Хони эҳсон”, “Баргҳои тиллоӣ”, “Сайри шоир”-ро ба хотир оварда, хусусиятҳои тирамоҳро номбар кунанд.
5) Кор дар гурӯҳчаҳои дунафарӣ
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор кунанд.
б) Қоидаҳои корро муҳокима кунед.
6) Ба онҳо варақи сафед ё дусаҳифаи дафтарро диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаламҳои ранга гиранд.
7) Мавзӯи матнро дар лавҳи дарсхона нависед: “Тирамоҳ”.
4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи тирамоҳ як-ду ҷумла тартиб диҳанд.
8) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҷумлаҳои навиштаи гурӯҳҳо гуногунанд.
9) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаашон мувофиқи мазмуни ҷумла расм тасвир кунанд.
10) Расмро ранг кунанд ва ҷумлаи тартибдодаашонро дар поёни варақ нависанд.
11) Ҳангоми кор ба хонандагон ёрӣ расонед.
12) Ҳангоме ки ҳама корро ба анҷом расонданд, варақҳоро ҷамъ оварда, пайиҳам часпонед ва онро муқова кунед.
13) Номи китобчаро якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед.
14) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: “Хонандагони синфи 4 “А””.
15) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.
16) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима намоед. Кори кардаи худро нишон диҳед ва дар бораи он нақл кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## Дарсҳои 19-20. Муносибати мо ба табиат

**Барнома.** Матни “Табиат намебахшад!” (мазмун аз асари Баҳманёр «Соли мӯру малах»). Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн ва навиштани онҳо. Ҷобаҷо кардани пайдарҳамии мантиқии матн. Тартиб додани нақшаи нақл. Муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Баҳо додан ба рафтори симоҳои матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Монанди мазмуни матн аз ҳаёт дар бораи муносибат ба парандагон ҳикоя кардан. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- пайдарпайии мантиқии матнро муайян карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба рафтори симо матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва мақсади асосии матнро муайян карда тавонанд;
- кори худ ва гурӯҳро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ саҳм гузошта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ замимаи китоби дарсӣ; расму мусавварахо доир ба манзараҳои табиат; расми парандаҳо ва малах.

**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи дарсҳои қаблӣ буда, ба хонандагон таъкид менамояд, нисбат ба табиат ҳам муносибати хайрхоҳона дошта бошанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед
4) Аввал дар бораи Пасвандҳои ҷамъбандии –ҳо,-он маълумот диҳед. Хонандагон супоришҳои саҳ. 41-и китобро иҷро мекунанд.
5) Дар ин дарс хонандагон муайян кардани пайдарҳамии воқеа (ҳодиса)-ҳои матнро меомӯзанд.
*Пайдарҳамии воқеа (ҳодиса)-ҳои матн чист?*

Хонандагон бояд бифаҳманд, ки ҳар як асари бадеӣ ё порчаи адабӣ, ки дорои мазмуни муайян аст, аз се қисм таркиб меёбад:
1) қисми авал (муқаддима);
2) қисми асосӣ (мазмуни воқеа);
3) қисми охир (хотима).

Қисми аввал, ки дар он вақт, маҳал ва иштироккунандагони воқеа муаррифӣ мешаванд, барои фаҳмидани мазмуни воқеа муҳим аст.

Қисми асосии воқеаро мазмуни он ташкил медиҳад. Дар мазмун саргузашти касе ё чизе тасвир карда мешавад.

Қисми охир, ки онро хотима меноманд, низ аз аҳамият холӣ нест. Агар хотима набошад, кас аз чизи хондагиаш натиҷа бароварда наметавонад, қаноатманд намешавад. (*Лутфуллоев М. Методикаи таълии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Нашриёти «Маориф». Душанбе, 1985. Саҳ. 68-69).*
1) Намунаи як фаъолиятро нишон диҳед.
Фаъолият: «Ҷамъ кун, ҷамъи парешонгаштаро»
Тартиб:
1. Қисмҳои матнро хонед.
2. Пайдарпайии мантиқии қисмҳои матнро муайян икунед
3. Матнро пурра хонед.
4. Мазмунашро нақл кунед

**5)** Хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед,ки бо супориш шинос шаванд онро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд. Барои иҷрои супоришҳо вақт диҳед (25 дақиқа).
Матни «Табиат намебахшад!» дар шакли пароканда омадааст.

**Супориш барои гурӯҳи 1.**

1. Қисмҳои матнро ҷо ба ҷо гузошта, хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Ба саволҳои пас аз матн омада ҷавоб гӯед.
3. Ҳашароти зарарасони маҳаллаи худро аввал дар шумораи танҳо, баъд дар шумораи ҷамъ нависед.

**Супориш барои гурӯҳи 2.**

1. Қисмҳои матнро ҷо ба ҷо гузошта, хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Исмҳои танҳо ва ҷамъро ба ёд оред. Аз матн исмҳои ҷамъро нависед.

а. Исмҳое, ки пасванди –**ҳо** доранд – …

б. Исмҳое, ки пасванди **–он** доранд – …

**Супориш барои гурӯҳи 3.**

1. Қисмҳои матнро ҷобаҷо гузошта, хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Аз рӯйи намуна мисолҳо (исмҳои ҷамъ) оред.

Намуна: Зеби табиат парандагон, дарахтон, рустаниҳо мебошанд.

Зеби боғ – меваҳо, ……, ……, ……….., ……….., …………

Зеби шаҳр – ………, ……, ……, ……….., ……….., …………

Зеби одам – ………, ……, ……, ……….., ……….., …………

Зеби хона – ………, ……, ……, ……….., ……….., …………

Зеби дарсхона – ………, ……, ……, ……….., ……….., …………

**Супориш барои гурӯҳи 4.**

1. Қисмҳои матнро ҷо ба ҷо гузошта, хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Табиатро бе парандагон тасаввур кунед. Табиат бе парандагон зеб дорад? Боз бе чиҳо зеб надорад? Аз рӯйи намуна чанд мисол (исмҳои ҷамъ) оред.

Намуна: гулҳо, баҳрҳо, ………,

6) Муҳокимаронии хонандагонро мушоҳида намоед. Ҳангоми мушоҳида ба хонандагон саволу тавсияҳо диҳед.

7) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо.

8) Ба мазмуни матн баргардед. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил намоед.

Сухан дар бораи чӣ меравад. Подшоҳ чӣ фармон дод?

Оқибати он ба чӣ оварда расонд?

Оё ин воқеаро пешгирӣ кардан мумкин буд? Чӣ тарз?

Доир ба рафтори симоҳои матн чӣ гуфта метавонед?

Нависанда бонавиштани ин ҳикоя чӣ гуфтан мехоҳад? Чиро ба мо таъкид мекунад?

9) Вазифа барои хона: Дар бораи муҳофизати парандагон шифоҳӣ ҳикоя кардан.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

10) **Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули "Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан" истифода баред.

Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.

- Масалан, ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?

Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.

11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

## ДАРСИ 21. ИМЛОИ САНҶИШӢ

**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Доир ба мавзӯъ дар ҳаҷми 60-65 калима навиштани имло.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд дар интиҳои дарс дар ҳаҷми 60-65 калима имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.** Дар ин дарс дониш, малака ва маҳорати хонандагон оид ба беғалатнависӣ санҷида мешавад.
1) Тартиби навиштани имло:
а) Аз "Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ" матни мувофқро интихоб намоед.
б) Матни имлои санҷиширо як маротиба мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ равону ифоданок хонед.
б) Ҳар як ҷумлаи матнро алоҳида-алоҳида хонед. Онҳоро аз ду бор зиёд нахонед.
в) Баъди навиштани ҷумлаи охирин ҳатман матнро бори дигар, ба қадре, ки талаба навиштаи худро аз назар гузаронда тавонад, хонед.
г) Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ карда гиред.

**Арзёбӣ**
Ҳангоми баҳогузорӣ меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.
- Ғалатҳои имлоӣ. Ғалатҳои зерин ғалатҳои имлоӣ ҳисобида мешаванд: ба ҷойи Ғ-ғ, ӣ- и, ӯ-у, й-е, е-й, е-э, э-е навиштан; партофта шудани ҳарфҳо (машқҳо- машқо); илова кардани ҳарфҳо (дос-дост); иваз шудани ҷойи ҳарфҳо (рутба-рубта) ; нодуруст аз сатр ба сатр гузарондани ҳиссаи калима ва амсоли онҳо. Ишораи ғалати имлоӣ (✓).
- Аломатҳои китобат. Ҳангоми баҳогузории имло аломатҳои китобати зерин ба эътибор гирифта мешаванд: нуқта, аломати савол, аломати хитоб, аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат, ҷонишин. Ишораи ғалати аломати китобат (⊙).
- Ғалатҳои услубӣ (агар талаба калима (ҳо), ибора (ҳо)-ро партофта, ё ҷойи онҳоро иваз карда бошад, маънои ҷумла коста мегардад ва мутаносибан он ғалати услубӣ ҳисоб мешавад. Ишораи ғалати услубӣ (☒).
- Агар ислоҳи талаба дуруст бошад, калима дурустнавишта ҳисоб мешавад.
- Агар ислоҳи талаба нодуруст бошад, калима нодуруст навишта ҳисобида мешавад.
- Ғалатҳое, ки хусусияти якхела доранд, дар калимаҳои якхела рӯй медиҳанд, як ғалат шумурда мешавад. Агар ҳамин ғалат дар калимаҳои гуногун рӯй дода бошад, ғалатҳо ҳархела ҳисоб карда мешавад.
- Ба зери калимаҳои ғалат хат кашида мешавад ва дар ҳошияи дафтар аломати ифодакунандаи ин ғалат ишора мешавад.
- Пас аз арзёбии имлои санҷишӣ ғалатҳо гурӯҳбандӣ ва таҳлил карда мешаванд.
- Дар дарсҳои минбаъда кор бо ғалатҳо гузаронда мешавад.

## ДАРСИ 22. ДАРСИ ҶАМЪБАСТ ВА НАТИҶАГИРӢ

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан. Банақшагирии дарс дар салоҳияти омӯзгор аст. Шумо

метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.
Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
- хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғайраҳо)

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед

## ДАРСҲОИ 23-24. ҶАШНИ МЕҲРГОН

**Барнома.** Суҳбат перомуни мавсими ҳосилғундорӣ. Кор бо матни "**Ҷ**ашни Меҳргон". Шарҳи маънои «Меҳргон». Таърихи пайдоиши «Меҳргон». Ҷашнгирии «Меҳргон» дар замони мо.
Мустақилона хондани матн. Шарҳ додани калимаҳои душвор ва навиштани ҷумлаҳо. Дар бораи ҷашни Меҳргон маълумот додан. Дар бораи тарзи ҷашнгирии Меҳргон дар маҳалла ва мактаби худ ҳикоя кардан. Имлои калимаҳои душвор. Бахшида ба таҷлили иди Меҳргон навиштани эълон ва табрикнома. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва нуктаи асосии матнро муайян карда тавонанд;
- бахшида ба ҷашни Меҳргон шифоҳӣ табрикнома ва эълон тартиб дода тавонанд;
- бахшида ба ҷашни Меҳргон табрикнома ва эълон навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; сурат, расму мусавварахо оид ба ҷашни Меҳргон; наворҳои видеоӣ (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс:
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) «Ангезиши зеҳн».

а) Савол гузоред: дар бораи ҷашни Меҳргон чӣ медонед?




б) Фикри хонандагонро бишнавед ва дар давраҳои атрофи калимаи «Меҳргон» нависед
в) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, гӯед, ки имрӯз мо донишҳои худро дар бораи ҷашни Мехргон афзун мекунем.

5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки барои чӣ ин ҷашнро Мехргон мегӯянд.
Хонандагон матни «Ҷашни Меҳргон»-ро мехонанд.

6) Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.

Намунаи саволу ҷавобҳо:
– Барои чӣ ин ҷашнро Мехргон мегӯянд?
– Барои он ин ҷашнро Мехргон мегӯянд, ки онро дар Мехрмоҳ ҷашн мегирифтаанд.
– Барои чӣ ин моҳро Мехр мегуфтаанд?
– Барои он ки дар ин моҳ одамон бештар ба ҳамдигар меҳрубонӣ мекардаанд.
– Дар чандуми моҳи Мехр онро ҷашн мегирифтанд?
– Меҳргонро рӯзи шонздаҳуми моҳи Меҳр ҷашн мегирифтаанд.
– Ба солшумории мо Меҳрмоҳ кай оғоз мешавад?
– Ба солшумории мо 22-юми сентябр оғози моҳи Мехр аст.
– Агар моҳи Меҳр 22-юми сентябр оғоз шавад, 16-уми Меҳр ба чӣ баробар аст?
– 16-уми Мехр ба 7-уми октябр баробар мешавад.
– Дар замони мо Мехргонро чӣ тарз ҷашн мегиранд?
– Дар замони мо Меҳргонро ҳамчун ҷашни ҳосил таҷлил менамоянд.
– Ин ҷашн кай пайдо шудааст?
– Ин ҷашн аз замони ғалабаи Фаридун бар Заҳҳок пайдо шудааст.

7) Машқи ҳикоя кардан дар бораи ҷашни Меҳргон
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба ҷашн гирифтани Мехргон дар мактаб ва маҳаллаи худ ҳикоя кунанд. Пеш аз ҳикоя кардан меъёрҳоро хотиррасон кунед (нигаред ба дарсҳои қаблӣ).
б) Ҳикояҳои хонандагонро аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ кунед, барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.

8) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарҳои 9-10-и боби I.**
Хонандагон пас аз аз муайян кардани ғалатҳо калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари “Имло” мекӯчонанд.

9) Машқи ҷумласозӣ.
а) Ба хонандагон вазифа супоред, ки монанди намуна ду ҷумла тартиб дода нависанд:
- Ман ба модарам, падарам, хоҳаронам, бародаронам ва ҳамсинфонам меҳрубонӣ мекунам.
- Хоҳарам, бародарам, модарам, падарам, бобоям ва бибиям ба ман меҳрубонӣ мекунанд.
б) Ин фаъолиятро метавонед ҳамчун озмуни ҷумлаи дарозтарин гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки шахсони меҳрубони худ ё ба ӯ меҳрубонро бештар номбар кунанд.

10) Машқи навиштани табрикнома ва эълон.
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бахшида ба ҷашни Меҳргон ҳамдигарро аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ табрик намоянд. Сохтор ва мазмуни табрикномаро бо онҳо муҳокима намоед.

1. **Намунаи сохтор ва мазмуни матни табрикнома**

**Мурочиат** (Ҳамсинфони азиз!)
**Мақсад** (Шуморо бо фарорасии ҷашни Меҳргон табрик мегӯям. Ҳамеша бо ҳам меҳрубон бошед.)
**Ҷамъбаст ва муаррифӣ** (Бо орзуҳои нек, Беҳрӯз)

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оид ба баргузории ҷашни Меҳргон аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ эълон кунанд (нависанд). Аввал сохтор ва мазмуни эълонро бо онҳо муҳокима намоед.

**Намунаи сохтор ва мазмуни матни эълон**
**Мурочиат** ( Эълон!, Диққат!)
**Замон ва макони баргузории чорабинӣ** (*Имрӯз, 07. 10.2016, соати* 13:00 *дар саҳни мактаб)*
**Мақсад** (*бахшида ба ҷашни Меҳргон намоиши калон баргузор мегардад.)*
**Ҷамъбаст ва муаррифӣ** (*Шитобед ба тамошо!*)

11) Вазифа барои хона: монанди дарси имрӯза озмуни ҷумлаи дарозтарин ва беғалатро эълон кунед (нигаред ба банди 9). Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 25-26. ДӮСТОНИ ҶОНӢ, НОНӢ, ЗАБОНӢ

**Барнома.** Маънои “Дӯст”. Дӯсти ҷонӣ, нонӣ ва забонӣ. Хислатҳои дӯстони ҷонӣ, нонӣ ва забонӣ. Муносибат ба чунин дӯстон. Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Намунаи хониши ифоданоки омӯзгор. Хониши ифоданоки хонандагон. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Дар бораи дӯстони худ ҳикоя кардан. Имлои калимаҳо. Навиштани ному насаби дӯстон. Ҳарфи калон дар аввали ному насаби одамон. Гурӯҳбандӣ ва навиштани хислатҳои дӯстони ҷонӣ, нонӣ ва забонӣ. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои  ношиноси нисбатан калонҳаҷм  (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.1. Қоидаҳои  гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо  риоя мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар мавзӯи «Дӯстӣ» ҳикояи хурд навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба дӯстӣ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2)  Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4)  "Ангезиши зеҳн". Маъноҳои калимаи "дӯст"-ро ёбед.




5)  Ба хонандагон вазифа диҳед, ки маънои "Дӯсти ҷонӣ", "Дӯсти забонӣ" ва "Дӯсти ҷонӣ"-ро шарҳ дода мисол оранд. Намунаи чанд мисоли ҳаётӣ оварда мешавад. Хонандагон бояд ба гуфтору рафтори дӯстон баҳо дода, ба кадом навъи дӯст тааллуқ доштани онҳоро муайян кунанд.
6) Хонандагон бонавбат машқҳои 1 ва 2-и замимаро мехонанд ва муайян мекунанд, ки дар он сухан дар бораи кадом дӯст меравад. Ба хонандагон саволҳои иловагӣ, диҳед, ки фикри худро исбот намоянд.

7) Хонандагонро барои иҷрои машқи 3 (замима) водор намоед. Аввал аз онҳо хоҳиш намоед, ки шарти машқро хонанд ва фаҳмонанд, ки он чиро талаб мекунад. сипас таркибҳоро ба се гурӯҳ ҷудо карда менависанд. Дар охир аз як нафар хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро хонад. Дигарон  дурустии онро муайян мекунанд.

8) Саволномаи "Дӯсти ман кист?" Ба ҳар хонанда ду варақаи хурд диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар варақаи якум номи се нафар ҳамсинфи худро, ки мехоҳанд бо ӯ ба

китобхона раванд, нависанд. Дар варақаи дуюм номи се нафар ҳамсинфи худро, ки мехоҳанд бо онҳо бозӣ кунанд, нависанд.
Натиҷаҳои ин саволнома барои хонандагон махфӣ буда, ба шумо имкон медиҳад, ки фазои дӯстии байни хонандагонро муайян созед. Фаъолони расмӣ ва ғайрирасмиро муайян созед. Барои ин бояд ҳисоб кунед, ки дар варақаҳо номи кӣ бештар сабт шудааст.

9) Дар машқи 5 хонандагон монанди дарсҳои қаблӣ имлои дунафарӣ менависанд. Фарқи он аз имлоҳои дигар дар он аст, ки ин дафъа онҳо мисраъҳои шеърро менависанд ва мутаносибан дар баробари имлои калимаҳо бояд ба тарзи навиштани шеър низ диққат диҳанд.

10) Вобаста ба сатҳи омодагии хонандагон шумо метавонед аз шеъри "Биё, то қадри ҳамдигар бидонем" (саҳ. 244) истифода баред.

11) Вазифа барои хона: дар бораи дарси имрӯза бо хонавода суҳбат кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед,ки дар бораи хислатҳои дӯсти худ нақл кунанд. Бо онҳо маслиҳат намуда, дар бораи дӯстӣ ҳикояи хурд нависед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.
**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои таълим дар тӯли дарс тавассути хондан, нақл, саволу ҷавоб кардан ва машқҳои навиштан санҷида мешаванд.

### Дарсҳои 27-28. Дӯстро кас дар сафар бояд шинохт!

**Барнома.** Матнҳои гуногун доир ба сафари дӯстон. Воқеаҳои сафар. Аз рӯйи сарлавҳа ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Пешгӯйии худро бо мазмуни аслии матн муқоиса кардан. Муайян кардани мувофиқат ва фарқияти пешгӯйӣ. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Муқоисаи мазмуни матнҳои гуногун. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқамандӣ бо ҳаёт. Мувофиқи мазмуни матн аз ҳаёт мисол овардан. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Машқи навиштани нақли хаттӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- матнро хонда, мазмуни онро бо пешгӯйии худ муқоиса карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- мазмуни матнҳоро муқоиса карда тавонанд;
- дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба дӯстӣ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Суҳбат: Шумо бо дӯсти худ ба куҷо меравед? Барои чӣ меравед? Дар роҳ дар бораи чӣ суҳбат мекунед?
5) Калимаву таркибҳоро нависед: Дӯстон, Ҳошиму Юсуф, тамошо, дар роҳ, вохӯрӣ бо саг.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи калимаҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунанд. Муҳим нест, ки хонандагон айнан мазмуни матнро пешгӯйӣ кунанд. Муҳим он аст, ки фикри худро мураттаб, бо пайдарпайии мантиқӣ гуфта тавонанд.

6) Хондани матни машқи 1 (Замима).
7) Муқоисаи пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн

а) Муайян кардани мувофиқат. Хонандагон дар аввал мегӯянд, ки кадом қисми пешгӯйии онҳо бо мазмуни матн мувофиқ аст.

б) Муайян кардани номувофиқатии пешгӯйӣ бо мазмуни матн. Хонандагон бояд гуфта тавонанд,ки кадом қисми пешгӯияшон ба матн мувофиқ наомад.

8) Таҳлили мазмуни матн аз рӯйи саволҳо

Нақл кардани мазмуни матн

9) Калима ва ҷумлаҳоро дар лавҳи дарсхона нависед: Дӯстон. Яҳё ва Мадёр. Дар беша. Вохӯрӣ бо хирс.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи калимаҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунанд. Муҳим нест, ки хонандагон айнан мазмуни матнро пшгӯйӣ кунанд. Муҳим он аст, ки фикри худро мураттаб, бо пайдарпайии мантиқӣ гуфта тавонанд.

10) Хондани матни машқи 2.
11) Муқоисаи пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн

а) Муайян кардани мувофиқат. Хонандагон дар аввал мегӯянд, ки кадом қисми пешгӯйии онҳо бо мазмуни матн мувофиқ аст.

б) Муайян кардани номувофиқатии пешгӯйӣ бо мазмуни матн. Хонандагон бояд гуфта тавонанд,ки кадом қисми пешгӯияшон ба матн мувофиқ наомад.

12) Таҳлили мазмуни матн аз рӯйи саволҳо
13) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матнҳоро дар диаграммаи Венн муқоиса кунанд
14) Барои инкишофи босуръатнависӣ ва зуд интихоб намудани чизҳои муҳим хонандагонро ба иҷрои машқи 4 водор намоед. Натиҷаи кори онҳоро арзёбӣ кунед
15) Машқи навиштани нақли хаттӣ

а) Хонандагон аз рӯйи нақшаи зер навиштани нақли хаттиро машқ мекунанд:

1. Ба сафар баромадани дӯстон
2. Вохӯрӣ бо хирс
3. Суханони хирс ба гӯши Яҳё

16) Вазифа барои хона: Машқи 6.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

17) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед.

## ДАРСҲОИ 29-30. МИРАЛӢ ВА МИРВАЛӢ

**Барнома.** Машқи аз рӯйи синтагмаҳо хондани матн. Машқи тарзи хондани матн. Арзёбии тарзи хониш. Кор бо луғат. Муайян кардани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муқоисаи гуфтору рафтори симоҳои матн. Баҳо додан ба гуфтору рафтори симоҳои матн. Машқи шифоҳӣ ҳикоя кардан. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Сохтори матни шифоҳӣ. Пешванди исмсози ҳам-. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- бо пешванди исмсози *ҳам-* калима сохта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед
4) Номи матнро нависед ва бо хонандагон онро муҳокима кунед.
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матнро пешгӯйӣ кунанд.
6) Кор бо матн. (саҳ. 55-57).
а) Хонандагон матнро мустақилона мехонанд. Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
б) Сабаби "Миралӣ ва Мирвалӣ" ном гирифтани онро муҳокима намоед.
7) Номи симоҳои матнро нависед.
Симои якум: ………….(Миралӣ)
Симои дуюм: ………….(Мирвалӣ)
8) Хислатҳои симоҳои матнро шарҳ диҳед. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои ифодакунандаи хислат ва хулқу атворро нависед.
(Биёед, аввал ба ёд меорем, ки кадом калимаҳо хислат ва хулқу атвори шахсро нишон медиҳанд? Хонандагон андешаҳои худро баён мекунанд: хуб, боадаб, нодон, болаёқат, ростгӯй, фиребгар. Калимаҳои номбаркардаи шумо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд? Ин калимаҳо ба саволҳои чӣ хел? ҷавоб мешаванд.)
Миралӣ – ……, …….
Мирвалӣ – ……, ……

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки барои исбот кардани сифати симоҳо аз матн далел оранд.
Намуна: Миралӣ ба касе ҳасад намебарард, дурӯғ намегӯяд, туҳмат намебофад.
10) Муайян кардани фикри асосии матн. Нависанда аз навиштани ин ҳикоя чӣ мехоҳад?
(нигаред ба сархатти охирини матн.)

11) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки сифатҳои Миралӣ ва Мирвалиро муқоиса карда дар диаграммаи Венн нишон диҳанд.
12)Хонандагон дигар мисолҳои ҳаётиро мисол оварда хуб ё бад будани гуфтору рафторро муайян мекунанд.
13) Хонандагонро бо пешванди исмсози *ҳам-* шинос намуда, онҳоро дар иҷрои машқҳои китоб (саҳ.57) раҳнамоӣ кунед.
14) Барои хона вазифа диҳед. Озмуни "Кӣ бештар?": Хонандагон бояд калимаҳои пешванди "ҳам"-дорро нависанд. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои дигар низ низ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
15) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 31-34. АГАР ДӮСТАТ ТУРО НАФАҲМАД...

**Барнома.** Суҳбат дар бораи нофаҳмии байни дӯстон. Илоҷи кор. Кор бо матни «Суғурҷон ва рӯбоҳак»-и Азизи Азиз. Калимаҳои матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Навъҳои гуногуни нақл кардани мазмуни матн. Ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо додан. Нақшофарӣ. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Имлои калимаҳои мураккаб. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Навиштани ҷумлаҳое, ки сабаби ранҷидани дӯст гаштанд. Тағйир дода навиштани он ҷумлаҳо. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- давоми афсонаро навишта тавонанд

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, расмҳои рӯбоҳ ва суғур

**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи дарси гузашта буда, хонандагон ба муносибати дӯстон баҳо медиҳанд.

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дарсҳои гузаштаро ба хотир оварда, гӯед, мо дар дарсҳои қаблӣ дар бораи паҳлуҳои гуногуни дӯстӣ матнҳоро хондаву таҳлил намудем. Имрӯз мо дар бораи як ҷиҳати дигари дӯстӣ сухан меронем.
5) Расмҳои суғур ва рӯбоҳро овезон кунед Ба хонандагон гӯед, ки ба расмҳо бодиққат нигоҳ кунанд. Дар бораи ин ду ҷонвар чӣ медонанд? Онҳоро муқоиса намуда, дар диаграммаи Венн ҷой диҳанд. (Ин фаъолиятро дастаҷамъона иҷро кунед)
6) Диққати хонандагонро ба сарлавҳаи матн ҷалб намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки пешгӯйӣ кунанд, ки дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хомӯшона матнро хонда гӯянд, ки чаро Рӯбоҳаку Суғурҷон ҳамдигарро нафаҳмиданд.
8) Пас аз хондани матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

9) Хонандагон супоришҳоро интихоб намуда, иҷро мекунанд. (Супоришҳо интихобиянд)
10) Машқҳои луғавии 1-6-ро мустақилона ё аз рӯйи имконияту шароит дар гурӯҳҳо иҷро мекунанд.
11) Хонандагонро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед. Ба онҳо гӯед, ки мо дар дарсхонаамон театри хурд мекушоем. Барои ин шумо бояд аз рӯйи мазмуни матни "Суғурҷон ва Рӯбоҳак" саҳнача омода кунед. Барои ин шумо бояд бо маслиҳати ҳамдигар нақшҳоро байни худ тақсим кунед (Рӯбоҳак, Суғурҷон).
12) Вазифа барои хона: аз хонандагон хоҳиш намоед, ки нақшҳоро байни ҳам тақсим намуда суханони худро аз ёд кунанд

Соати 3-4

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расмҳои рӯбоҳ ва суғур ва ниқобҳои омоакардаи хонандагон

**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи дарси гузашта буда, хонандагон саҳначаҳои омодакардаашонро намоиш дода, онҳоро арзёбӣ мекунанд. Давоми матнеро, ки аввалаш дода шудааст, эҷод мекунанд.

1) Ташкили дарс
2) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
3) Ба хонандагон вақт диҳед, ки барои нишон додани саҳначаҳои худ омода шаванд. Тартиби муаррифӣ кардани саҳначаҳоро муайян карда, меъёрҳои муаррифиро муҳокима намоед. Гурӯҳҳо саҳначаҳои худро намоиш медиҳанд. Шумо метавонед арзёбии ҳар гурӯҳро дарҳол пас аз муаррифӣ ба роҳ монед ё дар охир кори ҳамаи гурӯҳҳоро якҷоя арзёбӣ намоед. Аввал ба хонандагон имкон диҳед, ки фаъолияти худ ва ҳамдигаронро арзёбӣ намуда, дар бораи душвориҳои худ, роҳи ҳалли онҳо фикрашонро гӯянд. Ҳамдигарфаҳмию ҳамкории ахли гурӯҳро арзёбӣ кунанд. Сипас, шумо арзёбӣ кунед. Гурӯҳҳоро бо ҳам муқоиса накунед, якеро хубу дигареро бад нагӯед. Ҷиҳатҳои хуби ҳар гурӯҳро қайд карда, барои ислоҳи камбудиҳо тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои кори гурӯҳӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин арзёбӣ карда мешаванд:

| № | Меъёрҳо | **Ҳамеша** | **Баъзан** | **Ҳеҷ гоҳ** |
|---|---|---|---|---|
| | Мазмуни матнро дуруст нақшофарӣ карданд | | | |
| | Расму ниқобҳо ба симоҳо ва мазмуни матн мувофиқанд | | | |
| | Нутқи гӯяндагон ба суханони симоҳо мувофиқ аст. Воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора, пасту баланд кардани овоз) бамаврид аст | | | |
| | Саҳначаҳои дигаронро бомароқ гӯш мекунанд ва халал намерасонанд. | | | |

4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матнро то ҳамон лаҳзаи гурехтани гапи дӯстон нақл кунанд. Сипас, аз онҳо пурсед, ки агар шумо мебудед, давоми матнро чӣ гуна менавиштед. Фикри хонандагонро гӯш карда, аз ба онҳо вазифа диҳед, ки давоми матнро тарзе нависанд, ки дар он Суғурҷону Рӯбоҳак ҳамдигарро фаҳманд ва дӯстона зиндагӣ кунанд. Ҳикояи навиштаи онҳоро муҳокима ва арзёбӣ кунед.
5) Вазифаи хонагӣ: Ба саволҳо ҷавоб гардонед (Саволномаи замима).
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
6) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 35-36. КОРИ ЛОИҲАВӢ

**Барнома.** Гирдоварии маълумот доир ба кори лоиҳавӣ. Дуруст ҷобаҷо кардани он. Муаррифии корҳои лоиҳавӣ. Дар бораи тарзи таҳияи кори лоиҳавӣ нақл кардан. Номбар кардани душвориҳои гурӯҳ ва роҳи ҳалли онҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дар кори гурӯҳ саҳм гузошта тавонанд;
- дар бораи дӯстӣ зарбулмасалу мақол, панд ва шеърҳоро гирд оварда тавонанд;

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; варақаҳои А4, албом, коғаз ва қаламҳои ранга, ширеш

Тартиб:
1) Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид кунед.
2) Ба онҳо варақи дафтари дусаҳифадор диҳед.
3) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед. Масалан: “Дӯстӣ”
4) Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи “Дӯстӣ” зарбулмасалу мақол, панд ва шеърҳои гирдовардаашонро гӯянд.
5) Боварӣ ҳосил намоед, ки маводди гирдовардаи хонандагон такрор нашудаанд.
6) Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи тартиб зарбулмасалу мақол, пандҳо ва шеърҳоро нависанд.
7) Сарварақи онро номгузорӣ кунанд ва оро диҳанд.
8) Ваарқҳоро ботартиб гузошта, ба ҳам часпонанд.
9) Ҳангоми кори гурӯҳҳо дар синф давр зада, ба хонандагон ёрӣ расонед.
10) Номи китобчаҳои хонандагонро муҳокима кунед.
11) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: хонандагони синфи 4“А”.
12) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

**13) Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.
Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.
- Масалан, ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?

Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.

## БОБИ 3. ЗАБОНИ МОДАРИИ МО (30 СОАТ)
### ДАРСҲОИ 1-2. ЗАБОНГУМКАРДА

**Барнома.** Кор бо матни «Забонгумкарда», шеъри Лоиқ Шералӣ**.** Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Суҳбат дар мавзӯи «Эҳтироми забон – эҳтироми ватан ва модар». Аҳамияти покиза нигоҳ доштани забон. Кор бо матн (порча аз китоби «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов). Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муҳокимаи вазъиятҳои гуногун доир ба эҳтироми забон. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Имлои калимаҳои душвор. Талаффуз ва навишти калимаҳои намуди “кардае” [кардайэ]. Машқҳои гуногуни имлоӣ ва луғавӣ.
Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- матнҳоро хонда, мазмуни онҳоро муқоиса карда тавонанд;
- нақли хаттӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба эҳтироми забони тоҷикӣ (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Чун дарсҳои қаблӣ бо хонандагон мақсадҳои дарсро муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки машқи 1-ро аз замима нависанд. Пас аз навиштани ҷумлаҳо ба хонандагон вазифа диҳед, ки ҷумлаҳоро хонда, мазмуни онҳоро шарҳ диҳанд.
5) Фаъолияти хонандагонро хулосабарорӣ намуда, пурсед, ки дар ин ҷумлаю саволҳо сухан дар бораи чӣ меравад? (Дар бораи гум кардани касе ё чизе)
6) Бо хонандагон аз рӯйи саволҳои машқи 2 (Замима) суҳбат кунед.
7) Кор бо матн (Порча аз шеъри “Забонгумкарда”-и Л. Шералӣ)
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки як маротиба порчаи шеър ва луғати зери онро хомӯшона хонанд.
б) Сипас бори дуюм хонда, калимаҳои душворро бо шарҳашон мувофиқ гузошта хонанд.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мазмуни матнро тасаввур кунанд, яъне хаёлан пеши назар оранд, ки сухан дар бораи чӣ меравад.
г) Бо хонандагон бори дигар шеърро хонда, мазмуни онро шарҳ диҳед.
8) Аз хонандагон пурсед, ки ба фикри онҳо, шеър чӣ хел мазмун дорад. Шодӣ ё ғаму афсӯс. Кадом калимаҳо ба ин ишора мекунанд?
9) Ифоданок хондани шеърро машқ кунед.

10) Ин лаҳзаи дарсро ҷамъбаст намуда, вазифа диҳед, ки матни дуюмро мустақилона хонда, мазмунашро нақл кунанд.
11) Хонандагон матни дуюмро мехонанд ва мазмунашро нақл мекунанд.
12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монандии мазмуни матнҳои «Забонгумкарда» (шеъри Лоиқ Шералӣ) ва порча аз «Хотироти сафар ба Париж»-и Расул Ғамзатовро муайян кунанд.

| | |
|---|---|
| Заҳр бодо шири модар бар касе, К-ӯ забони модарӣ гум кардааст. | – Ту ғалат кардӣ. Вай писари ман нест. Писари ман кайҳо мурдааст. Писари ман забони модари худро набояд фаромӯш мекард. |

13) Ба хонандагон гӯед, ки эҳтиром кардани забони модарӣ маънои онро надорад, ки мо дигар забонҳоро наомӯзем. Омӯхтан ва донистани забонҳои дигар нишонаи донишмандӣ ва маданиятнокии шахс ба ҳисоб меравад. Таъкид намоед, ки пеш аз омӯхтани забонҳои дигар аввал забони модарии худро бояд хуб омӯзед, зеро фармудаанд:
Ҳар к-ӯ ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забонаш осон гардад.
14) Барои инкишофи малакаҳои навишторӣ ба хонандагон вазифа диҳед, ки машқҳои 5-6-ро иҷро кунанд.
15) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҳаёт дар бораи эҳтиром кардан ва беэҳтиромӣ нисбат ба забони модарӣ мисол оварда, муҳокима кунанд.

16) Вазифа барои хона иҷрои машқи 7.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

17) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 3-4. СУХАН ДОНИСТА ГӮЙ....

**Барнома.** Бамаврид сухан гуфтан. Аввал - андеша, баъд - гуфтор. Табъи гӯянда. Вобаста табъи гӯянда интихоб намудани сухан ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Хониши мустақилони матн. Мустақилона хондани матн. Муфассал ва мухтасар нақл кардани мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муҳокимаи мисолҳои ҳаётӣ доир ба муайян кардани табъи гӯянда. Риоя кардани пастиву баландӣ ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Имлои калимаҳои душвор. Сифатҳои узви бадани инсон. Хаттӣ тасвир кардани симои шахс. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад;
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мақсад ва мазмуни матни гӯш кардаро муайян карда тавонанд;
- табъи гӯяндаро муайян намуда, бо оҳанги мувофиқ ҷавоб дода тавонанд;
- дар бораи аҳамияти эътироф кардани шахс новобаста аз ҳусни зоҳирию ботинӣ фикри худро гуфта тавонанд;
- сифатҳои узви бадани инсонро муайян карда тавонанд;
- симои шахсро тасвир карда тавонанд.
- мисолҳои ҳаётии ба синну сол мувофиқро ҳал карда тавонанд

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; замимаи китоби дарсӣ; расм, суратҳо (портрет)
**Равиши дарс.** Дарси мазкур ба муайян кардани табъи гӯянда ва вобаста ба он интихоб кардани оҳанги гуфтор, аввал-андеша, баъд-гуфтор, бахшида мешавад.
1) Ташкили дарс.
2) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шеъри дар хона аз ёд кардаашонро занҷирвор гӯянд. Як нафар ду мисраъашро аз ёд мегӯяд хонандаи дуюм бадоҳатан ду мисраи дигарро. Ба ҳамин тариқ вазифаи хонагӣ пурсида мешавад.
3) Чун дарсҳои қаблӣ бо хонандагон мақсадҳои дарсро муҳокима намоед.
4) Матн ("Ман зебоям")-ро аз саҳифаҳои 68-69 (қисми 1) хонед. Хонандагонро барои бодиққат гуш кардан водор намоед. (Нигаред ба "Қоидаҳои гӯш кардан"). Ҳангоми хондан ба оҳанги гуфтори Насиба диққат диҳед. Пас аз хондани матн аз рӯйи мазмуни он бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
Намунаи саволҳо:
*Насиба ба оина нигоҳ карда, чиро мебинад?*
*Барои чӣ хоҳарашро тела медод?*
*Насиба зебоиро дар чӣ мебинад?*
*Шумо зебоиро дар чӣ мебинед?*
*Насиба мегӯяд, ки "Агар хушрӯ набошӣ, падару модарат ҳам туро дӯст намедоранд." Дар ин бора чӣ андеша доред?*
*Насиба ба назди кӣ рафт?*
*5)* Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки давоми матнро пешгӯйӣ намоянд.
Манижа мегӯяд, ки вай ба амакаш шикоят мекунад.
Бежан мегӯяд, ки шикоят нахоҳад кард.
Шумо чӣ андеша доред?
6) Хонандагон давоми ҳикояро пешгӯйӣ мекунанд.
7) Ба хонандагон гӯед, ки акнун ман давоми ҳикояро мехонам, шумо бодиққат гӯш кунед ва бо пешгӯйии худ муқоиса намоед. Қисми дуюми ҳикоя (саҳ. 71-72)-ро ифоданок хонед. пешгӯйии хонандагонро ба матн мқоиса намуда, саволу ҷавоб кунед.

1. *Насиба ба амакаш чӣ шикоят кард?*
2. *Амак чӣ ҷавоб дод? Чаро Насиба ба якборагӣ зебо шуд?*
3. *Ба ӯ кӣ ёрӣ дод?*
4. *Амаки Насиба чӣ хел ёрӣ расонд?*
5. *Барои чӣ амакаш ба Насиба ёрӣ расонд?*
6. *Агар Насиба бо табъи хуш меомад, амакаш чӣ мегуфт?*
7. *Агар амакаш ба Насиба ёрӣ намерасонд чӣ мешуд?*
8. *Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?*
9. *Муаллиф аз навиштани ин ҳикоя чӣ мехоҳад? Чиро таъкид мекунад?*
10. *Мо чиро бояд ба эътибор гирем?*

8) Доир ба масъалаи ҳусни зоҳирию ботинӣ муҳокима ташкил намоед. Аҳамияти эътироф кардани одамонро новобаста аз ҳусни зоҳирию ботинӣ таъкид намоед.
9) Пас аз саволу ҷавоб дар бораи муайян кардани табъи гӯянда ва интихоб намудани оҳанги мувофиқи гуфтор нақл кунед ва чанд мисоли ҳаётӣ оред.
10) Тарзи дурусти муомилаю муоширатро машқ кунед.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ аз қисми дуюми матн (саҳ. 71) гуфтугӯйи Насибаро бо амакаш аз рӯйи нақшҳо хонанд. Ҳангоми хондан ба оҳанги гуфтори онҳо риоя намоянд. се-чор дунафариро гӯш кунед

11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқи 1 (замима)-ро хонанд Мувофиқи имконият ва шароит хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда хоҳиш намоед, ки ҳар як банди машқи якро интихоб намуда, кори худро муаррифӣ намоянд.
**Машқи 1.** Мисолҳоро хонед ва роҳи ҳалро нишон диҳед.
1. Шумо, Шаҳло ва Ирода дар синфи чорум мехонед. Рӯзе пас аз дарс Шаҳло ва Ирода ҳамроҳ ба хона рафтанд. Субҳи дигар Ирода бесабаб ба саломи шумо алейк нагирифт ва гап ҳам назад. Ба фикри шумо, чаро Ирода чунин рафтор кард? Шумо чӣ кор мекунед?
2. Зебуннисо гирякунон ба синф даромад. Шумо аз ӯ сабаби гиря карданашро пурсидед. Вай гуфт, ки дар саҳни мактаб Лолаи ҳамсинфашон барои як қалам шуда, ӯро “ту мисли занбӯр зардӣ”- гуфта таъна кардааст. Шумо чӣ кор мекунед?
3. Рӯзе шумо вориди дарсхона шудед, ки ҳамсинфон бо ҳам ҳазлу шӯхӣ карда механданд. Шумо чӣ кор мекунед? Ба фикри шумо, кадом ҳазлу шӯхӣ хуб асту кадомаш бад?
4. Фарҳод ҳангоми ба назди лавҳи дарсхона баромадан нохост афтид. Ҳама хандиданд. Фарҳод шарм дошта суп-сурх шуд. Шумо чӣ кор мекунед?

12) Машқи тасвир кардани портрет (нигаред ба машқи 2. Замима)
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ду банди аввали қисми аввали матнро хонанд.
Пурсед, ки сухан дар бораи чӣ меравад.
б) Аз онҳо хоҳиш кунед, ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқ ёфта нависанд.
Чашмони (чӣ хел?)- ....., .....
Мӯйҳои (чӣ хел?)- ....., .....
Бинии (чӣ хел?) ....., ......
Абрувони (чӣ хел?)- ....., ......
Мижгони (чӣ хел?)- ......, ....
Рухсораи (чӣ хел?)- ......, ....
13) а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки банди пеш аз охирин қисми дуюми матнро хонанд.
Пурсед, ки сухан дар бораи чӣ меравад.
б) Аз онҳо хоҳиш кунед, ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқ ёфта нависанд. (нигаред ба машқи 3. Замима)
Чашмони (чӣ хел?)- ....., .....
Мӯйҳои (чӣ хел?)- ....., .....
Абрувони (чӣ хел?) ....., ......
Абрувони (чӣ хел?)- ....., ......
Дандони (чӣ хел?)- ......, ....
Рухсораи (чӣ хел?)- ......, ....
14) Ба хонандагон имкон диҳед, ки донишу малакҳои қаблан омӯхтаро дар шароити нав истифода баранд. Кор бо машқи 4-и Замима. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расмҳоро бодиққат тамошо карда, симои онҳоро тасвир кунанд. Ҳангоми тасвир аз калимаҳои машқи боло истифода баранд. (Дар мавридҳои зарурӣ ёрӣ расонед.)
15) Тасвири худро хонанд. Онро арзёбӣ намуда, ғалатҳояшонро ислоҳ намоед.

**16) Арзёбӣ.** Арзёбии натиҷаҳои тарбиявии ин дарс муддати тӯлониро фаро гирифта, тавассути мушоҳидаи хонандагон дар дарс ва берун аз он сурат мегирад.
17) Вазифа барои хона: машқи 5. Мувофиқи хоҳиш монанди намунаи машқҳои 2 ва 3 симои худ, модар, падар ё дугонаи худро тасвир намоед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
18) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

### ДАРСҲОИ 5-6. СУХАНИ ХУШ МОРРО АЗ ХОНААШ БЕРУН БАРОРАД

**Барнома.** Зебоӣ ва таъсирбахшии сухан. Одоби салому хайрухуш, хоҳишу дархост ва узру миннатдорӣ. Пастиву баландӣ ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Хониши мустақилони матн. Муайян кардани симоҳои матн. Гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва мазмуни асосии матн. Алоқамандӣ ба ҳаёт. Нақшофарӣ доир ба хоҳиш ва узру миннатдорӣ баён кардан. Риоя кардани пастиву баландии овоз ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Ба ҷойи исмҳо истифода кардани ҷонишинҳои шахсиро машқ кардан. Навиштани панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мавзӯъ мувофиқ ва аз ёд кардани онҳо. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.;
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- калима ва ифодаҳои ифодакунандаи салому хайрухуш, баён кардани хоҳиш ва узру миннатдориро донанд, фарқ кунанд ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ истифода баранд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- мисолҳои ҳаётиро таҳлил ва хулосабарорӣ карда тавонанд;
- мактуби дӯстона навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; мақола, панду андарз; шеъру ҳикояҳо доир ба хушмуомилагӣ
**Равиши дарс.** Дарси мазукр идомаи дарсҳои гузашта буда, хонандагон малакаю маҳорати сухангӯию сухандонии худро инкишоф медиҳанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бозии “Марҳамату ташаккур!”-ро гузаронед. Тартиби бозӣ: Хонандагон дар давра меистанд. Як нафар китобро гирифта, ба сӯйи ҳампаҳлуяш дароз мекунад. Нафаре, ки китобро медиҳад, бояд “Марҳамат!” бигӯяд. Нафаре, ки китобро мегирад “Ташаккур!” гуфта, боз “Марҳамат!” – гӯён китобро ба шахси дигар месупорад.

5) а) Маънои мақоли “Забони ширин морро аз хонааш берун мебарорад”-ро бо хонандагон муҳокима намоед. Мисолҳои ҳаётии ба синну сол мувофиқ оред.
б) Муҳокимаро ҷамъбаст ва хулосабарорӣ кунед. Намуна: сухан таъсири калон дорад. Он метавонад одамонро ранҷуру хаста гардонад ва низ метавонад хурсанд карда, илҳом бахшад. Ин аз он вобаста аст, ки мо кадом калимаю ибора ва ҷумлаҳоро истифода мебарем (Дар ҳамин ҷо шумо метавонед аз мавзӯи дарси қаблӣ истифода баред). Имрӯз мову шумо як қатор калима ва таркибҳоеро меомӯзем, ки аз маданияти шахс далолат мекунанд ва суханро таъсирбахш мегардонанд.
6) Хондани матн ва саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. (Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ.)
7) Рӯйхатти калима ва ифодаҳои ифодакунандаи салому хайрухуш, баён кардани хоҳиш ва узру миннатдориро тартиб диҳед: салом, бубахшед, ташаккур, миннатдорам, раҳмат, субҳ ба хайр, дар амони Худо бошед, илтиҷо мекунам, рӯз ба хайр, шом ба хайр, дуруд ба шумо, Худо ҳофиз, хайр, бахшиш мепурсам, миннатдорам, саломат бошед, маъзарат мехоҳам, лутфан бигӯед, илтимос мекунам, хоҳишмандам,

| Одоби салому хайрухуш | Одоби пурсидан ва хоҳиш кардан | Одоби узр пурсидан | Одоби миннатдорӣ |
|---|---|---|---|
| Салом, | Лутфан бигӯед, ки | Бубахшед ... | Ташаккур |
| | | | |
| | | | |

8) Ба хонадагон дар бораи мавридҳои истифодаи калимаю ифодаҳои боло суҳбат намоед.(Нигаред ба машқи 2)

9) Кор дар гурӯҳҳои хурд. Кор бо вазъиятҳои ҳаётӣ. (Машқи 3.)
а) Аҳли синфро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (Вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, назди гурӯҳҳо гузоред).
г) Ба хонандагон таъкид кунед, ки танҳо аз воситаҳои забонӣ истифода баранд (пул, дафтару қалам, ё иҷрои вазифаи хонагиро ваъда накунанд).

**Гурӯҳи № 1.**
Гулрӯ духтари қобил аст. Вай китобҳои бисёр дорад. Як хислати аҷоиб дорад. Ҳаргиз китобҳояшро ба дигарон барои хондан намедиҳад. Шумо ӯро розӣ карда метавонед, ки китобашро ба шумо барои хондан диҳад? Шумо чӣ тарз ӯро розӣ мекунонед?
**Гурӯҳи № 2**
Суман як ҳафта пеш аз дӯсти худ ранҷида бо ӯ қаҳрӣ карда буд. Акнун вай иштибоҳи худро фаҳмида пушаймон шудааст. Ӯ мехоҳад, ки бо дӯсти худ оштӣ кунад. Дар нақши Суман бозӣ карда, бо дӯсти худ оштӣ кунед. Суханро аз чӣ оғоз мекунед? Баъд чӣ мегӯед?
**Гурӯҳи № 3**
Шумо дар шаҳр роҳгум задед. Телефони ҳамроҳ надоред ва номи кӯчаро ҳам намедонед. Аммо дар кӯча одамони зиёд равуо доранд. Ба шумо лозим меояд, ки самти даркориро ёбед. Ё ба падар ё модари худ занг зада, ҷойи худро гӯед. Шумо чӣ кор мекунед? Муоширатро чӣ тарз оғозменамоед?
**Гурӯҳи № 4**
Шаҳром бачаи қобил ҳам бошад, аммо танбалу гапногир аст. Ӯ дар маҳфилҳои синфӣ иштирок кардан намехоҳад. Шумо чӣ тарз ӯро розӣ мекунонед, ки дар маҳфилҳои синфӣ иштирок намояд? Ба ӯ чӣ гуна далел меоред?
10) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

11) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.
12) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
13) Навиштани мактуб
а) аз хонадагон хоҳиш намоед, ки ба дӯсти худ мактуб нависанд. Дар мактуби худ аз калимаю ифодаҳои дарси имрӯза истифода баранд.
б) Мактуби худро хонанд.
в) мактуби хонандагонро арзёбӣ кунед.
14) Вазифа барои хона: мавзӯи дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки фикри худро дар ин бора гӯянд. Ҳикояи онҳоро дар хотир гиред ва дарси оянда ба ҳамсинфон гӯед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.
**Арзёбӣ.** Арзёбии натиҷаҳои ин дарс муддати тӯлониро фаро гирифта, тавассути мушоҳидаи хонандагон дар дарс ва берун аз он сурат мегирад.
Кори гурӯҳӣ аз рӯйи намунаи зер арзёбӣ карда мешавад.

**Намунаҳои арзёбии кори гурӯҳӣ**

*Варақаи арзёбии натиҷаи фаъолияти ҳар як хонанда дар кори гурӯҳӣ*

| Нишондиҳандаҳо / Ному насаб | Ризозода Х. | Саидзода Н. |
|---|---|---|
| Фикрашро озод баён мекунад. | Ҳа | Не |
| Барои самаранокии кори гурӯҳ ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунад. | Не | Не |
| Ҳамгурӯҳонашро бодиққат гӯш мекунад. | Ҳа | Ҳа |
| Сухани дигаронро намебурад. | Ҳа | Ҳа |
| Хонандагони камфаъоли гурӯҳро ба фаъолият даъват мекунад. | Не | Не |

Варақаи арзёбии натиҷаи корҳои гурӯҳӣ

| **Нишодиҳанда** | **Ҳа** | **Не** | **Тавсия** |
|---|---|---|---|
| Муаррифӣ хоно ва фаҳмо аст. | | | |
| Муаррифӣ хуб оро дода шудааст. | | | |
| Масъала пурра баррасӣ шудааст. | | | |
| Шарҳу эзоҳи муарриф бамаврид ва фаҳмост. | | | |
| Муарриф ба саволҳо пурра ҷавоб дод. | | | |

## ДАРСҲОИ 7-8. МАШҚИ НАВИШТАНИ НАҚЛИ ХАТТӢ

**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади нақли хаттӣ навиштан. Муҳокимаи имконияти истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Интихоби матни нақли хаттӣ доир ба мавзӯи «Эҳтироми забони модарӣ». Муҳокима намудани нишондиҳандаҳои нақли хуб. Хондани матни нақли хаттӣ. Нақл кардани мазмуни он. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Шарҳи калимаҳои душвор ва навиштани онҳо дар лавҳаи

дарсхона. Интихобан нақл кардани хонандагон. Дастаҷамъӣ тартиб додани нақша. Мувофиқи нақша навиштани нақл. Хондани нақли хаттӣ аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани нақлҳои хаттӣ. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзи ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мақсади навиштани нақли хаттиро гуфта тавонанд;
- мазмун ва мақсади матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи нақша нақли хаттӣ навишта тавонанд;
- нақли хаттии худро хонда тавонанд;
- душвориҳои худро гуфта тавонанд;
- ғалатҳоро дар навиштаи худ ислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.**
Нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

### ДАРСҲОИ 9-10. АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ КИТОБ АСТ! (ХОНИШИ БЕРУНАЗСИНФӢ)

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро - ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;)
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо.
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда нигаред ба дарсҳои қаблии “Аниси кунҷи...”
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс-хонда нигаред ба дарсҳои қаблии “Аниси кунҷи...”

### ДАРСҲОИ 11-12. ЧАРОҒ БАРОИ КӮРДИЛОН

**Барнома.** Суҳбат дар бораи раҳму шафқат зоҳир кардан. Кор бо матн. Симоҳои матн. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо додан. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва

оҳанги овоз. Мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонистан. Навиштани нақли хаттӣ. Иҷрои дастурҳои шифоҳии бисёрамала. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- нақли хаттӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; замимаи китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ карда, дар вақти мувофиқ вазифаи хонагиро арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) **Ангезиши зеҳн.** Чароғ барои чӣ даркор аст? Хӯша тасвир карда, дар атрофи он андешаҳои хонандагонро нависед.
5) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, пурсед, ки ба андешаи онҳо, имрӯз дарс дар бораи чӣ хоҳад буд.
6) Хондан ва нақл кардани мазмуни матни “Чароғ барои кӯрдилон” (китоби дарсӣ. саҳ. 85). Ин лаҳзаи дарсро бо усули “Дар меҳмонии афсона” гузаронед. Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки матни кӯтоҳи афсона, ҳикоя, хабар ва муколамаро бурро хонанд. Тартиби гузаронидани ин усул чунин аст.
- Матни ҳикояи “Чароғ барои кӯрдилон”-ро ба аҳли синф хонед. Овозатонро вобаста ба суханони симоҳои матн тағйир диҳед.
- Баъд аз хондан ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро мустақилона хонанд. Сипас онро ҳамроҳи шарик (ҳамнишаст) боусули «дунафарӣ» хонанд: яке хонад ва дигаре гӯш карда, тавсия диҳад.
- Аз як ё ду хонанда хоҳиш намоед, ки монанди хониши намунавии шумо хонанд.
- Шумо метавонед байни хонандагон озмун эълон намуда, аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки ба афсонагӯёни фаъол, ки беҳтар хондаанд, баҳо диҳанд.

**Тавсия:** Ҳангоми иҷрои фаъолияти мазкур ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамият диҳед:
- ба моҳияти суханони симоҳои матн сарфаҳм рафта, онҳоро хонандагон бо оҳанги мувофиқ хонанд;
- барои ҷалби диққати шунавандагон хонандагон имову ишораи мувофиқро истифода баранд.

7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки супоришҳои саҳ. 86-ро иҷро кунанд.

8) Имлои дунафарӣ. Яке аз сархатҳои ҳикояи “Чароғ барои кӯрдилон”-ро бонавбат ба ҳамдигар хонанд ва нависанд. Дафтарҳои худро иваз намуда, ғалатҳои ҷойдоштаро муайян карда, ислоҳ намоед.

9) **Вазифаи хонагӣ**: ба хонандагон супориш диҳед, ки дар бораи забон якчанд зарбулмасалу пандҳоро ҷамъоварӣ намоянд. Вобаста ба қобилияти хонандагони мухталифсавод метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
10) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

### ДАРСҲОИ 13-14. АЪЗОИ БЕҲТАРИН ВА БАДТАРИН

**Барнома.** Кор бо матни «Аъзои беҳтарин ва бадтарин». Тавзеҳи нишонаҳои беҳтарин ва бадтарин будани забон. Мустақилона хондани матн. Таҳлили мазмуни матн тавассути саволҳои одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ ва эҷодӣ. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Муайян кардани гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Дар доираи мавзӯъ ҳикоя кардани воқеаҳои ҳаётӣ. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ. Навиштани нишонаҳои беҳтарин ва бадтарин будани забон ва бо онҳо тартиб додани ҷумлаҳо. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан. Ислоҳи ғалатҳо. Ба худ ва ҳамдигар баҳо додан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- нақли хаттӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; замимаи китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ карда, дар вақти мувофиқ вазифаи хонагиро арзёбӣ кунед.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) **Ангезиши зеҳн.** Доир ба мазмуни матн пешакӣ якчанд савол таҳия намоед. Саволҳое омода намоед, ки барои муайян кардани дониши заминавии хонандагон, равона шуда бошанд. Ангезиши зеҳн ба шумо имконият медиҳад, ки ҳам дониши заминавии хонандагонро санҷед ва ҳам онҳоро ба беҳтар дарк кардани мазмуни матн омода намоед.
Масалан, ба хонандагон муроҷиат карда гӯед, ки *"Бачаҳои азиз, вазифаи забон аз чӣ иборат аст?" Забонро бо чӣ гуна суханҳо гуфтан бояд одат кунонем? Аз чӣ гуна суханҳо бояд парҳез намоем?*
5) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, пурсед, ки ба андешаи онҳо, имрӯз дарс дар бораи чӣ хоҳад буд.
6) Хондан ва нақл кардани мазмуни матни "Аъзои беҳтарин ва бадтарин". Ин лаҳзаи дарсро бо усули "Дар меҳмонии афсона" гузаронед. Усули мазкур ба хонандагон имкон

медиҳад, ки матни кӯтоҳи афсона, ҳикоя, хабар ва муколамаро бурро хонанд. Тартиби гузаронидани ин усул чунин аст.

- Матни ҳикояи “Аъзои беҳтарин ва бадтарин”-ро ба аҳли синф хонед. Овозатонро вобаста ба симоҳои матн тағйир диҳед. Масалан, агар суханони хоҷаро хонед, овозатонро ғафстар бароред. Агар суханони Луқмони ҳакимро хонед овозатонро нармтар бароред. Ҳангоми хондани суханони гӯянда овозатонро муътадил намоед. Аз имову ишораи мувофиқ истифода баред.
- Баъд аз хондан ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро мустақилона хонанд. Баъд аз он ба шарик (ҳамнишаст) дунафарӣ хонанд. Яке хонад ва дигаре гӯш карда тавсия диҳад.
- Баъд аз он аз як ё ду хонанда хоҳиш намоед, ки монанди хониши намунавии омӯзгор хонанд.
- Шумо метавонед байни хонандагон озмун эълон намуда, аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки ба афсонагӯёни фаъол, ки аз беҳтар хондаанд баҳо диҳанд.

**Тавсия:** Ҳангоми иҷрои фаъолияти мазкур ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамият диҳед:

- ба моҳияти суханони симоҳои матн сарфаҳм рафта, онҳоро бо оҳанги мувофиқ хонанд;
- барои ҷалби диққати шунавандагон имову ишораи мувофиқро истифода баранд.

7) **Кори гурӯҳӣ**. Хонандагонро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид намоед. Пешакӣ дар варақаҳои алоҳида супоришҳоро барои хонандагон нависед ва ҳангоми кори гурӯҳӣ дар наздашон гузоред. Хонандагон супоришҳоро хонда дар гурӯҳҳо муҳокима мекунанд.

**Зарбулмасалҳоро шарҳ диҳед.**

**Гурӯҳи 1.**

1. Одамиро аз дилу забон мешиносанд.
2. Хомӯшӣ низ ҷавоб аст.
3. Касе, ки бисёр қасам мехӯрад, бисёр дурӯғ мегӯяд.

**Гурӯҳи 2.**

1. Сирри худро дили худ беҳтар нигоҳ медорад.
2. Гунги доно беҳ аз аблаҳи сергап.
3. Сухани ҳақ монанди дору аст, ки аксаран талх, аммо шифобахш.

**Гурӯҳи 3.**

1. Агар медонӣ, бигӯй, агар намедонӣ, гӯш кун.
2. Агар бисёр хӯрӣ, таъмро гум мекунӣ, агар бисёр ҳарф занӣ суханҳои оқилонаро гум мекунӣ.
3. Серҷоғ аз муомила бо гунг хаста шуд.

**Гурӯҳи 4.**

Сухани нек - нисфи бахт.

1. Сухани ноҷо - тухми ҷанҷол аст.
2. Сухан хурд аст, аммо чун халад* дарднок аст.

**8) Муаррифии кори гурӯҳҳо**ро гӯш карда, ҷамъбаст кунед. Омӯзгор: “ Бачаҳои азиз, аз ин мақолҳо бармеояд, ки забони худро бояд бо суханҳои нек, муомилаи хуб, суханҳои оқилона одат кунонем ва аз суханҳои дарднок, ки аз шуниданашон кас ба хиҷолат меафтад, суханҳое, ки ҷангу хархашаро ба амал меоранд ва нишонаи бемаърифатии шахсро нишон медиҳанд, парҳез намоем”.

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки таркибҳои саҳифаи 88-и китобро ба ду гурӯҳ ҷудо карда нависанд.

1. Калима ва таркибҳои ифодакунандаи покии забон: ....., ....., .....
2. Калима ва таркибҳои ифодакунандаи нопокии забон: ...., ....., .....

10) Имлои дунафарӣ. Хонандагон бояд пандҳоро бонавбат ба ҳамдигар хонанд ва нависан, дафтарҳои худро иваз намуда, ғалатҳои ҷойдоштаро муайян ва ислоҳ намоянд.

1. Ваъда кардӣ, вафо кун.
2. Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад.
3. Забони ширин морро аз хонааш берун мебарорад.
4. Захми табар мераваду захми забон не.

11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳояшонро бо ҳамдигар иваз намуда, хонанд ва доир ба ғалатҳои ҳамдигар тавсияҳо диҳанд.

12) **Арзёбӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд ва нақли ҳикояи "Аъзои беҳтарин ва бадтарин" – ро бо суханони худ нависанд. Ба онҳо таъкид намоед, ки ҳангоми навиштан ба қоидаҳои забони адабӣ риоя кунанд ва нақли худро бо забони адабӣ нависанд.

13) Аз якчанд хонандагон хоҳиш намоед, ки нақли навиштаи худро барои аҳли синф хонанд. Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ намуда, то дарси оянда корашонро арзёбӣ намоед. (**Тавсия барои омӯзгорон**: хонандагон метавонанд, ки зарбулмасалу пандҳоро дар васфи забон аз ёд карда биёянд ё, ин ки дар варақи алоҳида навишта биёранд ва дар портфолиои худ ҷо намоянд).

14) **Вазифаи хонагӣ**: ба хонандагон супориш диҳед, ки матни ҳикояи "Аъзои беҳтарин ва бадтарин"-ро дар хона бо усули "Дар меҳмонии афсона" хонданро машқ кунанд. Дар бораи забон якчанд зарбулмасалу пандҳоро ҷамъоварӣ намоянд. Вобаста ба қобилияти хонандагон савод метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

15) Дарсро арзёбӣ ва ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 15-16. ДӮСТИ ОДАМ ҲАМ-ЗАБОН…

**Барнома.** Аввал - андеша, баъд - гуфтор. Зебоии сухан ва кӯтоҳбаёнӣ. Риояи андозаи гуфтор. Мазаммати серсуханӣ. Риояи пастиву баландӣ ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Хониши мустақилони матн. Мустақилона хондани матн. Муайян кардани мазмун, мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муҳокимаи вазъиятҳои мушаххас оид ба нигоҳ доштани андозаи гуфтор ва риоя кардани пастиву баландӣ ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Имлои калимаҳои душвор. Ба ҷойи исмҳо истифода кардани ҷонишинҳои шахсиро машқ кардан. Навиштани панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мавзӯъ мувофиқ ва аз ёд кардани онҳо. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.

4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- нақли хаттӣ навишта тавонанд.
- доир ба мисолҳои ҳаётӣ фикри худро гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс.** Дарси додашудаидомаи дарсҳои гузашта буда, хонандагон пурсидани ҷойи лозима, барқарор кардани муносибатҳои дӯстона ва бовар кунонданро машқ мекунанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) **Ангезиши зеҳн**. Ба хонандагон савол диҳед, ки маънои ҷумлаи " Дӯсти одам ҳам – забон, душмани одам, ҳам - забон"- ро шарҳ диҳанд. Забон чӣ гуна ҳам дӯст ва ҳам душман шуда метавонад? Дар кадом ҳолатҳо забон дӯст шуда метавонад? Дар кадом ҳолатҳо забон душман шуда метавонад?
5) Фикру ақидаҳои хонандагонро гӯш карда, хулоса бароред ва ба қадами дигари дарс гузаред.
**6) Кор бо матни** " Дӯсти одам ҳам – забон, душмани одам, ҳам - забон" (Китоби "Забони Модарӣ" саҳ. 90).
Дар аввал бо калимаҳои нав кор баред. (Ниг. ба машқҳо 1 ва 2-и Замима)
7) Кор бо матн. Ин лаҳзаи дарсро бо усули "Савол ба муаллиф"гузаронед. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳангоми кор бо китобҳои дарсӣ мушкилот паси сар карда шавад. На ҳама вақт ахбори кофӣ барои фаҳмиши пурраи матн дар китобҳо мавҷуд аст. Ғайр аз ин, вақте ки хонандагон бо маводди мушкилфаҳм рӯ ба рӯ мешаванд, беҷуръатӣ зоҳир карда, барои пурра фаҳмидани маводди он кам кӯшиш мекунанд. Тартиби гузаронидани он чунин аст:
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз саҳифаи 90 – китоби забони модариро кушоянд ва бодиққат хонанд.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ягон нафар ихтиёран дар нақши муаллифи матн баромад намуда, ба саволҳо ҷавоб диҳад.
- Шахси хоҳишманд дар мобайни давра ё назди лавҳаи синф ба саволҳо ҷавоб медиҳад (*Барои хонандагонро ба таҳлил водор кардан саволҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст: «Ба фикри шумо, муаллиф дар ин ҷо дар бораи чӣ нақл мекунад?», «Барои чӣ муаллиф дар ин бора ба мо маълумот медиҳад?» "Муаллиф марди ҳарирбофро мисол оварда, барои дигарон чиро таъкид мекунад?").*
- Муаллиф ҳар дафъаиваз карда мешавад.

**8) Имлои дунафарӣ**: ҷумлаҳои «Эй забон, сарамро нигаҳ дор!» ва «Забони сурх сари сабзро медиҳад барбод»-ро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд. Хонандаи А мехонад, хонандаи Б менависад ва баръакс.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро бо ҳамдигар иваз намуда, хонанд ва барои беҳтар шудани ҳусни хатти ҳамдигар тавсияҳо пешниҳод кунанд.
10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқи 3-и Замимаро иҷро кунанд.
11) Мувофиқи шароит ва имконият хонандагонро дар 4 гурӯҳ муттаҳид карда, вазифа супоред, ки мисолҳои машқи 4-ро таҳлил намуда, роҳи ҳалро тавассути маслиҳатдиҳӣ иҷро кунанд.
12) Дар бораи шахс ва шумораи феъл маълумот дода, хонандагонро ба иҷрои супоришҳои саҳ. 91-и китоби дарсӣ раҳнамоӣ кунед.

**13) Хулосабарорӣ ва ҷамъбаст**. Ин лаҳзаи дарсро шумо метавонед бо усули «Адаб аз кӣ омӯхтӣ?» гузаронед. Усули мазкур имконият медиҳад, ки хонандагон дар асоси ҳодисаҳо, мавзеъ ва рафтору гуфтори симоҳои ҳикоя хулоса бароранд. Тартиби гузаронидани он чунин аст:

- Оид ба матни "Дӯсти одам ҳам - забон, душмани одам ҳам - забон" ду-се хулоса таҳия кунед.
- Ҳангоми дарс пас аз ҳалли масъалаҳои матн, хулосаҳоро ба тахтаи синф нависед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хулосаҳоро хонда, якеро интихоб намоянд ва шарҳ диҳанд. Чаро маҳз ҳамин хулосаро интихоб кардаанд?

**14) Хулосаҳо:**

- Ба воситаи забон одамон метавонанд ба ҳам муттаҳид шаванд.
- Аз забони одам дида, тезтар ягон корд ё табар нест.

15) **Арзёбӣ**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар рақами савол ё масъаларо гузошта, ҷавоби онро нависанд.

| | |
|---|---|
| 1) Номи симоҳоро нависед: | |
| 2) Ҳодиса дар куҷо рух дод? | |
| 3) Каме дар бораи ҳодиса нависед. | |
| 4) Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро? Фикратонро нависед. | |
| 5) Хулоса. | |

16) Барои хона вазифа диҳед, ки аз рӯйи мазмуни матни "Қиссаи гунҷишке, ки ба уқоб баробар шудан мехост" (машқи 5) мувофиқи нақшаи зер нақли хаттӣ нависанд:
1. Мушоҳидаи уқоб
2. Шикори гунҷишк
3. Халокати гунҷишк

Вобаста ба қобилияти ҳар хонанда метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

17) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 17-18. ШОКОЛАДИ ТАЛХ

**Барнома.** Матни «Шоколади талх». Шарҳи калимаҳои душвори матн.Мустақилона хондани матн. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ) кардан. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Машқи муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Имлои калимаҳо. Навиштани сифатҳои симоҳои матн. Аҳамияти сифат дар нутқ. Калима ва ибораҳои ифодакунандаи дӯстӣ. Бо онҳо ҷумлаҳои нав тартиб додан. Навиштани панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мавзӯъ мувофиқ ва аз ёд кардани онҳо.

Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.

4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- мисолҳои ҳаётии ба синну сол мувофиқро ҳал карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ; расми маркази савдо ё бозор; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс.** Шумо метавонед аз рӯйи нақшаи намунавии зер истифода баред.
**1)** Ташкили дарс.
**2)** Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Муҳокимаи мақсадҳо бо хонандагон.
**4)** Гузориши масъала. Масъала. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
**5)** Муҳокимаи масъалаи гузошташуда.
Омӯзгор: «Мо чӣ кор мекунем?»
Хонандагон: «Матнро мехонем ва мазмунашро нақл мекунем».
**6)** Хонандагон мустақилона матнро мехонанд.
**7)** Хонандагон мазмуни матни хондаашонро нақл мекунанд (муфассал, мухтасар, интихобӣ).
**8)** Номи симоҳои матнро нависед.
Симои якум: …………..(Асад)
Симои дуюм: …………..(Умед)
Симои чорум:…………….(Зайнаб-хола)
**9)** Хислатҳои симоҳои матнро шарҳ диҳед. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои ифодакунандаи хислат ва хулқу атворро нависед.
(Биёед, аввал ба ёд меорем, ки кадом калимаҳо хислат ва хулқу атвори шахсро нишон медиҳанд? Хонандагон андешаҳои худро баён мекунанд: хуб, боадаб, нодон, болаёқат, ростгӯй, фиребгар. Калимаҳои номбаркардаи шумо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд? Ин калимаҳо ба саволҳои чӣ хел? ҷавоб мешаванд.)
Асад – зудранҷ, …….
Умед – ёрирасон, ….
Зайнаб-хола – меҳрубон, ….
**10) Омӯзгор:** – Сифат дар нутқ чӣ аҳамият доштааст?
**Хонандагон:** – Сифатҳоро барои тасвири шахс, хислат ва хулқу атвори ӯ истифода мебаранд.
**11) Омӯзгор:** – Дар асоси сифатҳои муайян карда ба рафтори симоҳо баҳо диҳед.
**Хонандагон:** – Асад дар аввал бачаи зудранҷ, беандеша буд. Баъд аз ин воқеа ӯ хатои худро фаҳмид …
Умед дӯсти ҳақиқист, барои он ки ……
Зайнабхола зани меҳрубону нармгуфтор аст ….
**12)** Муайян кардани фикри асосии матн.
**13)** Кор бо вазъиятҳо (машқи 1-и замима)
Ҷӯра ё дугонаатон таклиф намуд, ки бо ӯ ба мағоза равед. Шумо розӣ нестед. Чӣ бояд кард, ки ӯ хафа нашавад?
Дӯстатон қаламу дафтар гирифта, ба хонаи шумо омада, хоҳиш кард, ки ба ӯ дар навиштани ҳикоя ёрӣ расонед. Аммо модаратон каме пештар таъкид карда буд, ки аз хонаи хола хоҳарчаатонро биёред. Ба дӯсти худ чӣ мегӯед?

Фараҳноз духтари зудранҷ аст. Ӯ аз шумо хоҳиш кард, ки аз дафтари шумо вазифаро рӯйбардор кунад. Шумо чӣ мегӯед?
Шумо ҳамроҳи дӯстатон аз мактаб бармегаштед. Дар роҳ рафиқи шумо бачаҳои хурдсолро ғам дод. Шумо чӣ кор мекунед?
**13)** Вазифа барои хона. Аз ҳаёт, аз воқеаҳои дидаю шунида якеро ба ёд оред. Ба рафтор ва гуфтори иштирокдорони он воқеа монанди дарси имрӯза баҳо диҳед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.
**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои дарси мазкурро метавонед тавассути саволнома (тест) санҷед.
**1. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Зайнабхола ва Умед
**Б. Асад ва Умед**
В. Асад ва Зайнабхола
Г. Асад, Умед ва Зайнабхола
**2. Кӣ ба мағоза рафтанро таклиф кард?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Умед
Б. Ҷӯраи Умед
**В. Асад**
Г. Зайнабхола
**3. Ҳодисаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Дар ҳавлии Асад
Б. Дар ҳавлии Умед
В. Дар мактаб
**Г. Дар мағоза**
**4. Чаро Умед таклифи дӯсташро рад накард?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
**А. Нахост, ки Асад хафа шавад.**
Б. Ӯ ҳам орзуи рафтан дошт.
В. Китобхонӣ ба дилаш зад.
Г. Аз кори хона гурехт.
**5. Чаро матн «Шоколади талх» ном дорад?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Маззаи шоколад талх аст.
**Б. Чизи дуздӣ ҳамеша талх аст.**
В. Шоколад кӯҳна шуда буд.
Г. Асад аз Умед ранҷида буд.
**6. «Асад ба обу арақ ғӯтид» чӣ маъно дорад?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Асад аз дӯсташ ранҷид.
Б. Асад қаҳр кард.
В. Асад арақ кард.
**Г. Асад шарм дошт.**
**7. Фикри асосии матнро муайян кунед .** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Бори каҷ ба манзил намерасад.
**Б. Сухани рост бигӯ, гарчӣ талх бошад.**
В. Ба рафиқон бовар кунед.
Г. Бе пул ба мағоза наравед.

## Дарсҳои 19-20. Муболиға

**Барнома.** Суханони рост, дурӯғ ва таъриф. Бамаврид сухан гуфтан. Мазаммати худтаърифкунӣ ва дурӯғгӯйӣ. Хониши мустақилони матн. Мустақилона хондани матн. Муфассал ва мухтасар нақл кардани мазмуни матн. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муҳокимаи вазъиятҳои мушаххас оид ба таърифкунӣ ва дурӯғгӯйӣ. Навиштани панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мавзӯъ мувофиқ ва аз ёд кардани онҳо. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- таърифу дурӯғро муқоиса карда тавонанд;
- доир ба зарари таъриф ва дурӯғ фикри худро гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ
**Равиши дарс.** Дарси додашуда идомаи дарсҳои гузашта буда, дар он хонандагон фарқ кардани таъриф (рост) ва дурӯғро меомӯзанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Хонандагон матнро мехонанд, сипас аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед. Пас аз саволу ҷавоб дар бораи муболиға маълумот диҳед.
5) Кор дар гурӯҳҳои хурд (машқи 1-и Замима).
а) Аҳли синфро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, назди гурӯҳҳо гузоред).

**Гурӯҳи № 1.**
1. Матнро хонед. Таъриф ё дурӯғ будани суханони гунҷишкакро муайян кунед. Фикри худро исбот намоед.
«Хурдӣ (гунҷишкак) малахро хӯрду парвоз карда, ба пеши модараш рафт ва бо мағрурӣ лаққидан гирифт.
– Гурбаро чунон тарсондам, ки қариб дилкаф шуда буд. Эҳтимол, аз тарс мурда бошад. Ҳамин ки маро дид, дар як мижа задан аз назарам ғоиб шуд».

**Гурӯҳи № 2**
1. Матнро хонед. Таъриф ё дурӯғ будани суханони кирм-ро муайян кунед. Фикри худро исбот кунед.
Матн: «Зоғе кирмеро ба нӯли худ гирифта, барои хӯрдани он ба шохи дарахт нишаст. Кирм дид, ки кор бад аст, нобуд шуда истодааст. Навъе карда ба зоғ:
– Ман падару бобои туро медонам, онҳо парандагони бисёр нағз буданд! – гуфт,»

**Гурӯҳи № 3**

1. Матнро хонед. Таъриф ё дурӯғ будани суханони рангинкамон-ро муайян кунед. Фикри худро исбот намоед.

«Рӯзе пас аз борон офтоб аз паси абрҳо намоён шуд. Рангинкамони ҳафтранг пайдо шуд. Ҳама тирукамонро тамошо мекарданд. Рангинкамон аз зебоии худ мағрур шуд.

– Ман аз офтоб ҳам зеботарам, – мегуфт вай.

Офтоб инро шунида гуфт:……. »

**Гурӯҳи № 4**

1. Матнро хонед. Таъриф ё дурӯғ будани суханони рӯбоҳ-ро муайян кунед. Фикри худро исбот кунед.

Матн: «Рӯбоҳи гурусна ба боғ даромад. Ангур пухта буд. Қади рӯбоҳ ба он намерасид. Рӯбоҳ бо ҳасрат гуфт:

– Ангур хом будааст, онро намехӯрам, бемор мешавам».

6) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

7) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.

8) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Бароиислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.

**9) Лаҳзаи дамгирӣ**

Фаъолияти «Ман худамро таъриф кардани нестам», … (хонандагон бо навбат ба назди лавҳи дарсхона баромада, сифатҳои худро таъриф мекунанд). (Мисол: Ман худамро таъриф карданӣ нестам, лекин духтари хеле зебо, доно ва зирак ҳастам).

10) Муқоисаи таъриф ва дурӯғ

а) Дар варақ ё лавҳи дарсхона диаграммаи Венро тасвир кунед.

б) Ҳамроҳи хонандагон хусусиятҳои таъриф ва дурӯғро муайян карда, монандӣ ва фарқи онҳоро дар диаграммаи Вен нишон диҳед. (дурӯғ - сухани норост ва ноҳақ, таъриф – сухане, ки оҳанги мағрурӣ, худситойӣ дорад)

в) Дар бораи зарари худтаърифкунӣ ва дурӯғгӯйӣ муҳокима ташкил намоед.

г) Дар бораи таъриф кардани дигарон суҳбат кунед.

11) Арзёбӣ. Муайян кардани суханони рост ва дурӯғ.

Дар ҷадвали зер монанди намунаҳо аз матн мисол оварда, бо хонандагон муҳокима кунед. Суханони рост ё дурӯғро муайян созед.

| | |
|---|---|
| Мо ба шикор рафтем. | Рост |
| Се кӯлро дидем. | |
| Ду кӯл хушк буд, яктоаш тамоман беоб. | Дурӯғ |
| Дар кӯли беоб се мурғобӣ шино мекард. | |

12) Вазифа барои хона: Аз пандҳои болои саҳифаҳои китоб дар бораи таърифу дурӯғ панд, зарбулмасалу мақолҳоро гирд оварда, дар ду қатор нависед.

Намуна:

Забонро магардон ба гирди дурӯғ,

Чу хоҳӣ, ки тоҷи ту гирад фурӯғ. *Абулқосими Фирдавсӣ*

Вобаста ба қобилияти хонандагондониш метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСИ 21. НАҚЛИ ХАТТИИ САНҶИШӢ

**Барнома.** Интихоби матни нақли хаттӣ доир ба мавзӯи «Эҳтироми забони модарӣ». Хондани матни нақли хаттӣ. Нақл кардани мазмуни он. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Шарҳи калимаҳои душвор ва навиштани онҳо дар лавҳаи дарсхона. Тартиб додани нақшаи нақли хаттӣ. Мувофиқи нақша навиштани нақли хаттӣ. Арзёбӣ кардани нақли хаттӣ.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ (55-60 калима) навишта тавонанд;

**Маводди таълим:** Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс**
Тартиби навиштани нақли хаттӣ:
1) Матни нақли хаттиро аз маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ интихоб намоед.
2) Матни нақли хаттиро мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ равону ифоданок хонед.
3) Калимаҳои душворро нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.
4) Ба он муваффақ гардед, ки хонандагон мазмуни матнро нақл кунанд.
5) Дастаҷамъона нақшаи нақли хаттиро тартиб диҳед.
6) Барои навиштани нақли хаттӣ 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
7) Баъди навиштани нақли хаттӣ имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
8) Дафтарҳои хонандагонро ҷам карда гиред.

**Арзёбӣ.** Ҳангоми баҳогузории нақли хаттӣ меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.
Дараҷаи мазмуннокӣ:
–мувофиқати мазмун нақли хаттӣ ба матн;
– пайдарпайии баёни фикр (алоқаи мантиқии ҷумлаҳо);
– дуруст гузошта шудани сархатҳо.
Дараҷаи саводнокӣ *(ғалатҳои имлои санҷишӣ,..)*

## ДАРСИ 22. ҶАМЪБАСТИ ДАРСҲОИ ГУЗАШТА

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарс ба салоҳияти омӯзгор аст. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон буда, шумо метавонед онро вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон ба нақша гиред.

Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба “гурӯҳҳо” ҷудо кунед:
- хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд.

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёвар интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.

5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед.

## ДАРСҲОИ 23-26. СУХАНҲОИ ШУНИДАРО ФАРОМӮШ МАКУН

**Барнома.** Одоби муошират. Кор бо матни «Танбеҳи падар» (порча аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ). Мустақилона хондани матн. Намунаи нақли эҷодӣ. Муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Машқи айнан ва мазмунан нақл кардани суханҳои шунида. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Имлои калимаҳои душвор. Ҷонишинҳои шахсӣ. Ба ҷойи исмҳо омадани ҷонишинҳои шахсӣ. Ба ҷойи исмҳо истифода кардани ҷонишинҳои шахсиро машқ кардан.

Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.

4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матни хондаро муфассал, мухтасар, интихобӣ ва эҷодӣ нақл карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн нақли хаттии хурд навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ; расми маркази савдо ё бозор; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Дарс идомаи дарсҳои гузашта буда, ба хонандагон фаромӯш накардани суханҳои шунидаро меомӯзад. Дар ин дарс хонандагон бо ҷонишинҳои шахсӣ шинос мешаванд. Ба ҷойи исмҳо истифода кардани онҳоро машқ мекунанд. Омӯхтани ҷонишинҳои шахсӣ барои нақли эҷодӣ кумак мерасонад. Хонандагон дониш ва малакаи худро доир ба муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардан такмил дода, ҳамзамон ба тарзи эҷодӣ нақл кардани мазмуни матнҳоеро, ки аз номи муаллиф нақл шудаанд, ёд мегиранд.

**Ду соати аввал**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбиии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Дарсро аз омӯзондани ҷонишинҳои шахсӣ оғоз кунед. (Нигаред ба машқи 1-и Замима).

5) Дар бораи ҷонишинҳои шахсӣ маълумот диҳед.

Калимаҳои **ман, ту, шумо, вай, ӯ, мо, шумо, онҳо** ҷонишинҳоянд. Ҷонишинҳо дар гуфтор ва навишт барои такрор нашудани исмҳо истифода мешаванд, то ки ҳусни баён коҳиш наёбад. Масалан, агар мо дар бораи Нилуфар ҳикоя кунем, баъд ҷумлаи

«Нилуфар духтари доност» дар ҷумлаи дуюм ба ҷойи Нилуфар ҷонишинҳои «вай» ё «ӯ»-ро истифода мекунем. (**Вай** ҳамеша дарсҳояшро тайёр мекунад).
Ҷонишинҳо се шахс ва ду шумора доранд.

| **Шахс \ шумора** | **Шумораи танҳо** | **Шумораи ҷамъ** |
|---|---|---|
| **Шахси якум** | Ман | Мо |
| **Шахси дуюм** | Ту | Шумо |
| **Шахси сеюм** | Вай, ӯ | Онҳо |

6) **а)** Барои мустаҳкам намудани донишҳои хонандагон оид ба ҷонишинҳои шахсӣ бозии «Викторина» гузаронед (нигаред ба машқи 2-и Замима).
б) Дурустии кори хонандагонро таҳлил ва арзёбӣ кунед.

7) Аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои машқи 3-ро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гӯянд. Хулосаҳои хонандагонро ҷамъбаст карда гӯед, ки дар китоби дарсӣ ва китобҳои бадеӣ ҳикояҳое оварда шудаанд, ки аз номи муаллиф нақл карда мешаванд. ( Масалан, аз матни «Танбеҳи падар» як сархатро нишон диҳед ва хонед). Ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мо ба тарзи дигар нақл карданро меомӯзем ва тарзи эҷоди нақл карданро нишон диҳед. Гӯед, ки ин ёддошти Садриддин Айнӣ буда, лаҳзаеро аз овони кӯдакияш нақл кардааст. Бинобар ин, вай дар бисёр ҷойҳо калимаи «ман»-ро истифода кардааст. Агар мо онро аз номи шахси дигар нақл карданӣ шавем, бояд ҷонишини шахси якуми танҳо (ман)-ро бо ҷонишини шахси сеюми танҳо (ӯ, вай) иваз кунем. Мисол оред:

| | |
|---|---|
| Рӯзе **маро** падар ба он ҷо фиристод, ки намак харида **орам**. | Рӯзе **вайро** падар ба он ҷо фиристод, ки намак харида **орад**. |

Инчунин илова кунед, ки мо боз метавонем ба ҷойи вай муаллиф ё номи ӯро гирифта нақл кунем. Мисол:

| | |
|---|---|
| Дар наздикии деҳаи мо Сари Пули Эшон ном бозорчае буд, ки аз хонаи мо ду километр дурӣ дошт. | Дар наздикии деҳаи муаллиф Сари Пули Эшон ном бозорчае буд, ки аз хонаи онҳо ду километр дурӣ дошт. |
| Рӯзе маро падар ба он ҷо фиристод, ки намак харида орам. | Рӯзе **ӯро** падар ба он ҷо фиристод, ки намак харида орад. |

8) Матнро банд ба банд хонда, мазмунашро аз номи шахси сеюм нақл кунед.
9) Ин амалро бо чанд нафар хонанда такрор кунед. Хонандагон бояд матнро хомӯшона хонда барои нақл кардани мазмуни он омода шаванд.
10) Ба хонандагоне, ки дар нақл кардани душворӣ мекашанд, тарзи нақл кардан аз рӯйи нақшаро ёд диҳед.
Тартиб: Ҳамроҳи хонандагон ҳар як бандро алоҳида-алоҳида хонда, таҳлил кунед ва ба он номи мувофиқ гузоред. Дар натиҷа чунин нақша ҳосил мешавад:

1. Ба бозор рафтани Садриддин
2. Вохӯрӣ бо шиноси падар
3. Фаромӯш кардани суханҳои шиноси падар
4. Фош шудани гапҳои дурӯғ
5. Дарси ибрат шудани танбеҳи падар

11) Хонандагон аз рӯйи нақша нақл карданро меомӯзанд.
12) Хелҳои дигари нақл карданро ба хотир оред (нақли муфассал, мухтасар ва интихобӣ)
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матнро муфассал нақл кунанд. Хонандагон матнро мехонанд ва мазмунашро муфассал нақл мекунанд.
13) Нақли мухтасарро ёдрас кунед ва вазифа супоред, ки акнун мазмуни матнро мухтасар нақл кунанд.
14) Нақли интихобиро ёдрас кунед ва супориш диҳед:

а) Ҳамон лаҳзаеро, ки дар он дурӯғгӯйии симои матн фош мешавад, нақл кунед.
**б)** Лаҳзаи танбеҳ додани падар ба муаллифро нақл кунед.
**в)** Лаҳзаеро, ки муаллиф дар бораи дарси ибрат шудани танбеҳи падар сухан меронад, нақл кунед.
Тавсия: Доир ба нақл ва хелҳои нақл нигаред ба Замима (нақл ва хелҳои он)

15) Вазифа барои хона: Дар хона тарзи эҷодӣ нақл карданро машқ кунед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

**Соатҳои сеюму чорум**
**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи дарсҳои гузашта буда, дар он хонандагон фаромӯш накардани суханҳои шунидаро меомӯзанд.
1) Ташкили дарс
2) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
3) Дар оғози дарс хонандагон тарзи эҷодӣ нақл карданро машқ мекунанд. (Нақл карданро метавонед ба тариқи занҷирвор ба роҳ монед)
4) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил намоед. Шумо метавонед аз усули "Курсии сеҳрнок" истифода баред.
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян кунанд.
6) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки ба мувофиқи мазмуни матн аз ҳаёт мисол оранд ва ибрати гирифтаашонро гӯянд. Ҳангоми гуфтор ба меъёрҳои нақли шифоҳӣ аҳамият диҳед. (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)
7) Бозӣ: "Ман – ба ту, ту ба – дигарон". Шарти бозӣ: Як ҷумларо аз матн интихоб намуда, ба гӯши як нафар хонанда гӯед. Дигарон онро набояд шунаванд. Он хонанда ин ҷумларо ба гӯши хонандаи дигар мегӯяд. Ҳамин тариқ, хонандаи дуюм ба сеюм, севум ба чорум ва ғайра ҷумларо мегӯянд. Хонандаи охир ҷумлаи шунидаашро дар лавҳи дарсхона менависад. Муҳокима кунед, ки ҷумлаи навишта аз ҷумлаи аввал гуфта чӣ фарқ дорад.
8) Аҳамияти дар хотир гирифтан ва гуфтани таъкидро бо хонандагон муҳокима намоед. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки машқҳои 4, 5, 6-ро дар гурӯҳҳо иҷро карда, натиҷаи кори худро муаррифӣ намоянд. Дар раванди корҳои гурӯҳӣ ба онҳо ёрӣ расонед.
Муаррифии гурӯҳҳоро арзёбӣ карда, дастаҷамъона хулоса бароред.
9) Аз рӯйи мазмуни матн навиштани нақли хаттии хурд тибқи нақшаи зер:

1. Ба бозор рафтани Садриддин
2. Вохӯрӣ бо шиноси падар
3. Фаромӯш кардани суханҳои шиноси падар
4. Фош шудани гапҳои дурӯғ
5. Дарси ибрат шудани танбеҳи падар

10) Барои хона вазифа супоред. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.
**Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии малака ва маҳорати нақл кардан дар ин дарс ва дарсҳои минбаъда аз тавсияҳои замимаи "Роҳнамо" истифода баред.

## ДАРСҲОИ 27-28. СУХАНЧИН НАШАВЕД!

**Барнома.** Одоби муошират. Кор бо матни «Суханчин нашавед» Мустақилона хондани матн. Намунаи нақли эҷодӣ. Муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Машқи айнан ва мазмунан нақл кардани суханҳои шунида. Машқҳои

имлоӣ ва луғавӣ. Аз рӯйи мазмуни матн навиштани нақли хаттӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн нақли хаттии хурд навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбиии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Чӣ гуна шахсро суханчин мегӯянд? Оё хабаркашӣ кори хуб аст? Барои чӣ? Мақоли «Сухани хуш морро аз лонааш берун меораду сухани бад – шамшерро аз ғилоф» чӣ маъно дорад?
5) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, Чунин хулоса бароред:
Дар дарсҳои гузашта мо дар бораи он гап задем, ки кадом суханҳоро набояд фаромӯш кунем. Имрӯз дар бораи он сухан меронем, ки кадом суханҳоро мо бояд фаромӯш кунем.
6) Пеш аз хондани матн бо хонандагон маънои калимаҳои душворро муайян кунед.
**Нигаред ба машқи 1-и замима**
7) Кор бо матни “Суханчин нашавед”.
Хонандагонро барои бодиққат гуш кардан водор намоед. (Нигаред ба “Қоидаҳои гӯш кардан”.) Қисми якуми матн (саҳ. 106-107)-ро ифоданок хонед. Ҳангоми хондан ба оҳанги гуфтори симоҳо эътибор диҳед. Пас аз хондани матн аз рӯйи мазмуни он бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
Намунаи саволҳо:

1. Киро суханчин мегӯянд?
2. Ҳамсояҳо дар бораи кӣ суҳбат мекарданд?
3. Хоркаш ба чӣ кор машғул буд?
4. Хоркаш хабарҳои шунидаашро ба кӣ гуфт?
5. Ҳаким хабарро ба кӣ бурда расонд?
6. Ҳалим чӣ кор кард?
7. Оқибати хабаркашӣ ба чӣ овард?

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки давоми матнро пешгӯйӣ намоянд.
Оё сирри хабаркашии Хоркаш ошкор мешавад?
9) Хонандагон давоми ҳикояро пешгӯйӣ мекунанд.

10) Ба хонандагон гӯед, ки “Акнун ман давоми ҳикояро мехонам, шумо бодиққат гӯш кунед ва бо пешгӯйии худ муқоиса намоед.” Қисми дуюми ҳикоя (саҳ. 107-108)-ро ифоданок хонед. Пешгӯйии хонандагон ба матнро муқоиса намуда, саволу ҷавоб кунед.

1. Ҳамсояҳо дар бораи кадом Ҳасан гап мезадаанд?
2. Хоркаш ин хабарро ба кӣ расонд?
3. Ҳамсояҳо чӣ тарз фаҳмиданд, ки Хоркаш суханчин будааст?
4. Хоркаш чӣ хатоӣ кард?
5. Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?
6. Шумо ба ҷойи Хоркаш мебудед, чӣ гуна рафтор мекардед? Барои чӣ?
7. Агар ба ҷойи ҳамсояҳо мебудед, чӣ кор мекардед? Чаро?
8. Агар Хоркаш ҳамсинфи шумо мебуд, ба ӯ чӣ маслиҳат медодед?
9. Оё чунин одамон дар синфи шумо низ ҳастанд? Ба ӯ низ маслиҳат дода метавонед?

10) Хонандагон матнро занҷирвор хонда, монанди дарси қаблӣ нақшаи онро тартиб медиҳанд. Намуна:

1. Суханчин кист?
2. Хислатҳои суханчинҳо
3. Суҳбати ҳамсояҳо
4. Хабаркашии Хоркаш
5. Ҳалим суханҳои Хоркашро ба падар мерасонад
6. Моҷарои калон
7. Фош шудани хабаркашии Хоркаш
8. Хатои Хоркаш
9. Хулоса

11) Хонандагон аз рӯйи нақша занҷирвор нақл кардани мазмуни матнро машқ мекунанд. Хонандаи якум мазмуни банди якумро нақл мекунад, хонандаи дуюм-дуюмро, сеюм-сеюмро......

12) Имлои дунафарӣ: ба хонандагон супориш диҳед, ки сархатти аввали матнро истифода карда, дунафарӣ имло нависанд, хонандаи А мехонад, хонандаи Б менависад ва баръакс. Ҳангоми хондан бояд ба оҳанги аломатҳои китобат риоя намоянд. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз намуда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунанд.

13) Машқи навиштани нақли ҳаттӣ

а) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз рӯйи нақшаи дар банди 10 омада нақли хаттӣ нависанд. Ҷараёни навиштани нақли хаттиро назорат кунед ва дар мавридҳои лозимӣ ба онҳо ёрӣ расонед.

**Арзёбӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаи зеринро пурра карда нависанд ва хонанд. “Суханчин шахсеро мегӯянд, ки.....” Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои пурракардаи худро барои дигарон муаррифӣ намоянд.

**14) Вазифаи хонагӣ**: Аз пандҳои болои саҳифаҳои китоб дар бораи суханчинӣ панд, зарбулмасалу мақолҳоро муайян карда нависед ва шарҳ диҳед.

Намуна:

Суханчинро мадеҳ, дар назди худ ҷой,
Ки дар як дам кунад сад фитна барпой. *“Ахлоқи Муҳсинӣ”*

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

15) Дарсро арзёбӣ ва ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

## Дарсҳои 29-30. Варзиш – қосиди сулҳ

**Барнома.** Мусобиқаҳои варзишӣ: тобистона ва зимистона. Мусобиқаҳои варзишии ҷаҳонӣ. Олимпиада. Ҳаракати олимпӣ. Варзиш – қосиди сулҳ. Таблиғи тарзи ҳаёти солим.
Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Шарҳи калимаҳои душвор. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Имлои калимаҳои душвор. Дар матн ҷудо кардани калима ва ибораҳои хосси варзиш. Бо калима ва ибораҳои хосси соҳаи варзиш тартиб додани ҷумлаҳо. Машқи навиштани ҳикоя дар бораи барномаҳои варзишии телевизион. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи варзиш шифоҳӣ ва хаттӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд;
- имлои калимаҳоро риоя карда нависанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расмҳо доир ба варзишгарон ва мусобиқаҳои варзишӣ; маводди иловагӣ аз интернет (аз рӯйи имкон)
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед
4) Ангезиши зеҳн. Кадом намудҳои варзишро медонед? Ба фикри шумо, машҳуртарин бозиҳои варзишӣ чӣ ном доранд? (Аз усули «Хӯша» истифода баред.)
5) Хонандагонро ба хондани матни маърифатии «Варзиш – қосиди сулҳ» ҳидоят намоед.
6) Хонандагон матнро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед. Саволу ҷавобро метавонед тавассути усули «Курсии сеҳрнок»гузаронед.
Намунаи саволҳо:
Машҳуртарин мусобиқаҳои варзишӣ чӣ ном доранд?
Калимаи олимпиада аз куҷо пайдо шудааст?
Бозиҳои олимпӣ кай баргузор мегарданд?
Дар бозиҳои олимпӣ намояндагони кадом миллату кишварҳо иштирок менамоянд?
Нишони бозиҳои олимпӣ чӣ гуна аст?
Чаро ин ҳалқаҳо ранги гуногун доранд?
Чаро онҳо бо ҳам пайвастанд?
Рамзи кумитаи олимпии Тоҷикистон аз чӣ иборат аст?
Чаро рамзи кумитаи олимпии Тоҷикистон рангҳои сурх, сафед ва сабз дорад?
Ба ғолибон чӣ месупоранд?
Чаро ҳангоми бозиҳои олимпӣ кишварҳои бо ҳам ҷангкунада ҷангро бас мекунанд?
Чаро варзишро қосиди сулҳ мегӯянд….. (давом диҳед).

7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки:
а) аз мазмуни матн хулоса бароранд.

б) бозиҳои варзиширо номбар карда нависанд.
в) бозиҳои варзиширо ба тобистона ва зимистона ҷудо карда, дар ду қатор нависанд.
г) интихобан қоидаҳои ягон навъи бозиро гӯянд ва нависанд.

8) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10-и боби I.**
Хонандагон ин калимаҳоро ба саҳифаи мувофиқи «Дафтари имло» нависанд ва аз ёд кунанд.

9) Дар бораи навъи варзиши дӯстдоштаи худ хонандагон шифоҳӣ нақл кунанд.
10) Хонандагон калимаҳои навро бо шарҳашон дар “Дафтарчаи луғат” нависанд ва аз ёд кунанд.
11) Дарсро ҷамъбаст намуда, фаъолияти таълимии хонандагонро арзёбӣ намоед ва барои хона вазифа супоред. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

## БОБИ 4. МО ҲАМ ҚАҲРАМОН МЕШАВЕМ!- (46 СОАТ)

### ДАРСҲОИ 1-2. ЧӢ ХЕЛ МАШҲУР ШАВЕМ?

**Барнома.** Суҳбат дар бораи одамони машҳур. Кор бо матни “Ном”, шеъри Лоиқ Шералӣ. Шарҳи калимаҳои нав. Ифоданок хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Муайян кардани фикри асосӣ. Муайян кардани банди шеър, ки дар он фикри асосӣ ифода ёфтааст. Аз ҳаёт ба мазмуни матн мувофиқ воқеаро ҳикоя кардан. Дар матн муйян кардани иборaҳои изофӣ. Ба монанди иборaҳои изофии матн овардани мисолҳо ва нишон додани воситаи алоқаи байни калимаҳо. Бо иборaҳои изофӣ тартиб додани ҷумлаҳо. Дар бораи шахсони машҳури маҳаллаи худ ҳикоя кардан. Иҷрои дастурҳои шифоҳии бисёрамала. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз.
Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.1.Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад..

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи машҳур шудан фикри худро гуфта тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми Лоиқ Шералӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ аз рӯзномаву маҷаллаҳо
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед

4) Суҳбат. Шумо мехоҳед, ки ҳама шуморо шиносанд, эҳтиром кунанд, дар телевизиону радио дар бораи шумо гап зананд? Ба фикри шумо, барои ин кадом корҳоро кардан лозим аст?
5) Суҳбатро ҷамъбаст намуда, аз хонандагон пурсед: чаро мо дар ин бора ҳарф задем.
6) Хонандагонро ба хондани шеъри "Ном"-и Л. Шералӣ (саҳ. 116) ҳидоят намоед. Тарзи бо луғати зери матн кор карданро аз дарсҳои қаблӣ ба ёд оред. Супориш диҳед, ки ба тарзи хониши ифоданоки матн диққат диҳанд.

7) Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки оноро нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

8) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб карда, фикри асосии онро муайян кунед. Кор бо машқҳо. (саволҳои саҳ. 116-117)

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди мазмуни матн аз ҳаёт мисол оранд ва хулосабарӣ кунанд.

10) **Имлои "Худамро месанҷам!" Нигаред ба дарсҳои 9-10-и боби I.**
Калимаҳоро ба дафтари "Имло" кӯчонанд.

11) Суҳбати Манижа, Бежан ва устодро аз рӯйи нақшҳо хонанд ва фикру андешаҳои худро дар бораи чӣ тавр машҳур шудан гӯянд.

13) Вазифа барои хона: Панҷ сабаби машҳур шудани одамонро фикр карда нависед.
Намуна: Хониши хубу аъло доштан, …..
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

14) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 3-4. КИТОБИ АВВАЛИНИ САДРИДДИН АЙНӢ ЧӢ НОМ ДОШТ?

**Барнома.** Машқи ба ҷойи исмҳо истифода кардани ҷонишинҳои шахсӣ. Диққат додан ба шавқи китобхонии нависанда дар овони бачагӣ. Роҳнамоӣ ба мустақилона хондани матн (дар бораи он ки чӣ тавр Садриддин аввалин бор соҳиби китоб шуд). Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Ба хотир овардани нақли эҷодӣ. Эҷодӣ нақл кардани мазмуни матн. Мустаҳкамкунии мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Монанди мазмуни матн аз таҷриба дар бораи ба дӯкони китобфурӯшӣ рафтан ё китоб харидан ҳикоя кардан. Навиштани хелҳои китоб: китоби ранга (шавқовар, дарсӣ). Навиштани шарҳи ин гуна китобҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан. Бозии байтбарак.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- симои матнро муайян карда тавонанд;
- ба рафтори симои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- доир ба яке аз китобҳои худ ҳикояи хурд (40-50 калима) навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; суратҳои С. Айнӣ, сурати Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, сурати муҷассамаи С. Айнӣ дар шаҳри Душанбе ва ғайраҳо

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Хонандагони синфи чорум дар бораи Садриддин Айнӣ аллакай баъзе чиҳоро медонанд. Онҳо ин маълумотҳоро аз гӯшаи "Қаҳрамонони Тоҷикистон"-и мактаб ва донишҳои дар синфҳои ду-се азхудкардаашон гирифтаанд. Аз ин рӯ, дар аввали дарс дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Садриддин Айнӣ муайян карда мешавад. Барои ин дар вараҷи калон ё лавҳи дарсхона ҷадвали "МДД"-ро тасвир намуда, овезон кунед.
5) Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи С. Айнӣ чӣ медонанд. Ҷавобҳои хонандагонро дар сутуни якуми ҷадвал нависед.
Намуна:

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| Садриддин Айнӣ Қаҳрамони Тоҷикистон аст. Мо дар синфҳои дуюм ва чорум шеър ва ҳикояҳои ӯро хондем. Расми Садриддин Айнӣ дар рӯйи пули "5 сомонӣ" аст... | | |

6) Пурсед, ки дар бораи С. Айнӣ чиро донистан мехоҳанд. Саволҳои онҳоро дар сутуни дуюми ҷадвали "МДД" нависед.

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| Садриддин Айнӣ Қаҳрамони Тоҷикистон аст. Мо дар синфҳои дуюм ва чорум шеър ва ҳикояҳои ӯро хондем. Расми Садриддин Айнӣ дар рӯйи пули "5 сомонӣ" аст. | Барои чӣ С. Айнӣ қаҳрамон шуд? Вақте ки Садриддин ҳамсоли мо буд, чӣ кор мекард? | |

7) Мухтасар дар бораи бачагии С. Айнӣ нақл кунед: Давраи баччагии Садриддин дар таҳсилу меҳнат гузаштааст. Вай бисёр кунҷкоб буд. Ба адабиёт завқи баланд дошт. Ҳанӯз дар овони бачагӣ аз падару модар нақлу ривоятҳо мешунид. Натиҷаи ҳамин буд, ки ба адабиёт, шеъру шоирӣ дил баст. Ҳоло мо як ёддоштро дар бораи китоб харидани ӯ мехонем. Матнро хонед ва гӯед, ки китоби аввалини С. Айнӣ чӣ ном дошт.
**8)** Хонандагон мустақилон матнро мехонанд. Пас аз хондан саволу ҷавоб кунед.
Намунаи саволу ҷавоб (агар хонандае ба ҷавобҳо ҷавоб дода натавонад, тарзи аз матн ба савол ҷавоб ёфтанро омӯзонед):
*– Аввалин китоби С. Айнӣ чӣ ном доштааст?*

*– Аввалин китоби С. Айнӣ «Маҳмуд ва Аёз» ном дошт.*
*– Ин китобча дар бораи чӣ будааст?*
*– Ин китобча дар бораи байтбарак будааст.*
*– Ин китобро чӣ хел харидорӣ карда буд?*
*– Дар назди мадраса марде китоб мефурӯхт. Садриддини кунҷкоб китобҳоро аз назар мегузаронд ва нохост чашмаш ба он китобча афтид.*
*– Он мард китобро чанд пул нарх кард?*
*– Он мард китобро як танга нарх кард.*
*– Лаҳзаи барои пул рафтни Садриддинро нақл кунед.*
*– Ҳозир пул меорам, – гуфта ба тарафи ҳуҷра давидааст.*
*– Оё Садриддин аз китоби харидааш хурсанд буд?*
*– Бале.*
*– Дар бораи хурсандии худ чӣ мегӯяд?*
*– Он рӯз барои ман Наврӯз, яъне ид буд, – мегӯяд Айнӣ.*
*– Барои чӣ мегӯяд, ки “ин китобча ба як дунё баробар буд?” Дар кадом вақт ин тавр мегӯянд?*
*– Садриддин шеърро хеле дӯст медошт. Вақте ки чизе барои кас бағоят зарур аст, чунин мегӯянд.*
*– Баъди харидани китобча барои чӣ давон-давон ба хона меравад?*
*– Вай бисёр хурсанд буд ва мехост, ки тезтар он китобчаро хонад.*
*– Аввал бо китобча чӣ кор кард?*
*– Вай китобчаро варақ зад.*
*– Ин китоб барои ӯ чӣ аҳамият доштааст?*
*– Садриддин мегӯяд, ки агар ғазалҳои он китобчаро аз ёд кунад, ҳеҷ кас вайро дар байтбарак банд карда наметавонад.*
*– Оё пеш аз ин Садриддин байтбарак мекард?*
*– Бале.*
*– Аз куҷо медонед?*
*– Агар вай байтбарак намекард, дар бораи байтбарак чизе намедонист.*
*– Оё шумо ҳам боре китоб харидаед? (Ё ба шумо китоб харидаанд?)*
*– Бале.*
*– Баъди ба даст гирифтани китоб нахуст чӣ кор мекунед?*
*– Баъди ба даст гирифтани китоб онро варақгардонӣ мекунем.*
*– Барои чӣ варақгардонӣ мекунед?*
*– То аз сифату мавзӯи асосии он огаҳӣ ёбем.*
*– Акнун, яке аз сабабҳои машҳур шудани Садриддинро гуфта метавонед?*
*– Вай аз овони баччагӣ ба китобхонӣ машғул буд.*
*– Шумо ҳам китоб мехонед?*
*– Кадом китобҳоро мехонед?*

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки чиро омӯхтанд. Ҷавобҳои онҳоро дар сутуни сеюми ҷадвал нависед.

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| Садриддин Айнӣ Қаҳрамони Тоҷикистон аст.<br>Мо дар синфҳои дуюм ва чорум шеър ва ҳикояҳои ӯро хондем.<br>Дар синфи чорум ҳикояи "Танбеҳи падар"-ро ки С. Айнӣ навиштааст, хондем.<br>Расми Садриддин Айнӣ дар рӯйи пули "5 сомонӣ" аст. | | Садриддин дар айёми хурдӣ китобу китобхониро дӯст медошт.<br>Авалин китоби ӯ "Аёз ва Фаёз" ном дошт. |

10) Тартби истифодаи МДД-ро муҳокима намоед.
11) Ба хонандагон вазифа супоред, ки китоби аввалини хондаи худро ба ёд оранд ва дар бораи он нақл кунанд.
12) Дарсҳои хониши беруназсинфиро ба ёд оред ва хоҳиш намоед, ки дар бораи китоби аввалин ё китоби хотирмони худ як ҳикояи хурд нависанд. Ҳангоми навиштани ҳикоя хонандагон меъёрҳои зеринро ба эътибор гиранд:

- *номи матн (ҳикоя, афсона, китоб):*
- *муаллиф:*
- *жанр (афсона, ҳикоя):*
- *мазмуни мухтасар:*
- *лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?);*
- *хулоса.*

13) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳикояҳои навиштаи худро хонанд. Чанд ҳикояи навиштаи онҳоро арзёбӣ карда, тавсияҳо диҳед.
14) Хонандагон аз матн лаҳзае, ки сухан дар бораи байтбарак меравад, такроран мехонанд. Дар бораи қоидаҳои байтбарак бо онҳо суҳбат карда, байтбарак ташкил кунед.
15). Вазифа барои хона. Ба хонандагон чунин вазифа супоред: мазмуни матни хондаро бо хонавода муҳокима кунанд. Аз онҳо дар бораи китоби дӯстдоштаашон пурсанд. Номи китоби дӯстдошта ва дар бораи чӣ будани онро бо се-чор ҷумла нависанд.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

### ДАРСҲОИ 5-6. КИТОБИ «ТОҶИКОН» ДАР БОРАИ ЧИСТ?

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Бобоҷон Ғафуров. Суҳбати мухтасар дар бораи «Чаро Бобоҷон Ғафуров Қаҳрамони Тоҷикистон шуд?» Роҳнамоӣ ба мустақилона хондани матн: ҳикоя дар бораи қаҳрамонии Спитамен. Мустақилона хондани матн. Машқи муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Машқи муайян кардани амалҳои одамон. Дар бораи китобхонии аҳли оила ҳикоя кардан. Навиштани номи якчанд китобе, ки дар хона мавҷуданд. Мухтасар дар бораи онҳо ҳикоя кардан. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро занҷирвор нақл карда тавонанд;
- ба рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- калимаҳои ҳамаъноро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; суратҳои Б. Ғафуров, сурати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров; сурати муҷассамаи Б. Ғафуров, сурати даромадгоҳи ноҳияи Б. Ғафуров, сурати 50 сомонӣ (аз рӯйи имкон) ва ба инҳо монанд
**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Тавсия: Шумо метавонед ин дарсро бо усули “мдд” гузаронед. Нигаред ба дарси қаблӣ.
Суҳбат. Шумо номи бобою бибии худро медонед?
Ба фикри шумо, падару модаратон номи бобою бибии худро медонанд?
Чаро одамон номи гузаштаҳои худро фаромӯш намекунанд?
5) Суҳбатро ҷамъбаст намуда, хулоса бароред, ки ҳамаи одамони рӯйи дунё новобаста аз забон, миллат ва нажод гузаштагони худро фаромӯш намекунанд. Онҳоро ба некӣ ёд мекунанд. Дар бораи гузаштагони худ китобҳо менависанд. Б. Ғафуров ҳам, барои он ки аҷдодони худро фаромӯш накунем, китоби “Тоҷикон”-ро навиштааст. Ба хонандагон дар бораи китоби “Тоҷикон” мухтасар маълумот дода, қайд намоед, мо ки имрӯз як матнро аз китоби “Тоҷикон” мехонем. Матнро хонед ва гӯед, ки чаро Искандар сари Спитаменро аз тилло сохтааст?
6) Хонандагон мустақилона матнро мехонанд ва мазмуни онро нақл мекунанд.
Ин лаҳзаи дарсро бо усули “Нақли занҷирвор” гузаронед. Ин усул ба хонандагон имкон медиҳад, ки мазмуни матнро ба тартиби муайян ва истифодаи калима ва ибораҳои он нақл карда тавонанд. Тартиби гузаронидани он чунин аст:
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки қисмҳои якум ва дуюми матни “Спитамен”-ро дар алоҳидагӣ ва хомӯшона хонанд.
- Хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд (чор-панҷнафарӣ) муттаҳид кунед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд. (Агар хонандагон матнро бори дигар хонданӣ бошанд, ба онҳо ин имконро фароҳам оваред).
- Сипас, хонандагон бонавбат мазмуни матнро нақл мекунанд. Хонандаи 1 оғоз карда, хонандаи 5-ум онро ба охир мерасонад.
- Аз хонандаи қатори якум хоҳиш намоед, ки нақли матнро оғоз карда, хонандагони дигар нақлро идома диҳанд. (Аз нақшаи зайл истифода баред).

**Нақшаи “Нақли занҷирвор” дар гурӯҳҳои панҷнафарӣ**




**Нақшаи “Нақли занҷирвор” дар қаторҳо**




**Тавсия ба омӯзгорон:** ҳарчанд ташкил намудани нақли занҷирвор дар қадамҳои аввал мушкил бошад ҳам, бо мурури замон дар натиҷаи машқи бештар хонандагон ба он сарфаҳм рафта, супоришро мувофиқи мақсад иҷро мекунанд. Ин усул чӣ натиҷа дорад? Дар давоми дарс шумо имкон доред, ки нақли як ва ё якчанд хонандаро гӯш кунед. Аммо нақли занҷирвор имкон медиҳад, ки ҳамаи хонандагон фаъолият кунанд. Шумо танҳо раванди машғулиятро идора карда, мувофиқи зарурат ба хонандагон ёрӣ мерасонед.

**7) Кор бо луғат**: хонандагон калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян карда, дар гурӯҳҳои дунафарӣ маънои калимаҳоро шарҳ медиҳанд. Аз якчанд гурӯҳи дунафарӣ хоҳиш менамоем, ки яке луғат ва дигаре шарҳи луғатҳоро барои аҳли синф муаррифӣ кунанд.

Сипоҳ – лашкар
Мутеъ – ғулом, тобеъ
Мароканд – Самарқанди ҳозира

8) Озмуни “Хушнависӣ” гузаронед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳифаи 125- и китоби забони модариро кушоянд ва ду ҷумлаи охири матни “Спитамен”- ро зебо, хоно ва беғалат нависанд. Байни қаторҳо озмун гузаронида мешавад. Агар хонандагони кадом қаторе, ки зебою хоно ва беғалат навиштанд, ҷойи аввалро ба ҳамон қатор диҳед.

9) Озмуни “Хушнависӣ”- ро ҷамъбаст намуда, барои ғолибон офарин гӯеду қарсак занед ва ба қисмати дигари дарс гузаред.

10) Машқи ёфтани калимаҳои ҳаммаъно. Дар ин лаҳзаи дарс аз бозии “Бозӣ бо тӯбча” истифода баред. Тартиби гузаронидани он чунин аст:

- Пешакӣ калимаҳои “ватан”, “қаҳрамон”, “далер”, “ҷасур”, “шердил”, “ватандӯст” ва монанди инҳоро рӯйхат намоед.
- Аз ҳамаи хонандагони синф хоҳиш кунед, ки дар шакли давра ҷамъ шаванд.
- Омӯзгор як калимаро аз калимаҳои рӯйхат мегӯяд ва тӯбчаро ба тарафи яке аз хонандагон мепартояд.
- Хонандае, ки тӯбчаро гирифт, ҳаммаънои калимаро гуфта, тӯбчаро боз ба тарафи омӯзгор мепартояд.
- Бозӣ ҳамин тавр бо хонандагони дигар идома меёбад.

11) Бозиро ҷамъбаст намуда, аз хонандагон пурсед, ки ҳаммаънои кадом калимаҳоро омӯхтед? Ҷавоби онҳоро гӯш карда ба қисмати дигари дарс гузаред.

12) **Кори дунафарӣ**: ба хонандагон супориш диҳед, ки дунафарӣ суҳбат карда, аз матн калимаҳое, ки маънои ватандӯстиро ифода мекунанд ёфта нависанд. Инчунин:

1. Дафтари худро бо шарикашон иваз намоянд.
2. Бисанҷанд.
3. Ғалатҳояшонро якҷоя ислоҳ намоянд.

13) **Арзёбӣ:** аз усули "Пурсиш бо рақам" истифода кунед. Тартиби гузаронидани ин усул чунин аст:

– Пешакӣ саволҳои дар зер овардашударо дар вараќи сафед ё ин ки лавҳи синф рақамгузорӣ карда нависед.
– Барои ҳамаи хонандагони синф аз коғази сафед доирачаҳо бурида, дар болои онҳо рақамҳоро нависед. Агар дар синфатон 24 хонанда бошад, аз ҳар як рақам 2 дона тайёр кунед. Онҳоро омехта карда, ба хонандагон тақсим кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба касе, ки рақами чанде расида бошад, ҳамон саволро аз лавҳи дарсхона ёфта ҷавоб диҳад.

**Саволҳо:**

1. Ҳуҷуми душманон ба Суғд аз тарафи кӣ сар шуд?
2. Бо сардории кӣ халқ бар зидди душман бармехезанд?
3. Аскарони Искандар дар шаҳру қишлоқҳо чӣ кор мекарданд?
4. Спитамен ва шӯришгарон лашкаргоҳи Искандарро торумор карда кадом шаҳрро ишғол мекунанд?
5. Мақдуниҳо дар куҳо пинҳон мешаванд ва лашкарашонро ба куҳо равона мекунанд?
6. Спитамен чӣ гуна лашкари мақдуниҳоро фиреб медиҳад? Барои чӣ?
7. Ҷанг чанд сол давом кард?
8. Оё шумо гуфта метавонед, ки халқ ва Спитаменро киҳо хиёнат карданд?
9. Бачаҳо, шумо низ барои ватани худ чунин қаҳрамониҳо карда метавонед? Чӣ тавр?
10. Шумо боз кадом қаҳрамонҳоро медонед?

14) Вазифа барои хона. Хонандагон дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунанд. Дар бораи бобою бибии худ пурсон шаванд. Дар бораи онҳо шифоҳӣ ҳикояи хурд тартиб диҳанд.. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед. Фаъолияти хонандагонро арзёбӣ намоед.

## ДАРСҲОИ 7-8. ДАРАХТИ ДӮСТӢ БИНШОН...-2 СОАТ

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Мирзо Турсунзода. Суҳбати мухтасар дар бораи "Чаро Мирзо Турсунзода Қаҳрамони Тоҷикистон шуд?" Суҳбат аз рӯйи расму суратҳо. Диққат додан ба сафарҳои шоир ва васфи сулҳ дар эҷодиёти ӯ. Машқи бурро хондан ва навиштани калимаҳои душвор. Хониши хомӯшонаи матн. Омодагӣ ба хониши ифоданок. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Муайян кардани мисраъҳое, ки дар онҳо фикри асосӣ ифода ёфтааст. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи дӯстӣ. Навиштани ҳикояи хурд дар бораи хислатҳои дӯсти худ. Зебо, хоно ва тоза навиштан. Муҳокимаи навиштаҳои ҳамдигар. Муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни сухани гӯяндаро муайян карда тавонанд;
- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- сифатҳои симро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; сабти суруди "То тавонӣ дӯстонро гум макун..." (аз рӯйи имкон) ....
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дарси навро аз суҳбати Манижа ва Бежан оғоз кунед ё дарсро бо усули "МДД" гузаронед. Нигаред ба дарси қаблӣ.
**5)** Хонандагонро ба бодиққат гӯш кардани шеър ҳидоят намоед. Супориш диҳед, ки тарзи хониши шуморо бодиққат гӯш карда, мазмуни хурсандӣ ё ғаму андӯҳ доштани онро муайян кунанд.
6) Матни шеърро ифоданок хонед. Маънои калимаҳои душворро шарҳ дода, шеърро маънидод кунед.
7) Аз хонандагон пурсед, ки шеър чӣ гуна мазмун дорад? Хурсандӣ ё ғаму андӯҳ? Барои чӣ?

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Меъёрҳои хониши ифоданокро қаблан муҳокима намоед.

9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

10) Муайян кардани фикри асосии матн.
Муаллиф бо ин шеър ба мо чиро таъкид менамояд?

11) Ба хонандагон гӯед, ки ин шеъри М. Турсунзода хеле машҳур буда, онро ба оҳанг даровардаанд. Биёед, якҷоя онро месароем. (Агар сабти овозӣ бошад, аввал онро шунавонед.)
12) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.

13) Вазифа барои хона: хотираҳоро дар васфи М. Турсунзода хонед (саҳ. 128 ). Аз матн хислатҳои М. Турсунзодаро муайян карда нависед.
Намуна: инсони комил,

Вобаста ба қобилияти мухталифи хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Арзёбӣ. Пурсиш бо рақам.
15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

### ДАРСҲОИ 9-10. НУСРАТУЛЛО ДАР ОВОНИ КӮДАКӢ ЧӢ МЕХОНД? (2 СОАТ)

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Нусратулло Махсум. Суҳбати мухтасар дар бораи "Чаро Нусратулло Махсум Қаҳрамони Тоҷикистон шуд?" Суҳбат аз рӯйи расму суратҳо. Шавқи китобхонии ӯ дар овони бачагӣ. Роҳнамоӣ ба мустақилона хондани матн (дар бораи чӣ тавр Нусратулло Махсум ба китобхонӣ машғул буд ва забонҳои зиёдро омӯхт.) Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Машқи муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Муайян кардан ва навиштани ҷумлаҳое, ки дар онҳо фикри асосӣ ифода ёфтааст. Дар бораи бо падару модар якҷоя китоб хондан ҳикоя кардан. Имлои калимаҳо. Машқи муайян кардани амалҳои одамон. Аз рӯйи амалҳо муайян кардани хислат. Мувофиқати сифат бо исм. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; суратҳои Нусратулло Махсум.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
Тавсия: Шумо метавонед ин дарсро бо усули "МДД" гузаронед. Нигаред ба дарсҳои қаблӣ.
4) Расмҳоро истифода бурда, дар бораи Нусратулло Махсум мухтасар маълумот диҳед ва қайд намоед, ки имрӯз як матнро дар бораи овони бачагии ӯ мехонем.
5) Хонандагон мустақилона матнро мехонанд. Пас аз хондан саволу ҷавоб кунед.
Намунаи саволу ҷавоб:
– Падари Нусратулло чӣ ном дошт?
– Падари Нусратулло Лутфулло ном дошт.
– Падараш чӣ орзу дошт?
– Падараш орзу дошт, ки Нусратуллоро омӯзонад.
– Оё падар дар хондани Нусратулло ёрӣ мерасонд? Чӣ тарз?
– Вақте ӯ тез мехонд, падараш мегуфт, ки шитоб накунад. Ба маънии шеър диққат диҳад.
– Нусратулло кадом забонҳоро медонист?
– Нусратулло забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, русӣ ва узбакиро медонист.

– Донистани забонҳои дигар ба ӯ барои чӣ лозим буданд?
– Донистани забонҳои дигар барои ӯ барои хондан ва шинос шудан ба ҷаҳони миллатҳои дигар лозим буданд.
– Нусратулло ҳамеша чӣ мегуфт?
– Нусратулло ҳамеша мегуфт, ки "Мушт беҳтар аз ангушт аст".
– Падараш ҳамеша бо ӯ китоб мехонд. Оё падар ё модаратон бо шумо китоб мехонанд?
– Падараш ба вай фаҳмидани маънои чизи хондаро таъкид мекард. Шумо ҳам вақти хондан ба маънои калимаҳо диққат медиҳед? Чӣ тарз?
– Нусратулло забонҳои гуногунро медонист. Шумо чӣ?
– Акнун яке аз сабабҳои машҳур шудани Нусратулло Махсумро гуфта метавонед?
– Вай аз овони баччагӣ ба китобхонӣ меҳри зиёд доштааст.
– Шумо ҳам ба хондани китоб меҳр доред?
– Ба китобхонӣ меҳр доштанро чӣ хел мефаҳмед?
– Мақсади асосии нависанда аз чӣ иборат аст?
– Нависанда мехост, ки сабаби қаҳрамон шудани Нусратуллоро шарҳ диҳад.
6) Машқи навиштани амалҳои симо. Ба мазмуни матн баргардед. Савол гузошта, амалҳои Нусратуллоро муйян намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷавобҳои худро нависанд.
Намуна:
– Нусратулло аз хурдӣ чӣ кор мекард?
– Нусратулло аз хурдӣ дар кори саҳро ба падар ёрӣ мерасонд.
– Нусратулло баъди ба таҳсил шурӯъ кардан чиро ёд гирифт?
– Нусратулло хонда метавонист ва хатти зебое дошт.
– Нусратулло дар хурдӣ кадом забонро омӯхт?
– Нусратулло дар хурдӣ забони арабиро омӯхт.
– Вай ҳамеша ғами киро мехӯрд?
– Вай ҳамеша ғами дигаронро мехӯрд.
7) Мазмуни суханонеро, ки дар бораи Нусратулло Махсум гуфта шудаанд бо шеъри устод Рӯдакӣ муқоиса кунед (нигаред ба саҳ. 131).
8) Хонандагон чор ҷумлаи охири матни "Нусратулло Махсум"-ро менависанд ва мазмуни ин ҷумлаҳоро бо матни "Мушт ва ангушт" муқоиса кунанд.
*9) Машқи аз рӯйи амал муайян кардани хислат*
а) Саволу ҷавоб дар бораи хислатҳои неку бад
Намунаи саволу ҷавоб:
– Одамон чӣ хел хислат доранд?
– Одамон хислатҳои хуб ва бад доранд.
– Хислатҳои некро номбар кунед.
– Меҳнатдӯстӣ, ростгӯйӣ, баодобӣ хислатҳои хубанд.
– Хислатҳои бадро номбар кунед.
– Танбалӣ, дурӯғгӯйӣ, беодобӣ хислатҳои бад мебошанд.
б) Муайян кардани хислатҳои одамон
Намунаи саволу ҷавоб:
– Чӣ хел одамонро меҳнатдӯст мегӯянд?
– Одамонеро, ки меҳнат карданро дӯст медоранд, меҳнатдӯст мегӯянд.
– Чӣ хел одамонро танбал мегӯянд?
– Одамонеро, ки меҳнат кардан намехоҳанд, коргурезӣ мекунанд танбал мегӯянд.
в) Ҷадвали зерро ба хонандагон фаҳмонед. Ба хонандагон гӯед, ки хислати одамонро аз рӯйи корашон муайян мекунанд. Як намунаро нишон дода, иҷрои дигар мисолҳоро ба зиммаи хонандагон гузоред.

| Амал | Хислат |
|---|---|
| Нусратулло аз хурдӣ дар кори саҳро ба падар ёрӣ мерасонд. | Вай шахси меҳнатдӯст аст. |
| Нусратулло хонда метавонист ва хатти зебое дошт. | Вай шахси зирак буд. |
| Нусратулло дар хурдӣ забони арабиро омӯхт. | Вай шахси доно аст. |
| Вай ҳамеша ғами дигаронро мехӯрд. | Ӯ шахси ғамхор аст. |

10) Дар лавҳи дарсхона ин ҷадвал кашед:

| Кӣ? | Чӣ кор мекунад? | Чӣ хел хислат дорад? |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки номи ду ҳамсинфи худ (як писару як духтар) -ро гӯянд. Масалан, Фарзона ва Фарҳод.
Номи Фарзона ва Фарҳодро дар сутуни аввали ҷадвал нависед.
Аз ҳамсинфон пурсед, ки онҳо чӣ кор мекунанд. Масалан, Фарзона китоби бисёр мехонад. Фарҳод ба ҳамсинфон ёрӣ мерасонад. Ҷавобҳои хонандагонро дар сутуни дуюм нависед.
Аз хонандагон пурсед, ки аз рӯйи амалашон хислатҳои онҳоро муайян кунанд. Ҷавобҳои хонандагонро дар сутуни сеюм нависед.
Чунин ҷадвал ҳосил мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| Фарзона | китоби бисёр мехонад. | Вай доно аст. |
| Фарҳод | ба ҳамсинфон ёрӣ мерасонад. | Вай меҳрубон аст. |

Онро бори дигар шарҳ диҳед. Чанд нафар хонанда онро бояд шарҳ диҳанд.

11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди намунаҳои боло аз рӯйи амал (чӣ кор мекунад?) хислат (чӣ хел?)-и чанд ҳамсинфи худро муайян кунанд (аз таҳқир худдорӣ намоянд. Ба иззати нафси дигарон нарасанд)
12) **Арзёбӣ**. Бозии "Кист он?"
Шарти бозӣ: хонандагон бонавбат ба назди лавҳи дарсхона мебароянд ва ҳар кадом амалҳои ягон шахсро номбар мекунанд (Ӯ падару модарашро эҳтиром мекунад..) ва мепурсад: кист он?
Дигарон бояд хислати ин шахсро муайян кунанд ва гӯянд (Мисол, вай шахси меҳрубон аст).
13) Вазифа барои хона: Тартиб додани ибора аз рӯйи калимаҳои ҷадвали саҳ. 131
Вобаста ба қобилияти гуногуни хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## Дарсҳои 11-12. Шириншоҳи зирак-2 соат

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Шириншоҳ Шоҳтемур. Нақли мухтасар дар бораи "Чаро Шириншоҳ Шоҳтемур Қаҳрамони Тоҷикистон шуд?" Суҳбат аз рӯйи расму суратҳо. Корҳои анҷомдодаи ӯ. Роҳнамоӣ ба мустақилона хондани матн (дар бораи Шириншоҳ Шоҳтемур). Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Муайян кардан ва навиштани ҷумлаҳое, ки дар онҳо дар бораи хизматҳои шоёни Шириншоҳ сухан меравад. Аз рӯйи хислат муайян кадани амал (кор)-и одамон. Имлои

калимаҳо. Машқи муайян кардани амалҳои одамон. Мувофиқати сифат бо исм. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи аҳамияти забономӯзӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; суратҳои Ш. Шотемур, тӯбча

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Монанди дарси қаблӣ расмҳоро нишон дода, дар бораи Шириншоҳ мухтасар маълумот диҳед.
**5)** Ба хонандагон вазифа диҳед, ки матни “Шириншоҳи қаҳрамон”-ро аз саҳ.132-133-и китоб хонанд. Хонандагон мустақилона матнро мехонанд. Пас аз хондан саволу ҷавоб кунед.
Намунаи саволу ҷавоб:
- Ширишоҳ кадом забонро омӯхт?
- Шириншоҳ забони русиро омӯхт
- Вай дар куҷо забони русиро омӯхт?
- Вай забони русиро дар урдугоҳи русҳо омӯхт.
- Донистани забони русӣ ба ӯ барои чӣ лозим буд?
- Донистани забони рӯсӣ барои хондан ва шинос шудан ба ҷаҳони дигар лозим буд.
- Акнун, яке аз сабабҳои машҳур шудани Шириншоҳро гуфта метавонед?
- Вай аз овони бачагӣ ба забономӯзӣ машғул шуда буд.
- Мақсади асосии нависанда аз чӣ иборат аст?
- Нависанда мехост, ки яке аз сабабҳои қаҳрамон шудани Шириншоҳро шарҳ диҳад.

6) Ба хонандагон вазифа супоред, ки дар бораи аҳамияти забономӯзӣ нақл кунанд. Ҳангоми нақл кардан ба меъёрҳои нутқи шифоҳӣ диққат диҳед.
7) Хислат ва амалҳои Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шотемурро муқоиса карда, дар диаграммаи Венн нишон диҳед.
8) Дар дарси гузашта хонандагон аз рӯйи амал (кор) муайян кардани хислати одамонро омӯхта буданд. Дар ин дарс хонандагон аз рӯйи хислат муайян кадани амал (кор)-и одамонро меомӯзанд.

Шотемурро бачаи хушёру зирак мегуфтанд. Барои чӣ?

Дар хурдӣ аз ҳеҷ чиз натарсида ба урдугоҳи русҳо рафт

Забони русиро ёд гирифт

Рӯзона кор мекарду шабона мехонд

9) Барои мустаҳкамкунии ин малакаю маҳорат аз хонандагон хоҳиш намоед, ки интихобан ду-се нафар ҳамсинфони худро мисол оранд. Хислатҳои онҳоро гӯянд (аз таҳқир худдорӣ кунанд. Ба иззати нафси хонандагон набояд расид). Муайян кунанд, ки барои чӣ ин хислати онҳоро номбар карданд.

10) Дар лавҳи дарсхона ин ҷадвалро кашед:

| Ки? | Чӣ хел? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки номи ду ҳамсинфи худ (як писару як духтар)-ро гӯянд. Масалан, Фарзона ва Фарҳод.

Номи Фарзона ва Фарҳодро дар сутуни аввали ҷадвал нависед.

Аз ҳамсинфон пурсед, ки онҳо чӣ хел хислат доранд. Масалан, Фарзона чаққон аст. Фарҳод меҳрубон аст.

Аз хонандагон пурсед, ки аз рӯйи кадом корашон хислатҳои онҳоро муайян кардаанд. Ҷавобҳои хонандагонро дар сутуни чорум нависед.

Чунин ҷадвал ҳосил мешавад:

| Кӣ? | Чӣ хел? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| Фарзона | чаққон | корҳоро ба зудӣ ба анҷом мерасонад |
| Фарҳод | меҳрубон | ғами ҳамсинфонро мехӯрад |

11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди намунаҳои боло хислат ҳамсинфонро аз рӯйи амалашон муайян кунанд (аз таҳқир худдорӣ намоянд. Ба иззати нафси дигарон нарасанд)

12) **Арзёбӣ**. Бозӣ бо тӯбча. Шарти бозӣ чунин аст. Як нафар як хислати одамиро номбар карда, тӯбчаро ба нафари дигар мепартояд. Вай хислати дигарро номбар карда, ба нафари севум мепартояд. Ҳамин тавр бозӣ давом меёбад.

13 ) Вазифа барои хона: монанди намунаҳои боло се хислати дӯсти худро шарҳ дода нависед.

Вобаста ба қобилияти гуногуни хонандагони метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 13-14. ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ! (ХОНИШИ БЕРУНАЗСИНФӢ)

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда нигаред ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ.
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарсхонда нигаред ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ.

## ДАРСҲОИ 15-16. ОРЗУИ МАЛИКА

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи ҳунармандони театр. Алоқамандӣ бо фанни «Суруд ва мусиқӣ». Маълумоти мухтасар дар бораи шахсони машҳури соҳаи театр. Роҳнамоӣ ба мустақилона хондани матн. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Пасванд ва пешвандҳои сифатсоз. Номбар кардани пасванд ва пешвандҳои сифатсоз. Ба калимаҳо пасванд ва пешвандҳо ҳамроҳ карда, тартиб додани сифатҳо. Дигар шудани маънои калимаҳо пас аз пасванду пешванд ҳамроҳ кардан. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- хаттӣ ва шифоҳӣ муколама тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми Театри опера ва балет, сабти мусиқӣ (аз рӯйи имкон).
**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Ангезиши зеҳн. Мавзӯи суҳбат: “Мардумони кишварҳои дигар дар бораи Тоҷикистон чӣ хел огаҳӣ пайдо мекунанд?”
Суҳбатро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса бароред, ки Тоҷикистонро ба ҷаҳониён варзишгарон, ҳунармандон, олимон, шоирон ва молҳои босифати корхонаҳои мо шинос мекунанд. Дар баробари Қаҳрамонони Тоҷикиситон шахсе, ки Тоҷикистонро ба хориҷиён шинос кардааст, Малика Собирова мебошад. Мехоҳед, ки дар бораи вай маълумот дошта бошед? Биёед, матнеро дар бораи ӯ мехонем.
5) Хонандагонро ба хондани матнҳои “Орзуи Малика” ва “Ситораи дурахшон” ҳидоят намоед. Супориш диҳед, ки матнҳоро хонда гӯянд, ки Малика Тоҷикистонро ба мардумони дигар чӣ тавр шинос кардааст.
6) Хонандагон матнро мехонанд.

7) Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн.
Намуна:

- Малика Тоҷикистонро ба дигарон чӣ тавр шинос мекардааст?
- Малика консертҳои худро аз балети "Гул кун, Тоҷикистон" оғоз мекард.
- Консерҳои Малика дар куҷо баргузор шудаанд?
- Ҳунарнамоиҳои Малика дар Амрико, Япония, Эрон, Швейтсария баргузор шудаанд.
- Малика кай рақсиданро ёд гирифта буд?
- Малика аз нуҳсолагиаш рақсиданро ёд гирифта буд.
- Ӯ чӣ тавр ба театр роҳ ёфт?
- Малика аз хурдӣ рақс карданро дӯст медошт. (Давом диҳед.)

9) Машқи навиштани саволу ҷавоб.
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи мазмуни матн саволҳо тартиб диҳанд.
б) Дунафарӣ бо ҳамдигар саволу ҷавоб кунанд. Як нафар саволҳои навиштаашро мехонад, нафари дигар ҷавоб мегардонад. Бо оҳанги пурсиш хондани ҷумлаҳои саволиро назорат кунед.
10) Дар ин лаҳзаи дарс аз усули "Курсии сеҳрнок" истифода баред.
11) **Фаъолият:** мехонем ва менависем

1) Сархатти охири матнро дар лавҳи дарсхона ё варақи алоҳида нависед.
2) Хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид намоед.
3) Аз ҳар гурӯҳ як нафариро даъват кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ба гурӯҳи худ баргашта, онро нависанд.
4) Хонандагон якчанд маротиба то пурра навиштани матн барои хондан даъват карда мешаванд.

12) Монанди дарсҳои қаблӣ аз рӯйи амалҳо хислатҳои Маликаро муайян кунед.
13) Барои хона вазифа супоред: муколами хурд (се саволу се ҷавоб) тартиб дода нависед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
**14) Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.
*Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан*

Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.

- Масалан, ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?

Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.

15) Дарсро ҷамъбаст намуда, фаъолияти хонандагонро арзёбӣ намоед.

## Дарси 17. Имлои санҷишӣ

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд дар интиҳои дарс:

- дар ҳаҷми 70-75 калима имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.**
Нигаред ба дарсҳои қаблии "Имлои санҷишӣ".

### ДАРСИ 18. ДАРСИ ҶАМЪБАСТ ВА НАТИҶАГИРӢ -1 СОАТ

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарс ба салоҳияти омӯзгор аст. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон буда, шумо метавонед онро вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон ба нақша гиред.

Тавсияҳо:

1) Хонандагони синфро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
   - o хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
   - o хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
   - o хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
   - o хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд (ва ғайраҳо)

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед

### ДАРСҲОИ 19-20. ТАБИБ, ОЛИМ ВА ШОИРИ ТАВОНО

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Абӯалӣ ибни Сино. Суҳбат аз рӯйи расму суратҳо (муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва ғайраҳо). Маълумоти мухтасар дар бораи Абӯалӣ ибни Сино. Табибӣ, олимӣ ва шоирии ӯ. Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Имлои калимаҳо. Пешвандҳои сифатсоз. Номбар кардани пешвандҳои сифатсоз. Аз рӯйи намуна нишон додани пешвандҳои сифатсоз. Ба калимаҳо пешвандҳоро ҳамроҳ карда, сохтани калимаҳои нав. Дигар шудани маънои калимаҳо пас аз пешванд ҳамроҳ кардан. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симои матнро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми Донишгоҳи тиббӣ; расми муҷассамаи Абуалӣ ибни Сино, 20 сомонӣ...
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дониши заминавии хонандагонро дар бораи Абӯалӣ ибни Сино муайян кунед.
Ангезиши зеҳн гузаронед: "Дар Бораи Абӯалӣ ибни Сино чӣ медонед?"

– Расми Абӯалӣ ибни Сино дар рӯйи пули “20 сомонӣ” аст.
– Як ноҳияи шаҳри Душанбе ба номи Абӯалӣ ибни Сино аст.
– Донишгоҳи тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино гузошта шудааст ...
5) Аз рӯйи мазмуни расмҳои “Муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино” ва “Донишгоҳи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино” суҳбат кунед. Ба хонандагон дар бораи Абӯалӣ ибни Сино мухтасар маълумот дода, қайд намоед, ки имрӯз як матнро дар бораи ӯ мехонем.
6) Кор бо матни маърифатии “Абӯалӣ ибни Сино”.
а) Хонандагон матнро мустақилона мехонанд.
б) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб кунед. Тавсия: саволу ҷавобро метавонед аз рӯйи усули “Курсии сеҳрнок” ба роҳ монед.

7) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
Хонандагон бояд калимаҳоро ба дафтари “Имло” кӯчонанд.
8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки номҳои ба Абуалӣ ҳамқофияро фикр карда нависанд.
Муҳаммадалӣ, Нуралӣ, Файзалӣ ...
Ин машқро ҳамчун озмун ташкил карда, ба хонандагон имкон диҳед, ки ҳар чӣ бештар номҳоро нависанд. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар номҳоро дуруст навиштааст.
9) Монанди дарсҳои қаблӣ, аз рӯйи гуфтору рафтор муайян кардани хислати одамонро машқ кунед.
**10) Арзёбӣ.** Барои арзёбии дарси мазкур аз саволномаи зер истифода баред.
**Намуна:** Дар ҷумлаи «Абӯалӣ ибни Сино аввалин бор сӯзандоруро сохтааст» ба ҷойи «Абӯалӣ ибни Сино» кадом ҷонишинро истифода кардан мумкин аст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)

А. Мо
Б. Ӯ
В. Онҳо
Г. Шумо

**11) Вазифа барои хона.** Хондани қисмҳои 1-4-уми матни “Маҳфили Рӯдакӣ”. Ба хонандагон гӯед, ки матнро хонда, нақли занҷирворро ба ёдоранд. Дарси оянда мо мазмуни матнро монанди барномаи телевизионии “Се духтаракон будем” нақл мекунем. (Агар хонандагон ин барномаро надонанд, дар бораи он маълумот диҳед.) Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
**12) Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.
Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.

- Ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?

Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Бо хонандагон дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

## Дарсҳои 21-22. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Маълумоти мухтасар дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Роҳнамоӣ ба мустақилона хондани матни маърифатӣ. Мустақилона хондани матн. Шарҳи

калимаҳои душвори матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Аз рӯйи мазмуни матн нақшофарӣ кардан. Имлои калимаҳо. Аломати вергул пас аз исмҳои хос. Машқи тартиб додани ҷумлаҳо бо номи одамон. Имлои пасвандҳои сифатсоз. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- хаттӣ ва шифоҳӣ муколама тартиб дода тавонанд.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
3) Дониши мавҷудаи хонандагонро дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муайян кунед.
Ангезиши зеҳн гузаронед: Дар ибораҳои зерин сухан дар бораи кӣ меравад?
Хиёбони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ноҳияи Рӯдакӣ, муҷассамаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
5) Дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чӣ медонед? Хонандагонро гӯш кунед. Дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мухтасар маълумот диҳед. Аз расмҳо истифода баред.

6) Хонандагонро дар чор гурӯҳ муттаҳид кунед. Ба ҳар гурӯҳ вазифа диҳед, ки матнро бори дигар хонда, мазмунашро нақл кунанд.
7) Хонандагон қисмҳои худро хонда, мазмунашро нақл мекунанд.
8) Монанди дарсҳои қаблӣ аз рӯйи гуфтору рафтор муайян кардани хислати одамонро машқ кунед.
Намуна: Абуабдуллоҳи Рӯдакии хушмуомила бо хурдсолон ва калонсолон бо меҳрубонӣ гап мезад.
9) Хонандагон аз рӯйи расм ва ҷадвалҳои саҳифаҳои 149-151 ибора сохтанро машқ мекунанд.
10) Хонандагонро дар иҷрои супоришҳои саҳ. 153 роҳнамоӣ кунед.
11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки номҳои ба Абдуллоҳ ҳамқофияро фикр карда нависанд. Масалан:
Абдуллоҳ, Сайфуллоҳ, Наҷибуллоҳ ...
Ин машқро ҳамчун озмун ташкил карда, ба хонандагон имкон диҳед, ки ҳар чӣ бештар номҳоро нависанд. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар номҳоро дуруст навиштааст.

12) Хонандагон супоришҳои саҳ. 149-ро иҷро мекунанд. Имлои пасвандҳои сифатсозро бо хонандагон муҳокима кунед.
13) Арзёбии донишҳои хонандагон. Аз рӯйи фаъолиятҳои боло душвории хонандагони алоҳида ва сабабҳои онро муайян созед. Барои бартараф кардани душвориҳо дар дарсҳои оянда чораҳои мушаххас андешед (шояд барои, масалан, Маҳбуба ба тарзи дигар фаҳмондан лозим аст ё барои Равшан бештар аз рӯйи намуна кор кардан осонтар аст).

14) Вазифа барои хона. Тартиб додани 10 ибора бо пасвандҳои сифатсоз. (Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.)

15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

### Дарсҳои 23-24. Машқи навиштани иншо

**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади навиштани иншо. Муҳокимаи имкони истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Интихоби мавзӯи иншо. Муҳокима намудани тартиб ва қоидаҳои иншонависӣ (мувофиқи мавзӯъ, пайдарҳамӣ ва алоқамандии мазмуни ҷумлаҳо, гузоштани сархат ва ғайраҳо). Тартиб додани нақшаи иншо. Мувофиқи нақша навиштани иншо. Хондани иншо аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани иншо. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзи ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мавзӯъ ва мақсади навиштани иншоро муайян карда тавонанд;
- меъёрҳои навиштани иншоро муайян карда тавонанд;
- сохтори иншо (аввал, қисми асосӣ, анҷом)-ро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм бо риояи меъёрҳо иншо навишта тавонанд;
- ғалатҳоро дар иншои худ ва дигарон муайян сохта ислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** намунаи иншоҳои гуногун, расмҳои мазмуннок
**Равиши дарс.** Иншонависӣ аз рӯйи мазмуни расм воситаи муҳимми инкишофи тахайюлоти бадеӣ ва завқи зебопарастии хонандагони синфҳои ибтидоӣ буда, боиси инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мегардад. Мазмун дар расм ба воситаи манзара, одамон ва дигар ашёи дар амалиёту ҳаракат буда тасвир мегардад. Вале ин чунин маъно надорад, ки хонандагон дар доираи расм маҳдуд шуда, мустақилона ва ҳаматарафа фикр намеронда бошанд. Баръакс онҳо метавонанд мақсадашонро ба воситаи пардози хаёл (тахайюлоти бадеӣ) баён намуда, мазмуни расмро пурра ва васеъ кунанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Муҳокимаи мақсадҳои дарс.
4) Ангезиши зеҳн: «Барои чӣ мо иншо ё ҳикоя менависем?»
5) Муҳокимаи меъёрҳои иншонависӣ.
Аз кадом қисмҳо иборат аст? (аввал, қисми асосӣ, анҷом);
Дар ҳар қисм сухан дар бораи чӣ меравад?
Оғози иншо бояд чӣ гуна бошад?
Ҷумлаҳо бо ҳам чӣ хел алоқаманд мешаванд?
Дар қисми асосӣ дар бораи чӣ менависем? Дар анҷом-чӣ?
6) Машқи мустақилона навиштани иншо.

**Тартиби навиштани иншо:**
- хонандагонро ба он водор кунед, ки расмро бодиққат тамошо кунанд;
- бо хонандагон дастаҷамъона мазмуни расмро муҳокима кунед;
- сарлавҳаи мувофиқ интихоб намоед;

- Барои навиштани иншо 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
- Баъди навиштани иншо имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки иншоҳои худро хонанд.
- Кори онҳоро арзёбӣ кунед.

7) Ҷамъбаст ва арзёбӣ
8) Вазифа барои хона (оид ба тарзи иҷрои вазифаи хонагӣ дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд)

## Дарсҳои 25-26. Абулқосими Фирдавсӣ

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи Абулқосими Фирдавсӣ. Суҳбат аз рӯйи расму суратҳо (муҷассамаҳои Фирдавсӣ ва ғайраҳо). Маълумоти мухтасар дар бораи Абулқосими Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. Хондан ва нақл кардани мазмуни порчаҳо. Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Машқҳои имлоию луғавӣ ва босуръатнависӣ. Тарзи дурусти талаффуз ва навишт. Навиштани ҷумлаҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, муносибати худро баён менамояд.
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни сухани гӯяндаро муайян карда тавонанд;
- матнро бо усулҳои гуногун хонда тавонанд;
- усулҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми Абулқосим Фирдавсӣ, расми муҷассамаи Абулқосим Фирдавсӣ; филмҳои “Рустам ва Сӯҳроб”, “Коваи оҳангар”, “Сиёвуш” (аз рӯйи имкон)
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дониши мавҷудаи хонандагонро дар бораи Абулқосими Фирдавсӣ муайян кунед. Ангезиши зеҳн гузаронед: “Дар бораи Абулқосими Фирдавсӣ чӣ медонед?”
– Абулқосими Фирдавсӣ “Шоҳнома”-ро навиштааст.
– Як ноҳияи шаҳри Душанбе ба номи Абулқосими Фирдавсӣ аст.
(Тавсия: агар имкон дошта бошед дарсро аз намоиш додани ягон лаҳзаи филме аз рӯйи достони “Шоҳнома”, ё наворе аз “Маҳфили Шоҳномахонӣ” оғоз кунед.)
5) Аз рӯйи мазмуни расмҳои “Муҷассамаи Абулқосими Фирдавсӣ” ва “Шоҳнома” суҳбат кунед. Ба хонандагон дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ мухтасар маълумот диҳед.
6) Хонандагонро ба гӯш кардани хониши намунавии худ водор карда, матнро хонед.
7) Хонандагон матнро мехонанд. Ба тарзи хониши онҳо диққат диҳед. Ба хонандагони дигар супориш диҳед, ки хондани ҳамсинфонро гӯш карда, ғалатҳоро нишон диҳанд ва ислоҳ кунанд.

8) Имлои дунафарӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки исмҳои хосси матнро нависанд. Монанди дарсҳои қаблӣ хонандагон ба ҳамдигар калимаҳоро бонавбат мегӯянд ва менависанд. Ғалатҳоро дар навиштаҳои ҳамдигар муайян сохта ислоҳ мекунанд.

9) Озмуни “Кӣ зуд ва бехато?” Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки порчаи матнро аз охири саҳ. 154 “Дар “Шоҳнома” агарчӣ сухан...” тезтар ва беғалат нависанд. Ҳама бояд баробар сар кунанд. Ҳар нафаре, ки навиштанро тамом мекунад, даст мебардорад. Ҳангоми арзёбии кори хонандагон на танҳо вақт, балки миқдори ғалатҳо ва зебонависиро низ ба эътибор гиред.

10) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

11) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.

12) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.

13) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.

14) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**

15) Иҷрои супориши саҳ. 155 доир ба пешвандҳои сифатсоз.

16) Вазифа барои хона: Супориши саҳ. 155 (ба исмҳо ҳамроҳ кардани пасвандҳои сифатсоз). Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

## Дарсҳои 27-28. Зебуннисо

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон дар бораи варзишгарон ва мусобиқаҳои варзишӣ. Роҳнамоӣ ба мустақилона хондани матн (дар бораи Зебуннисо Рустамова). Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Имлои калимаҳо. Пасванд ва пешвандҳои сифатсоз. Номбар кардани пасванд ва пешвандҳои сифатсоз. Ба калимаҳо пасванд ва пешвандҳо ҳамроҳ карда, сохтани сифатҳо. Дигар шудани маънои калимаҳо пас аз ҳамроҳ кардани пасванду пешванд. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро бо усулҳои гуногун хонда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- хаттӣ ва шифоҳӣ муколама тартиб дода тавонанд;
- дар бораи аҳаммияти дастгирӣ кардани ҳамдигар фикри худро гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба варзишгарон ва мусобиқаҳои варзишӣ.

**Равиши дарс.**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

4) Дарсро аз муқоисаи ду расм оғоз кунед. Хонандагон расмҳои Гурдофарид ва Зебуннисоро муқоиса намуда, умумият ва фарқияти онҳоро муайян мекунанд. Пас аз анҷоми муқоиса мухтасар дар бораи Гурдофарид ва Зебуннисо Рустамова маълумот диҳед.

5) Хонандагонро ба мустақилона хондани матни “Хотираи қаҳрамони ҷаҳон дар варзиш” ҳидоят намоед. Вазифа супоред, ки матнро хонда мазмунашро эҷодӣ нақл кунанд. Меъёрҳои нақли эҷодиро муҳокима намоед.
6) Хонандагон матнро хонда, мазмунашро эҷодӣ нақл мекунанд. Ба тарзи эҷодӣ нақл кардани мазмуни матн диққат диҳед. Дар вақти зарурӣ ба хонандагон ёрӣ диҳед.
7) Машқи интихобан нақл кардани мазмуни матн.
Ба хонандагон супориш диҳед, ки лаҳзаи ба духтари шарикаш ёрӣ расонданро нақл кунанд. Ба ин монанд аз ҳаёт мисол оварда, дар бораи аҳамияти ба ҳамдигар ёрӣ расондан муҳокима ташкил намоед.
8) Хонандагон калимаҳои навро бо шарҳашон дар “Дафтари луғат” менависанд ва аз ёд мекунанд.

9) Машқи бо оҳанги мувофиқ хондани ҷумлаҳои саволӣ, ҳикоягӣ ва хитобӣ.
Бо оҳанги мувофиқ хондани ҷумлаҳоро аз рӯйи оҳанг ва мақсади гуфтор машқ кунед.

Дастаи мо аз чор нафар духтар иборат буд. Дар мусобиқа қаҳрамони ҷаҳон гаштам.
Ту аз куҷоӣ? Кадом навъи варзишро дӯст медорӣ?
Ана! Ана! Бубинед, кӯҳҳои Тоҷикистони ман! Ин - Ватани ман!

10) Муколама
а) Тарзи муколама карданро ёдрас кунед. Бо оҳанги мувофиқ хонадани саволу ҷавобро таъкид намоед.
б) Машқи навиштани саволу ҷавоб.
Намуна:
____ ___ ____ _______ ________?
Мо дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунем.
Шумо кадом рангро дӯст медоред?
__ _____ ______ ________.
в) Аз хонандагон пурсед, ки агар Зебуннисо Рустамова ба мактаби мо меҳмон шавад, ба ӯ чӣ савол медиҳем? Саволҳои худро нависанд.

11) Усули «Курсии сеҳрнок»-ро истифода баред.
Як нафар хонанда ҳамчун Зебуннисо Рустамова дар маркази давра қарор мегирад. Дигарон ба ӯ савол медиҳанд. Намуна:
**Хонандаи 1**. Лутфан, бигӯед, ки шумо ба кадом навъи варзиш машғул будед?
**«Зебуннисо»**: Ман ба камонварӣ машғул будам.
**Хонандаи 2**. Дастаи шумо аз чанд нафар иборат буд?
**«Зебуннисо»**: Дастаи мо аз чор нафар иборат буд.
**Хонандаи 3**. Шумо ба кӣ ёрӣ расондед?
**«Зебуннисо»**: Ба яке аз духтарони даста.
**Хонандаи 4**. Президенти Федератсияи ҷаҳонӣ оид ба камонварӣ ба назди шумо омада чӣ гуфт?
**«Зебуннисо»**: Ку, чемпиондухтар, ватанатро аз харита нишон деҳ.
12) Барои хона вазифа супоред: муколами хурд (се саволу се ҷавоб) тартиб дода нависед.
Вобаста ба қобилияти мухталифа хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст намуда, фаъолияти хонандагонро арзёбӣ намоед.

## Дарсҳои 29-30. Манзараҳои зимистон

**Барнома.** Тасвири манзараҳои табиат дар фасли зимистон дар асарҳои насрӣ. Тасвири нишонаҳо ва ҳодисаҳои табиии фасл. Хониши калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ) кардан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи зимистон. Бо истифода аз калимаву ибораҳои матн тартиб

додани ҷумлаҳо. Манзараи зимистони маҳаллаи худро хаттӣ тасвир кардани хонандагон. Калимаҳои муқобилмаъно. Дар зимистон аз чӣ бояд эҳтиёт шуд? Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калима ва ибораҳои хосси зимистонро дар нутқи хаттӣ истифода карда тавонанд;
- доир ба фасли зимистон шифоҳӣ ва хаттӣ нақл тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми манзараҳои зимистон; варақаҳои таълимӣ
**Равиши дарс.** Дарси мазкур оғози боби нав буда, хонандагон дар рафти он бо тасвири манзара ва нишонаҳои фасл дар матнҳои насрӣ шинос мешаванд, чӣ тавр тасвир шудани манзараҳои зимистонро дида мебароянд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон пурсед, ки кадом нишонаҳои фасли зимистонро медонанд. Ба онҳо вазифа диҳед, ки нишонаҳои фасли зимистонро нависанд.
5) Расми манзараи зимистонро овезон кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи мазмуни расм шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳанд. Ҳикояи чанд нафарро бишнавед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсия диҳед.
6) Кор бо матни “Зимистон (китоби дарсӣ, саҳ. 160-161). Ба хонандагон вазифа диҳед, ки матнро хонанд. Нишонаҳои зимистонро аз матн муайян кунанд ва бо нишонаҳои навиштаи худ муқоиса намоянд.
7) Мазмуни ин матнро бо мазмуни матни “Сайри шоир” (дарси 5, боби 3) муқоиса намуда, хонандагон бояд монандиии онҳоро муайян кунанд. Ҳар ду матн матни тасвирӣ буда, дар онҳо манзараҳои фасл тасвир шудаанд.
8) Кор дар гурӯҳҳои хурд.
а) Аҳли синфро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ тақсим кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (пешакӣ вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, назди гурӯҳҳо гузоред)

**Гурӯҳи № 1**
1. Матнро хонед. Манзараи зимистонро тасвир кунед.
2. Мазмуни расмро бо ду-се ҷумла нависед. Аз калима ва ибораҳои матн истифода баред.

**Гурӯҳи № 2**
1. Матнро хонед. Дар он дар бораи кадом душвориҳои фасли зимистон сухан меравад?
2. Дар мавзӯи «Дар фасли зимистон аз чӣ эҳтиёт шудан лозим аст?» шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳед.

**Гурӯҳи № 3**
1. Матнро хонед.
2. Дар матн ибораҳое, ки нишонаҳои зимистонро ифода мекунанд, ёфта нависед. Интихобан бо дутои онҳо ҷумла тартиб диҳед. (Хонандагон бояд ибораҳои зеринро

ёбанд: тӯдаҳои барф, яхи сахти сиёҳчаранг, барфи бисёр, барфи дурахшони сафед, саҳрои пурбарф.)

**Гурӯҳи № 4**

1. Матнро хонед. Манзараи барфбозии зоғҳоро ҳикоя кунед.

Ба калимаҳои **васеъ, сафед, пастӣ, хонагӣ** калимаҳои муқобилмаъно оред. Интихобан бо ду калима аввал ибора, баъд ҷумла тартиб дода нависед.

*васеъ-танг, роҳи васеъ-роҳи танг. Ҳавлии мо дар шафати роҳи васеъ ҷойгир буд. Мо бо роҳи танг сӯйи саҳро мерафтем.*

9) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

10) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.

11) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.

12) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.

13) Вазифа барои хона: дар мавзӯи “Дар фасли зимистон аз чӣ эҳтиёт шудан лозим аст?” ҳикояи хурд нависед.

14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 31-32. ЧАРО БАРФ САФЕД АСТ?

**Барнома.** Тасвири зимистон аз ҷониби олимон. Тасвири нишонаҳо ва ҳодисаҳои табиии фасл. Хониши хомӯшонаи матн. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ) кардан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои хосси зимистон. Бо истифода аз калимаву ибораҳои матн тартиб додани ҷумлаҳо. Манзараи зимистони маҳаллаи худро хаттӣ тасвир карда, калимаҳои пайиҳамомада (исму сифат, феъл)-ро бо вергул ва пайвандаки “ва” ҷудо кардан. Оҳанги хониши ин ҷумлаҳоро машқ кардан. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- дар бораи мазмуни матн маълумот дода тавонанд;
- мазмуни матнҳоро муқоиса карда тавонанд;
- калима ва ибораҳо сохта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расми манзараҳои барфпӯш

**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии дарси гузашта аст. Хонандагон сабабҳои фарорасии зимистон ва боридани барфро меомӯзанд. Матни илмӣ-оммавиро дар бораи зимистон мехонанд ва фарқияти онро аз матнҳои бадеӣ муайян мекунанд.

1) Ташкили дарс.

2) Вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

4) Дарси навро аз саволу ҷавоб оғоз кунед. Дарсҳои фанни табиатшиносиро ба хотир оварда, гӯед, ки барои чӣ фасли зимистон мешавад? Он кай фаро мерасад? Хусусиятҳои зимистон кадомҳоянд? Чаро барф меборад? Чаро барф сафед аст?

5) Ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мо ба ҳамин саволҳо ҷавоб меҷӯем. Барои он ки ба ин саволҳо ҷавоб гӯем, биёед, матнро мехонем.

6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як маротиба хомӯшона хонанд ва сабаби боридану сафед будани барфро шарҳ диҳанд. Шарҳи чанд хонандаро бишнавед ва хоҳиш кунед, ки мазмуни онро бо матни “Тирамоҳ кай оғоз меёбад ва чаро баргҳо зард мешаванд?” муқоиса намоянд. (Ҳар ду матн матни маърифатӣ ё илмӣ-оммавӣ буда, дар онҳо сабабҳои ранги муайян доштани манзараҳои фасл шарҳ дода шудаанд.)
7) Аз рӯйи супоришҳои замимаи китоби дарсӣ фаъолият кардани хонандагонро роҳнамоӣ кунед.
8) Диққати хонандагонро ба мазмуни матнҳои “Чаро барф сафед аст?” ва “Тирамоҳ кай оғоз меёбад ва чаро баргҳо зард мешаванд?” равона карда, гӯед, ки дар ин матнҳо сухан дар бораи рангу маза (ранги барф, баргҳо, меваҳо, инчунин таъми онҳо: ширин, турш, ... ?) меравад. Ин калимаҳо сифат, ё аломати онҳоро нишон медиҳанд. Дар баробари ранг, мазза боз кадом аломатҳо ҳастанд?
9) Фикри хонандагонро бишнавед ва онҳоро ба иҷрои машқи 1-и замима водор намоед.
Категорияҳои гурӯҳбандиро монанди намунаи зайл дар лавҳи дарсхона ё варақи сафед нависед (дар қавсайн ҷавобҳои дуруст оварда шудаанд):
Сифатҳои ифодакунандаи ҳаҷм: ...., ...., ...., ..., ...., .... *(калон, васеъ, кӯтоҳ, хурд)*.
Сифатҳое, ки аз чӣ сохта шудани ашёро ифода мекунанд: ...., ...., ..... *(чӯбин, пахтагин)*.
Сифатҳои ифодакунандаи ранг: ...., ...., ...., ..., ..... *(сафед, сиёҳ, кабуд, гулобӣ)*.
Сифатҳои ифодакунандаи мазза: ...., ...., ...., ..., ..... *(ширин, талх, тунд, турш)*.
Сифатҳои ифодакунандаи аломати ҳайвонот ...., ...., ...., .... *(маккор, каҷпо, ғофил, ҳарис)*.
Сифатҳои ифодакунандаи хислати одамон: ...., ...., .... *(нек, зебо, баодоб, ҷасур, ботамиз)*.
10) Хонандагон машқи 2-ро иҷро мекунанд. Шумо метавонед, пас аз иҷрои ин машқ хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, озмуни “Кӣ бештар?” -ро гузаронед.
Шарту тартиби ин озмун:
Се сифатро интихоб кунед. Масалан, сафед, сурх, ширин.
Аз хонандагон хоҳиш менамоед, ки бо ин сифатҳо ҳар чӣ бештар ибора тартиб диҳанд.
Намуна: Себи ширин, қанди ширин, шакари ширин, олуи ширин, ноки ширин,..
Ғолиб нафар ё гурӯҳе дониста мешавад, ки аз ҳама бештар ибора месозад.
Барои арзёбии дарс аз хонандагон тест гиред. (Нигаред ба замима)

11) Вазифа барои хона: Монанди озмуни дарси имрӯза ба хонандагон вазифа диҳед, ки бо яке аз сифатҳо ҳар чӣ бештар ибора созанд.
Намуна:
Осмони кабуд, шими кабуд, куртаи кабуд, ранг кабуд,....
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи ичрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

### ДАРСҲОИ 33-34. МО ҲАМ КИТОБЧА МЕНАВИСЕМ!

**Барнома.** Тасвири манзараҳои зимистон. Рангу бор кардани расмҳо. Аз рӯйи мазмуни расм навиштани ҷумлаҳо. Ба ҳам алоқаманд намудани ҷумлаҳо ва сохтани китобча. Хондани китобча. Муҳокимаи мазмуни он.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- доир ба фасли зимистон расм тасвир карда тавонанд;
- мазмуни расмро бо ду-се ҷумла навишта тавонанд;
- кори худ ва гурӯҳро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар фаъолиятҳои гурӯҳи саҳм гузошта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расмҳои манзараи зимистон; варақаҳои А4, албом, коғаз ва қаламҳои ранга, ширеш.

**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии мавзӯи гузашта буда, хонандагон манзараҳои фасли зимистонро тасвир карда, аз рӯйи мазмуни он ҷумла ё ҷумлаҳои мазмунан алоқаманд менависанд.

1) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

2) Хонандагон мазмуни матнҳои "Тасвири зимистон", "Чаро барф сафед аст?"-ро ба хотир оварда, хусусиятҳои зимистонро номбар мекунанд.

3) Кор дар гурӯҳчаҳои дунафарӣ.

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор кунанд.

б) Қоидаҳои корро муҳокима кунед.

2) Ба онҳо варақи сафед ё дуварақи дафтарро диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаламҳои ранга гиранд.

3) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед: "Зимистони нукрарез"

4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи зимистон як-ду ҷумла тартиб диҳанд.

5) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҷумлаҳои дар гурӯҳҳо навишташуда гуногунанд.

6) Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи мазмуни ҷумла расм кашанд.

7) Расмро ранг кунанд ва ҷумлаи тартибдодаашонро дар поёни варақ нависанд.

8) Ҳангоми кор ба хонандагон ёрӣ расонед.

9) Ҳангоме ки ҳама корро ба анҷом расонданд, варақҳоро ҷамъ оварда, пайиҳам часпонед ва онро муқова кунед.

10) Номи китобчаро якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед.

11) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: "Хонандагони синфи 4 "А"".

12) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед: Дарси имрӯза дар бораи чӣ буд? Кадом фаъолиятҳоро иҷро намудем? Чиро омӯхтем? Чӣ ба шумо маъқул шуд?

14) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо аъзои хонавода муҳокима намоед. Кори кардаи худро нишон диҳед ва дар бораи он нақл кунед.

Вобаста ба қобилияти гуногуни хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 35-36. ШӮХИҲОИ ЗИМИСТОНА

**Барнома.** Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Шарҳ додани калимаҳои душвор ва навиштани ҷумлаҳо. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Шифоҳӣ дар бораи анъанаи барфинависӣ ҳикоя кардан. Дар матн ҷудо кардани калима ва ибораҳои хосси маросими барфӣ. Имлои калимаҳо. Навиштани «Барфӣ».

**Салоҳиятҳо:**

4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.

4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро дуруст талаффуз кунанд ва нависанд;
- ҷойҳои холии ҷумлаҳоро пурра карда нависанд;
- шарти бозии “Барфӣ”-ро гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; варақаҳо барои навиштани “Барфӣ”
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) «Ангезиши зеҳн»
Бо боридани барфи аввал одамон ба ҳамдигар “Барфӣ” менависанд. Чиро “Барфӣ” мегӯянд.




б) Фикри хонандагонро бишнавед ва дар давраҳои атрофи калимаи барфӣ нависед
в) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, гӯед, ки имрӯз мо дар бораи шӯхиҳои зимистона, ки яке аз онҳо “Барфӣ” ном дорад, дарс мегузарем.
5) Хонандагон матни “Маросими барфӣ”-ро мехонанд ва чӣ будани “барфӣ”-ро шарҳ медиҳанд.
6) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
Хонандагон калимаҳоро ба дафтари “Имло”мекӯчонанд.

7) Машқи навиштани “Барфӣ”
а) Диққати хонандагонро ба ду мисраи аввали шеър ҷалб намоед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки баъзан одамон “Барфӣ”-ро бо ду мисраъ шеър менависанд:
Зарра-зарра барф меборад сафед,
Як зиёфат аз шумо дорем умед.
Ё:
Зарра-зарра барф меборад сафед
Меҳрубонӣ аз шумо дорем умед.

б) Ҳамроҳи хонандаҳо муайян кунед, ки одамон хоҳиши худро бо як калимаи иборат аз чор ҳиҷо ё ду калимаи яку сеҳиҷодор менависанд. Мисол: руч/ка/и /нав, даф/ та/ри/ нав/, ки/то/би нав, ал/бо/ми нав, ба/ҳо/и /чор, ба/ҳо/и/ панҷ.
в) Дар лавҳи дарсхона нависед:

Зарра-зарра барф меборад сафед,
……. аз шумо дорем умед.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи нуқтаҳо монанди намунаҳои боло хоҳиши худро нависанд.
Намуна: Зарра-зарра барф меборад сафед,
Китоби нав аз шумо дорем умед.
Навиштаҳои онҳоро назорат кунед ва бо вазни нодуруст нависанд ҳам, эрод нагиред.
8) Бозии «Барфӣ». Шарти бозӣ чунин аст:
Як нафарро назди лавҳи дарсхона даъват намуда, чашмонашро бандед.
Аз байни хонандагон интихобан як нафар баромада, ба дасти ӯ «Барфӣ» медиҳад.
Чашми нафари аввалро кушоед ва аз ӯ хоҳиш намоед, ки «Барфӣ»-и гирифтаашро хонад. Агар шахси «Барфӣ»-нависро ёбад, ҷояшро ба ӯ медиҳад. Агар наёбад, хоҳиши «Барфӣ»-нависро иҷро мекунад. Масалан, рақс мекунад.
Ба ҳамин тариқ, чанд нафар ба назди лавҳи дарсхона омада, шахсони «Барфӣ»-нависро муайян мекунанд.

9). Вазифа барои хона: навиштани "Барфӣ".
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
**10) Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.
Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.

- Ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?

Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.

11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

### ДАРСҲОИ 37-38. ҶАШНИ САДА

**Барнома.** Ҷашни Сада. Шарҳи маънои Сада. Таърихи пайдоиши Сада. Ҷашнгирии Сада дар замони мо. Калимаҳои хосси ин ҷашн. Мустақилона хондани матн. Шарҳ додани калимаҳои душвор ва навиштани ҷумлаҳо. Дар бораи ҷашни Сада маълумот додан. Алоқамандӣ бо ҳаёт. Доир ба ҷашнгирии Сада дар маҳаллаи худ ҳикоя кардан. Имлои калимаҳои душвор. Бахшида ба таҷлили иди Сада навиштани эълон ва табрикнома. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– доир ба ҷашни Сада шифоҳӣ ва хаттӣ табрикномаю эълон навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расму мусавварахо доир ба манзарахои фасли зимистон; мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба ҷашни Сада
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дарсро аз «Ангезиши зеҳн» оғоз кунед.
а) Савол гузоред: дар бораи ҷашни Сада чӣ медонед?




б) Фикри хонандагонро бишнавед ва дар давраҳои атрофи калимаи «Сада» нависед
в) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, гӯед, ки имрӯз мо донишҳои худро дар бораи ҷашни Сада афзун мекунем.

2) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки барои чӣ ин ҷашнро Сада мегӯянд.
Хонандагон матни «Ҷашни Сада»-ро мехонанд.

3) Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.
Намунаи саволу ҷавобҳо:
- *Барои чӣ ин ҷашнро Сада мегӯянд?*
- *Барои он ин ҷашнро Сада мегӯянд, ки онро панҷоҳ шабу рӯз пеш аз Наврӯз ҷашн мегирифтаанд.*
- *Дар чандуми моҳи Баҳман онро ҷашн мегирифтанд?*
- *Садаро рӯзи даҳуми моҳи Баҳман ҷашн мегирифтанд.*
- *Ба солшумории мо Баҳманмоҳ кай оғоз мешавад?*
- *Ба солшумории мо 22-юми январ оғози моҳи Баҳман аст.*
- *Агар моҳи Баҳман 22-юми январ оғоз шавад 10-уми Баҳман ба чӣ баробар аст?*
- *10-уми Баҳман ба 31-уми январ баробар мешавад.*
- *Дар замони мо Садаро чӣ тарз ҷашн мегиранд?*
- *Дар замони мо Садаро ҳамчун омодагӣ ба фасли баҳор ҷашн мегиранд.*

4) Машқи ҳикоя кардан дар бораи ҷашни Сада
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба ҷашн гирифтани Сада дар мактаб ва маҳаллаи худ ҳикоя кунанд. Пеш аз ҳикоя кардан меъёрҳоро хотиррасон кунед (нигаред ба дарсҳои қаблӣ).
б) Ҳикояҳои хонандагонро аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ кунед, барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсия диҳед.
5) Хонандагонро дар иҷрои машқҳои 1-3 роҳнамоӣ кунед.

6) Машқи навиштани табрикнома ва эълон
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба ифтихори ҷашни Сада ҳамдигарро аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ табрик намоянд.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оид ба баргузории ҷашни Сада аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ эълон кунанд (нависанд).
7) Вазифа барои хона: машқи 5-и замима. Ба катакҳо ҷой кардан барои ҳама дахл дорад. Тартиб додани кроссворд аз рӯйи хоҳиш. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
8) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## Дарсҳои 39-40. Муҳокимаи китобҳои хонда

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд, барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (350 - 500) -ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- сканворду кроссвордҳоро пур карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,

**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда – нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

## Дарсҳои 41-44. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи аввали соли таҳсил

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан дар нимсолаи аввали соли таҳсил. Усулҳои гуногуни арзёбӣ. Арзёбии инфиродии хонандагон. Ҷадвалҳои арзёбии фаъолиятҳои нутқ. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз ҷадвалҳо.

**Тавсия.** Дар доираи дарсҳои мазкур салоҳиятҳои хонандагонро доир ба самтҳои таълими фанни забони модарӣ: гӯш кардан (шунидан), гуфтан, хондан ва навиштан арзёбӣ намуда, натиҷаҳои онро бо натиҷаҳои арзёбии аввали соли таҳсил муқоиса кунед. Омилҳои мусбат ва манфии фаъолияти худ ва хонандагонро муайян намуда, барои беҳтар намудани сифати таълим дар нимсолаи дуюм тадбирҳои таълимии мушаххас андешед.

Барои гузаронидани дарсҳои арзёбӣ аз дастур ва намунаҳои Дарсҳои 5-и боби якум истифода баред.

Танҳо дар арзёбии нимсолаи як ҳаҷми матнҳо барои гӯш кардан (10 калима), барои хондан (5 калима) зиёд карда мешавад.

## БОБИ 5. РАСМУ ОИНҲОИ МО (34 СОАТ)

### ДАРСҲОИ 1-2. НИЯТИ НЕК

**Барнома.** Шарҳи мафҳуми «Нияти нек» Хислатҳои хуб ва бади инсонӣ. Пешгирии рафтори бад. Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Эҷодӣ нақл кардани мазмуни матн. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ) кардан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Имлои калимаҳои душвор. Калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно. Имлои онҳо. Истифодаи калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс:**
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни беғалатнависиро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Дарси мазкур оғози боби нав аст. Дар ин боб хонандагон бо расму оин ва урфу одатҳои миллӣ шинос мешаванд. Барои омӯзиши ин боб матнҳои ба синну сол мувофиқ интихоб ва омӯхта мешаванд. Дарси аввали боб ба "Нияти нек" бахшида мешавад.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Қисми аввали дарсро аз рӯйи ҷадвали зер ба роҳ монед.

<table>
<tr><th>Зина (усул)-ҳои кор бо матн</th><th>Тафсир (шарҳу эзоҳ)</th></tr>
<tr><td>1.Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ</td><td>"Ангезиши зеҳн"<br>а) Монанди намунаи зер дар лавҳи дарсхона ҷадвал тасвир кунед.
<table>
<tr><td>Пиндори нек</td><td>Гуфтори нек</td><td>Рафтори нек</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>
б) Аз хонандагон пурсед, ки зери ин мафҳумҳо чиро мефаҳманд. Фикри хонандагонро бишнавед ва дар сутунҳои мувофиқ нависед.<br>в) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, пурсед, ки ба андешаи онҳо, имрӯз дарс дар бораи чӣ хоҳад буд. Ин дафъа ҳам фикри хонандагонро бишнавед ва онҳоро ба хондани матни ҳикояи "Заминларза"-и Азизи Азиз роҳнамоӣ кунед. Ба онҳо вазифа диҳед, ки матнро хонда, мазамунашро нақл кунанд.</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| **2. Шиносоӣ бо мазмуни матн** | Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро мутақилона хонанд. |
| **3. Саволгузорӣ** | Хонандагон доир ба мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб медиҳанд.<br>Ин воқеа дар дарси кадом фан рух дод?<br>Муаллима ба хонандагон чӣ вазифа дод?<br>Саид чӣ хел ҷумла гуфт? Маъмур чӣ?<br>Шариф чӣ ҷавоб дод? Барои чӣ?<br>Ҳангоми заминларза хонандагон чӣ кор карданд?<br>Агар шумо мебудед, чӣ кор мекардед?<br>Баъди ба дарсхона баргаштан муаллима чӣ гуфт?<br>Шариф чӣ ҷавоб дод? Чӣ тарз ҷавоб дод?<br>Маънои “ниййят” чӣ будааст? |
| **4.Тасаввур кардан** | Мазмуни матнро тасаввур кунед: Дарс. Муаллима вазифа медиҳад. Хонандагон иҷро мекунанд. Ногоҳ – заминларза. Ҳама ба берун мегурезанд. |
| **5. Мушоҳида, муайян ва ё ислоҳ кардан** | Ба хонандагон савол диҳед, ки оё мазмуни матни хондаашонро фаҳмиданд ё не? Агар нафаҳмида бошанд, як бори дигар хонанд. |
| **6. Хулосабарорӣ** | Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст? |
| **7.Ҷамъбаст/нақл кардан** | Мазмуни матнро мухтасар нақл кунед. |

5) Машқи 2. Имлои дунафарӣ. Хонандагон ҷумлаҳои тартибдодаи Саид ва Маъмурро бонавбат ба ҳамдигар мегӯянд ва менависанд. Дафтарҳои худро бо шарикашон иваз карда, месанҷанд. Ғалатҳои ҷойдоштаро фаҳмонда, ислоҳ мекунанд.

6) Имлои “Худамро месанҷам!”
а) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки калимаҳои машқи 3-ро дар як дақиқа хонанд ва ба имлои онҳо диққат диҳанд.
б) Пас аз як дақиқа китобро пӯшанд ва калимаҳоро аз рӯйи хотир нависанд.
в) Китобро кушоянд ва навиштаҳои худро муқоиса намуда, ғалатҳоро ёфта, ислоҳ кунанд.
Барои бовар ҳосил кардан, ки хонандагон аз рӯйи масъулият кор мекунанд, интихобан чанд дафтарро санҷед.

7) Машқи ҷумласозӣ. Хонандагон бояд:
а) бо калимаҳои машқи 3 ҷумлаҳо тартиб диҳанд;
б) дафтарҳои худро бо шарикашон иваз карда санҷанд;
в) ғалатҳои ҷойдоштаро фаҳмонда, ислоҳ кунанд.

8) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки машқи 5-ро иҷро кунанд.
Ҷумлаҳои худро хонанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагонро арзёбӣ намуда, таъриф кунед, ки шумо тавонистед ва ин хеле хуб аст!

**9**) Вазифа барои хона: қоидаҳои рафторро ҳангоми заминларза бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Нақшаи гурезгоҳро ҳангоми заминларза муайян кунед.
Ниятҳои некро номбар карда нависед (машқи 6). Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

**10) Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.
- Ба кадом мушкилот дучор шудед?
- Чӣ/Кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар кадом самт ба шумо ёрии бештар зарур аст?
- Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд?
- Чӣ чизи навро омӯхтед?

  Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.

11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 3-4. ЭҲТИРОМИ ПАДАРУ МОДАР ВА КАЛОНСОЛОН

**Барнома.** Падар ва модар. Бобою бибӣ. Эҳтироми онҳо ва шахсони калонсол. Порчаҳои матни гуногун дар бораи эҳтироми падару модар ва шахсони калонсол. Доир ба мазмуни матнҳо саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ) кардан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матнҳо. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Имлои калимаҳои душвор. Дар бораи насиҳатҳои падар ва модари худ ҳикоя кардан. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи эҳтироми падару модар ва калонсолон шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд;
- роҳу усулҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бо хонандагон дар бораи эҳтироми падару модар ва калонсолон суҳбат кунед.
Хонандагон аз рӯйи таҷриба қоидаҳои эҳтиромро тартиб медиҳанд: “Барои чӣ падару модар ва калонсолонро бояд эҳтиром кунем?”

5) Ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мо дар бораи эҳтироми калонсолон сухан меронем ва хонандагонро ба хондани машқи 1 ҳидоят намоед. Пас аз хондан аз онҳо хоҳиш намоед, ки 7 сабаби эҳтиром кардани падару модарро аз матн муайян намоянд.
6) Барои иҷрои машқҳои 2-4 хонандагонро раҳнамоӣ кунед.
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, дар бораи эҳтироми падару модар шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳанд. Ҳикояҳои худро гӯянд. Ҳикояҳои хонандагонро арзёбӣ намуда, барои беҳтар шудани онҳо тавсияҳо диҳед.
8) Шумо инчунин метавонед доир ба падару модар озмуни шеърхонӣ ташкил кунед.

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки доир ба эҳтироми падару модар ва шахсони калонсол мисолҳо оранд. Мисолҳоро муҳокима намуда, хуб ё бад будани онҳоро муайян созед.
10) Вазифа барои хона: дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Ҳамроҳи онҳо нишонаҳои эҳтиром кардани падару модар ва шахсони калонсолро муайян кунед ва рӯйхатти нав тартиб диҳед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
**11) Арзёбӣ.** Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## Дарсҳои 5-6. «Ту” ва “шумо”

**Барнома.** Ҷонишинҳои “ту” ва “шумо”. Нишонаи маданиятнокии шахс. Мавридҳои истифодаи ин ҷонишинҳо. Муошират бо ҳамсолон ва калонсолон. Дуруст истифода бурдани аломати вергул ва пайвандаки “ва”.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад;
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- дар вазъиятҳои гуногун “ту” ва “шумо”-ро бамаврид истифода карда тавонанд;
- роҳу усулҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба мавзӯъ (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Дар кадом мавридҳо мо ҷонишини “ту”-ро истифода мебарем?
Дар кадом мавридҳо ҷонишини “шумо”-ро истифода мебарем?
5) Хонандагонро ба хондани матни “Ҷонишинҳои ту ва шумо”(саҳ. 170-171) ҳидоят намоед.
6) Хонандагон матнро мехонанд. Пас аз хондан доир ба мазмуни он саволу ҷавоб ташкил кунед.
7) Хонандагон супоришҳои 1-5-и саҳифаи 171-ро иҷро мекунанд.
8) Вазифа барои хона: дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Ҳамроҳи онҳо мавридҳои истифодаи “ту” ва “шумо”-ро муайян кунед ва рӯйхатти нав тартиб диҳед.
1. Хамаи хурдсолон ба калонсолон “шумо” гуфта муроҷиат мекунанд.
2. ......

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
9) Арзёбӣ. Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

10) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## Дарсҳои 7-8. Одоби меҳмондорӣ

**Барнома.** Одоби меҳмонӣ. Ба меҳмонӣ рафтан. Аз рӯйи сарлавҳа ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Пешгӯйии худро бо мазмуни аслии матн муқоиса кардан. Муайян кардани мувофиқат ва фарқияти пешгӯйӣ. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқамандӣ бо ҳаёт. Мувофиқи мазмуни матн аз ҳаёт мисол овардан. Ба меҳмонӣ даъват кардан ва рафтанро машқ кардан (нақшофарӣ). Риоя кардани пастиву баландии овоз ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Имлои калимаҳо. Ҷумлаҳо аз рӯйи оҳанг ва мақсади гуфтор. Машқи навиштани қоидаҳои ба меҳмонӣ рафтан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- пешгӯйии худро бо мазмуни матн муқоиса карда тавонанд;
- мазмун ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- роҳу усулҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба Тоҷикистон ва манзараҳои он, мақола, шеъру ҳикояҳо доир ба Тоҷикистон (аз рӯзномаву маҷаллаҳо).
**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон омӯхтани расму оинҳои миллиро идома медиҳанд. Ин дафъа онҳо бо одоби меҳмондорӣ шинос мешаванд. Бо матн тавассути пешгӯйӣ шинос мешаванд. Нигаред ба дарси қаблӣ.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Суҳбат дар бораи одоби меҳмондорӣ ва ба меҳмонӣ рафтан.
3) Кор бо матни “Хона дар хона”. Номи матнро нависед ва муҳокима кунед. Пурсед, ки ба фикри онҳо, сухан дар бораи чӣ меравад? Андешаҳои онҳоро гӯш кунед. Онҳоро ба гӯш кардан водор намуда, қисми якуми матнро хонед. Пас аз хондани қисми аввал бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

1. Чанд кас ба меҳмонӣ омаданд?
2. Оё ба хонаи шумо ҳам бе ҳеҷ такаллуф касе меояд?
3. Онҳо чӣ кор мекарданд?
4. Чӣ нақша кашиданд?

Хонандагон давоми ҳикояро пешгӯйӣ мекунанд. Қисми дуюми матнро хонед ва саволу ҷавоб кунед.

1. Нақшаи меҳмонон аз чӣ иборат буд?
2. Агар меҳмонони шумо ҳам чунин рафтор кунанд, чӣ чора меандешед?
3. Оё соҳибони хона ба рафтори меҳмонон одат каранд?
4. Соҳиби хона, ба фикри шумо, чӣ гуна рафтор мекунад? Чаро?

Хонандагон давоми ҳикояро пешгӯйӣ мекунанд. Қисми чоруми матнро хонед ва саволу ҷавоб кунед.

Чиҳо меҳмон шуда будаанд?
Барои чӣ матн «Хона дар хона» ном дорад?
Оё дар аввал шумо гумон мекардед, ки меҳмонон фароштурукҳоянд?

4) Ба хонандагон муроҷиат намуда, гӯед, ки акнун мазмуни матнро муфассал (мухтасар, эҷодӣ) нақл кунанд.

5) Дар бораи одоби меҳмондории соҳиби хона чанд саволи иловагӣ диҳед. Он имкон медиҳад, ки мавзӯъ амиқтар таҳлил карда шавад.
Намунаи саволу ҷавоб:
Тасаввур кунед, ки меҳмон ба хонаи шумо омада, шарту шароити худро мегузорад. Шумо чӣ кор мекунед?
Ба фикри шумо, агар фароштурукҳо нею одамон чунин шарту шароит мегузоштанд, соҳибхона розӣ мешуд?

6)Муҳокимаи умумӣ.

**Саволҳо:**

- Ба шумо матн маъқул шуд? Чаро?
- Кадом қисмати матн барои шумо ҷолибтар буд?
- Оё бо шумо чунин ҳодиса рух додааст?
- Ба хонаи шумо ҳам чунин меҳмонҳо ташриф меоянд? Шумо бо онҳо чӣ гуна муносибат мекунед?

7) Кор бо супоришҳо (нигаред ба замима). Шарт нест, ки ҳама ин супоришҳоро иҷро кунанд. Дар интихоби навъи супориш хонандагон озоданд.
8) Хонандагонро дар иҷрои машқҳои 1-3 роҳнамоӣ кунед.
9) Кори анҷомдодаи шогирдонро арзёбӣ кунед.

10) Вазифа барои хона: дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Якҷоя рӯйхатти одоби ба меҳмонӣ рафтанро фикр карда нависед.
Намуна:
1. Бе даъват ба меҳмонӣ нарав...
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## ДАРСҲОИ 9-10. ҲАР КАСЕРО БАҲРИ КОРЕ СОХТААНД…

**Барнома.** Суҳбат дар бораи касбу корҳои гуногун. Касби дӯстдошта. Навиштани номҳои касбу корҳои гуногун. Пасванди –гар дар номи касбҳо. Бо номи касбҳои гуногун навиштани ҷумлаҳо. Дар бораи касби дӯстдоштаи худ ҳикоя кардан. Ҳунарҳои мардумӣ: кандакорӣ дар чӯб, кулолгарӣ, зардӯзӣ. Маълумот дода тавонистан оид ба касбу корҳои гуногун. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Имлои калимаҳои ифодакунандаи ҳунарҳои мардумӣ. Тарзи талаффузи дурусти онҳо. Ба дӯсти худ дар бораи ҳунарҳои мардумии маҳаллаи худ навиштани мактуб. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашонро эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дар бораи касби дӯстдоштаи худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд;
- дар бораи касби дӯстдоштаи худ ҳикоя навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расми одамони касбу кори гуногун; шеъру ҳикояҳои ба мазмуни дарс мувофиқбуда.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бозии «Шиносой»-ро гузаронед. Хонандагон бо ҳам шинос бошанд ҳам, гузарондани ин бозӣ имкон медиҳад, ки малакаҳои бодиққат гӯш кардан, дар хотир гирифтан ва пайдарпай баён кардан инкишоф ёбанд. Тартиби гузарондани ин бозӣ чунин аст: Хонандагон дар давра меистанд. Хонандаи якум номи худ ва касби дӯстдоштаашро мегӯяд. Хонандаи дуюм аввал ном ва касби дӯстдоштаи хонандаи хонандаи якумро мегӯяд, баъд ном ва касби дӯстдоштаи худро. Хонандаи чорум аввал ному касби дӯстдоштаи ду нафари пешинро мегӯяд ва сипас ному касби дӯстдоштаи худро. Ба ҳамин тариқ, ҳонандагон пеш аз номи худро гуфтан номи хонандагони пешинаро мегӯянд.(Агар хонандагон бисёр бошанд, метавонед ин бозиро дар се-чор гурӯҳ гузаронед).
5) Бозии «Бинго!» гузаронед. Ин бозии мувофиқгузорӣ буда, ҳамаи хонандагони синфонро дар як вақт иҷро мекунанд. Пешакӣ номи касбҳоро нависед. Онҳоро алоҳида дар варақчаҳои хурд навишта, тоб дода, ба қуттӣ (халтача) андозед.

Тарзи бозӣ:

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақи алоҳида ҷадвали 4х4 кашанд.

Нигаред ба намунаи ҷадвал:

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Сипас, хонандагон аз дафтарашон номи 16 касбу корро интихоб карда, дар ҷадвал ба болояш менависанд.

Вароқаҳои тобдодаи дохили қуттиро як-як гирифта, бо овози баланд хонед. Агар калимаи хондаи шумо, дар ҷадвали хонандагон бошад, он гоҳ онро хат мезананд ё муҳра мегузоранд.

Хонандае, ки якумин шуда чор номро (аз поён ба боло ё аз чап ба рост) хат мезанад, «Бинго» мегӯяд. Ҷадвали «Бинго»-и ӯро бо рӯйхатти худ муқоиса карда, бурд кардани хонандаро тасдиқ кунед. Ин навъи машғулият-бозӣ барои азхуд кардани луғат ва малакаи навиштан равона шуда, омодагии пешакии шуморо талаб мекунад ва натиҷаи назаррас медиҳад.

6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди намунаи зер дар бораи панҷ касбу кори гуногун маълумот диҳанд. Тавсия. Кӯшиш кунед, ки хонандагон ҳангоми маълумот додан номҳои тоҷикиро истифода баранд. Як намунаро нишон диҳед. Аз рӯйи имкон метавонед ин корро дар гурӯҳҳо ба роҳ монед.

Намуна:

| Номи касб | Чӣ кор мекунад? | Барои чӣ даркор аст? |
|---|---|---|
| Омӯзгор | Хонандагонро таълиму тарбия мекунад | Мо доною тавоно шуда касб меомӯзем. |
| Муҳандис | Тарҳи биноро месозад | Мо дар биноҳои зебою барҳаво зиндагӣ мекунем. |
| Адвокат | Шахсони ҷабрдидаро муҳофизат мекунад. | Одамони бегуноҳ аз зиндонӣ шудан эмин мемонанд. |
| Дӯзанда | Либосҳои шинаму зебо медӯзад. | Одамон либосҳоро пӯшида тани худро пинҳон мекунанд, Худро аз хунукӣ эмин медоранд. |
| Милиса | Риояи тартиботро назорат мекунад. | Одамон осуда зиндагӣ мекунанд. |
| Духтур | Беморонро табобат мекунад | Одамон саломат мешаванд. |

7) Фаъолиятҳои минбаъдаро монанди намунаҳои машқҳои 3-4-5-и замима ба роҳ монед.

8) Вазифа барои хона: дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Дар бораи касби дӯстдоштаи худ ба онҳо ҳикоя кунед. Монанди ҳикояи навиштаи худ дар бораи касби дӯстдоштаи падар ё модар ҳикояи хурд (дар ҳаҷми 5-6 ҷумла) нависед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

9) **Арзёбӣ.** Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан.

10) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

## Дарсҳои 11-12. Ҳунарҳои мардумӣ

**Барнома.** Суҳбат дар бораи ҳунарҳои мардумӣ. Муайян карда тавонистани тартиби дастурдиҳӣ. Аз рӯйи намуна шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани дастур. Дар шароити нав тартиб додани дастур. Аъзои чидаи ҷумла (бе номбар кардани мафҳум). Аломати вергул ва пайвандаки ва дар чунин ҷумлаҳо. Машқи навиштан ва хондани ҷумлаҳои чидаазъо. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- мавридҳои истифодаи аломати вергулро риоя кунанд;
- дар бораи тарзи иҷрои амал дастур навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расми маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ: кандакорӣ, кулогарӣ; расми ҷӯробҳои Бадахшон, чакани Хатлон, атласи Суғд; мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни "Ҷӯробҳои бадахшонӣ"-ро хонанд ва дар охир аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунанд.
- Намунаи саволу ҷавоб:
- Ҳунари ҷӯроббофӣ дар Бадахшон кай оғоз ёфтааст?
- Ҷӯробро аз асрҳои чанд сар карда, ба меҳмонон тухфа менамуданд?
- Ҷӯробҳоро асосан аз мӯинаи чиҳо тайёр мекунанд?
- Чаро барои бофтани ҷӯробҳо танҳо мӯинаи дар фасли баҳор тарошидаро истифода мебаранд?
- Ҷӯробҳо чӣ гуна нақшу нигор доранд?

5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқи 1-ро иҷро кунанд. Онҳоро раҳнамоӣ кунед
6) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки сархатти охири матнро нависанд ва диққат диҳанд, ки аломати вергул пас аз чиҳо гузошта шудааст?
7) Ҷадвали зерро пешакӣ омода намуда, дар лавҳи дарсхона овезед.

| |
|---|
| Фарзона ва Фаридун дар синфи чорум мехонанд. |
| Фарзона, Фаридун ва Манижа дар синфи чорум мехонанд. |
| Фарзона,Фаридун, Манижа ва Бежандар синфи чорум мехонанд. |
| Фарзона, Фаридун, Манижа, Бежан ва Бунафша дар синфи чорум мехонанд. |
| Фарзона, Фаридун, Манижа, Бежан, Бунафша ва Баҳодур дар синфи чорум мехонанд. |
| Фарзона, Фаридун, Манижа, Бежан, Бунафша, Баҳодур ва Нисо дар синфи чорум мехонанд. |

8) Онро шарҳ диҳед. Дар ин ҷумла ду ном ҳаст: Фарзона ва Фаридун. Ҳарду якҷоя ба як савол (киҳо?) ҷавоб мешаванд. Агар дар ҷумла ду ном ояд, дар байни онҳо пайвандаки "ва" мегузоранд. Агар дар ҷумла се ном бошад, масалан, Фарзона, Фаридун ва Манижа пас аз номи якум, аломати вергул ва пас аз номи дуюм пайвандаки "ва" мегузорем. Ҳар сеяшон ҳам ба як савол (киҳо?) ҷавоб мешаванд. Бо оҳанг хондани ҷумлаҳоро риоя кунед.
9) Арзёбии пешакии донишҳои андӯхта

Муайян кунед, ки оё ҳамаи хонандагон аз уҳдаи кор мебаранд? Барои ин аз онҳо хоҳиш кунед, ки номи худ ва ҳамсинфонро номбар кунанд. Масалан, хонандаи якум номашро мегӯяд: Шароф.
Хонандаи дуюм: Шароф ва Сарвиноз. Хонандаи севум: Шароф, Сарвиноз ва Шоҳин. Ба ҳамин тариқ бозӣ то хонандаи охирин давом мекунад.
10) Аз рӯйи машқи 3 дониш ва малакаҳои хонандагонро мустаҳкам кунед.
11) Машқи тартиб додани дастури шифоҳӣ ва хаттӣ. Бо хонандагон муҳокима кунед, ки ҷуробҳои бадахшӣ аз куҷо сарчашма мегиранд. Аввал гӯянд, баъд нависанд.

1. Мӯйинаи бузро метарошанд.
2. Мӯйинаро бо химчаи бед мулоим мекунанд.
3. Мӯинаро мересанд ва ришта ҳосил мекунанд.
4. Риштаҳоро ранг мекунанд.
5. Бо риштаҳо ҷӯроб мебофанд.

12) Дар мисоли ягон амали дигар тартиб додани дастурро машқ кунед. Масалан, тартиби оши палав пухтан (ин намуна аст. Агар чунин шуморед, он барои хонандагони синфи 4 мураккаб аст ягон дастури сабуктар интихоб кунед)

1. Маҳсулот ва зарфҳои даркориро пешакӣ омода кунед.
2. Дегро болои оташ гузоред.
3. Ба он равған андохта, ширин кунед.
4. Аввал гӯштро андохта онро зирбонед.
5. Баъд пиёзро андохта онро то сурх шудан зирбонед.
6. Сабзиро мувофиқи завқ андозед.
7. Каме намак ҳамроҳ кунед.
8. Ҳамаи маҳсулоти андохтаро зирбонед.
9. Биринҷро ду маротиба зиёдтар об рехта, ба он зира ва дигар хушбӯйкунандаҳоро ҳамроҳ кунед.
10. Тақрибан ним соат ҷӯшонед.
11. Пас аз 15 дақиқаи ҷӯшондан намаки ошро чашед.
12. Биринҷро андозед ва оташробаланд кунед.
13. Пас аз хушк шудани оби дег ошро дам партоед.
14. Барои хушлаззат шудани оши палав аз рӯйи хоҳиш ба он лимӯ, мавиз, себи биҳӣ, сирпиёзро пеш аз дам партофтан ҳамроҳ кунед.

13) Вазифа барои хона:
Машқи 6. Дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Доир ба тарзи тайёр кардани ягон чӣ дастур тартиб диҳед:

Намуна:
Тартиби пухтани торт: 1. ...... 2. ......
Тартиби сохтани лонаи паррандагон: 1. ...... 2. .......
(Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.)

## Дарсҳои 13-14. Ёди Ватан

**Барнома.** Суҳбат дар бораи най. Матни “Ҳикояти най” (мазмун аз “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Румӣ). Мустақилона хондани матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Муфассал нақл кардани мазмуни он. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, эҷодӣ) кардан. Муайян кардани сарлавҳаи матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Дар матн муайян кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи Ватан. Бо калима ва ибораҳои ифодакунандаи Ватан тартиб додани ҷумлаҳо. Имло ва талаффузи калимаҳо

(калимаҳое, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, е, ъ ва ҳарфҳои такрор доранд). Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.1.Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- ба имлои калимаҳо риоя карда нависанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; най ё сабти навои най (аз рӯйи имкон); мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Муҳокимаи мақсадҳои дарс.
4) Дар бораи асбоби мусиқии най суҳбат ороед. Агар имкон бошад, пеш аз суҳбат навои найро шунавонед. Намунаи саволуҳо:
Шумо асбоби найро мешиносед?
Шакли он чӣ гуна аст?
Онро чӣ тарз менавозанд?
Вай чӣ хел садо мебарорад?
Дар бораи най маълумоти мухтасар диҳед: аслан най рустаниест, ки танааш борик асту дарунаш холӣ. Най ҷо-ҷо ҳалқабанд дорад ва дар соҳили дарёю ҷойҳои сернам мерӯяд. Боз най маънои дигар ҳам дорад: асбоби мусиқии нафасие, ки аз чӯби дарунсӯрох сохта мешавад. Шумо донистан мехоҳед, ки найи рустанӣ бо найи асбоби мусиқӣ чӣ алоқамандӣ дорад? Бисёр хуб!
Мо имрӯз матнеро мехонем, ки ба ин савол ҷавоб мегӯяд. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
5) Хонандагон матнро мустақилона мехонанд ва мазмунашро нақл мекунанд.
6) Мазмуни матнро тавассути саволу ҷавоб таҳлил кунед.

Намунаи саволҳо:
- Най аввал дар куҷо мезист?
- Бо вай чӣ кор карданд?
- Барои чӣ най гӯшаи нонамоёни соҳили дарёро ба ёд меорад?
- Барои чӣ най нола мекунад?
- Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?

7) Алоқаманд кардани мазмуни матн бо ҳаёт.
а) Аз хонандагон пурсед, ки як муддат аз хона дур рафта буданд ё не?
б) Пурсед, ки ҳангоми дар хона набудан чиро ёд кардаанд?
8) Муайян кардани фикри асосии матн.
Муаллиф аз навиштани ин ҳикоя чӣ мехоҳад? (Ба мо чиро таъкид менамояд?)
9) Муайян кардани калимаҳои ифодакунандаи Ватан.
а) Ба хонандагон вазифа супоред, ки аз матн калима ва ибораҳои ифодакунандаи Ватанро муайян кунанд (дӯстон, соҳили дарё, ... ).
10) Иҷрои машқҳои саҳ. 179-и китоби дарсӣ.
11) **Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
Калимаҳоро хонандагон бояд ба дафтари “Имло” кӯчонанд.

12) Вазифа барои хона: О.; Дар бораи дарси имрӯза бо аҳли хонавода суҳбат кунед.Аз онҳо пурсед, ки вақти дар сафар будан чаро зодгоҳи худро ёд мекунанд. Ҳикояи онҳоро бо диққат гӯш кунед ва дар дарси оянда нақл кунед.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед ва ба онҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима кунед.

### ДАРСҲОИ 15-16. МО ВА ОИНАИ НИЛГУН

**Барнома.** Одоби тамошои барномаҳои телевизионӣ. Суҳбат дар бораи тамошои барономаҳои телевизионӣ. Нишон додани дониш ва малакаҳои тариқи барномаҳои телевизионӣ омӯхта. Матн дар бораи мақсад ва одоби тамошо кардани оинаи нилгун. Доир ба мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб додан. Ба хотир овардани филми тасвирии дӯстдошта. Нақл кардани мазмуни он. Хулоса баровардан. Муҳокимаи ҳикояҳои ҳамдигар. Машқи навиштани ҳикояи хурд аз рӯйи барномаҳои телевизионӣ. Дар бораи барномаҳои телевизионӣ шифоҳӣ нақл кардан. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- қоидаҳои тамошои телевизионро номбар карда тавонанд;
- дониш ва малакаҳои тавассути барномаҳои телевизионӣ азхудкардаашонро нишон дода тавонанд;
- дар бораи барномаҳои дӯстдоштаашон хаттӣ маълумот дода тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; навор ё барномаи телевизионӣ (аз рӯйи имкон, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ.
**Равиши дарс.** Дарси мазкур ба маърифати тамошо кардани барномаҳои телевизионӣ бахшида мешавад. Мақсади асосии ин дарс он аст, ки хонандагон барномаҳои телевизиониро ҳадафнок тамошо кунанд. Ҳангоми тамошо ахбори навро пайдо кунанд. Чизҳои навро омӯзанд. Тавассути барномаҳои гуногуну ҷолиб ҷаҳонро шиносанд ва доир ба муносибату муошири одамон ҷаҳони маънавии худро ғанӣ гардонанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Суҳбат: шумо дар хона телевизор (оинаи нилгун) доред? Мавҷгир чӣ? Дар оилаи шумо кадом шабакаро бештар тамошо мекунанд? Кадом барномаҳоро тамошо мекунанд? Кадом барномаҳо ба шумо бештар маъқул аст? Дар ин барномаҳо сухан дар бораи чӣ меравад?
5) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки матни «Мо ва оинаи нилгун»-ро бодиққат хонанд пас аз хондан саволу ҷавоб мекунем.
Саволҳо:
Кадом шабакаҳои телевизионии Тоҷикистонро медонед?
Тамошои барномаҳои телевизионӣ чӣ аҳамият доранд?
Барномаҳои телевизионӣ чанд хел мешаванд? Кадомҳо?
Қоидаҳои тамошои телевизорро номбар карда метавонед?
Дуру дароз тамошо кардани телевизор чӣ зарар дорад?

6) Хонандагонро дар 5 гурӯҳ муттаҳид кунед. Қоидаҳои кор дар гурӯҳро бо онҳо муҳокима намоед. Ба онҳо вазифа диҳед, ки дар гурӯҳҳо супоишҳоро иҷро кунанд. Барои иҷрои супориш 10-15 дақиқа вақт муқаррар намоед. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

1. Тарзи гуфтори наттоқон (барандагон)-и барномаҳои Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасони «Баҳористон»-ро намоиш диҳед.
2. Тарзи сароидани сурудҳои бачагонаи барномаҳои Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасони «Баҳористон» нишон диҳед.
3. Намоиш додани барномаҳои маърифатии Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасони «Баҳористон»
4. Намоиш додани барномаи «Се духтаракон будем»-и Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасони «Баҳористон»
5. Нақл кардани мазмуни филмҳои тасвирӣ

7) Гурӯҳҳо кори худро намоиш медиҳанд. Муаррифии гурӯҳҳоро аз рӯйи меъёрҳои қаблан қабулшуда иҷро кунед ва тавсияҳо диҳед.

8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқи якуми замимаро иҷро кунанд.

9) Дар бораи фоида ва зарари тамошои телевизион бо онҳо суҳбат кунед ва фармоед, ки фоидаю зарари онро дар ду қатор нависанд (машқи 2)

10) Хонандагонро ба иҷрои машқҳои 3 ва 4 раҳнамоӣ кунед.

11) Вазифа барои хона. Дар хона бо падару модар дар бораи дарси имрӯза суҳбат кунед. Фикри онҳоро дар бораи одоби тамошои барномаҳои телевизионӣ шунавед. Ҳамроҳи падару модар «Қоидаҳои тамошо»-ро тартиб диҳед. Машқи 5. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 17-18. КИТОБХОНА

**Барнома.** Китобхона. Шарҳи мафҳуми китобхона. Барои чӣ ба китобхона меравәнд? Дар китобхона чиҳо ҳаст? Китобҳо барои чӣ лозиманд? Риояи одоби муносибат ва муошират дар китобхона. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Доир ба мавзӯи «Дар китобхона» тартиб додани муколама. Риояи оҳанги мувофиқи пурсишу посух. Имлои калимаҳои душвор. Дар матн ҷудо кардани калима ва ибораҳои хосси китобхона. Бо калима ва ибораҳои хосси китобхона тартиб додани ҷумлаҳо. Навиштани ҳикояи хурд дар мавзӯи «Китоби дӯстдоштаи ман». Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– дар бораи китоби дӯстдоштаашон ҳикояи хурд навишта тавонанд;

– аҳаммияти китобдорию китобхониро бо мисолҳои ба синну солашон мувофиқ гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои бачагона, китобҳои бадеӣ, расмҳо доир ба китобхонаи миллӣ, наворҳои видеоӣ доир ба китобхона (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон омӯхтани расму оини миллиро идома медиҳанд. Ба хонандаҳо дар бораи Китобхонаи миллӣ (умуман, китобхона) маълумот дода мешавад.

Тавсияҳо:

а) Доир ба пайдо намудани маълумоти бештар ба сомонаи “Китобхонаи миллӣ” муроҷиат кунед.

б) Аз рӯйи шароит ва имконият шумо метавонед ба китобхонаи мактабӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ саёҳат ташкил намоед.

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Суҳбат: Оё ба Китобхонаи миллӣ (китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, мактабӣ) рафтаед? Кай рафтед? Ҳамроҳи кӣ рафтед? Дар он ҷо чиҳоро дидед? Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд? Барои чӣ?

5) Аз хонандагоне, ки ба Китобхонаи миллӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ рафтаанд, хоҳиш намоед, ки дар бораи он ҳикоя кунанд.

6) Кор бо матни маърифатии “Китобхонаи миллӣ”

Ба хонандагон вазифа диҳед, ки матни «Китобхонаи миллӣ»-ро бодиққат хонанд. Пас аз хондан – саволу ҷавоб.

7) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб карда, боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон дар бораи матн дониши кофӣ пайдо намудаанд.

8) Ба хонандагон рӯзнома ва маҷаллаҳо (бачагона), китобҳои бадеӣ пешниҳод кунед. Вазифа диҳед, ки онҳоро муқоиса намуда, натиҷаҳои онро дар диаграммаи Венн нишон диҳанд (нигаред ба машқҳои 2 ва 3).

Ба хонандагон намунаи маҷаллаҳои кӯдакона («Чашма»,...) ва саҳифаҳои алоҳидаи онҳо нишон дода мешавад Маҷалла китобчаи хурдест, ки ҳар моҳ ё дар чанд моҳ як маротиба чоп мешавад ва дар он хабарҳои гуногун, мақола, ҳикоя, шеър, чистон, афсонаҳои хурд-хурд ҷой дода мешаванд. Дар баробари маҷалла ба хонандагон намунаи чанд рӯзнома («Анбоз», «Ахтарон») ва саҳифаҳои алоҳидаи онҳо нишон дода мешавад. Омӯзгор шарҳ медиҳад, ки рӯзнома ин чанд саҳифаи коғаз аст, ки дар он хабарҳои гуногун, хикоя, шеър, чистон, кроссворд, сканворд ҷой дода мешавад. Рӯзнома ҳар рӯз ё дар чанд рӯз як маротиба чоп мешавад. Агар вақт шавад, китобдор ё омӯзгор аз китоб, рӯзнома ва маҷаллаҳои кӯдакона ҳикоя ё афсонаи хурди ҷолиберо мехонад ва мазмунашро нақл мекунад. Доир ба афсона ё ҳикояи хондааш бо хонандагон саволу ҷавоб мекунад.

11) Аз хонандагон хоҳиш кунед, монанди дарсҳои қаблӣ ҷадвали зерро пур кунанд. Ин амалро дар дафтар иҷро намоянд. Тарзи шарҳ додани яке аз калимаҳоро фаҳмонед. (машқи 4)

| **Калима** | **Шарҳ** |
|---|---|
| Китобхонаи миллӣ | |
| Китоби дарсӣ | |
| Китобҳои бадеӣ | |
| Рӯзнома | |
| Маҷалла | |

11) Шумо метавонед бо калима ва ибораҳои хосси китобхона кроссворд таҳия намуда, бо хонандагон пур кардани онро машқ кунед.
12) Вазифа барои хона: дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима намоед. Рӯйхатти китобҳои худатонро мувофиқи тартиби алифбо тартиб диҳед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## Дарсҳои 19-20. Театр

**Барнома.** Театр. Шарҳи мафҳуми театр. Барои чӣ ба театр меравганд? Дар театр чӣ намоиш медиҳанд? Риояи одоби муносибат ва муошират дар театр. Машқи муайян кардани асарҳои драмавӣ. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Пасванди –гар. Имлои калимаҳое, ки пасванди –гар доранд. Дар матн ҷудо кардани калима ва ибораҳои хосси театр. Бо калима ва ибораҳои хосси театр тартиб додани ҷумлаҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнҳоро муқоиса карда тавонанд;
- донишҳои заминавии худро муайян карда тавонанд;
- доир ба мавзӯъ савол тартиб дода тавонанд;
- донишҳои навро ҷудо карда тавонанд;
- дар бораи театр маълумот дода тавонанд;
- ба имлои калимаҳои соҳаи театр риоя кунанд;
- шарҳи калимаҳоро навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба тетрҳо, сабти ягон намоишнома (аз рӯйи имкон); мақолаҳо оид ба театр, ва ҳунармандон
**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон омӯхтани расму оинҳои миллиро идома медиҳанд. Ин чунин онҳо бо матни “Театр” кор мекунанд.
Тавсияҳо:
а) Доир ба пайдо намудани маълумот оид ба “Театр” нигаред ба http://www.kakprosto.ru/kak-91142-chto-takoe-teatr#ixzz3dnoq3nDy.
б) Шумо, инчунин, метавонед ба сомонаи «Театри лӯхтак» муроҷиат намоед.
в) Аз рӯйи шароит ва имкон мактабҳо метавонанд ба театр саёҳат ташкил намоянд ва ба хонандагон вазифа супоранд, ки пас аз тамошо ҳикояи хурд нависанд.
г) Шумо метавонед аз рӯйи имкон ва шароит намоишномаи сабтшударо низ истифода баред.

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Суҳбат: Оё ба театр (театри лӯхтак) рафтаед? Кай рафтед? Ҳамроҳи кӣ рафтед? Дар он ҷо чиҳоро дидед? Кадом барномаро тамошо кардед? Он дар бораи чӣ буд? Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд? Барои чӣ? (Агар дар синф нафаре ба театр нарафта бошад, шумо метавонед бо онҳо дар бораи намоишномаҳои телевизионӣ ё маҳфилҳои мактабӣ суҳбат кунед.)

5) Аз хонандагоне, ки ба театри лӯхтак (ё умуман, ба театр) рафтаанд, хоҳиш кунед, ки дар бораи ба театр рафтанашон ҳикоя кунанд. Барои муассисаҳои шаҳру ноҳияҳое, ки имкон ва шароити ба театр (театри лӯхтак) рафтан надоранд, хонандагон дар бораи намоишномаҳои телевизионӣ ё маҳфил ва чорабиниҳои фарҳангии мактаб, ки тамошо кардаанд, нақл мекунанд.

6) Кор бо машқи 1. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки матнҳоро муқоиса карада, умумият ва фарқияти онҳоро муайян кунанд.

7) Барои мустаҳкам намудани донишҳои хонандагон доир ба театр як бори дигар аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил намуда, боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни матнро хуб дарк намудаанд.

8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки супоришҳои замимаи китоби дарсиро иҷро кунанд. Супоришҳо хусусияти интихобӣ дошта, хонандагон онро мувофиқи майлу хоҳиш ва шавқу завқ интихоб мекунанд.

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як бори дигар хонда, ҷадвали зеринро пур кунанд.(Ҷумлаҳоро дар дафтар нависанд.)

<table>
<tr><td>Муаллифи сенария</td><td rowspan="7">чӣ кор мекунад?</td><td></td></tr>
<tr><td>Коргардон</td><td></td></tr>
<tr><td>Ҳунарманд</td><td></td></tr>
<tr><td>Рассом</td><td></td></tr>
<tr><td>Пардозгар</td><td></td></tr>
<tr><td>Ороишгар</td><td></td></tr>
<tr><td>Тамошобин</td><td></td></tr>
</table>

10) Машқи 3-ро бо усули “Дар табақ чиҳо ҳаст?” гузаронед.

11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар сканворд калимаҳои ифодакунандаи театрро муайян созанд. Намунаи сканворд.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| В | Д | П | Б | П | Г | К | Б | А | Ҳ |
| Ч | А | А | Р | А | Й | Ҷ | Б | І | У |
| Ғ | В | Р | А | С | С | О | М | П | Н |
| Н | Ж | Д | Е | М | Д | Н | Е | Ё | А |
| А | М | О | Р | О | И | Ш | Г | А | Р |
| Е | Г | З | З | Ғ | В | А | Б | О | М |
| К | Р | Г | Б | Л | Я | Қ | А | В | А |
| С | Т | А | М | О | Ш | О | Б | И | Н |
| К | О | Р | Г | А | Р | Д | О | Н | Д |

12) Вазифа барои хона: Донишҳои хонандагонро аз синфҳои дуюму сеюм дар бораи кори лоиҳавӣ муайян созед. Тарзи иҷрои кори лоиҳавиро фаҳмонед.

Ба хонандагон кори лоиҳавӣ супоред. То дарси муаррифии корҳои лоиҳавӣ хонандагон бояд матнеро аз китобҳои бадеии бачагона интихоб намуда, аз рӯйи мазмуни он саҳнача офаранд. Дар синф пешакӣ метавонед матнҳоро ба онҳо тақсим кунед. Хонандагон дар гурӯҳҳо матнро интихоб намуда, нақшҳоро байни худ тақсим мекунанд. Роҳбар, рассом ва “ҳунармандон”-ро интихоб менамоянд. Омода кардани

кори лоиҳавии мазкур берун аз дарс сурат гирифта, ба мақсади инкишофи малакаи мустақилиятнокӣ ва масъулиятшиносии хонандагон равона шудааст.

### ДАРСҲОИ 21-22. БИЁ, БА ОСОРХОНА БИРАВЕМ!

**Барнома.** Осорхона. Шарҳи мафҳуми осорхона. Осорхона барои чӣ даркор аст? Барои чӣ одамон ба осорхона мераванд? Дар осорхона чиҳо ҳаст? Риояи одоби муносибат ва муошират дар осорхона. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Шарҳи калимаҳои хосси осорхона. Дар матн ҷудо кардани калима ва ибораҳои хосси осорхона. Бо калима ва ибораҳои хосси осорхона тартиб додани ҷумлаҳо. Машқи навиштани таассурот аз тамошои осорхона.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- донишҳои заминавии худро муайян карда тавонанд;
- доир ба мавзӯъ савол тартиб дода тавонанд;
- донишҳои навро ҷудо карда тавонанд;
- дар бораи театр маълумот дода тавонанд;
- калимаҳоро аз рӯйи хусусият гурӯҳбандӣ карда, нависанд;
- шарҳи калимаҳоро навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба осорхонаҳо, нигораҳо; сабти ягон навор доир ба осорхона (аз рӯйи имкон); мақолаҳо оид ба осорхонаҳо
**Равиши дарс.** Дар ин дарс хонандагон омӯхтани расму оинҳои миллиро идома медиҳанд. Ин дафъа онҳо дар бораи осорхонаи миллӣ (умуман осорхона) маълумот мегиранд.
Тавсияҳо:
а) Барои пайдо намудани маълумот оид ба “Осорхона” нигаред ба http://www.kakprosto.ru/kak-105423-chto-takoe-muzey#ixzz3dnpp9qWW.
б) Шумо, инчунин, метавонед ба сомонаи «Осорхонаи миллӣ» муроҷиат намоед.
в) Аз рӯйи шароит ва имкон мактабҳо метавонанд ба осорхона саёҳат ташкил намоянд ва ба хонандагон вазифа супоранд, ки доир ба тамошои он ҳикояи хурд нависанд.
г) Шумо метавонед ҳангоми гузаштани дарси мазкур аз наворҳои видеоӣ низ истифода баред.

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Суҳбат: Оё ба Осорхонаи миллӣ (осорхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, мактабӣ) рафтаед? Кай рафтед? Ҳамроҳи кӣ рафтед? Дар он ҷо чиҳоро дидед? Чӣ ба шумо бештар маъқул шуд? Барои чӣ? (Агар дар синф нафаре ба осорхона нарафта бошад, метавонед аз рӯйи мазмуни расмҳо суҳбат кунед.)
5) Аз хонандагоне, ки ба осорхона рафтаанд, хоҳиш намоед, ки дар ин бора ҳикоя кунанд.
6) Кор бо матни маърифатии “Осорхонаи миллӣ”. **Усули истифодашаванда:** “Медонам, донистан мехоҳам, донистам”(“МДД”)

**Фаъолияти 1. Дар бораи “Осорхона” чӣ медонед? (*Бо шарики худ маслиҳат намуда, дар сутуни якум андешаҳои худро нависед.)***

| Медонам | Донистан меxоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | | |

*Фаъолияти 2. Дар бораи осорхона чиро донистан меxоҳед? (Саволҳои худро дар сутуни дуюм – “Донистан меxоҳам”нависед.)*

| Медонам | Донистан меxоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | 1.<br>2.<br>3.. | |

*Фаъолияти 3. Матни “Осорхонаи миллӣ”-ро хонед. Дар бораи осорхона чиро донистед? (Ҷавобҳои худро дар сутуни севум – “Донистам”нависед.)*

| Медонам | Донистан меxоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | 1.<br>2.<br>3. | 1.<br>2.<br>3. |

7) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб карда, боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон дар бораи матн дониши кофӣ пайдо намудаанд.

8) Ба хонандагон фаҳмонед, ки нигораҳои зеринро аз рӯйи намунаи ҷадвал гурӯҳбандӣ кунанд:

Табақи сафолин, зардӯзӣ, кӯза, дастгоҳи ресмонбофӣ, гӯшвораи қадимаи тиллоӣ, силоҳҳои қадимаи шикорӣ, чӯбкорӣ, сабад.

| Ёдгориҳои таърихӣ | Ёдгориҳои санъат | Дастовардҳои илму техника |
|---|---|---|
| | | |

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як маротибаи дигар матни “Осорхонаи миллӣ”-ро хонанд. Бо навбат дар нақши “Роҳбалад” бозӣ карда, дигаронро ба сайри “Осорхона” баранд. Ҳангоми “Роҳбаладӣ”меъёрҳои нутқи адабиро риоя намоянд.

10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як бори дигар хонда, ҷадвали зеринро пур кунанд (ҷумлаҳоро дар дафтар нависанд). Тарзи шарҳ додани яке аз калимаҳоро фаҳмонед. Масалан, шарҳи калимаи “Осорхона”

| **Калима** | **Шарҳ** |
|---|---|
| Осорхона | Осорхона ҷой ё биноест, ки дар он ёдгориҳои таърихӣ, санъат ва дастовардҳои илму техника нигоҳ дошта мешаванд. Онҳоро олимон меомӯзанд. Ёдгориҳоро барои тамошо мегузоранд. |
| Ёдгориҳои таърихӣ | |
| Ёдгориҳои санъат | |
| Дастовардҳои илму техника | |

11) Ҷараёни кори хонандагонро назорат намуда, дар мавридҳои лозимӣ ёрӣ расонед.

12) Иҷрои машқи 3-ро ба роҳ монед.

13) Вазифа барои хона: дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима намоед. Аз онҳо дар бораи ёдгориҳои оилавӣ пурсон шавед. Аҳамияти нигоҳ доштани онҳоро пурсед. (Дар ҳар оила ягон ёдгориеро аз падару модар, бобокалону бибикалон нигоҳ медоранд ва он таърихи муайян дорад. Масалан, чойники сурхи аз бобокалон мерос монда, расмҳои чандин даҳсола пеш, ё муҳраҳои қадимаи момокалон). Ҳикояи онҳоро бодиқат гӯш кунед ва дарси оянда гӯед.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 23-24. ШУҒЛИ ДӮСТДОШТА

**Барнома.** Шуғли дӯстдошта. Фарқи касб ва шуғл. Дар бораи шуғли дӯстдоштаи худ ҳикоя кардан. Алоқамандии ҷумлаҳои матн. Риояи оҳанги гуфтор ва имову ишора ҳангоми ҳикоя кардан. Дар бораи шуғли дӯстдоштаи худ хаттӣ матн тартиб додан. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– дар бораи шуғли дӯстдоштаи худ шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд;
– барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсия дода тавонанд;
– дар бораи шуғли дӯстдоштаи худ ҳикояи хурд нависанд.

**Маводди таълим:** сурат, расму мусавварахо доир ба шуғли дӯстдошта
**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ба хонандагон гӯед, ки мо дар дарси гузашта бо касбу корҳои гуногун шинос шудем. Имрӯз дар бораи шуғли дӯстдошта сухан меронем. Аз хонандагон пурсед, ки падару модар, бобою бибӣ ва хоҳару бародарони онҳо пас аз кор омадан ё дар рӯзҳои истироҳат ба чӣ корҳо машғул мешаванд. Суҳбатро ҷамъбаст намуда, гӯед, ки одамон дар баробари касби худ боз ягон шуғли дӯстдошта доранд. Китоб мехонанд, расм мекашанд, ягон асбоби мусиқиро менавозанд, ба нигоҳбини гулҳо машғул мешаванд ва ғайраву ҳоказо.
5) Пурсед, ки онҳо ҳам ягон шуғли дӯстдошта доранд ё не?
6) Дар бораи шуғли дӯстдоштаи худ ҳикоя кунед. Ҳикояи шумо бояд тибқи нақшаи зер таҳия шуда бошад.
1. Номи шуғли дӯстдошта чист?
2. Чӣ корҳоро ба анҷом мерасонед?
3. Кай ба шуғли дӯстдоштаатон машғул мешавед?
4. Барои чӣ ба ин шуғл шавқу ҳавас доред?
7) Тарзи шифоҳӣ ҳикоя кардан ва меъёрҳои онро бо хонандагон муҳокима намоед:
Пайдарпайии мантиқии ҷумлаҳои ҳикоя
Ба забони адабӣ сухан гуфтан.
8) Ба хонандагон 10 дақиқа вақт диҳед, ки дар бораи шуғли дӯстдоштаи худ аз рӯйи саволҳо боло шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳанд.
9) Ҳикояҳои шифоҳии худро гӯянд. Аз рӯйи меъёрҳои қабулшуда ҳикояи хонандагонро арзёбӣ намуда, барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.
10) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки ҳикояҳои гуфтаи худро нависанд. Меъёрҳоро бори дигар муҳокима намоед.

Намуна: Ман, Нодирзода Фарзона дар синфи чорум мехонам. Ман 10 харгӯшак дорам. Ҳар рӯз пас аз дарсҳо ба нигоҳубини онҳо машғул мешавам. Барои ...
11) Бачаҳо ҳикояҳои навиштаи худро мехонанд. Аз рӯйи меъёрҳои қабулшуда ҳикояи хонандагонро арзёбӣ намуда, барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо кунед.
12) Вазифа барои хона: дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Дар бораи шуғли дӯстдоштаи худ ба онҳо ҳикоя кунед. Монанди ҳикояи навиштаи худ дар бораи шуғли дӯстдоштаи ягон аъзои хонавода ҳикояи хурд (5-6 ҷумла) нависед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
Намуна: Падари ман муҳандис аст. Вай парвариши гулҳоро ҳам дӯст медорад. Пас аз кор вай гулҳоро нигоҳубин ....
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.
.

## ДАРСҲОИ 25-26. МУАРРИФИИ КОРҲОИ ЛОИҲАВӢ

**Барнома.** Муаррифии корҳои лоиҳавӣ. Аз рӯйи матнҳо омода кардани саҳначаҳои хурд. Намоиш додан. Дар бораи тарзи таҳияи кори лоиҳавӣ нақл кардан. Номбар кардани душвориҳои гурӯҳ ва роҳи ҳалли онҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муоширатро) риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дар кори гурӯҳ саҳм гузошта тавонанд;
- саҳнача офарида, нақши худро дуруст иҷро карда тавонанд;
- аҳамияти ҳамдигарфаҳмию ҳамкории аъзои дастаро гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; замимаи китоби дарсӣ; ниқобҳо барои саҳнаофарӣ; расмҳо
**Равиши дарс.** Чунонки дар боло гуфта будем, хонандагон бояд аз рӯйи мазмуни матн мустақилона саҳнача тайёр карда, онро нишон диҳанд. Дар ин дарс хонандагон кори анҷомдодаи худро муаррифӣ мекунанд.
Ба хонандагон вақт диҳед, ки барои нишон додани саҳначаҳои худ омода шаванд. Тартиби муаррифӣ кардани саҳначаҳоро муайян карда, меъёрҳои муаррифиро муҳокима намоед (Ба меъёрҳои арзёбӣ нигаред). Гурӯҳҳо саҳначаҳои худро намоиш медиҳанд. Шумо метавонед арзёбии ҳар гурӯҳро дарҳол пас аз муаррифӣ ба роҳ монед ё дар охир ҳамаи гурӯҳҳоро якҷоя арзёбӣ намоед. Аввал ба хонандагон имкон диҳед, ки фаъолияти худ ва дигаронро арзёбӣ намуда, дар бораи душвориҳо, роҳи ҳалли онҳо фикрашонро гӯянд. Ҳамдигарфаҳмию ҳамкории ахли гурӯҳро арзёбӣ кунанд. Сипас, арзёбӣ кунед. Гурӯҳҳоро бо ҳам муқоиса накунед, якеро хубу дигареро бад нагӯед. Ҷиҳатҳои хуби ҳар гурӯҳро қайд карда, барои ислоҳи камбудиҳо тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои кори лоиҳавӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин арзёбӣ карда мешаванд:

| № | Меъёрҳо | Ҳамеша | Баъзан | Ҳеҷ гоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | Мазмуни матнро дуруст нақшофарӣ карданд | | | |
| | Расму ниқобҳо ба симоҳо ва мазмуни матн мувофиқанд | | | |
| | Нутқи гӯяндагон ба суханони симоҳо мувофиқ аст. Воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора, пасту баланд кардани овоз) бамаврид аст | | | |
| | Саҳначаҳои дигаронро бомароқ гӯш мекунанд ва халал намерасонанд. | | | |

## Дарсҳои 27-28. Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст! (Хониши беруназсинфӣ)

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст(нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- сканворду кроссвордҳоро пур карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,

**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда нигаред ба дарсҳои қаблӣ

## Дарси 29. Имлои санҷишӣ

**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Дар доираи мавзӯи «Забони модарӣ» дар ҳаҷми 75-80 калима навиштани имло.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.2. Ахбори шунидаи нисбатан мураккабтарро дар навъҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд дар интиҳои дарс:

- дар ҳаҷми 75-80 калима имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим: Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ**

**Равиши дарс.**

Нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

## Дарси 30. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарс ба салоҳияти омӯзгор аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.

Тавсияҳо:

1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

- хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғайраҳо)

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.

3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.

4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.

5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед.

## Дарсҳои 31-32. Зодрӯз муборак!

**Барнома.** Зодрӯз - рӯзи хурсандӣ. Тӯҳфа барои зодрӯз. Орзуҳои нек. Мо худамон тӯҳфа месозем. Аз рӯйи сарлавҳа ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Пешгӯйии худро бо мазмуни аслии матн муқоиса кардан. Муайян кардани мувофиқат ва фарқияти пешгӯйӣ. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқамандӣ ба ҳаёт. Мувофиқи мазмуни матн аз ҳаёт мисол овардан. Шифоҳӣ табрик кардан. Риояи пастиву баландии овоз ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Имлои калимаҳои душвор. Бахшида ба зодрӯзи наздикон навиштани табрикнома. Пешояндҳо ва вазифаи онҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтар (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс:**

- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- шифоҳӣ ва хаттӣ бо зодрӯз табрик карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба зодрӯз

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои дарс.

4) Суҳбат дар бораи ҷашни зодрӯз: “Зодрӯз чӣ маъно дорад?” “Зодрӯзро кай қайд мекунанд?”
Шумо кай таваллуд шудаед? Зодрӯзро чӣ гуна қайд мекунед? Чӣ гуна дастархон мекушоянд? Чиҳо туҳфа мекунанд?
5) Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, аз онҳо пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи “Зодрӯз” суҳбат кардем? (ҷавобҳои эҳтимолӣ: Дарси имрӯзаи мо дар бораи зодрӯз аст. Барои он ки имрӯз матнеро дар бораи зодрӯз мехонем.)
6) Кор бо матни «Зодрӯзи бибӣ»
Ҳикояро бо усули “Хониши ботаваққуф” хонед. Хониши ботаваққуф ба хонандагон имкон медиҳад, ки анҷоми афсона ё ҳикоя, натиҷаи рафтору амали симоҳои онро пешгӯйӣ кунанд. Пешгӯйӣ яке аз малакаҳои муҳимми хондан аст. Мо пеш аз хондан аллакай мазмуни матнро пешгӯйӣ мекунем. Номи матн ба мо ахбори зиёд медиҳад.

- Қисми аввали матнро то нуқтаи ивазшавии ҳодиса ё пайдо шудани масъалае хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми ҳикояро пешгӯйӣ кунанд.
- Сипас, ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Мехоҳед фаҳмед, ки давоми афсона чӣ мешавад? Ё худро санҷидан мехоҳед? Пас давомашро гӯш кунед».
- Давоми матнро то нуқтаи дилхоҳи дигар (то ҳал шудани масъалаи гузошташуда) хонед. Таваққуф карда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаи пештар гуфтаашонро бо ахбори матн муқоиса намоянд. Оё онҳо дуруст пешгӯйӣ кардаанд ё не?
- Ҳамин тавр қисмҳои дигари матнро хонед.
- Аз намунаи зерин истифода баред.

**Намуна:**
1. Қисми аввали матн (саҳ. 203)-ро хонед. Аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед:
    1. Ин ҳикоя аз номи шахси чандум нақл мешавад?
    2. Кадом калимаҳо ба ин ишора мекунанд?
    3. Сухан дар бораи зодрӯзи кӣ меравад?
    4. Симоҳо ба бибӣ чӣ харидан мехоҳанд?
    5. Онҳо чанд сомонӣ доранд?
    6. Пулҳои худро дар куҷо нигаҳ медоранд?
    7. Шумо ҳам, пулҳои худро ҷамъ мекунед?
    8. Онро барои чӣ сарф мекунед?

Пас аз саволу ҷавоб аз хонандагон пурсед, ки ба фикри онҳо, минбаъд симоҳои матн 8 сомонии худро сарф мекунанд ё не? **Барои чӣ ин хел фикр мекунанд? Чи далел оварда метавонанд?**
Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар лавҳи дарсхона нависед. Пас аз пешгӯйиҳо ва далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки давоми ҳикояро гӯш кунанд ва бо пешгӯйии худ муқоиса кунанд.
Қисми дуюми матн (саҳ. 204-205)-ро хонед. Аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед. Симоҳои матн 8 сомонии худро сарф карданд ё не? Барои чӣ? Бачаҳо чӣ тарз роҳи пулёбиро ёфтанд?

Пас аз саволу ҷавоб бахонандагон гӯед, ки пешгӯйии худро бо мазмуни матн муқоиса намоянд, (ҷавобҳои эҳтимолии хонандагон: Ман пешгӯйӣ карда будам, ки онҳо 8 сомонии худро сарф мекунанд, аммо ин тавр нашуд. Ман пешгӯйӣ карда будам, ки онҳо 8 сомонии худро сарф намекунанд. Пешгӯйии ман рост баромад.)

Пас аз муқоиса аз хонандагон пурсед, ки ба фикри онҳо, Шаҳноз ва Барзу шишаҳоро чӣ кор мекунанд? Барои бибияшон чӣ мехаранд? Масалан Бежан мегӯяд, ки гул мехаранд. Шумо чӣ мегӯед? Барои чӣ ин хел фикр мекунед? Чи далел оварда метавонед?

Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар лавҳи дарсхона нависед. Пас аз пешгӯӣ ва далел овардан аз онҳо хоҳиш кунед, ки давоми ҳикояро гӯш кунанд ва бо пешгӯйии худ муқоиса кунанд.

Қисми чоруми матн (саҳ. 205-206)-ро хонед. Аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед.

Шаҳнозу Барзу шишаҳоро чӣ кор карданд?

Ба пули шишаҳо чӣ хариданд? Чанд дирам нарасид?

Пас аз саволу ҷавоб ба хонандагон гӯед, ки пешгӯйии худро бо мазмуни матн муқоиса намоянд, (ҷавобҳои эҳтимолии хонандагон: Ман пешгӯӣ карда будам, ки онҳо ба бибияшон гул мехаранд, аммо ин тавр нашуд. Ман пешгӯӣ карда будам, ки онҳо дастпӯшак, собун ва вазелин мехаранд. Пешгӯйии ман рост баромад.)

Ба хонандагон гӯед, ки ба фикри онҳо, минбаъд чӣ мешавад? Шаҳноз ва Барзу 10 дирамро аз куҷо меёбанд? Барои чӣ ин хел фикр мекунед? Чи далел оварда метавонед? Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар лавҳи дарсхона нависед. Пас аз пешгӯӣ ва далел овардан аз онҳо хоҳиш кунед, кунед, ки давоми ҳикояро гӯш кунанд ва бо пешгӯйии худ муқоиса кунанд.

Қисми чоруми матн (саҳ. 207)-ро хонед. Аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед.

Шаҳноз ва Барзу 10 дирамро аз куҷо ёфтанд?

Оё дуруст карданд, ки шишаи шарбатро ба об рехтанд?

Агар шумо мебудед, чӣ кор мекардед?

**Супоришҳо:**

7) Хонандагонро дар иҷрои супоришҳо раҳнамоӣ кунед.

Хонед ва муайян кунед, ки Шаҳноз ва Барзу чандсолаанд. («Хайр, Шаҳноз, ту қариб аз ман ду сол калон, баъди як сол мактабхон мешавӣ, ягон фикр кун»).

8) **Нақшофарӣ.** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ суҳбат карда, аз матни «Зодрӯз» гуфтугӯи Шаҳноз ва Барзуро ёбанд ва нақши онҳоро иҷро кунанд.

9) Аз як -ду гурӯҳи дунафарӣ хоҳиш кунед, ки барои дигарон саҳнаро намоиш диҳанд. Кори онҳоро арзёбӣ намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.

10) Бозӣ: «Орзуи аз ҳама дарозтарин». Шарти бозӣ: хонандагон бояд орзуҳо, тухфаҳоеро, ки мехоҳанд гиранд, менависанд. Барои навиштани орзуҳо танҳо панҷ дақиқа вакт дода мешавад. Дар ин муддат хонандагон бояд ҳар чӣ бештар номи тухфаҳоро нависанд. Омӯзгор таъкид мекунад, ки пас аз номи ҳар як туҳфа аломати вергул гузоштанро фаромӯш накунанд. Омӯзгор вақтро қайд мекунад ва бо ишораи ӯ ҳама ба навиштан сар мекунанд. Пас аз гузаштан панҷ дақиқа бо ишораи омӯзгор ҳама навиштанро қатъ мекунанд. Якнафарӣ навиштаҳояшонро мехонанд. Ба орзуҳои навиштаи хонандагон эрод гирифта намешавад ва онҳо муҳокима намегарданд. Омӯзгор шумораи орзуҳоро шуморида, ғолиби бозиро эълон мекунад. Агар ду ва ё зиёда хонандагон миқдори якхелаи туҳфаҳоро навишта бошанд, дар ин сурат ҳамаи онҳо ғолиб дониста мешаванд.

11) Дар бораи пешояндҳо маълумот дода, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки супориши саҳ. 206 ва 208-ро иҷро кунанд.

12) Бо калимаҳои имлояшон мураккаби матн имлои “Худамро месанҷам!”-ро гиред.

13) Машқи шифоҳӣ табрик намудан бахшида ба зодрӯз баъди навиштани табрикнома.

14) Аз хонандагон хохиш намоед, ки падар, модар ё ягон шахси наздики худро шифоҳӣ бо зодрӯзашон табрик намоянд.

Падарҷони меҳрубон!

Шуморо бо зодрӯзатон табрик гуфта, хоҳони онам, ки ҳамеша сиҳату саломат бошед.

15) Табрикнома навишта, онро оро диҳанд ва хонанд.

Табрикномаҳои навиштаро арзёбӣ намоед.

16) Мақсадҳои таълимии дарсро, ки дар оғози дарс хондед ва муҳокима карда будед, боз ба хотир оварда, муҳокимаи умумӣ гузаронед.

**17) Арзёбӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар рақами савол ё масъаларо гузошта, ҷавоби онро нависанд.

| | |
|---|---|
| 1) Номи симоҳоро нависед: | |
| 2) Ҳодиса дар куҷо рух дод? | |
| 3) Каме дар бораи ҳодиса нависед. | |
| 4) Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро? Фикратонро нависед. | |
| 5) Хулоса. | |

Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ намуда, арзёбӣ кунед.
18) Барои хона вазифа диҳед. Дар мавзӯи "Агар ман ман як сандуқ пул ёбам, онро ба чӣ сарф мекунам?" навиштани ҳикояи хурд. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

### ДАРСҲОИ 33-34. ДАРСИ ҶАМЪБАСТ ВА НАТИҶАГИРӢ

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.
Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
- o хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- o хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- o хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- o хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд (ва ғайраҳо).

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед.

## БОБИ 6. ҚАДАМИ НЕКИ БАҲОР (28 СОАТ)

### ДАРСҲОИ 1-2. БАҲОР ОМАД! БАҲОР ОМАД!

**Барнома.** Шеър дар васфи баҳор. Номи гулҳои баҳорӣ. Нишонаҳои баҳор. Тасвири манзараҳои баҳор. Хониши ифоданоки омӯзгор. Бодиққат гӯш кардани хониши омӯзгор. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз ёд кардани шеър. Шарҳи ибораҳои маҷозии матн. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои хосси баҳор. Имлои калимаҳои душвор. Тартиб додани ҷумлаҳои нав. Шифоҳӣ дар бораи манзараи баҳори маҳаллаи худ ҳикоя кардан. Риоя кардани оҳанги хониши ҷумлаҳои хитобӣ. Навиштани ҷумлаҳои хитобӣ. Машқҳои имлоию луғавӣ ва босуръатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хондан (алоқаи байни ҷумлаҳо ва сархатҳо)-ро медонад ва риоя мекунад.
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад. 4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро ифоданок хонда тавонанд;
– мазмуни хурсандӣ ё ғаму андӯҳ доштани матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– дар бораи фасли баҳор шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба фасли баҳор; сабти мусиқии форам (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дарси навро метавонед аз шунавонидани мусиқии форам оғоз кунед. Мусиқиро шумо метавонед тавассути компютер, планшет ё смартфон шунавонед. Аз хонандагон пурсед, ки ҳангоми шунидани мусиқи чӣ пеши назари онҳо омад.
5) Диққати хонандагонро ба сарлавҳа ҷалб намуда, пурсед, ки барои чӣ дар сарлавҳа аломати хитоб омадааст. Сабаби аломати хитоб доштани сарлавҳаро муҳокима намуда, оҳанги хониши чанд ҷумлаи хитобиро машқ кунед.
6) Хонандагонро ба ифоданок хонадни шеъри "Баҳор омад!" ҳидоят намоед. Супориш диҳед, ки тарзи ифоданок хонданро ба ёд оварда, аввал хомӯшона, баъд бо овози баланд хонанд ва чӣ гуна мазмун доштани онро муайян кунанд (хурсандӣ ё ғаму андӯҳ). Барои чӣ?

7) Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

8) Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

9) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.

10) **Имлои "Худамро месанҷам!" Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
Калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари "Имло" кӯчонанд.

11) **Имлои "Кӣ зуд менависад?"**: Як-ду мисраи шеърро интихоб кунед. Аз хонандагоне, ки дар аввали қаторҳо нишастаанд, хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқро (матни интихоб кардаатонро) кушоянд. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд (ё ба ҷузвдон гузоранд). Ба хонандагон чунин муроҷиат кунед: «Ҳоло хонандаи қатори якум як ҷумларо хонда, онро ба хонандаи дар пас нишаста мегӯяд. Хонандаи дуюм онро ба хонандаи севум ва севум ба чорум мегӯяд. Хонандаи дар қатори охир нишаста ҷумларо дар дафтараш менависад». Ин фаъолиятро бо як ё ду мисраъ машқ намоед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба навиштани имло шурӯъ намоянд. Синфро идора кунед. Пас аз ба итмом расонидани имло, дафтари хонандаи дар қатори охир нишастаро гирифта, санҷед ва натиҷаи корро ба аҳли синф эълон намоед.

12) Хонандагон монанди дарсҳои қаблӣ шифоҳӣ ҳикоя карданро машқ мекунанд. Қаблан меъёрҳои нақли шифоҳиро муҳокима кунед. Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Ҳикояҳои гуфтаи онҳоро арзёбӣ кунед.
13) Барои хона вазифа супоред: шифоҳӣ ҳикоя кардан дар бораи фасли баҳор. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 3-4.ЧӢ МАНЗАРАИ ЗЕБО!

**Барнома.** Тасвири манзараҳои табиат дар асарҳои насрӣ. Тасвири нишонаҳо ва ҳодисаҳои табиии фасли баҳор. Аломати вергул ва пайвандаки «ва» дар тасвири манзараҳои баҳор.
Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Хониши хомӯшонаи матн. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кардан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқаманд намудани мазмуни матн бо ҳаёт. Имлои калимаҳои душвор. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи баҳор. Бо истифода аз калимаву ибораҳои ифодакунандаи баҳор тартиб додани ҷумлаҳо. Манзараи баҳори маҳаллаи худро хаттӣ тасвир карда, калимаҳои пайиҳамомада (исму сифат)-ро бо вергул ва пайвандаки “ва” ҷудо кардан. Оҳанги хониши ин ҷумлаҳоро машқ кардан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- дар бораи баҳор маълумот дода тавонанд;
- мазмуни м атнҳоро муқоиса карда тавонанд;
- тарзҳои гуногуни навиштанро истифода намуда, фасли баҳорро тасвир намоянд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, расму мусавваҳо доир ба фасли баҳор; сабти мусиқии форам (аз рӯйи имкон)
**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии дарси гузашта буда, дар он хонандагон бо тасвири манзара ва нишонаҳои фасл дар матнҳои насрӣ шинос мешаванд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Матнро як маротиба равону бурро хонед. Калима, ибора ва ифодаҳои душвори матнро шарҳ диҳед.
5) Хонадагон матнро мехонанд.
6) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.
Намуна:
*– Сабзаҳои худрӯй чиро пӯшонда буданд?*
*– Сабзаҳои худрӯй лаби ҷӯйбор ва роҳҳоро пӯшонда буданд.*
*– Саҳро чӣ хел буд?*
*– Саҳро дилрабо ва фараҳафзо буд.*
*– Сабзаву майсаҳо ба чӣ монанд шудаанд?*

*– Сабзаву майсаҳо ба бахмали сабзпат монанд шудаанд.*
*– Ҳавои форами баҳорӣ  чӣ хел бӯй дорад?*
*– Ҳавои баҳор бӯйи сабзаҳои наврустаи атромез дорад.*
*– Чиро атр мегӯянд?*
*– Модаи хушбӯйиро атр мегӯянд.*
*– Онро аз чӣ тайёр мекунанд?*
*– Онро аз гулу гиёҳҳо тайёр мекунанд.*
*– Ҳавои форами баҳорӣ ба кас чӣ мебахшад?*
*– Ҳавои форами баҳорӣ ба кас хурсандӣ мебахшад.*
*– Барои чӣ нависанда мегӯяд, ки одам мехоҳад даҳонашро кушода ин насими диловезро фурӯ кашад?*
*– Барои он ки он бисёр дилкаш аст.*
*– Чӣ гуна абрҳо дар осмон ҳаракат мекарданд?*
*– Абрҳои сафеду сурху зарду бунафштоб дар рӯйи ҳаво ҳаракат мекарданд.*
*– Абрҳо осмонро чӣ гуна мекарданд?*
*– Абрҳо осмонро рангоранг мекарданд.*
*– Бачаҳо дар рӯйи киштзорҳо чӣ кор мекарданд?*
*– Бачаҳо дар рӯйи киштзорҳо бозӣ мекарданд.*
7) Мазмуни ин матнро бо мазмуни матни “Сайри шоир” ва “Манзараи зимистон» муқоиса намуда, хонандагон монандии онҳоро муайян кунанд. (Ҳар се матн матни тасвирӣ буда, дар онҳо манзараҳои фасл тасвир шудаанд.).
8) Аз рӯйи шароит ва имконият дастаҷамъона ё дар гурӯҳҳо матнҳои “Баҳор омад!”-ро бо “Чӣ манзараи зебо!” муқоиса намуда, натиҷаҳои онро дар диаграммаи Венн нишон диҳед.
9) Аз рӯйи имконият ва шароит иҷрои машқҳои 1-4-и замимаро мустақилона ё дар гурӯҳҳо ба роҳ монед.
10) Хонандагон матнҳои эҷодкардаи худ (машқи 4)-ро мехонанд. Ҳамроҳи хонандагон ғалатҳоро ва ислоҳ кунед.
11) Вазифа барои хона: машқи 5.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ низ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 5-6. МО ҲАМ КИТОБ МЕНАВИСЕМ!

**Барнома.** Тасвири манзараҳои баҳор. Рангу бор кардани расмҳо. Аз рӯйи мазмуни расм навиштани ҷумлаҳо. Ба ҳам алоқаманд намудани ҷумлаҳо ва сохтани китобча. Хондани китобча. Муҳокимаи мазмуни он.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад;
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- доир ба фасли баҳор матни хурд тартиб дода тавонанд;
- кори худ ва гурӯҳро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар фаъолиятҳои гурӯҳи саҳм гузошта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; расмҳои манзараи баҳор; гулу себарга; варақаҳои А4, албом, коғаз ва қаламҳои ранга, ширеш

**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии мавзӯи гузашта аст, хонандагон манзараҳои фасли баҳорро тасвир карда аз рӯйи мазмуни он ҷумла ё ҷумлаҳои мазмунан алоқаманд менависанд.

1) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
2) Хонандагон мазмуни матнҳои "Баҳор омад, баҳор омад!", " Чӣ манзараи зебо!-ро ба хотир оварда хусусиятҳои баҳорро номбар мекунанд.
3) Кор дар дунафариҳо.
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор кунанд.
б) Қоидаҳои корро муҳокима кунед.
2) Ба онҳо варақи сафед ё ду варақи дафтарро диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаламҳои ранга гиранд.
3) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед: "Қадами неки баҳор".
4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи баҳор як- ду ҷумла тартиб диҳанд.
5) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҷумлаҳои гурӯҳҳонавишта гуногунанд.
6) Сипас, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи ҷумла расм кашанд.
7) Расмро ранг кунанд ва ҷумлаи тартибдодаашонро дар поёни варақ нависанд.
8) Ҳангоми кор ба хонандагон ёрӣ расонед.
9) Ҳангоме ки ҳама корро ба анҷом расонданд, варақҳоро ҷамъ оварда, пайиҳам часпонед ва онро муқова кунед.
10) Номи китобчаро якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед.
11) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: "Хонандагони синфи 4 "А"".
12) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.
13) **Арзёбӣ.** Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан.

14) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима намоед. Кори кардаи худро нишон диҳед ва дар бораи он нақл кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 7-8. ДӮСТРӮЯКОНИ МОДАР

**Барнома.** Модар ва фарзандон. Муносибати модар ва фарзандон. Эҳтироми модар. Ба корҳои модар ёрӣ расондан. Мустақилона хондани матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Нақли мазмуни матн. Муайян кардани симоҳои матн, гуфтор ва рафтори онҳо. Баҳо додан ба рафтор ва гуфтори симоҳои матн. Муайян кардани фикри асосии матн. Ҷумлаҳо аз рӯйи оҳанги гуфтор. Машқи пасту баланд кардани овоз ва риоя кардани оҳанги гуфтор. Имлои калимаҳо. Дар мавзӯи «Ман ба модарам ёрӣ мерасонам!» ҳикояи хурд навиштан. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

–симоҳои матнро муайян карда тавонанд;

–амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;

–аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;

–мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ; расми маркази савдо ё бозор; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Шумо метавонед аз рӯйи нақшаи намунавии зер истифода баред.

**1)** Ташкили дарс.

**2)** Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Муҳокимаи мақсаду ҳадаф бо хонандагон.

**4)** Гузориши масъала. (Хонандагон мустақилона онро мехонанд.)

Масъала. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

**5)** Муҳокимаи масъалаи гузошташуда.

**6)** Хонандагон мазмуни матни хондаашонро (муфассал, мухтасар, интихобӣ) нақл мекунанд.

**7)** Номи симоҳои матнро нависед.

Симои якум: …………..(Шукуфа)

Симои дуюм: …………..(Лола)

Симои сеюм: …………..(модар)

Симои чорум: …………..(падар)

**8)** Хислатҳои симоҳои матнро шарҳ диҳед. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои ифодакунандаи хислат ва хулқу атворро нависед.

(Биёед, аввал ба ёд меорем, ки кадом калимаҳо хислат ва хулқу атвори шахсро нишон медиҳанд? Хонандагон андешаҳои худро баён мекунанд: хуб, боадаб, нодон, болаёқат, ростгӯй, фиребгар. Калимаҳои номбаркардаи шумо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?

Шукуфа – …….

Лола – ёрирасон, ….

Модар – меҳрубон, ….

Падар –

10) Омӯзгор: – Дар асоси сифатҳои муайян карда ба рафтори симоҳо баҳо диҳед.

Хонандагон: – Лола дар аввал бисёр бетоқат буд. Баъд ба хоҳараш ёрӣ расонд.

Шукуфа духтари чаққону ҳунарманд аст.

Модар меҳрубон аст.

Падар……

Лола ……

**12)** Муайян кардани фикри асосии матн. Нависанда аз навиштани ин ҳикоя чӣ мехоҳад? (Мо ҳам монанди Шукуфа ва Лола ба корҳои модар ёрӣ расонем.)

**11)** Ба хонандагон дар иҷрои супоришҳои саҳ. 246 (навиштани мактуб) ёрӣ расонед.

**12)** Вазифа барои хона. Монанди ҳикояи имрӯза аз ҳаёт, аз воқеаҳои дидаю шунида якеро ба ёд оред. Ба рафтор ва гуфтори иштирокдорони он воқеа монанди дарси имрӯза баҳо диҳед.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намоед.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои дарси мазкурро метавонед тавассути саволнома (тест) санҷед.

**1. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?( Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)**

А. Шукуфа ва модар
**Б. Шукуфа ва Лола**
В. Лола ва падар
Г. Модар, падар, Лола, Шукуфа

**2. «Дар чеҳраи ӯ аломати ифтихору фараҳмандиро ҳис намудам» чӣ маъно дорад?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

**А. Мода хеле хурсанд буд.**
Б. Модар қаҳр кард.
В. Модар роҳат кард.
Г. Модар шарм дошт.

**3. Фикри асосии матнро муайян кунед** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Барои падару модар хӯрокҳои бомаза пазед.
Б. Монанди Шукуфа ва Лола ба корҳои модар ёрӣ расонед.
В. Ба корҳои падару модар ёрӣ расонед.
Г. Ба хоҳаратон ҳамеша ёрӣ расонед.

## ДАРСҲОИ 9-10. МОДАР

**Барнома.** Васфи модар. Тасвири хислатҳи беҳтарини модар. Хомӯшона хондан ва муайян кардани калимаҳои душвор. Имлои калимаҳо. Ифоданок хондани матн. Арзёбии хониши ифоданок. Тавсияҳо барои беҳтар шудани хониши ифоданок. Такроран машқ кардани хониши ифоданок. Дар матн муайян кардани хислатҳои модар. Истифодаи ибораҳои ифодакунандаи хислатҳои модар дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Дар бораи хислатҳои неки модари худ ҳикоя кардан. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Навиштани табрикнома бахшида ба Рӯзи модар. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмун ва фикри асоси матнҳоро муайян карда тавонанд;
- мазмуни матнҳоро муайян карда тавонанд;
- табрикнома навишта тавонанд;
- дар бораи модари худ ҳикоя карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дар бораи эҳтироми модар суҳбат кунед.
5) Кор бо матни “Давлати пайғамбарӣ”
а) Ба хонандагон вазифа супоред, ки матнро хонанд.
б) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб кунед. Намунаи саволу ҷавоб:

1. Дар матн дар бораи киҳо сухан меравад? (Дар матн сухан дар бораи фарзанд ва модари ӯ меравад.)
2. Модар аз фарзандаш чӣ хоҳиш кард? (Модар аз фарзанд хоҳиш кард, ки об биёрад.)

3. Ин воқеа кай рух дод? (Ин воқеа шабона рух дод.)
4. Фарзанд дар чӣ об овард? (Фарзанд дар кӯза об овард.)
5. Вақте фарзанд об овард, модар чӣ кор мекард? (Вақте фарзанд об овард, хоби модар аллакай бурда буд.)
6. Фарзанд хоби модарро дида чӣ кор кард? (Фарзанд хоби модарро дида, кӯза дар даст рост истод.)
7. Фарзанд то кай рост истод? (Фарзанд то саҳар рост истод.)
8. Бо оби кӯза чӣ ҳодиса рух дод? (Оби кӯза аз хунукӣ ях кард.)
9. Худо ба ӯ чӣ дод? (Худо ба ӯ давлати пайғамбарӣ дод.)
10. Чаро модар аз оби овардаи фарзанд нанӯшид? (Вақте фарзанд шабона об овард, хоби модар бурда буд. Саҳар об ях карда буд. Барои ҳамин об нанӯшид.)
11. Кадом фасли сол буд? (Фасли зимистон буд.)
12. Чӣ хел исбот мекунед, ки фасли зимистон буд? (Об дар кӯза дар фасли зимистон ях мекунад.)
13. Агар ба ҷойи фарзанд шумо мебудед, чӣ кор мекардед? (Агар ман ба ҷойи фарзанд мебудам, модарамро бедор мекардам, ки об нӯшад. Агар ман ба ҷойи фарзанд мебудам, монанди ӯ рафтор мекардам. Агар ман ба ҷойи фарзанд мебудам, обро дар ҷойи гармтаре пинҳон мекардаму хоб мерафтам.)
14. Чӣ кор мекардед, ки об ях накунад? (Дар ҷойи гарм мемондам. Болояшро бо ягон чиз мепӯшондам …)
15. Агар ба ҷойи модар шумо мебудед, ба фарзанди худ чӣ мегуфтед? (Ба ӯ дуои нек мекардам. Ба ӯ офарин мегуфтам. Ӯро ҷанг мекардам, ки маро бедор накардааст ...)

6) Кор бо матни “Модар”, шеъри А. Шукӯҳӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Меъёрҳои хониши ифоданокро қаблан муҳокима намоед.

7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

8) Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

9) Матнҳои «Давлатӣ пайғамбарӣ» ва «Модар»-ро бо хонандагон аз рӯйи навъ ва мазмун муқоиса кунед. (Диаграммаи Венн)

10) Хонандагон бахшида ба “Рӯзи модар” шифоҳӣ ва хаттӣ табрикнома тартиб медиҳанд. Умумият ва фарқи табрикоти шифоҳӣ ва хаттиро муҳокима кунед.

а) Сохтори табрикномаро муҳокима кунед.

– Мурочиат (Модарҷони азиз!)

– Мақсад (Шуморо бо Рӯзи модар табрик гуфта, бароятон умри дароз ва саломатӣ орзу дорам.)

– Ҷамъбаст ва муаррифӣ (Бо орзуҳои нек, Беҳрӯз)

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бахшида ба Рӯзи модар модари худро табрик кунанд (матни табрикнома нависанд).

в) Матни табрикномаро хонанд ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва аломатҳои китобатро муҳокима ва ислоҳ намоед.

г) Матни табрикномаи навиштаашонро дар варақаи табрикнома нависанд.

ғ) Табрикномаро оро диҳанд.

11) Барои хона вазифа диҳед. Аз ёд кардани шеърҳо дар васфи модар. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 11-12. МАШҚИ НАВИШТАНИ НАҚЛИ ХАТТӢ

**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади навиштани нақли хаттӣ. Муҳокимаи интихоби матни нақли хаттӣ доир ба мавзӯи «Баҳор, Наврӯз». Муҳокима намудани нишондиҳандаҳои нақли хуб. Хондани матни нақли хаттӣ. Нақл кардани мазмуни он. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Шарҳи калимаҳои душвор ва навиштани онҳо дар лавҳаи дарсхона. Интихобан нақл кардани хонандагон. Дастаҷамъӣ навиштани нақшаи нақл. Мувофиқи нақшаи нақл навиштан. Хондани нақли хаттӣ аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани нақлҳои хаттӣ. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзиислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– мақсади навиштани нақли хаттиро гуфта тавонанд;
– мазмун ва мақсади матнро муайян карда тавонанд;
– аз рӯйи нақша нақли хаттӣ навишта тавонанд;
– нақли хаттии худро хонда тавонанд;
– душвориҳои худро гуфта тавонанд;
– ғалатҳоро дар навиштаи худ ислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ

**Равиши дарс.**
Нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

## ДАРСҲОИ 13-14. ТИРУКАМОН

**Барнома.** Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Навиштан ва шарҳ додани онҳо. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Шарҳи ибораҳои ифодакунандаи ҳодисаҳои табиии фасли баҳор. Алоқаманд кардани мавзӯъ бо дарсҳои табиатшиносӣ. Мисол овардани дигар ҳодисаҳои фасли баҳор аз фанни табиатшиносӣ. Имлои калимаҳои душвор. Муқоисаи навиштаҳои ҳамдигар. Ислоҳ кардани ғалатҳо. Муайян кардани калима ва ибораҳои хосси ҳодисаҳои табиии фасли баҳор. Бо истифода аз ин гуна калимаву ибораҳои матн тартиб додани ҷумлаҳо. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– мазмуни матни муайян карда тавонанд;
– мазмуни матнҳои гуногунро муқоиса карда тавонанд;
– усулҳои гуногуни истифодаи луғатро дар нутқи хаттӣ риоя намоянд;
– дар бораи ҳодисаҳои табиӣ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расм, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Дарси мзкурро метавонед аз рӯйи нақшаи зер гузаред.

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

4) Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид созед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бо супориш шинос шаванд ва онро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд. Барои иҷрои супоришҳо вақт диҳед (25 дақиқа).

Гурӯҳи 1.

1. Шеърро аввал хомӯшона, баъд ифоданок хонед. Меъёрҳои хониши ифоданокро ба ёд оред.

2. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад? Он дар кадом мисраъҳо ифода ёфтааст? Ин мисраъҳоро дар дафтар нависед.

3. Машқи 1-ро хонед ва мазмуни онро бо мисраъҳои севуму чорум муқоиса намоед. Сабаби баромадани тирукамонро гӯед.

Гурӯҳи 2.

1. Шеърро аввал хомӯшона, баъд ифоданок хонед. Меъёрҳои хониши ифоданокро ба ёд оред.

2. Мисраъҳои 5-6 ва машқи 2-ро хонед ва нависед. Агар шумо рассом мебудед, тирукамонро чӣ тавр тасвир мекардед? Аз кадом рангҳо истифода мекардед?

Гурӯҳи 3.

1. Шеърро аввал хомӯшона, баъд ифоданок хонед. Меъёрҳои хониши ифоданокро ба ёд оред.

2. Мисраъҳои 7-уму 8-ум ва машқи 3-ро хонед ва нависед. Шоир тирукамонро ба чӣ монанд кардааст?

Дар бораи товус чӣ медонед? Дар бораи Ҳиндустон чӣ?

Гурӯҳи 4.

1. Шеърро аввал хомӯшона, баъд ифоданок хонед. Меъёрҳои хониши ифоданокро ба ёд оред.

2. Ҷумлаҳоро хонед ва нависед. Маънои калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Дар доманаи кӯҳ кабки **хушхироме** лона дошт.

Девору сутунҳои чойхона **мунаққаш** аст.

Хуршед ба рӯйи гулу сабзаҳо **партавфишонӣ** мекард.

3. Бо ин калимаҳо интихобан ҷумла созед.

Гурӯҳи 5.

1. Шеърро аввал хомӯшона, баъд ифоданок хонед. Меъёрҳои хониши ифоданокро ба ёд оред.

2. Шеърро бо оҳанг сароед.

Барои сурудан чиро бояд ба эътибор гирем?

- Кадом калима ё ибора нофаҳмост?
- Тамдиди онро чӣ гуна бояд иҷро кард?
- Ба хотир оред!

5) Муҳокимаронии хонандагонро мушоҳида намоед. Ҳангоми мушоҳида ба хонандагон саволу тавсияҳо диҳед.

6) Муаррифии хонандагонро ба роҳ монед. Пас аз муаррифӣ кори гурӯҳҳоро арзёбӣ намоед. Дарсро ҷамъбаст карда, барои хона вазифа супоред. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

7) Дарсро ҷамъбаст намуда, ба хонандагон имкон диҳед, ки фаъолияти таълимии худро арзёбӣ намоянд.

## Дарсҳои 15-16. Наврӯз – иди баҳор

**Барнома.** Хониши матн. Шарҳи калимаҳои душвор. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи Наврӯз. Истифода ин гуна калимаву ибораҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Имлои калимаҳои душвор. Дар бораи тарзи ҷашнгирии Наврӯз дар маҳаллаи худ ҳикоя кардан. Хаттӣ тартиб додани матни хурд дар бораи Наврӯз. Машқҳои имлоӣ ва ҷумласозӣ. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- усулҳои гуногунро истифода карда, мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- матнҳои хурд тартиб дода нависанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму мусавараҳо, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Аз рӯйи шароит ва имконият суруди “Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст!” (ё ягон суруди мувофиқ ба Наврӯзу баҳор)-ро шунавонед.
5) Мафҳумҳои зеринро бо як калима чӣ гуна ифода кардан мумкин аст?

*суманак* — *гӯштингирӣ*
*рақсу бозӣ* — *сурудан*
*ҳафтсин* — *бузкашӣ*

6) **Кор бо матн**.
а) Сархатти якум ва дуюми матни «Иди Наврӯз» -ро хомӯшона хонед ва гӯед, ки баҳор чӣ гуна фасл аст?
б) Сархатти севум ва чорумро гӯш кунед ва гӯед, ки Наврӯзро барои чӣ ҷашн мегиранд? Ба муносибати ин ид одамон чӣ кор мекунанд?
в) Мисраъҳои шеърии матнро ифоданок хонед.
г) Аз рӯйи матн ба рафиқатон савол диҳед. Масалан: Дар хонадони шумо Наврӯзро чӣ гуна ҷашн мегиранд?
ғ) Дар ҷумлаҳои зерин ба ҷойи исмҳо ҷонишинҳои шахсии мувофиқро гузошта, ба дафтаратон нависед.
1. Халқи меҳнаткаш дар сурудҳои худ Наврӯзро чун оғози корҳои деҳқонӣ васф менамояд.
2. Занон суманак мепазанд.
3. Ҷавонон гӯштин мегиранд.
4. Марди деҳқон ҷуфт мекунад.

7) Бо калимаҳои **фасли дилафрӯз, арӯси сол, иди баҳор, чодари рангин** матни хурд тартиб дода нависед.

**8) Бозии «Орзуҳо»**

Дар давра хонандагон ҷамъ мешаванд. Ҳар як хонанда дар дасти худ гул дорад. Хонандае гул дар даст мегӯяд: «Бигзор ин сол соли равшану бобарор бошад. Ман Шукронаро бо иди Наврӯз табрик гуфта, барояш хониши хубу аълоро орзу мекунам». Сипас гулро ба ҳампаҳлӯяш медиҳад. Рафиқаш амали ӯро такрор менамояд.

9) Орзуҳои наврӯзии худро нависед.

Биёед, бо орзуҳои наврӯзии Маҳноз шинос шавем. Ба фикри шумо, орзуҳои ӯ амалишавандаанд? Чаро? Кадом қисмати ҷумла ба шумо бештар маъқул аст?

«Орзу дорам, ки падару модарам саломат бошанд. Бисёр орзу мекардам, ки падарам ба ман имсол компютер туҳфа намоянд. …»

Акнун биёед ,орзуҳои худро менависем. Аз ин қолаб истифода баред:

«Орзу дорам, ки ... . Ба ман дар Иди Наврӯз …. туҳфа намоянд».

**10) Вазифаи хонагӣ.** Аз модар, падар ва ё бародару хоҳари худ орзуҳои наврӯзиашонро бипурсед ва онҳоро нависед. Аз қолаби боло истифода баред.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 17-18. ДАСТАРХОНИ НАВРӮЗӢ

**Барнома.** Ифоданок хондани омӯзгор. Бодиққат гӯш кардани хониши ифоданок. Онро маънидод кардани омӯзгор. Бо овози баланд машқ кардани тарзи талаффузи бурроИ калимаҳои душвори матн. Хониши хомӯшонаи матн. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Имлои калимаҳои душвор. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳое, ки хӯришҳои дастархони наврӯзиро ифода мекунанд. Рамзи онҳоро шарҳ додан. Дар ҷумлаҳои нав истифода бурдани ин гуна калимаҳо. Навиштани хислатҳои беҳтарини модар. Дар бораи тарзи оростани дастархони наврӯзӣ ҳикоя кардан. Аз ёд кардани шеър. Саволу ҷавоб оид ба суманак: он аз чӣ карда мешавад? Тарз ва тартиби тайёр кардани он. Хелҳои суманак. Чаро онро дар Наврӯз мепазанд? Таърихи пайдоиш. Ифоданок хондани шеър. Бо ҳам сурудани шеър. Навиштани тартиби суманакпазӣ.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.

4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.

4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари ~~и~~ сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- матни хурд тартиб дода нависанд;
- дар бораи оростани дастархони наврӯзии хонаи худ шифоҳӣ нақл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму мусаввараҳо, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ.

**Равиши дарс.** Дарси мазкурро метавонед аз рӯйи нақшаи зер гузаронед:

1) а) Ташкили дарс; б) Арзёбии вазифаи хонагӣ в) Муҳокимаи мақсадҳои дарс (2-3 дақиқа).

2) Суҳбат аз рӯйи мазмуни суҳбати Бежан ва Манижа.

3) Ифоданок хондани шеър аз тарафи омӯзгор. Шарҳи калимаҳои душвори матн.

4) Хониши эзоҳии омӯзгор (маънидод кардани мазмуни шеър):

Байти якум: рӯзи Наврӯз хешу табор ва дӯстон бояд сари дастархон ҷамъ оянд.

Байти дуюм: шоир мегӯяд, ки агар рӯзи Наврӯз одамон бо ҳамдигар бошанд, тамоми сол тифоқ хоҳанд буд.

Байти севум: шоир таъкид мекунад, ки дар рӯйи дастархон бояд ҳам шохаи гули тар ва ҳам неши сабзи гандум, яъне суманак гузошта шавад.

Байти чорум: барои он гул мегузоранд, ки бахти одамон чун гул шукуфон бошад. Барои он суманак мегузоранд, ки гандум ва сабзаи он рамзи серию пурӣ аст.

Байти панҷум: шоир инчунин таъкид мекунад, ки дар рӯйи дастархони наврӯзӣ, албатта, «ҳафт син» гузошта шавад. Дар ҳамин ҷо, омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки аз суҳбати Бежан ва Манижа ҳафт анвоеро, ки номашон бо ҳарфи «с» сар мешавад, номбар кунанд.

Байти шашум: ба қавли шоир «ҳафт син» рамзи баҳор аст ва як соли дароз дар хонадони одамон бояд шодию хурсандӣ ҳукмрон бошад.

4) Хониши хомӯшонаи хонандагон ва ба хониши ифоданок тайёрӣ дидан.

5) Хониши ифоданоки хонандагон.

6) Арзёбии хониши ифоданок аз рӯйи меъёрҳо.

7) Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн:

Дар гирди дастархони наврӯзӣ киҳо бояд ҷамъ шаванд?

Чаро шоир мегӯяд, ки дар рӯйи хони Наврӯз бояд шохаи гули тар ва суманак бошад?

Чизҳое, ки бо ҳарфи «син» сар мешаванд, номбар кунед.

Оё шумо дар хонаатон дастархони наврӯзӣ паҳн мекунед?

Дар рӯйи он чиҳо мегузоред?

Дар рӯйи дастархон шохаи гули тар ва сабзаи гандум - суманак мегузоред?

Оё ҳафт син мемонед?

8) Шумо метавонед ба хонандагон вазифа супоред, ки суҳбати Бежан ва Манижаро нақшофарӣ карда, суруди “Суманак” сароянд.

9) Имлои дунафарӣ. Хонандагон бонавбат гуфтҳои Умари Хайём аз саҳ. 262., супориши 2-ро бонавбат ба ҳамдигар гӯянд ва нависанд.

10) Бозии таълимӣ: “Киштӣ”

**Қадамҳо:**

- Дар тахтаи синф расми киштиро кашед.
- Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Бачаҳо, тасаввур кунед, ки имрӯз мо бояд дастархони наврӯзӣ ороем. Мо бо худ чиро мегирем?»
- Хонандагон номҳои анвоеро, ки барои дастархони наврӯзӣ заруранд, мегӯянд. Масалан: сабзӣ, суманак, ….

11) Вазифа барои хона: Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дастархони наврӯзиро ба сухан тасвир намоянд. Намуна:

Имрӯз хонаводаи мо бисёр хурсанданд. Ба шарофати Наврӯзи дилафрӯз дастархони идона оростанд. Дар мобайни дастархон гулдони пур аз сиёҳгӯшу бойчечак ва як табақ суманак меистод. Аз тарафи рости он сабзӣ, сипанд, санҷид, себ, сир ва сирко дастурхонро зеб медоданд. Аз тарафи чапи он шамъ, ширинӣ, шир, шароб, шарбат, шакар ва хӯшаи шамшод гузошта шуда буд. Гирдогирди дастархонро табақчаҳои кулчақанду шоколад, себу нок ва ананасу банан ҳусн мебахшид. Пистаю

чормағз ва мавизҳои сурху сиёҳ  ҷойҳои боқимондаи дастурхонро пур карда буданд. Аҳли хонавода ҳамдигарро бо Наврӯз муборакбод мегӯянд.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред.  Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## Дарсҳои 19-20. Гулгардонӣ

**Барнома.** Маросимҳои Наврӯз. Шарҳи «гулгардонӣ». Саволу ҷавоб дар доираи мавзӯъ. Қоидаҳои гулгардонӣ. Шеърҳо барои гулгардонӣ. Ифоданок хондани шеър. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Имлои калимаҳои душвор.  Навиштани номи гул ва ранги онҳо. Тасвир кардани гулҳо ва навиштани шеър дар васфи гулҳо. Дар бораи  тарзи баргузории гулгарлонӣ дар маҳаллаи худ ҳикоя кардан. Бо ҳам сурудани шеър. Бозӣ: «Базми гулҳо».

**Салоҳиятҳо:**
4.3.1. Қоидаҳои гуногуни  хонданро медонад ва риоя мекунад.
4.2.3. Барои баёни максад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- матни хурд тартиб дода нависанд;
- дар бораи маросими “Гулгардонӣ”-и деҳаи худ шифоҳӣ нақл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, гулҳои баҳорӣ, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ; сабти навои гулгардонӣ (аз рӯйи имкон).
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4)  Бозии “Бинго!”
Бозии « Бинго!» гузаронед. Ин бозии мувофиқгузорӣ буда,онро ҳамаи хонандагони синф дар як вақт иҷро мекунанд. Пешакӣ рӯйхатти гулҳоро тартиб диҳед. Онҳоро алоҳида дар варақчаҳои хурд навишта, тоб дода, ба қуттӣ (халтача) андозед.
Тарзи бозӣ:
6. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақи алоҳида  ҷадвали 3x3  кашанд. Нигаред ба намунаи ҷадвал:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

7. Сипас, хонандагон аз дафтарашон  номи 9 гулро интихоб карда, дар ҷадвал ба монанди намунаи поён менависанд.

| | | |
|---|---|---|
| Савсан | Бобуна | Мехчагул |
| Бойчечак | Лола | Наргис |
| Хайрӣ | Ёсуман | Сиёҳгӯш |

5) Варақаҳои тобдодаи дохили қуттиро як-як гирифта, бо овози баланд хонед.

6) Агар калимаи хондаи шумо, дар ҷадвали хонандагон бошад, он гоҳ онро хат мезананд ё муҳра мегузоранд.

Хонандае, ки аввалин шуда, чор номро (аз поён ба боло ё аз чап ба рост) хат мезанад, «Бинго!» мегӯяд. Ҷадвали «Бинго!»-и ӯро бо рӯйхатти худ муқоиса карда, бурд кардани он хонандаро тасдиқ кунед. Ин навъи машғулият-бозӣ барои азхуд кардани луғат ва малакаи навиштан равона шуда, омодагии пешакии шуморо талаб мекунад.

7) Дар бораи маросими "Гулгардонӣ" суҳбат ороед, ё аз рӯйи шароит ва имкон навори маросими "Гулгардонӣ"-ро намоиш диҳед.

8) Кор бо матни "Гулгардонӣ". Хонандагон мустақилона матнро мехонанд. Пас аз хондан саволу ҷавоб кунед.

9) Аз рӯйи имкон дар дарсхона маросими "Гулгардонӣ" ташкил кунед. Хонандагон дар давра меистанд. Хонандае дар даст гул гирифта, назди нафари якуми дар давра истода шеър мехонад ва ба хонандаи навбатӣ гул тухфа мекунад. Вай гулро ба шарикаш дода, шеър мегӯяд. Ҳамин тавр хонандагон гулбазм ё гулгардонӣ мекунанд.

10) Барои инкишофи малакаҳои навиштан бозиҳои зеринро тавсия медиҳем.

Бозии таълимӣ: киштӣ

- Дар тахтаи синф расми киштиро кашед.
- Ба хонандагон чунин мурочиат намоед: «Бачаҳо, тасаввур кунед, ки фасли баҳор аст. Акнун, биёед, ба киштӣ савор шуда (муаллим расми киштиро нишон медиҳад), ба сайр барои гулчинӣ меравем. Мо бо худ танҳо чизҳоеро мегирем, ки дар фасли баҳор барои гулчинӣ заруранд. Кӣ мегӯяд, ки мо бо худ чӣ чизҳоро мегирем?»
- Хонандагон номҳои ашёеро, ки барои сафар заруранд, мегӯянд. Масалан: чатр ё либоси боронӣ, сабадча барои гул, каме хӯрокворӣ …
- Агар имконият дошта бошад, расми якчанд ашёи гуфтаро дар дохили расми киштӣ тасвир кунанд.
- Номи ашёи гуфтаашонро нависанд.

11) Озмуни ҷумлаи дарозтарин-ро эълон кунед.

Аввал ҷадвали поёнро фаҳмонед ва супориш диҳед, ки ба ҷойҳои холӣ номи гулҳо нависанд. Шахсе ғолиб дониста мешавад, ки аз ҳама зиёд номи гулҳоро менависад.

*Гулҳои ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.*
*Гулҳои ____,____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.*
*Гулҳои ____, ____, ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.*
*Гулҳои ____, ____, ____, ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.*
*Гулҳои ____, ____, ____, ____, ____, ____, ____ ва ____ шукуфтанд.*

12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи маросими "Гулгардонӣ" дар маҳаллаашон ҳикоя кунанд.

13) Вазифа барои хона: аз ёд кардани шеър. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 21-22. ҶАШНИ НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ

**Барнома.** Ҷашни Наврӯз. Шарҳи маънои «Наврӯз». Таърихи пайдоиши Наврӯз. Ҷашнгирии Наврӯз дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон. Саволу ҷавоб. Бахшида ба таҷлили Наврӯз навиштани ҳикояи хурд. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- усулҳои гуногунро истифода карда, мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- матнҳои хурд тартиб дода нависанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму мусавараҳо, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Аз рӯйи шароит ва имконият суруди “Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст!” (ё ягон суруди мувофиқ ба Наврӯзу баҳор)-ро шунавонед.
**5)** Хонандагонро ба хондани матни “Ҷашни Наврӯз” (саҳ. 268-269) ҳидоят намоед. Хондан ва нақл кардани мазмуни матнро монанди барномаи “Се духтаракон”-и телевизиони “Баҳористон” ба роҳ монед. Агар хонандагон ин барномаро надида бошанд, дар бораи он маълумот диҳед.
6) Хонандагон матнро хонда, мазмунашро сенафарӣ занҷирвор нақл мекунанд.
Маҳорати сенафарӣ нақл карда тавонистани мазмуни матнро арзёбӣ намуда, ба хонандагон тавсияҳо пешниҳод кунед.
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи мазмуни матн саволҳо тартиб диҳанд. Усули “Курсии сеҳрнок”-ро гузаронед.
Як нафар дар мобайн ҷой мегирад, дигарон ба ӯ савол медиҳанд. Дар “курсии сеҳрнок” чанд нафар мешинанд ва ба саволҳо ҷавоб медиҳанд (масалан: Дар Суғд Наврӯзро чӣ гуна ҷашн мегиранд?).
8) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки дар мавзӯи “Наврӯзи Тоҷикистон” ҳикояи хурд нависанд. Аз чанд нафар хоҳиш намоед, ки ҳикояҳои худро хонанд. Агар ғалатҳо бошанд, роҳи ислоҳ карданро нишон диҳед.
9) Арзёбии дарсро тавассути “Хӯшаи мураккаб” гузаронед. Хӯшаи мураккабро тасвир карда, аз хонандагон пурсед, ки дар вилоятҳои Тоҷикистон Наврӯзро чӣ тавр ҷашн мегиранд?




10) Вобаста ба қобилияти хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Дар бораи ҷашнгирии Наврӯз дар маҳаллаи худ шифоҳӣ ҳикоя кардан. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 23-24. АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ КИТОБ АСТ! (МУҲОКИМАИ КИТОБҲОИ ХОНДА)

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- сканворду кроссвордҳоро пур карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо.
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

## Дарси 25. Нақли хаттии санҷишӣ

**Барнома.** Интихоби матни нақли хаттӣ доир ба мавзӯи «Ҷашнҳои миллӣ». Хондани матни нақли хаттӣ. Нақл кардани мазмуни он. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Шарҳи калимаҳои душвор ва навиштани онҳо дар лавҳаи дарсхона. Тартиб додани нақшаи нақли хаттӣ. Мувофиқи нақша навиштани нақли хаттӣ. Арзёбӣ кардани нақли хаттӣ.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ (55-60 калима) навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс**
Тартиби навиштани нақли хаттӣ:
1) Матни нақли хаттиро аз маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ интихоб намоед.
2) Матни нақли хаттиро мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ равону ифоданок хонед.
3) Калимаҳои душворро нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.
4) Ба он муваффақ гардед, ки хонандагон мазмуни матнро нақл кунанд.
5) Дастаҷамъона нақшаи нақли хаттиро тартиб диҳед.
6) Барои навиштани нақли хаттӣ 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
7) Баъди навиштани нақли хаттӣ имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
8) Дафтарҳои хонандагонро ҷам карда гиред.

**Арзёбӣ.** Ҳангоми баҳогузории нақли хаттӣ меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.
- мувофиқати мазмун нақли хаттӣ ба матн;
- пайдарпайии баёни фикр (алоқаи мантиқии ҷумлаҳо);
- дуруст гузошта шудани сархатҳо.

Дараҷаи саводнокӣ *(ғалатҳои имлои санҷишӣ низ ба эътибор гирифта мешаванд)*:

## Дарси 26. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред.

Тавзеҳ: ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.

1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
   - хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
   - хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
   - хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
   - хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғайраҳо)
2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.
4) Бо ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед.

### Дарсҳои 27-28. Дарси ҷамъбаст ва кор бо ғалатҳо

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хонадан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Ин дарс ба таҷлили Наврӯз бахшида мешавад. Аввал ба хонандагон тарзи шифоҳӣ ва хаттӣ табрик намуданро омӯзонед. Бо хонандагон пешакӣ маслиҳат намуда, тарзи оро додани дарсхонаро фикр карда бароед. Вобаста ба шароит ва имкони мавҷудаи мактаб сенарияи ҷашни Наврӯзи синфиро таҳия намоед. Сенарияи шумо бояд хусусияти таълимӣ-тарбиявӣ дошта, бандҳои намунавии зеринро дарбар гирад:

- шарҳи маъно ва таърихи пайдоиши Наврӯз;
- озмуни шеърхонӣ ва чистону латифаҳои ба синну сол мувофиқ;
- викторина ва бозиҳои гуногуни шавқовари таълимӣ;
- ҷамъбасти озмунҳои "Хушнависи Наврӯз" ва "Китобхони Наврӯз".

## БОБИ 7. БУЗУРГИИ ИНСОН (38 СОАТ)

### Дарсҳои 1-4. Суруди одам

**Барнома.** Матни диалогӣ. Машқи хондани матнҳои диалогӣ. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Симоҳои матнро муайян кардан. Суханони муаллиф ва симоҳои матнро муайян карда тавонистан. Суханони муаллиф ва симоҳои матнро бо оҳанги мувофиқ хонда. Мақсади асосии муаллифро муайян карда, муносибати муаллифро ба мазмуни матн гуфтан. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ, босуръатнавсӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад.

4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- суханони муаллиф ва симоҳори матнро муайян карда тавонанд;
- суханони муаллиф ва симоҳои матнро бо оҳанги мувофиқ хонанд;
- мазмун (таъриф ё дурӯғ)-и суханони симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мақсади асосии муаллифро муайян карда тавонанд;
- муносибати муаллифро ба мазмуни матн муайян карда тавонанд;
- тарзҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, мақола, шеъру ҳикояҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Номи матнро нависед ва муҳокима кунед. (Барои он "Суруди одам" ном дорад, ки дар он бузургии одам васф шудааст.)

5) Хонандагонро ба бодиққат гӯш кардани матн ҳидоят намоед. Супориш диҳед, ки тарзи хониши шуморо гӯш карда, ба оҳанги хониши суханони муаллиф ва симоҳои матн диққат диҳанд.
6) Қисмҳои 1 ва 2 (саҳ. 271-273)-ро ифоданок хонед. Суханони муаллиф ва симоҳои матнро бо оҳанги мувофиқ таъкид намоед.
7) Ба хонандагон супориш диҳед, ки дарсҳои қаблиро ба хотир оварда, гӯянд, ки дар матнҳои диалогӣ суханони симоҳои матн чӣ тавр ҷудо карда мешавад? (Дар матнҳои диалогӣ суханони симоҳо бо тире ҷудо карда мешавад) .
8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ се сархатти аввали қисми якуми матнро хонанд. Суханони муаллиф ва симоҳои матнро муайян кунанд. Суханони муаллиф ва симоҳои матнро мувофиқи оҳанги муносиб хонанд.
9) Хонандагон дунафарӣ хомӯшона матнро мехонанд ва суханони муаллиф ва суханони Обро муайян менамоянд.
10) Аз чанд гурӯҳчаи дунафарӣ хоҳиш кунед, ки дар нақши муаллиф ва симои матн бозӣ карда, матнро бо оҳанги мувофиқ хонанд. (Агар хонандагон ба оҳанги мувофиқ риоя накарданд, ба онҳо ёрӣ расонед ва ё такроран намоиш диҳед)
11) Хонандагон ба ҳамин тартиб қисмҳои 1 ва 2-юми матнро то охир мехонанд.
12) Ба хонандагон гӯед, ки акнун, матнро аз рӯйи нақшҳо мехонем. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз рӯйи қисмҳои 1 ва 2 (саҳ. 271-273) нақшофарӣ кунанд.
13) Муаррифии гурӯҳҳоро арзёбӣ намуда, доир ба мазмуни умумии матн бо хонандагон саволу ҷавоб ташкил намоед.
14) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳақиқат ва дурӯғро ба хотир биёранду ҳақиқа ва ё дурӯғ будани суханони онҳоро муайян кунанд. Аз рӯйи гуфтори симоҳо хислати онҳоро муайян кунанд. Масалан, офтоб бисёр худашро таъриф мекунад. Вай худписанд будааст.

15) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки номи симоҳо ва амалҳои онҳоро аз матн ёфта нависанд.

Намуна: Об заминро обёрӣ мекунад.

Дар зери хок сангҳои гаронбаҳо хобидаанд.

Бод дар гармои тобистон ба одамон ҳаловат мебахшад.

Агар офтоб намебуд, ҳаёт набуд.

Бо хонандагон дар бораи фоидаи об, бод, хок, офтоб суҳбат кунед.

16) Аз хонандагонхоҳиш кунед, ки мисли намунаҳои зер ҷумлаҳои нав тартиб дода нависанд.

Об ташнагиро мешиканад. Бо об дасту рӯямонро мешӯем.

Аз хок ҳосил мерӯёнанд. Аз қаъри хок тило истеҳсол мекунанд.

Бод рустаниҳоро гардолуд мекунад. Неругоҳи барқи бодӣ қувваи барқ истеҳсол мекунад.

Офтоб ба мо гармӣ медиҳад. Офтоб ба мо равшанӣ медиҳад.

17) Хонандагон ҷумлаҳои навиштаашонро мехонанд. Ғалатҳои содиркардаашонро ҳамроҳ ислоҳ мекунанд.
18) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матни “”Низоъ бадбахтӣ меораду дӯстӣ – хушбахтӣ”-ро ба хотир оранд. Дар бораи зарари об ва офтоб ҳикоя кунанд.
19) Ду соати аввалро ҷамъбаст намуда, барои хона вазифа диҳед. Дар хона дар назди оина бо оҳанги мувофиқ хондани қисми якуми матнро машқ кунед

**Соатҳои сеюму чорум**

1) Ташкили дарс
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед
4) Хонандагонро ба бодиққат гӯш кардани матн ҳидоят намоед. Супориш диҳед, ки тарзи хониши шуморо гӯш карда, ба оҳанги хониши суханони муаллиф ва симоҳои матн диққат диҳанд.

5) Қисмҳои 3 ва 4 (саҳ. 274-277)-ро ифоданок хонед. Суханони муаллиф ва симоҳои матнро бо оҳанги мувофиқ таъкид намоед.
7) **Тавсия.** Давоми дарсро монанди бандҳои 7-11-уми соатҳои якуми дуюм ба роҳ монед.
8) Доир ба ҳамаи қисмҳои матн саволу ҷавоб ташкил намоед.
9) Аз хонандагон пурсед, ки мақсади асосии муаллиф кадом аст. Яъне муаллиф бо кадом мақсад ин ҳикояро навиштааст? (Муаллиф бузургии унсурҳои ҳаёт: об, бод, хок, офтобро номбар карда, таъкид мекунад, одам аз ҳамаи онҳо бузургтар аст.)
Муаллиф симоҳои матнро чӣ хел тасвир кардааст? (Об, Хок, Бод, Офтобро мағрур (таърифчӣ) гуфтааст.) Кадом симоро заруртар меҳисобад? (Муллиф бузургии Одамро таъкид мекунд. )
10) Дар давоми дарс хонандагонро ба иҷрои супориши дуюми саҳифаи 275 ва супоришҳои саҳ. 270 ҳидоят намоед.
**11) Арзёбӣ.** Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан

12) Барои хона вазифа супоред. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба маскадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳои дарс ноил шуданро муайян кунед ва ба хонандагон баҳо гузоред.

### ДАРСҲОИ 5-6. ОДАМОН ЧӢ ТАВР КОРИ ХУДРО ОСОН МЕКУНАНД?

**Барнома.** Матни маърифатӣ дар бораи “**Техникаи боақл».** Маҷмӯи мақолаҳо ва шарҳу тафсирҳо. Хондани матн. Шарҳ додани вазифа ва тарзи кори асбобҳои барқии рӯзгор. Техникаи бехатарӣ. Тасвир кардани асбоби хаёлӣ. Шарҳ додани он. Дар бораи расми худ навиштани ҳикояи хурд навиштан. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- аз усулҳо гуногун истифода бурда, мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи асбобҳои барқии рӯзгор маълумот дода тавонанд;
- дар бораи асбобҳои барқии рӯзгор ҳикояи хурд навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; сурати асбобҳои техникии рӯзгор: тафдон, телевизор, яхдон, чангкашак, мошинаи ҷомашӯйӣ; қаламу албом; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо дар бораи асбобҳои техникии рӯзгор

**Равиши дарс.** Мавзӯи мазкур ба омӯзиши асбобҳои рӯзгор бахшида мешавад.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дарсро бо “Ангезиши зеҳн” оғоз намоед. “Кадом асбобҳои техникии рӯзгорро медонед?”
Хонандагон номбар мекунанд: телевизор, яхдон, тафдон, чангкашак, мошинаи либосшӯйӣ (зарфшӯйӣ) ... (агар хонандагон номи русии онҳоро гӯянд, ислоҳ кунед).

5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро нависанд ва дуруст талаффуз кунанд.(Тавсия: шумо метавонед расми онҳоро истифода намуда, усули “Дар табакча чиҳо ҳаст?”-ро гузаронед.)

6) Пеш аз хондан саволҳоро дар лавҳи дарсхона (ё вараҳи сафеди калон) нависед:

1. Чиро техникаи “боақл” мегӯянд?
2. Барои чӣ онҳоро “боақл” мегӯянд?
3. Чӣ тавр техникаро “боақл” мекунанд?
4. Техникаи “боақл”-ро чӣ хел идора мекунанд?
5. Дар матн дар бораи кадом асбобҳои “боақл”-и рӯзгор сухан меравад?
6. Чӣ тавр асбобҳои техникии “боақл”-и рӯзгорро дар хона, кӯча, ҷойи кор истифода мебаранд?

7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонда, ба саволҳо ҷавоб ёфта нависанд. Хонандагон матнро хонда, ба саволҳо ҷавоб менависанд. Ҷавобҳои онҳоро ҳамроҳи хонандагон арзёбӣ кунед.

8) Хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид намоед. Барои ҳар гурӯҳ дар варақчаи алоҳида супоришро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бо супориш шинос шаванд ва онро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд. Агар дар синф хонандагон бисёр бошанд, як супоришро метавонед барои чанд гурӯҳ пешниҳод кунед. Барои иҷрои супоришҳо вақт диҳед.

9) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро бо хонандагон муҳокима кунед.

10) Кор дар гурӯҳҳо бо матни маърифатии «Асбобҳои боақли рӯзгор» аз рӯйи супоиршҳои зер:

**Супоришҳо:**

**барои гурӯҳи 1.** Расми «Телевизори хаёлӣ»-ро тасвир намоед. Дар бораи телевизори хаёлии худ ҳикояи хурд нависед.

**барои гурӯҳи 2.** Расми «Яхдони хаёлӣ»-ро тасвир намоед. Дар бораи яхдони хаёлии худ ҳикояи хурд нависед. (Аз маълумоти матн истифода баред)

**барои гурӯҳи 3.** Расми «Тафдони хаёлӣ»-ро тасвир намоед. Дар бораи тафдони хаёлии худ ҳикояи хурд нависед. (Аз маълумоти матн истифода баред)

**барои гурӯҳи 4.** Расми «Чангкашаки хаёлӣ»-ро тасвир намоед. Дар бораи чангкашаки хаёлии худ ҳикояи хурд нависед. (Аз маълумоти матн истифода баред)

**барои гурӯҳи 5.** Расми «Мошинаи либосшӯйии хаёлӣ»-ро тасвир намоед. Дар бораи мошинаи хаёлии худ ҳикояи хурд нависед. (Аз маълумоти матн истифода баред)

*(Муҳокимаронии хонандагонро мушоҳида намоед ва тавсияҳо диҳед.)*

11) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.

12) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.

13) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.

14) Вазифа барои хона: ҳамроҳи аҳли хонавода дар бораи техникаи бехатарӣ бо асбобҳои барқии рӯзгор суҳбат намоед. Қоидаҳои техникаи бехатариро тартиб диҳед.
Намуна:
Ман бе иҷозати падару модар асбобҳои техникии рӯзгорро ба кор намедарорам.
Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

15) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба маскадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳои дарс ноил шуданро муайян кунед ва ба хонандагон баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 7-8. ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМУ ТЕХНИКА. АЗ “ГИЛЕМИ ПАРРОН” ТО ФАТҲИ КОИНОТ

**Барнома.** Матни илмӣ-оммавии «Аз “Гилеми паррон” то фатҳи коинот». Тамошои суратҳо. Аз рӯйи сурат саволу ҷавоб кардан**.** Шарҳ додани калимаҳои душвор ва навиштани ҷумлаҳо. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Шифоҳӣ дар бораи дастовардҳои илму техника маълумот додан. Навиштани ҳикоя дар бораи аҳамияти ҳавопаймо барои одамон.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- аз усулҳои гуногун истифода бурда, мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи таърихи ҳавопаймосозӣ маълумот дода тавонанд;
- расми ҳавопаймоҳоро тасвир карда, дар бораи онҳо ҳикояи хурд навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; сурати ҳавопаймоҳо: варзишӣ, ҳарбӣ, боркаш, мусофирбар, киштиҳои кайҳонӣ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо доир ба ҳавопаймо ва киштиҳои кайҳонӣ
**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон шиносоиро бо дастовардҳои инсоният дар соҳаи илму техника давом дода, дар бораи таърихи пайдоиши ҳавопаймо, тараққиёти ин соҳа ва кашфи кайҳон маълумот пайдо мекунанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои соҳаи ҳавопаймойӣ ва кайҳоннавардиро дуруст нависанд ва талаффуз кунанд. (Тавсия: шумо метавонед онро бо усули “Дар табақча чиҳо ҳаст?” гузаронед.)
5) Пеш аз хондан саволҳоро дар лавҳи дарсхона (варақи сафеди калон) нависед (ё ба замима нигаранд):

**Саволҳо:**
1. Одамон аз чӣ завқ мебурданд?
2. Одамон чиро ёд гирифтанд?
3. Чиро ҳавопаймо мегӯянд? Киро ҳавонавард мегӯянд?
4. Аввалин ҳавопаймо кай ва дар куҷо сохта шуд?
5. Ҳавопаймои аввалин аз чӣ сохта шуда буд?
6. Калонтарин ҳавопаймои мусофирбар чӣ ном дорад? Он чӣ имкониятҳо дорад?
7. Калонтарин ҳавопймои боркаш чӣ ном дорад. Он чӣ имкониятҳо дорад?
8. Ҳавопаймо дар зиндагии мо чӣ зарурат дорад?
9. Киҳо фикри ба кайҳон баромаданро карданд?
10. Аввалин бор кадом ҷонвар ба кайҳон фиристода шуд?
11. Аввалин кайҳоннаварди олам чӣ ном дошт?
12. Одамон кай ба Моҳ баромаданд?
13. Шумо, ҳавонавард шудан мехоҳед? Чаро?

6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонда, ба саволҳо ҷавоб ёфта нависанд. Хонандагон матнро хонда, ба саволҳо ҷавоб менависанд. Ҷавобҳои онҳоро арзёбӣ кунед.

7) Барои боварӣ ҳосил кардан, ки хонандагон мазмуни матнро аз худ кардаанд, аз усули “Дуруст/нодуруст” истифода баред. Шумо ахбори матнро мехонед, хонандагон дуруст ё нодуруст будани онро муайян мекунанд (агар имкон бошад, ҷадвали зерро нависед ва ишораҳои дуруст/нодурустро дар сутуни мувофиқ гузоред)

| Ахбори матн | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Аввалин бор ҳавопаймои А 380-ро сохтаанд. | | |
| Ҳавопаймои А 380 555 нафар мусофирро аз як ҷой ба ҷойи дигар бурда метавонад. | | |
| Ҳавопаймои Флаер-1 250 тонна борро мекашонд. | | |
| Бори аввал одамон харгӯшро ба кайҳон фиристоданд. | | |
| Аввалин кайҳоннаворд Юрий Гагарин мебошад. | | |
| Киштии кайҳонии “Апполон” соли 1961 ба кайҳон баромад. | | |
| Ҳавоапаймои Мрия калонтарин ҳавопаймои боркаш аст. | | |

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бонавбат супоришҳои 1-4-и замимаи китоби дарсиро иҷро намоянд.

9) Барои инкишофи малакаҳои босуръатнависӣ аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқи 1-и замимаро иҷро кунанд. Ҳангоми иҷрои ин фаъолият на танҳо босуръатнависӣ, балки зебо ва беғалатнависӣ низ ба эътибор гирифта мешавад.

10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки расмҳои замимаи китобро бодиққат тамошо карда, дар мавзӯи “Аз орзу то ҳақиқат” шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳанд.

11) Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.

12) Вазифа барои хона. Расми ҳавопайморо тасвир кунед. Онро ном гузоред. Дар бораи нишондиҳандаҳои вай монанди супориши 4-уми замима ҷадвалро пур кунед.
Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

13) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳои дарс ноил шуданро муайян кунед ва ба хонандагон баҳо гузоред.

## Дарсҳои 9-10. Дастовардҳои илму техника. “Роботҳо”

**Барнома.** Матнҳои «Роботҳо», «Илм ва техника». Тамошои суратҳо. Аз рӯйи сурат саволу ҷавоб кардан**.** Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Шарҳ додани калимаҳои душвор ва навиштани ҷумлаҳо. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Шифоҳӣ дар бораи дастовардҳои илму техника маълумот додан. Навиштани ҳикоя дар бораи роботҳои хаёлӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- аз усулҳои гуногун истифода бурда, мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи роботҳо маълумот дода тавонанд;
- дар бораи роботҳо ҳикояи хурд навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; сурати роботҳо: роботҳои истеҳсолӣ ва роботҳои андроид; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо доир ба роботҳо

**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон шиносоиро бо дастовардҳои инсоният дар соҳаи илму техника давом дода, дар бораи роботҳо маълумот пайдо мекунанд.

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

4) Ангезиши зеҳн. О.: "Шумо ягон маротиба калимаи "робот"-ро шунидаед, ё дар бораи он чизеро медонед?" Фикрҳои хонандагонро дар "Хӯша" нависед.

5) Пеш аз хондани матн дар бораи роботҳо саволҳоро дар лавҳи дарсхона (вараќи сафеди калон) нависед (ё ба замима нигаранд):

**Саволҳо:**

1. Робот чӣ хел дастгоҳ аст?
2. Роботҳо ба воситаи чӣ идора карда мешаванд?
3. Робот ба воситаи чӣ фармон мегирад?
4. Калимаи "робот" аз куҷо пайдо шудааст?

6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонда, ба саволҳо ҷавоб ёфта нависанд. Хонандагон матнро хонда, ба саволҳо ҷавоб менависанд. Ҷавобҳои онҳоро арзёбӣ кунед.

7) Барои боварӣ ҳосил кардан, ки хонандагон мазмуни матнро аз худ кардаанд, аз усули "Дуруст/нодуруст" истифода баред. Шумо ахбори матнро мехонед, хонандагон дуруст ё нодуруст будани онро муайян мекунанд (агар имкон бошад, ҷадвали зерро нависед ва ишораҳои дуруст/нодурустро дар сутуни мувофиқ гузоред)

| **Ахбори матн** | **Дуруст** | **нодуруст** |
|---|---|---|
| Роботҳоро одамон офаридаанд. | | |
| Роботҳо кори ҳазорон одамро иҷро карда метавонанд. | | |
| Роботҳо мустақилона кор карда метавонанд. | | |
| Роботҳо истеҳсолӣ ва андроид мешаванд. | | |
| Роботҳо дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок карда наметавонанд. | | |

8) Машқи навиштани ҳикоя.

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расми роботро тасвир кунанд ва ба он ном гузоранд. Дар бораи роботи худ ҳикоя нависанд.

б) Ҳикояи худро хонанд.

в) Ҳикояҳои хонандагонро арзёбӣ кунед.

9) Барои хона вазифа диҳед. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

10) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳои дарс ноил шуданро муайян кунед ва ба хонандагон баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 11-12. КОРИ ЛОИҲАВӢ

**Барнома**. Тасвир ва сохтани асбобҳои техникии хаёлӣ. Дар бораи «ихтироот»-и худ шифоҳӣ нақл кардан. Навиштани ҳикояи хурд дар бораи он. Гирдоварии маълумотҳои гуногун доир ба дастовардҳои илму техника. Гурӯҳбандии ҳикояҳо. Саҳифабандии варақаҳо. Номгузории китобча. Хондани китобча.

**Салоҳиятҳо:**

4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– дар бораи илм ва техника мақола ва расмҳои гуногунро гирд оварда тавонанд;
– дар бораи дастовардҳои илму техника ҳикояи хурд навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ, мақола ва расму суратҳо дар бораи дастовардҳои илму техника

**Равиши дарс.** Чунонки дар дарсҳои қаблӣ гуфта будем, хонандагон бояд дар мавзӯи "Илму техника" мақолаҳои гуногунро гирд меоварданд. Асбобҳои гуногунро хаёлан тасаввур ва тасвир карда, хонандагон дар бораи он маълумот медиҳанд.
Фаъолият: "Таълифи китоб".
Тартиб:
- Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ тақсим кунед.
- Ба онҳо варақи дафтари дусаҳифадор диҳед.
- Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед. Масалан: "Дастовардҳои илму техника".
- Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи дастовардҳои илму техника ҳикояи хурд нависанд ва ба мазмуни он мувофиқ расм кашанд ё расми тайёрро часпонанд.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳикояҳои навиштаи хонандагон такрор ё аз ҳамдигар рӯйбардор нашудаанд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки варақҳои ҳикояро пайиҳам пайваст намоянд.
- Сарварақи онро номгузорӣ кунанд ва оро диҳанд.
- Варақҳоро ботартиб гузошта, ба ҳам часпонанд.
- Ҳангоми кори гурӯҳҳо дар синф давр зада, ба хонандагон ёрӣ расонед.
- Номи китобчаҳои хонандагонро муҳокима кунед.
- Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: "Хонандагони синфи 4"А"".
- Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои кори лоиҳавӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин арзёбӣ карда мешаванд:
- мувофиқ будани мазмуни зарбулмасалу мақол ва пандҳо ба мавзӯи раҳму шафқат;
- ҳикояҳои навиштаи хонандагонро тибқи меъёрҳои арзёбии иншо санҷед. Дар ин дарс ҳам мазмунфаҳмӣ ва ҳам саводнокии хонандагон арзёбӣ карда мешаванд.

### ДАРСҲОИ 13-16. АҚЛУ ХИРАД ВОСИТАИ НАҶОТ АЗ ФАЛОКАТ. «МОҲИГИР ВА ҶИН»

**Барнома.** Афсонаи «Моҳигир ва ҷин». Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муайян кардани оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матн. Тартиб додани нақшаи нақл. Муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Муайян кардани симоҳо, гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Аз матн ёфтан ва навиштани ҷумлае, ки дар он фикри асосии матн ифода шудааст. Имлои калимаҳо. Машқи навиштани афсонае, ки аввалаш оварда шудааст. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;

– амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтор хислати симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– сохтори афсонаро муайян карда тавонанд;
– афсона навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; сурати моҳигир ва ҷин, филмҳои тасвирӣ оид ба мавзӯъ (аз рӯйи имкон) , китоби афсонаҳо (аз рӯйи имкон).

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Кор бо матни «Моҳигир ва Ҷин».
а) Матнро ба чор қисм ҷудо кунед.
б) Бо хонандагон доир ба сарлавҳаи матн суҳбат кунед.
в) Дар лавҳаи дарсхона калимаҳои асосии қисми аввали матнро нависед ва ба хонандагон гӯед, ки аз рӯйи калимаҳои додашуда мазмуни қисми аввали матнро пешгӯйӣ кунанд.
г) Пешгӯйии хонандагонро бодиққат гӯш кунед ва имкон диҳед, ки қисми аввали матнро хонда, мазмуни онро бо матн муқоиса кунанд.
ғ) Ба ҳамин тариқ қисмҳои боқимондаи матн низ пешгӯйӣ ва муқоиса карда мешаванд.

5) Ба хонандагон супориш диҳед, ки мазмуни матнро пурра нақл кунанд.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз қисми чоруми афсона (саҳ. 290)-ро хонда, сархатеро, ки дар он фикри асосӣ омадааст, ёфта, нависанд. Онро муҳокима намоед.
7) Сохтори афсонаро аз рӯйи тартиби зер муайян кунед.

1. Афсонаи хондаатон бо кадом калимаҳо оғоз шуд?
…………
2. Симоҳои афсонаро номбар кунед.
1. ……………….
2. ………………
3. Симоҳои афсонаро аз рӯйи хислаташон ба ду гурӯҳ ҷудо кунед.
Қувваи некӣ--Моҳигир
Қувваи бадӣ –Ҷин
4. Дар афсона гуфтору рафтори ғайриодиро муайян куне.
Намуна: Деве, ки пояш дар обу сараш то осмон мерасид, аз даруни кӯза баромад.
5. Афсона чӣ тарз ба анҷом расид? (ғалабаи қувваи некӣ бар бадӣ)

8) Вазифа барои хона: дар хона ягон афсонаро хонед (ё бишнавед) ва аз рӯйи сохтори боло таҳлил кунед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
9) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Соатҳои сеюму чорум**
1) Соатҳои севуму чорумро аз таҳлили сохтори афсона шурӯъ кунед, сипас, мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
2) Ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мо афсонанависиро машқ мекунем. Дар аввал оғози афсонаро менависем. Чӣ тавр сар шудани афсонаро бори дигар муҳокима карда, аз

хонандагон хоҳиш кунед, ки оғози афсонаро нависанд (Буд-набуд, як писараку як духтарак буд...)
3) Бо хонандагон қисми асосии афсонаро, ки дар он мубориза қувваи некӣ ва бадӣтасвир мешавад, муҳокима намоед ва гӯед, ки дар бораи он нависанд. Ба хонандагон вақт диҳед.
4) Бо хонандагон анҷоми афсонаро муҳокима кунед. Дар анҷоми афсона ҳамеша қувваи некӣ бар бадӣ ғолиб меояд. Ба хонандагон вақт диҳед.
5) Ба хонандагон имкон диҳед, ки афсонаи худро хонанд ва агар лозим бошад, онро такмил диҳанд.
6) Хонандагон афсонаҳои худро мехонанд. Афсонаҳои навиштаи хонандагонро аз рӯйи сохтори афсона арзёбӣ кунед.
7) Барои хона вазифа диҳед. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро батафсил шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаро фаҳмидаанд.
8) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 17-20. ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ

**Барнома.** Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симоҳо, замон ва макони баргузори воқеаҳо). Аз рӯйи гуфтору рафтор муайян кардани хислати онҳо. Баҳо дода тавонистан ба гуфтору рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Аз рӯйи мазмуни матн навиштани ҳикоя. Кор бо ғалатҳо. Иҷрои дастурҳои шифоҳии бисёрамала. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтор хислати симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- сохтори ҳикоя ва афсонаро муқоиса карда тавонанд;
- доир ба мавзӯъ хикоя навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; мақола ё ҳикояи ба мавзӯъ мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Кор бо матни «Ҳақиқати талх».
а) Ба оҳанги гуфтори симоҳои матн риоя карда, матнро қисм-қисм хонед ва аз рӯйи мазмуни ҳар қисм бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Пас аз пурра хондан ва саволу ҷавоб кардан мавзӯъ ва фикри асоии матнро муайян кунед.
б) Мазмуни матнро бо сарлавҳа муқоиса кунед. Пурсед, ки дар куҷои матн ҳақиқати талх ифода ёфтааст (ба падар ошкор шудани сагфурӯшӣ).
в) Мазмуни матнро бо матни “Танбеҳи падар” муқоиса кунед ва зарари аз падар пинҳон доштани сирро муҳокима намоед.
5) Қоидаҳои хондани матнҳои диалогиеро, ки аз номи муаллиф ҳикоя мешавад, машқ кунед.

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки қисми аввали матнро хонанд ва муайян кунанд, ки ин ҳикоя аз номи шахси чандум нақл карда мешавад.
б) Хонандагон аз номи шахси сеюми танҳо нақл кардани ин қисми ҳикояро машқ мекунанд.
в) Тарзи хондани суханони симоҳои матн (нутқи айнан нақлшуда)-ро хотиррасон кунед.
г) Хонандагон дар мисоли қисми чорум (саҳ 294) тарзи хондани сухани симоҳои матнро машқ мекунанд.
6) Мазмуни ҳикояи "Ҳақиқати талх"-ро бо афсонаи "Моҳигир ва Ҷин" муқоиса кунед. Фарқи онҳоро муайян кунед. Ба хонандагон ёрӣ расонед, ки фарқи афсона ва ҳикояро муайян кунанд. Умдатарин хусусияти фарққунанда дар он зоҳир меёбад, ки дар ҳикоя воқеаҳои ҳаётӣ тасвир мешаванд.
Барои намуна овардан аз афсона ва ҳикояҳои хурди рӯзномаву маҷаллаҳо низ истифода баред.
8) Вазифа барои хона: дар хона ҳикояи "Ҳақиқати талх" ва афсонаи "Моҳигир ва Ҷини-ро муқоиса карда, се фарқияти асосии онҳо. Намуна: Афсона бо "буд-набуд" сар мешавад, ҳикоя – не. Дар афсона ҳайвонҳо ба забони одамӣ гап мезананд, дар ҳикоя – не.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
9) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Соатҳои сеюму чорум**

1) Соатҳои сеюму чорумро аз таҳлили афсонаҳои дар дарсҳои қаблӣ навишташуда шуруъ кунед, сипас мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
2) Ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мо ҳикоянависиро машқ мекунем. Дар аввал оғози ҳикояро менависем. Дар оғози ҳикоя бояд ном, замон ва макони баргузории воқеа номбар карда шавад. Чӣ тавр сар шудани ҳикояро фаҳмонед ва намуна оред. Мисол: "Ман рӯзе аз мактаб бармегаштам, ки дар роҳ сагчаеро дидам...."
3) Бо хонандагон қисми асосии ҳикояро, ки дар он воқеаҳои асосӣ баргузор мегарданд, муҳокима намоед ва гӯед, ки дар бораи он нависанд. Мисол: "Ман рӯзе аз мактаб бармегаштам, ки дар роҳ сагчаеро дидам. Ҳаво бениҳоят хунук буд. Сагча, ки хеле гурусна менамуд, аз хунукӣ меларзид. Дили ман ба вай сӯхт. Ман онро ба халтачае, ки дар ҷузвдонам буд, андохта, ба хонаамон овардам. Модарам ин кори маро дида, хурсанд шуд. Мо дар як кунҷи анбор барои вай ҷой омода кардем. Хӯрок додем.... "
4) Бо хонандагон қисми анҷоми ҳикояро муҳокима кунед.
Мисол: "Ман рӯзе аз мактаб бармегаштам, ки дар роҳ сагчаеро дидам. Ҳаво бениҳоят сардбуд. Сагча, ки хеле гурусна менамуд, аз хунукӣ меларзид. Дили ман ба вай сӯхт. Ман онро ба халтачае, ки дар ҷузвдонам буд, андохта, ба хонаамон овардам. Модарам ин кори маро дида хурсанд шуд. Мо дар як кунҷи анбор барои вай ҷой омода кардем. Хӯрок додем. Аз байн чанд рӯз гузашт. Сагча калонаку фарбеҳак шуд. Омадани маро мунтазир мешавад. Вақте ман аз мактаб меоям, вай дум ҷунбонда, ба сӯйи ман медавад – гӯё салом медода бошад" .

5) Ба хонандагон имкон диҳед, ки ҳикояи худро хонанд ва агар лозим бошад, онро такмил диҳанд.
6) Хонандагон ҳикояҳои худро мехонанд. Ҳикояҳои навиштаи хонандагонро арзёбӣ кунед.
7) Барои хона вазифа диҳед. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро батафсил шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаро фаҳмидаанд.
8) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 21-22. МАРДӢ НАБУВАД ФИТОДАРО ПОЙ ЗАДАН

**Барнома.** Ҳикояи “Чӯбак”-и Азизи Азиз. Дасти ёрӣ дароз кардан ба шахсони ниёзманд. Мустақилона хондани матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузории воқеаҳо). Аз рӯйи мазмуни матн саҳнача омода кардан. Муҳокимаи мазмуни матн. Муҳокимаи вазъиятҳо доир ба раҳму шафқат зоҳир намудан ба шахсони ниёзманд ва муҳтоҷ. Имлои калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно. Мувофиқ гузоштани калимаҳои ҳаммаъно. Калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъноро дар ҷумла иваз кардан. Муқоисаи ҷумлаҳо. Навиштани машқҳои имлоию луғавӣ.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни беғалатнависиро истифода карда тавонанд;
- табъи гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро истифода баранд;
- мисолҳои ҳаётии ба синну сол мувофиқро ҳал карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, мусаввараҳо оид ба раҳму шафқат; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо доир ба раҳму шафқат.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Хондан ва таҳлил намудани мазмуни матнро аз рӯйи ҷадвали зер ба роҳ монед.
Ҷадвали мазкур барои таҳлил кардани мазмунидилхоҳ матн мувофиқ буда, метавонед онро дар дарсҳои минбаъда низ истифода баред.

| **Зина (усул)-ҳои кор бо матн** | **Тафсир (шарҳу эзоҳ)** |
|---|---|
| **1.Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ** | “Ангезиши зеҳн”<br>Хонандагон донишҳои қаблан андӯхтаашонро нишон медиҳанд. |
| **2.Шиносоӣ бо мазмуни матн** | Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро мустақилона хонанд. |
| **3. Саволгузорӣ** | Хонандагон доир ба мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб медиҳанд.<br>Чӯбак ба назди чиҳо омад?<br>Аз онҳо чӣ хоҳиш кард?<br>Онҳо ба ӯ чӣ ҷавоб доданд? |

| | |
|---|---|
| | Чӯбак чӣ кор кард? Дар куҷо истод?<br>Бо Чӯбак чӣ ҳодиса рух дод?<br>Бо хасҳо чӣ? |
| **4. Тасаввур кардан** | Тасаввур кардани мазмуни ҳикоя. |
| **5. Мушоҳида, муайян ва ё ислоҳ кардан** | Оё мазмуни матни хондаатонро фаҳмидед ё не? Агар нафаҳмида бошед, як бори дигар хонед. |
| **6. Хулосабарорӣ** | Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст? Гӯед. |
| **7.Ҷамъбаст/нақл кардан** | Мазмуни матнро мухтасар нақл кунед. |

5) Ҳамон қисми матнро, ки дар он чӯбак аз хасҳо ёрӣ мепурсад, нақл кунед. Ба оҳанги гуфтори Чӯбак диққат диҳед. Оё вай хурсанд буд? Барои чӣ?
Хасҳо чӣ ҷавоб доданд?
Агар шумо мебудед, чӣ ҷавоб медодед?
6) Нақшофарӣ. Ба хонандагон вазифа супоред, ки дар нақши Чӯбак ва Хас бозӣ кунанд.
7) Хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат ғамгинона ва хурсандона сухан гӯянд.
8) Шифоҳӣ дар бораи табъи гуфтор ва интихоб кардани оҳанги мувофиқ нақл тартиб додан.
а) Меъёрҳои нақли шифоҳиро бо хонандагон муҳокима намоед.
- сохтори нақл: оғоз, қисми асосӣ, анҷом;
- пайдарпай баён кардани фикр;
- дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён кардани фикр.

б) Хонандагон ҳикояи худро фикр мекунанд ва мегӯянд.
в) Ҳикояҳои хонандагонро аз рӯйи меъёрҳои боло арзёбӣ кунед. Барои беҳтар шудани нутқи хонандагон тавсияҳои мушаххас диҳед. Тавсия доданро ба хонандагон омӯзонед.

9) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки таркибҳои зеринро аз рӯйи намуна (ҷадвал) гурӯҳбандӣ кунанд.
Таркибҳои зеринро нависед:
Ба шахси муҳтоҷ ёрӣ расондан, қалами ҳамсинфро шикастан, ба парандаҳо лона сохтан, думи сагчаро кашидан, шахсони нотавонро таъна задан, масхара кардан, аз зӯрии худ истифода карда, дигаронро ғам додан, дасти мӯйсафедро гирифта аз роҳ гузарондан,

| Раҳму шафқат | Бераҳмӣ |
|---|---|
| | |

9) Кор бо вазъиятҳои ҳаётӣ (нигаред ба замима).
10 )Бо хонандагон аз рӯйи мазмуни матн фаъолияти “Курсии сеҳрнок” гузаронед.
11) Вазифа барои хона: Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Саволнома.** Калимаҳои муқобилмаъноро бохат пайваст кунед.

| | |
|---|---|
| шодӣ | бадӣ |
| оғоз | ғам |
| сабукӣ | анҷом |
| некӣ | вазнинӣ |

## ДАРСҲОИ 23-24. ОРЗУҲОИ ШИРИН

**Барнома.** Шеъри «Бачагиям бекасу танҳо гузашт»-и Лоиқ Шералӣ. Хониши ифоданоки омӯзгор. Бодиққат гӯш кардани тарзи хониши ифоданок. Хониши эзоҳӣ. Бурро талаффуз кардани калимаҳои душвори матнро машқ кардан ва маънои онҳоро шарҳ додан. Навиштани ибораҳои матн. Саволгузорӣ ба калимаҳои таркиби ибораҳо. Шарҳ додани маънои ибораҳо ва тартиб додани ҷумлаҳо (имлои эҷодӣ). Муқоисаи мазмун ва расмҳои мавзӯъ. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Навиштани се хоҳиши худ. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Ифоданок хондани матн. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Усулҳои гуногуни навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Имло ва талаффузи калимаҳои имлояшон душвор. Иҷрои дастурҳои шифоҳии бисёрамала. Риояи суръат; пастиву баландӣ ва оҳанги овоз.
Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва нуқтаи асосии матнро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни беғалатнависиро истифода карда тавонанд;
- табъи гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро истифода баранд;
- мисолҳои ҳаётии ба синну сол мувофиқро ҳал карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир матн
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дар бораи раҳму шафқат ба шахсони ятиму бепарастор суҳбат кунед.
5) Хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид намоед. Барои ҳар гурӯҳ дар варақчаи алоҳида супоришро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бо супориш шинос шаванд онро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд. Барои иҷрои супоришҳо вақт диҳед.
6) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро бо хонандагон муҳокима кунед.
7) Кор дар гурӯҳҳо бо матни «Бачагиям бекасу танҳо гузашт» (шеъри Лоиқ Шералӣ).
**Супориш барои гурӯҳи 1.**
1. Банди якуми матнро ифоданок хонед ва расмро мушоҳида кунед.
2. Муайян кунед, ки бачагии шоир чӣ хел гузаштааст.

3. Интихобан бо калимаҳои банди якум ҷумла тартиб диҳед.
**Супориш барои гурӯҳи 2.**
1. Банди дуюми матнро ифоданок хонед ва расмро мушоҳида кунед.
2. Муайян кунед, ки чаро шоир парвози турнаҳоро тамошо мекардааст.
3. Бо ибораи «турнаҳои фасли баҳор» ҷумла тартиб диҳед.
**Супориш барои гурӯҳи 3.**
1. Банди чоруми матнро ифоданок хонед ва расмро мушоҳида кунед.
2. Муайян кунед, ки дар он сухан дар бораи чӣ меравад? Бо кадом умед ба дарё шаст меандозад? Қиссаи «Моҳии заррин»-ро ба ёд биёред. Шумо мебудед аз моҳии заррин чӣ хоҳиш мекардед?
3. Се хоҳиши худро нависед.
**Супориш барои гурӯҳи 4.**
1. Банди чоруми матнро ифоданок хонед ва расмро мушоҳида кунед.
2. Муайян кунед, ки дар он  сухан дар бораи чӣ меравад. Акси садоро медонед? Дар бораи он нақл кунед.
3. Дар бораи акси садо ҷумла тартиб дода нависед.

**Супориш барои гурӯҳи 5.**
1. Банди панҷуми матнро ифоданок хонед ва расмро мушоҳида кунед.
2. Аз луғати зери матн истифода бурда, маънои «гулгун»-ро шарҳ диҳед. Муайян кунед, ки дар ин банд сухан дар бораи чӣ меравад?
3. Бо ибораҳои «Гулгуни зарринёл» ва «Гулгуни зарринбол» ҷумла тариб дода нависед.
- *Дар атрофи синф давр зада, муҳокимаронии хонандагонро мушоҳида намоед. Ҳангоми мушоҳида ба хонандагон саволу тавсияҳо диҳед.*
8) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.
9) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
10) Аз аъзои гурӯҳҳо даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
11) Вазифа барои хона: Дар мавзӯи “ Орзуҳои ман” шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳед.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 25-26. МАШҚИ НАВИШТАНИ ИНШО

**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади навиштани иншо. Муҳокимаи имкони истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Интихоби мавзӯи иншо: «Раҳму шафқат». Муҳокима намудани тартиб ва қоидаҳои иншонависӣ (мувофиқи мавзӯъ, пайдарҳамӣ ва алоқамандии мазмуни ҷумлаҳо, гузоштани сархат ва ғайраҳо). Тартиб додани нақшаи иншо. Мувофиқи нақша навиштани иншо. Хондани иншо аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани иншо. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзи ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи  навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мавзӯъ ва мақсади навиштани ҳикояро муайян карда тавонанд;
- меъёрҳои навиштани ҳикояро муайян карда тавонанд;

– сохтори ҳикоя (аввал, қисми асосӣ, анҷом)-ро муайян карда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм бо риояи меъёрҳо ҳикоя навишта тавонанд;
– ғалатҳоро дар ҳикояи худ ва дигарон аниқ сохтаислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** намунаи ҳикояҳои гуногун, расмҳои мазмуннок
**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Муҳокимаи мақсадҳои дарс.
4) Ангезиши зеҳн: «Барои чӣ мо ҳикоя менависем?»
5) Муҳокимаи меъёрҳои навиштани ҳикоя.
Аз кадом қисмҳо иборат аст? (аввал, қисми асосӣ, анҷом);
Дар ҳар қисм сухан дар бораи чӣ меравад?
Оғози ҳикоя бояд чӣ гуна бошад?
Ҷумлаҳо бо ҳам чӣ хел алоқаманд мешаванд?
Дар қисми асосӣ дар бораи чӣ менависем? Дар анҷом-чӣ?
6) Хондан ва муҳокимаи ягон ҳикояи хурд. Муайян намудани мавзӯъ, мазмун ва сохтор. Алоқамандии байни қисмҳои матн.
7) Машқи мустақилона навиштани ҳикоя.
8) Хондани ҳикояҳо ва арзёбӣ кардани он.
9) Ислоҳи ғалатҳо.
10) Ҷамъбаст ва арзёбӣ.
11) Вазифа барои хона (оид ба тарзи иҷрои вазифаи хонагӣ дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд).

### ДАРСҲОИ 27-28. ҲУҶРАИ МАХФӢ

**Барнома.** Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузории воқеаҳо). Аз рӯйи гуфтору рафтор муайян кардани хислати онҳо. Баҳо дода тавонистан ба гуфтору рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Аз рӯйи мазмуни матн навиштани ҳикоя. Кор бо ғалатҳо. Иҷрои дастурҳои шифоҳии бисёрамала. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз.
Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– нақли хаттӣ навишта тавонанд.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Номи матнро нависед ва бо хонандагон онро муҳокима кунед. Супориш диҳед, ки бо калимаи "махфӣ" иборахои нав созанд (сухани махфӣ, ҷойи махфӣ, сирри махфӣ, суҳбати махфӣ, кори махфӣ...)
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матнро пешгӯйӣ кунанд.
6) Кор бо матн. (саҳ. 303-306).
а) Матнро хонед. Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
б) Сабаби "Ҳуҷраи махфӣ" ном гирифтани ҳикояро муҳокима намоед.
**7)** Номи симоҳои матнро нависед.
Симои якум: ………….(Аёз)
Симои дуюм: ………….(подшоҳ)
Симои сеюм: ………….(атрофиён)
9) Хислатҳои симоҳои матнро шарҳ диҳед. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои ифодакунандаи хислат ва хулқу атворро нависед.
(Биёед, аввал ба ёд меорем, ки кадом калимаҳо хислат ва хулқу атвори шахсро нишон медиҳанд? Хонандагон андешаҳои худро баён мекунанд: хуб, боадаб, нодон, болаёқат, ростгӯй, фиребгар. Калимаҳои номбаркардаи шумо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд? Ин калимаҳо ба саволҳои «чӣ хел?» ҷавоб мешаванд.)
Аёз – росткор, раҳмдил, …….
Подшоҳ – меҳрубон, ёрирасон, ….
Атрофиён – бахил, ҳасуд, ..
10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки барои исбот кардани сифати симоҳо аз матн далел оранд.
Намуна: Аёз раҳмдил буд, зеро ба ҳамаи бахилию ҳасудхӯрии атрофиён нигоҳ накарда, онҳоро бахшид.
11) Муайян кардани фикри асосии матн. Нависанда аз навиштани ин ҳикоя чӣ мехоҳад?
(1. Мо набояд бо молу сарвати хонавода фахр кунем. 2. Суханро санҷида гуфтан даркор аст, на аз рӯйи гумон. 3. Хеҷ вақт бахилону ҳасадхӯрон ба мақсад нахоҳанд расид.)
12) Вазъиятҳои зеринро дар варақаҳо навишта, ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Супориш диҳед, ки фикри худро гӯянд.

1. Вақте ба подшоҳ дар бораи «ҳуҷраи махфӣ» хабар расонданд, подшоҳ фармон дод, ки дари онро шикаста, тафтиш кунанд. Оё подшоҳ рафтори дуруст кард? Чаро?

2. Агар яке аз ҳамсинфон дӯсти шуморо ғайбат кунад, ба ӯ бовар мекунед? Чаро? Ба ӯ чӣ мегӯед?

**3.** Дилбар ба муносибати ҷашни зодрӯз дугонаҳояшро ба хона даъват кард. Раҳимаро низ даъват намуда гуфт: «Дугонаҷон, биё, хӯроки нисфирӯзиро дар хонаи мо якҷоя мехӯрем, баъд ба дарс меравем». Раҳима бошад чунин ҷавоб дод: «Гурусна чӣ хӯраду гадоро чӣ диҳад?» - не ман омада наметавонам. «Гурусна чӣ хӯраду гадоро чӣ диҳад?» чӣ маъно дорад?

13) Хонандагон дигар мисолҳои ҳаётӣ оварда, хуб ё бад будани гуфтору рафторро муайян мекунанд.
14) Ҳамроҳи хонандагон нақшаи ҳикояро тартиб диҳед. Доир ба ҳар банд чӣ навиштанро муҳокима намуда, якҷоя нақли хаттӣ нависед.

**Нақша:**
1. Подшоҳ Аёзро хазинадор таъин мекунад.
2. Атрофиён ба Аёз бахилӣ мекунанд.
3. Сирри хуҷраи махфӣ ошкор мешавад.
4. Аёз ҳасудонро мебахшад.
5. Хулоса

15) Барои хона вазифа диҳед. Иҷрои машқи саҳ. 306. Аз рӯйи нақша тартиб додани се ҷумла.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 29-30. МУЪҶИЗАҲОИ ОФАРИДАИ ИНСОНИЯТ. «АҲРОМҲОИ МИСР»

**Барнома.** Матни «Аҳромҳои Миср». Бодиққат мушоҳида кардани расми Аҳром. Аз рӯйи сурат саволу ҷавоб кардан**.** Аз рӯйи расм ва номи матн пешгӯйӣ кардани мазмуни он. Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва босуръатнависӣ. Шифоҳӣ дар бораи Аҳромҳои Миср маълумот додан. Машқи сохтани Аҳром ва навиштани ҳикоя дар бораи он.
Иҷрои дастурҳои шифоҳии бисёрамала. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда, дар бораи Аҳромҳои Миср маълумот дода тавонанд;
- ҷумлаҳои саволӣ навишта тавонанд;
- усулҳои гуногуни беғалатнависиро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; коғазҳои сахт ва ширеш; сурат, расму мусавварахо ва мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Хонандагонро ба хондани матни “Аҳромҳои Миср” ҳидоят намоед.
5) Хонандагон матнро мехонанд ва дар бораи Аҳромҳои Миср маълумот медиҳанд.
6) Бозӣ: “Кӣ зираку чаққонтар?” Кори гурӯҳӣ ташкил намуда, онро ба тариқи озмун ба роҳ монед. Хонандагон бояд аз коғазҳои сахт қолаби аҳромро созанд.
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи мазмуни матн савол таҳия намоянд.
8) Фаъолияти “Курсии сеҳрнок”-ро гузаронед.
9) **Имлои “Худамро месанчам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
Ин калимаҳоро ба саҳифаи мувофиқи «Дафтари имло» нависанд ва аз ёд кунанд.

10) Хонандагон луғатро бо шарҳаш дар дафтарчаи “Имло” навишта, аз ёд мекунанд.
11) Барои инкишофи малакаи навиштани хонандагон аз усулҳои “Мехонем ва менависем”, “Дар табақча чӣ ҳаст?” истифода баред.
12) Дарсро ҷамъбаст намуда, вазифаи хонагӣ супоред. Иҷрои машқи саҳ. 308. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба ин мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 31-32. МУЪҶИЗАҲОИ ОФАРИДАИ ИНСОН: «ТОҶМАҲАЛ»

**Барнома.** Матни «Тоҷмаҳал». Тоҷмаҳал. Тамошои суратҳои он. Аз рӯйи сурат саволу ҷавоб кардан**.** Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Шарҳ додани калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва босуръатнависӣ. Мустақилона хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Шифоҳӣ дар бораи Тоҷмаҳал маълумот додан. Алоқамандӣ бо фанни «Санъат ва меҳнат». Тасвир кардани Тоҷмаҳал. Ба дӯсти худ дар бораи Тоҷмаҳал мактуб навиштан.
Иҷрои дастурҳои шифоҳии бисёрамала. Риояи суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Тарзҳои гуногуни босуръат навиштан. Имлоҳои таълимӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари ~~и~~ сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дар бораи Тоҷмаҳал маълумот дода тавонанд;
- аз усулҳои гуногуни навиштан истифода карда тавонанд;
- мактуби дӯстона навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон бо маводди “Донишнома”кор карданро идома медиҳанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Хонандагонро ба хондани матни “Тоҷмаҳал” ҳидоят намоед.
5) Хонандагон матнро мехонанд ва дар бораи Тоҷмаҳал маълумот медиҳанд.
6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи мазмуни матн савол таҳия намоянд.
7) Фаъолияти “Курсии сеҳрнок”-ро гузаронед.
8) Имло ва талаффуз
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои имлояшон душворро нависанд ва тарзи дуруст талаффуз кардани онҳоро машқ кунанд.
б) Ин калимаҳоро ба саҳифаи мувофиқи «Дафтари имло» нависанд ва аз ёд кунанд.
9) Хонандагон луғатро бо шарҳаш дар дафтарчаи “Имло” навишта, аз ёд мекунанд.
10) Ба хонандагон гӯед, ки ба дӯсти худ мактуб нависанд. Дар мактуби худ дар бораи Тоҷмаҳал нақл кунанд.

11) Барои инкишофи малакаи навиштани хонандагон аз усулҳои “Зуд менависем”, “Дар табақча чӣ ҳаст?” истифода баред.
12) Иҷрои супориши охири саҳ. 310 ва кроссворди саҳ. 311.
13) Вазифаи хонагӣ супоред. Ба дӯсти худ дар бораи “Тоҷмаҳал” мактуб нависед. Мактубро ин тавр оғоз кунед:
“Салом, дӯстам! Имрӯз мо дар дарси забони модарӣ матни “Тоҷмаҳал”-ро хондем. “Тоҷмаҳал”......” (давом диҳед.) Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 33-34. ДАРСИ АРЗЁБӢ ВА КОР БО ҒАЛАТҲО

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон буда, шумо метавонед онро вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон ба нақша гиред.

Тавсияҳо:

1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
   - хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
   - хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
   - хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
   - хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд (ва ғайраҳо).
2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед

## ДАРСҲОИ 35-36. АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ КИТОБ АСТ (МУҲОКИМАИ КИТОБҲОИ ХОНДА)

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд, барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо.
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

## Дарси 37. Имлои санҷишӣ

**Салоҳиятҳо:**
4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал, мухтасар ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайи воқеаҳои шунида, нақли хаттӣ, навиштани хулоса) истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– дар ҳаҷми 80 калима имло навишта тавонанд.
**Равиши дарс.** Нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

## Дарси 38. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.
Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
- o хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- o хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- o хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- o хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд (ва ғайраҳо).

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.
4) Бо ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед.

# Боби 8. МО ВА ДУНЁ (20 соат)

## Дарсҳои 1-2. Мо ва кӯдакони ҷаҳон

**Барнома.** Суруди умумиҷаҳонии кӯдакон. Мустақилона хондани матн. Кор бо мазмуни расм. Саволу ҷавоб аз рӯи мазмуни он. Маълумот дар бораи миллату нажодҳои гуногун. Баробарҳуқуии онҳо. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ. Номи духтарона ва писаронаи халқу миллатҳои гуногун. Машқи тарзи талаффуз ва навишти онҳо. Ба мақсади пайдо кардани дӯстӣ навиштани мактуби дӯстона ба ҳамсолони хориҷии худ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд;

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки:
   1. Аз зарбулмасалу мақолҳои ҳалқи тоҷик як намунаро нависед.
   2. Чанд номи писарона ва духтаронаи тоҷикиро нависед.
   3. Ҷашнҳои миллии мардуми Тоҷикистонро нависед.
   4. Хӯрокҳои миллии тоҷиконро нависед.
   5. Либосҳои миллии тоҷиконро нависед.
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки номҳои навиштаашонро хонанд.
6) Савол гузоред: Ба фикри шумо, оё ҳамаи кӯдакони рӯйи дунё хӯрокҳои моро мехӯранд ё хӯроки миллии худро доранд? Оё ҳамаи кӯдакони дунё либосҳои миллии моро мепӯшанд? Оё ҳамаи кӯдакони дунё идҳои моро ҷашн мегиранд? Албатта, не! Ҳар як миллат анъанаҳои ба худ хос дорад. Биёед, матнро мехонем ва бо кӯдакони миллату нажодҳои дигар шинос мешавем.
7) Аз рӯйи мазмуни расм бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
8) Мустақилона хондани матни шеъри "Суруди умумиҷаҳонии кӯдакон".
9) Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кунед. Дар ҷараёни саволу ҷавоб хонандагон бояд фаҳманд, ки дар дунё миллат ва нажодҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Ҳар яки онҳо мисли мо зиндагӣ кардан мехоҳанд, анъанаҳои ба худ хос дорад. Аммо баъзе чизҳое ҳаст, ки он сарҳад, миллату нажод надорад: падару модар, забон, ватан, сулҳу дӯстӣ.
10) Хонандагонро ба иҷрои машқҳои 2-6 раҳнамоӣ кунед.
11) Барои хона вазифа супоред. Монанди машқи 6 навиштани мактуби дӯстона ба ҳамсоли хориҷии худ.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## Дарсҳои 3-4. Ҳамдилию ҳамзабонӣ

**Барнома.** Матни "Чор марду як дирам" мазмун аз "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Румӣ. Хониши мустақилони матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо). Гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн.

Алоқамандӣ ба ҳаёт. Нақшофарӣ доир ба муайян кардани табъи гӯянда ва интихоб намудани оҳанги мувофиқи гуфтор. Имлои калимаҳои душвор. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– усулҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд;
– доир ба ҳамдигарфаҳмии одамон шифоҳӣ нақл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи мантиқии дарсҳои гузашта буда, хонандагонро ба омӯхтани забонҳои дигар ва ҳамдигарфаҳмию ҳамкорӣ даъват менамояд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дарсро аз суҳбат оғоз кунед. Дар бораи аҳамияти ҳамдигарфаҳмӣ саволу ҷавоб кунед.
5) Хонандагонро ба хондани матни «Чор марду як дирам» ҳидоят намоед.
6) Хонандагон матнро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед.
Дар аввал гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян кунед.

**Фаъолият: таҳлили гуфтору рафтори симоҳо**
Симоҳои матнро муайян кунед:
Симои якум: Форс
Симои дуюм: Араб
Симои севум: Турк
Симои чорум: Румӣ
Гуфтори симои якум. Форс «ангур мехарам» мегуфт, азбаски забони дигаронро намедонист, бисёр якравӣ мекард ва ҷанҷол бардошт.
Гуфтори симои дуюм. Араб «инаб мехарам» мегуфт, азбаски забони дигаронро намедонист, бисёр якравӣ мекард ва ҷанҷол бардошт.
Гуфтори симои чорум. Турк «узум мехарам» мегуфт, азбаски забони дигаронро намедонист, бисёр якравӣ мекард ва ҷанҷол бардошт.
Симои чорум. Румӣ «ангур мехарам» мегуфт, азбаски забони дигаронро намедонист, бисёр якравӣ мекард ва ҷанҷол бардошт.
Рафтори симоҳо: ҳар чор нафар нодон ва якрав буданд.

Кадом рафтори симоҳо ба шумо маъқул шуд (нашуд)?
Ба онҳо чӣ маслиҳат медодед?
7) Сохтори матнро муайян кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнро муайян кунанд.
а) Оғози матн: чор мард ҳамсафар шуданд ва марде ба онҳо як дирам дод.
б) Қисми асосии матн: баҳс ва кашмакашию ҷанҷоли мардҳо дар бораи ангур харидан.
в) Анҷоми матн: Суханони муаллиф дар бораи он ки агар яке аз онҳо донишманду забондон мешуд, мегуфт, ки ба ман як дирам диҳед, ман чизи дилхоҳатонро мехарам.
8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки:
а) роҳи ҳалли мушкилоти чор нафарро гӯянд.
б) аз мазмуни матн хулоса бароранд.

9) **Имлои “Худамро месанчам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
Ин калимаҳоро ба саҳифаи мувофиқи «Дафтари имло» нависанд ва аз ёд кунанд.

10) Дар бораи ҳамдигарфаҳмии одамон шифоҳӣ нақл кунанд.
11) Машқи «Мо мехонем ва менависем»-ро гузаронед. (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ.)
12) Вазифа барои хона: Аз рӯйи мазмуни матн нақли хаттӣ нависед. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастарҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## Дарсҳои 5-6. Аҳамияти забономӯзӣ

**Барнома.** Хониши мустақилони матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Мухтасар нақл кардани мазмуни матн. Муайян кардани симоҳо, гуфтор ва рафтори онҳо. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқамандӣ ба ҳаёт. Имлои калимаҳои душвор. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд;
- дар бораи аҳамияти забономӯзӣ шифоҳӣ нақл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

Дарси мазкур идомаи мантиқии дарсҳои гузашта буда, дар он хонандагон оид ба аҳамияти забономӯзӣ маълумот пайдо мекунанд.

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дар бораи аҳамияти забондонӣ саволу ҷавоб кунед.
5) Хонандагон қоидаҳои хонандани матни диалогиро машқ мекунанд. Ба оҳанги гуфтори симоҳои матн риоя мекунанд.
6) Хонандагон матнро мехонанд ва мазмунашро нақл мекунанд.
7) Гуфтору рафтори симоҳои матн таҳлил карда мешавад (нигаред ба дарси қаблӣ).
8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз мазмуни матн хулоса бароранд.
9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳо фаъолият намуда, дарсҳои фанҳои «Забони русӣ» ва «Забони англисӣ»-ро ба ёд оранд.

Барои ду гурӯҳ як вазифа, аммо матнҳои гуногун интихоб мешавад:

Гурӯҳҳои 1-2. Аз фанни «Забони русӣ» матнеро ба хотир оварда, мазмунашро нақл кунед. Фикри асосии матнро гӯед. Номи симоҳо, шаҳр ва дигар хусусиятҳои забону миллати русро номбар намоед.

Гурӯҳҳои 3 ва 4. Аз фанни «Забони англисӣ» матнеро ба хотир оварда мазмунашро нақл кунед. Фикри асосии матнро гӯед. Номи симоҳо, шаҳр ва дигар хусусиятҳои халқҳоеро, ки бо забони англисӣ гап мезананд, гӯед.

10) **Имлои "Худамро месанҷам!" Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
11) Дар бораи аҳамияти забономӯзӣ шифоҳӣ нақл кунанд.
12) Дарсро ҷамъбаст намуда, фаъолияти таълимии хонандагонро арзёбӣ намоед ва барои хона вазифа супоред.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

## ДАРСҲОИ 7-8. МАШҚИ НАВИШТАНИ ИНШО

**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади навиштани иншо. Муҳокимаи имкони истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Интихоби мавзӯи иншо: «Забон донӣ, ҷаҳон донӣ». Муҳокима намудани тартиб ва қоидаҳои иншонависӣ (мувофиқи мавзӯъ, пайдарҳамӣ ва алоқамандии мазмуни ҷумлаҳо, гузоштани сархат ва ғайраҳо). Тартиб додани нақшаи иншо. Мувофиқи нақша навиштани иншо. Хондани иншо аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани иншо. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзи ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мавзӯъ ва мақсади навиштани иншоро муайян карда тавонанд;
- меъёрҳои навиштани иншоро муайян карда тавонанд;
- сохтори иншо (аввал, қисми асосӣ, анҷом)-ро муайян карда тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни расм бо риояи меъёрҳо иншо навишта тавонанд;
– ғалатҳоро дар иншои худ ва дигарон муайян сохта, ислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** намунаи иншоҳои гуногун, расмҳои мазмуннок

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Муҳокимаи мақсадҳои дарс.
4) Ангезиши зеҳн: «Барои чӣ мо иншо ё ҳикоя менависем?»
5) Муҳокимаи меъёрҳои иншонависӣ.

Аз кадом қисмҳо иборат аст? (аввал, қисми асосӣ, анҷом).
Дар ҳар қисм сухан дар бораи чӣ меравад?
Оғози иншо бояд чӣ гуна бошад?
Ҷумлаҳо бо ҳам чӣ хел алоқаманд мешаванд?
Дар қисми асосӣ дар бораи чӣ менависем? Дар анҷом-чӣ?

6) Машқи мустақилона навиштани иншо.
7) Хондани иншоҳо ва арзёбӣ кардани он.
8) Ислоҳи ғалатҳо.
9) Ҷамъбаст ва арзёбӣ.
10) Вазифа барои хона (оид ба тарзи иҷрои вазифаи хонагӣ дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд).

### Дарсҳои 9-10. Намунаи адабиёти ҷаҳонӣ. Расул Ғамзатов “Се сайёд”

**Барнома.** Кор бо матни «Се сайёд». Хониши мустақилони матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Муфасал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузории воқеаҳо). Гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқамандӣ ба ҳаёт. Навиштани номи симоҳо. Хислатҳои неку бади симоҳои матн. Навиштани матн. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– усулҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи мантиқии дарсҳои гузашта буда, дар он хонандагон бо намунаҳои адабиёти ҷаҳонӣ шинос мешаванд.

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Дар бораи аз ҷонварон эҳтиёт шудан ва риояи қоидаҳои бехатарӣ саволу ҷавоб кунед.
5) Хонандагонро ба хондани матни «Сайёди бекалла» ҳидоят намоед.
6) Кор бо матн.

а) **Фаъолият:** «Кӣ? Кай? Дар куҷо? Чаро?»

Пеш аз хондани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвале кашанд. Дар сутуни аввал саволҳои кӣ/чӣ? кай? дар куҷо? чӣ ҳодиса рух дод? чаро?-ро нависанд.

**Масалан:**

| | |
|---|---|
| Киҳо? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |
| Чаро? | |

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур намоянд, мухтасар нависанд.

в) Сипас, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали навиштаашонро бо шарикдарсашон муҳокима намоянд.

г) Баъд ҷадвалҳоро ҷамъ карда санҷед ва ба хонандагон тавсия намоед.

7) Инкишофи малакаи нақл кардан

а) Бо хонандагон меъёрҳои нақл карданро муҳокима намоед.
б) Вазифа диҳед, ки мазмуни матнро муфассал нақл кунанд.
в) Вазифа диҳед, ки мазмуни матнро мухтасар нақл кунанд.
г) Вазифа диҳед, ки мазмуни матнро интихобан нақл кунанд.

Намунаи супоришҳо:

Лаҳзаи ба пеши донишманд овардани сайёдро нақл кунед.

Лаҳазаи бо зани сайёд суҳбат карданро нақл кунед.

Ҳал кардани душвории мардум: Ба фикри шумо, оё сайёд калла дошт ё не?

8) Монанди дарсҳои қаблӣ сохтори матн (оғоз, қисми асосӣ ва анҷом)-ро таҳлил намоед. (Нигаред ба дарси қаблӣ).

9) Ба хонандагон супориш диҳед, ки фикри асосии матнро муайян кунанд.

10) Доир ба мавзӯъ аз ҳаёт мисолҳо оварда мешаванд ва муҳокимаи онҳоро ба роҳ монед.

**11) Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**

Ин калимаҳоро ба саҳифаи мувофиқи «Дафтари имло” нависанд ва аз ёд кунанд.

12) Машқи тағйир додани матн.

а) “Бекалла” будани сайёдро ба хотир оред.
б) Ба хонандагон матни хурд пешниҳод мегардад.

**Намуна:**

*Як писарбача буд. Вайро ҳама бесаводу беодоб мегуфтанд. Вай ҳамеша беандеша сухан мекард. Кори дилхоҳашро бемаслиҳат иҷро мекард. Хонандагони дигарро беақл мегуфт.*

в) Бо хонандагон мазмуни онро муҳокима карда хуб ё бад будани гуфтору рафтори писарбачаро муайян кунед.

г) Аз онҳо пурсед, ки чӣ тавр гуфтору рафтори ин писарбачаро хуб кардан мумкин аст. Намунаро нишон диҳед ва гӯед, ки ҷумлаҳои боқимондаро тағйир диҳанд.

*Як писарбача буд. Вайро ҳама босаводу баодоб мегуфтанд ...*

ғ) Матни ҳосилшударо бори дигар муҳокима намоед.

14) Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

### Дарсҳои 11-12. Намунаи адабиёти ҷаҳонӣ. Шарл Перро «Кулоҳсурхак»

**Барнома.** Хониши мустақилони матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо). Гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқамандӣ ба ҳаёт. Нақшофарӣ доир ба муайян кардани табъи гӯянда ва интихоб намудани оҳанги мувофиқи гуфтор. Имлои калимаҳои душвор. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеаҳо. Хислатҳои неку бади симоҳои матн. Зебо, тоза ва беғалат навиштан. Навиштани ҳикояе, ки аввалаш дода шудааст.

**Салоҳиятҳо:**

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд.
- усулҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ.

**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи мантиқии дарсҳои гузашта буда, дар он хонандагон бо намунаҳои эҷодиёти адибони ҷаҳон шинос мешаванд.

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

4) Дарсро чун ҳарвақта аз суҳбат оғоз намоед Дар ҷараёни суҳбат хонандагонро ба он водор намоед, ки дар роҳ ба сӯйи мактаб бо шахсони бегона ҳамсуҳбат нашаванд ва ба мошини онҳо нашинанд.

5) Хонандагонро ба мустақилона хондани матн ҳидоят намоед.

6) Таҳлили мазмуни матнро аз рӯйи ҷадвали зер ба роҳ монед.

| Унсур | Шарҳ | Намуна |
|---|---|---|
| Симоҳо | Ҳикоя дар бораи кӣ/киҳоаст? | Кулоҳсурхак, бибиаш ва гург |
| Макон | Воқеаи асосӣ дар куҷо баргузор мегардад? | Дар ҷангал ва хонаи бибии Кулоҳсурхак |
| Ҳадаф | Симоҳои асосӣ чӣ кор карданӣ буданд? | Кулоҳсурхак бояд ба бибияш санбӯса ва равған мебурд. |
| Проблема/Масъала | Барои чӣ симоҳои асосӣ амалҳои муайянро иҷро намуданд? | Кулоҳсурхак дар роҳ бо гург рӯбарӯ шуд. |
| Ҳодиса ё амал | Ба симои асосӣ чӣ воқеа рух дод ё ӯ барои ҳалли масъала чӣ кор кард? | Ӯ дар роҳ ба хонаи бибиаш бо гург вохӯрд ва тамоми сирру асроращро ба вай гуфт. Гург аввал бибӣ, баъд Кулоҳсурхакро ҳам мехӯрад. |
| Ҳал | Мушкилот чӣ тавр ҳал шуд ва ҳикоя чӣ гуна анҷом меёбад? | Дарахтбуроне, ки дар наздикии хонаи бибӣ буданд, Кулоҳсурхак ва бибиашро халос карданд. |
| Мавзӯъ ва фикри асосӣ | Нависанда ба мо чиро талқин менамояд? | Шумо набояд бо одамони бегона суҳбат кунед. |

7) Барои мустаҳкам намудани дониши хонандагон оид ба мазмуни матн аз усули «Барои чӣ?» истифода баред. Тавсия барои омӯзгор: Усули «Барои чӣ?» ё «Чаро?» силсилаи муҳокимаронихо барои муайян кардани асос ва сабаби пайдоиши натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд:

– ҳалли мушкил/проблемаҳо;
– муайян кардани сабаби ин ё он тавр рафтор кардани симои адабӣ (образ);
– муайян кардани сабаби рух додани ҳодисаю воқеаҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад, сабаби ҳама гуна натиҷаро ёфтан осон аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: дурандешӣ, илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ ҷустан ва амсоли инҳо замина мегузорад.

Намуна:

*– Барои чӣ дарахтбурон гургро куштанд?*
*– Барои он ки гург Кулоҳсурхак ва бибияшро фурӯ бурд.*
*– Барои чӣ гург духтаракро хӯрд?*
*– Барои он ки вай хеле гурусна буд.*
*– Барои чӣ гург либоси бибиро пӯшид?*
*– Барои он ки Кулоҳсурхак гургро бибӣ гумон кунад.*
*– Барои чӣ гург бибиро хӯрд?*
*– Барои он ки вай хеле гурусна буд.*
*– Барои чӣ гург хонаи бибиро ёфт?*
*– Барои он ки Кулоҳсурхак хонаи бибияшро ба вай нишон дод.*
*– Барои чӣ гург пештар ба хонаи бибӣ расид?*
*–Барои он ки Кулоҳсурхак дар роҳ оҳиста рафт ва гулу мева чид.*
*– Барои чӣ кулоҳсурхак самти хонаи бибияшро гуфт?*
*– Вай фикр накард, ки гург рафта вайро мехӯрад.*
*–Барои чӣ Кулоҳсурхак бо гург вохӯрд?*
*– Барои он ки бо роҳи ҷангал мерафт.*

*– Барои чӣ ба ҷангал мерафт?*
*– Барои он ки гулу мева чинад.*
*– Барои чӣ ба хонаи бибияш равон шуд?*
*– Ба бибияш санбӯса ва равған барад.*
*– Барои чӣ ӯро Кулоҳсурхак ном карданд?*
*– Барои он ки вай кулоҳи сурх дошт ва ҳеҷ гоҳ кулоҳи худро аз сараш намегирифт.*

8) Нақшофарӣ
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар нақши гург ва Кулоҳсурхак бозӣ кунанд.
б) Нақшофарии онҳоро арзёбӣ намоед.

9) Машқи тартиб додани муколама
а) Ба хонандагон гӯед, ки ба ҷойи гург шер, рӯбоҳ ё хирс мешуд, Кулоҳсурхак бо онҳо чӣ гуна муколама мекард.
б) Метавонед хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки муколамаи Кулоҳсурхакро бо рӯбоҳ (шер, хирс) тартиб диҳанд ва иҷро кунанд.

**10) Имлои “Худамро месанҷам!” Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
11) Машқи навиштани ҳикояе, ки аввалаш дода шудааст.
а) Қисми аввали матнро бо хонандагон муҳокима кунед.

Буд-набуд як духтарак буд. Номи ӯ Кулоҳсурхак буд. Рӯзе ва ба хабаргирии бибӣ рафт. Дар роҳи ҷангал аз пешаш як гург баромад. Гург аз ӯ пурсид, ки ба куҷо меравӣ. Кулоҳсурхак гуфт, ки ба хонаи бибиям меравам. Гург дар куҷо будани хонаи бибиашро пурсид. Кулоҳсурхак гургро фиреб дода, тарафи дигарро нишон дод. …

б) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми ҳикояро нависанд.
в) Ҳикояҳои навиштаашонро хонанд.
г) Ҳикояҳои навиштаи онҳоро муҳокима ва арзёбӣ кунед.
12) Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

## ДАРСҲОИ 13-14. КОРИ ЛОИҲАВӢ

**Барнома.** Ба ёд овардани афсонаи “Кулоҳсурхак”. Ахбори муҳим ва дуюмдараҷаро муайян кардан. Ахбори муҳим ё лаҳзаҳои хотирмони афсонаро навиштан. Расми мазмуни афсонаро тасвир кардан. Сарвараҳи онро номгузорӣ кардан ва оро додан. Варақҳоро ботартиб гузошта, ба ҳам часпондан. Хондани китобча.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон бояд:
- доир ба мазмуни матн ҷумлаҳо навишта тавонанд;
- сохтори афсонаро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; варақи А4, албом, қаламҳои ранга, ширеш

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Бо хонандагон афсонаи “Кулоҳсурхак”-ро ба ёд оред.
5) Ахбори муҳим ва дуюмдараҷаро муайян кунанд.
6) Ахбори муҳим ё лаҳзаҳои хотирмони афсонаро нависанд.
7) Назорат баред, ки фикрҳо такрор нашуда бошанд.
8) Расми мазмуни афсонаро тасвир кунанд.
9) Сарвараки онро номгузорӣ кунанд ва оро диҳанд.
10) Варақҳоро ботартиб гузошта, ба ҳам часпонанд.
11) Ҳангоми кори гурӯҳҳо дар синф давр зада, ба хонандагон ёрӣ расонед.
12) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: “Хонандагони синфи 4“А””.
13) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

## ДАРСҲОИ 15-16. НАМУНИ АДАБИЁТИ ҶАҲОНӢ.“МОҲИИ ЗАРРИН”

**Барнома.** Хониши мустақилони матн. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузории воқеаҳо). Муайян кардани симоҳои матн. Гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Алоқамандӣ бо ҳаёт. Имлои калимаҳои душвор. Навиштани номи симоҳо ва макони баргузории воқеаҳо. Хислатҳои неку бади симоҳои матн. Навиштани орзуҳои худ.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (400 калима), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи гуфтору рафтор хислати симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни беғалатнависиро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс.** Ба хонандагон гӯед, ки омӯхтани намунаҳои қиссаву ҳикояҳои халқҳои дигарро давом медиҳем. Имрӯз мо як қиссаи машҳури Ҳиндустонро мехонем. Хонандагонро гӯед, ки мо имрӯз нақли занҷирворро истифода мебарем.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

4) Дарси навро аз суҳбат оғоз кунед. Одамон орзу мекунанд. Шумо ҳам орзу мекунед? Чӣ орзу доред?
2) а) **Фаъолият:** «Кӣ? Кай? Дар куҷо? Чаро?»
Пеш аз хондани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвале кашанд. Дар сутуни аввал саволҳои Киҳо? Кай? Дар куҷо? Чӣ ҳодиса рух дод? Чаро?-ро нависанд.

**Масалан:**

| | |
|---|---|
| Киҳо? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |
| Чаро? | |

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур намоянд (мухтасар нависанд).
в) Сипас, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали навиштаашонро бо шарикдарсашон муҳокима намоянд.
г) Баъд ҷадвалҳоро ҷамъ карда санҷед ва ба хонандагон тавсия намоед.
3) Бо хонандагон қоидаҳои нақли занҷирворро муҳокима кунед. Хонандагон бояд гӯянд, ки як нафар нақлро сар мекунад, дигарон давом додан мегиранд.
4) Хонандагон мазмуни матнро занҷирвор нақл мекунанд.
5) Нақшофарӣ.
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар нақши мӯйсафед ва моҳии тилло бозӣ кунанд.
б) Нақшофарии онҳоро арзёбӣ намоед.
6) **Имлои "Худамро месанҷам!" Нигаред ба дарсҳои 9-10 (Боби I).**
7) Хонандагон калимаҳои навро бо шарҳашон дар "Дафтари луғат" менависанд ва аз ёд мекунанд.
8) Машқи навиштани орзуҳо
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки се орзуи худро нависанд.
б) Орзуҳои навиштаашонро хонанд.
в) Орзуҳои онҳоро муҳокима ва арзёбӣ кунед.
9) Хонандагон калимаҳои навро бо шарҳашон дар "Дафтари луғат" менависанд ва аз ёд мекунанд.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 17-18. МАШҚИ НАВИШТАНИ АФСОНА

**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади навиштани афсона. Муҳокимаи имкони истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Муайян кардани сохтори афсона. Хусусиятҳои хосси афсона: буд-набуд, мавҷудияти қувваҳои неку бад. Ғалабаи қувваи некӣ бар бадӣ. Навиштани афсона аз рӯйи нақша. Хондани афсона аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани афсонаҳои навишта. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзиислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- сохтори афсонаро муайян карда тавонанд;
- афсона навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба матни "Моҳии заррин"
**Равиши дарс.**
1) Дарсро аз таҳлили сохтори афсона шурӯъ кунед, сипас, мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
2) Ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мо афсонанависиро машқ мекунем. Дар аввал оғози афсонаро менависем. Чӣ тавр сар шудани афсонаро бори дигар муҳокима карда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оғози афсонаро нависанд (Буд-набуд, як пирамарду як кампирак буд...)
3) Бо хонандагон қисми асосии афсона, ки дар он муборизаи қувваи некӣ ва бадӣ аст, муҳокима намоед ва гӯед, ки дар бораи он нависанд. Ба хонандагон вақт диҳед.
4) Бо хонандагон қисми анҷоми афсонаро муҳокима кунед. Дар анҷоми афсона ҳамеша қувваи некӣ бар бадӣ ғолиб меояд. Ба хонандагон вақт диҳед.
5) Ба хонандагон имкон диҳед, ки афсонаи худро хонанд ва агар лозим бошад, онро такмил диҳанд.
6) Хонандагон афсонаҳои худро мехонанд. Афсонаҳои навиштаи хонандагонро аз рӯйи сохтори афсона арзёбӣ кунед.
7) Барои хона вазифа диҳед. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро батафсил шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаро фаҳмиданд.
8) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

### ДАРСҲОИ 19-20. ДАРСИ ҶАМЪБАСТ ВА НАТИҶАГИРӢ

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хонадан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.
Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон буда, шумо метавонед онро вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон ба нақша гиред.
Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
   - хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
   - хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
   - хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
   - хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд (ва ғайраҳо).
2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёрдамчӣ интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.

5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Вазифаҳои иловагӣ диҳед

## БОБИ 9. ЧАШМА ВА ДАРЁҲОИ ТОҶИКИСТОН (16 СОАТ)

### ДАРСҲОИ 1-2. ЧАШМА

**Барнома.** Суҳбат дар бораи афсона. Стратегияҳои гуногуни хониш. Кор бо луғат. Нақшофарӣ. Муайян кардани симоҳои матн, амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матн, ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо додан, мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян кардан. Машқи накл кардани мазмун. Муайян кардани хусусиятҳои умдатарини афсона. Оғоз: буд-набуд, мавҷудияти қуваҳои некӣ ва бадӣ. Ғалабаи қувваҳои некӣ бар бадӣ. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ҷумласозӣ.

**Салоҳиятҳо:**

4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, муносибати худро баён менамояд.

4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.

4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (400 калима), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– усулҳои гуногуни беғалатнависиро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ; сурат, расму мусаввараҳо; мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.

4) Бо хонандагон дар бораи “Чашма” суҳбат кунед. Бачаҳои азиз, шумо чашмаро дидаед? Дар куҷо? Чашма ба инсону табиат чӣ фоида дорад? Шумо аз куҷо медонед?

5) Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, аз онҳо пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи “Чашма” суҳбат кардем? Барои он, ки афсонае, ки мо ҳоло бо шумо мехонем дар бораи дар куҷо зиндагонӣ кардани чашма сухан мекунад. Мехоҳед, ки онро гӯш кунед? Бодиққат бошед.

6) Ҳикояро бо усули “Хониши ботаваққуф” хонед.

Саволу масъалаҳои пеш аз хондан (шунидан)-ро омода намоед. **Мисол: Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн “Чашма” ном дорад?**

7) **Қисми аввали матнро хонед**.

Буд, набуд, як чашма буд. Дар қуллаи кӯҳ, дар фазои озод, дар оғӯши барфҳои сап-сафед зиндагӣ мекард. Боре офтоб хеле паст фуромад, ҳаво гарм шуд. Ана дар ҳамин айём Чашма ба саёҳат баромад. Вай пас аз се шабу се рӯз доманаи кӯҳро тай карда, ба сари чорроҳае расид. Дар сари чорраҳа навишта шуда буд: Агар ба тарафи

чап равӣ, абадӣ барнамегардӣ, агар мустақим равӣ, ба пиряххои азим дучор мешавӣ, агар ба тарафи рост баргардӣ, ба води хуррам мебароӣ. О.:

«Ба фикри шумо Чашма кадом тарафро интихоб кард?
Барои чӣ чунин фикр мекунед? Чи далел оварда метавонед?»

8) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар лавҳи дарсхона нависед). Пас аз пешгӯйҳо ва далелу исботҳо овардан аз онҳо хоҳиш мекунем, ки давоми ҳикояро гӯш кунан.

**9) Қисми дигари матнро хонед.**

Чашма фикр кард, фикр карду баъд ба тарафи рост гашт. Роҳ дурудароз, каҷу килеб буд, аз байни сангҳою хорҳо мегузашт. Чашма ба ақибаш нигоҳ накарда ба пеш мерафту мерафт. Вай ба лаби ғоре расид. Каме дам гирифт. Баъд ба даруни ғор нигарист. Қаъри Ғор бепоён буд.

– Ӯх, – гуфт, – ин қадар чуқур!

Аз даруни ғор овоз баромад:

– Кист он ҷо?

– Ман, – гуфт Чашма.

– Инсӣ ё ҷинсӣ?

– На инсам, на ҷинсам, Чашмаам.

– Ҳой ,Чашма. Биё, ман асрҳо туро интизор будам.

– Ҳалқам аз ташнагӣ хушк шуд, ҷисму ҷонам пажмурда гардид.

– Ту кистӣ? – пурсид Чашма. – Кӣ туро ба ин ғори бетаг партофтааст?

– Ман Водиям, – гуфт Ғор Чашмаро фиреб дода. – Омадани туро кайҳо боз интизорӣ мекашидам.

– О, ба ман гуфта буданд, ки Водӣ васеъ аст ва осмони каб-кабуд дорад. Ту бошӣ дар як ҷойи тангу торӣ. Маро фиреб, накун, аз раҳам намон.

**О.:**

**«Ба фикри шумо, Чашма чӣ кор мекунад? Ба гуфтаҳои Ғор розӣ мешавад?**

**Ба фикри шумо Ғор ба Чашма чӣ мегӯяд?**

**Чаро чунин фикр доред?»**

**Акнун давоми ҳикояро гӯш кунед ва бо пешгӯйиҳои худ муқоиса кунед.**

10) Ҳамин тавр қисмҳои дигари матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми онро пешгӯйӣ кунанд. (Ҳикояро аз саҳифаи 320- 322 китоби забони модарӣ, ёбед ва ба қисмҳо ҷудо карда хонед).

11) **Кори дунафарӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки дунафарӣ суҳбат карда, ба тарзи талаффузи калимаҳои **қулла, абадӣ, хуррам, барнамегардӣ, ҷойӣ, будаӣ** диққат дода онҳоро талаффуз карда нависанд.

12) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки афсонаро бо иҷрои нақшҳои Чашма ва Ғор хонанд. Барои ин фаъолиятро иҷро кардан ба онҳо вақт диҳед, то ки машқ карда, тайёр шаванд.

13) Хонандагон тарзи хондани якдигарро гӯш карда, арзёбӣ мекунанд. Ба ҳамдигар барои дуруст хондан ёрӣ мерасонанд.

14) Синфро назорат кунед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон матнро мехонанд. Агар зарур ояд, ба хонандагон ёрӣ расонед.

**15) Кори мустақилона**: мисолҳои афсонаи «Чашма»-ро бо хусусиятҳои афсона мувофиқа карда, хулосаатонро гӯед.

Мувофиқа кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Ҳамеша қувваи некӣ ба бадӣ ғолиб меояд. | А) Буд набуд... |
| 2. Афсона ин тавр оғоз меёбанд. | Б) "Ман водиям,– гуфт Ғор, –Чашмаро фиреб додам. Баъд Чашма аз ғаму ғусса гиря кард. |
| 3. Унсурҳои табиат монанди одамон рафтор мекунанд. | В) Чашма – рамзи некӣ. |
| 4. Қувваи некию бадӣ бо ҳам мубориза мебаранд. | Г) Чашмаю Водӣ ба муроду мақсадашон расиданд. |

16) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷавобҳои дурустро хонанд, сипас ба бахши дигари дарс гузаред.

17) **Нақшофарӣ.** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ суҳбат карда, аз матни «Чашма» гуфтугӯи Чашма ва Ғорро ёбанд ва нақши онҳоро иҷро кунанд.

18) Аз як-ду гурӯҳи дунафарӣ хоҳиш кунед, ки барои дигарон саҳнаро намоиш диҳанд. Кори онҳоро арзёбӣ намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.

19) Мақсадҳои таълимии дарсро, ки дар оғози дарс хондед ва муҳокима карда будед боз ба хотир оварда, муҳокимаи умумӣ гузаронед, ки оё ба ин мақсадҳо ноил шудаед?

**20) Арзёбӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар рақами савол ё масъаларо гузошта, ҷавоби онро нависанд.

| | |
|---|---|
| 1) Номи симоҳоро: | |
| 2) Ҳодиса дар куҷо рух дод? | |
| 3) Каме дар бораи ҳодиса: | |
| 4) Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро? Фикратонро нависед. | |
| 5) Хулоса. | |

1. Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ намуда, арзёбӣ кунед.

**21) Супориши вазифаи хонагӣ**. Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

## ДАРСҲОИ 3-4. ОБИ ДУШАНБЕ

**Барнома.** Суҳбат дар бораи об. Хондани матн. Кор бо луғат. Машқи ифоданок хондан, ислоҳ намудан ва такроран хондан. Ба ҳамдигар баҳо додан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Саволу ҷавоб. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ, босуръатнависӣ. ва ҷумласозӣ.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- мақсади асосии шоирро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо ва мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс ба сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Суҳбати Манижа ва Бежанро муҳокима кунед.
5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки онро нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
7) Монанди дарсҳои қаблӣ хонандагон тарзи аз "Луғат"-и зери матн истифода карданро машқ кунанд.
8) Иҷрои супориш ва суҳбати Манижаву Бежан (с. 325-326)-ро муҳокима кунед.
9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди намунаи супориши якуми саҳ. 326 интихобан мазмуни мисраъҳои шеърро бо ҷумлаҳо нависанд.
10) Бо мақсади машқи босуръат навиштан ва риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър аз ба хонандагон вазифа диҳед, ки дилхоҳ банди шеърро интихоб намуда, босуръат, зебо ва беғалат нависанд.
11) Дар бораи тоза нигоҳ доштан ва сарфакорона истифода кардани об суҳбат ташкил намоед.
12) Вазифа барои хона: дар бораи чашма (дарё, кӯл, канал, фаввора)-ҳои маҳаллаи худ ҳикоя нависед. Дар ҳикоя муносибати худ ба мавзӯъ ифода кунед.
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст намоед. Ба мақсадҳои дарс баргардед ва бо хонандагон муҳокима кунед.

### Дарсҳои 5-6. Об - муъҷизаи ҳаёт

**Барнома.** Суҳбат дар бораи об ва тоза нигоҳ доштани он. Хондани матн. Кор бо луғат. Муайян кардани мазмуни матн. Саволу ҷавоб. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Машқҳои гуногуни имлоию луғавӣ. Шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн дар бораи муҳофизати об.

**Салоҳиятҳо:**

4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад.
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- дар доираи мавзӯъ шифоҳӣ ва хаттӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо, мақола, шеъру чистонҳои ба мазмуни матн мувофиқ.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд.

**Кори гурӯҳӣ**
а) Аҳли синфро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (Вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, назди гурӯҳҳо гузоред).
**Гурӯҳи № 1.** Матнро хонед. Дар бораи хусусиятҳои об маълумот диҳед.
**Гурӯҳи № 2.** Матнро хонед. Номи чашмаҳои оби зулоли Тоҷикистонро нависед.
**Гурӯҳи № 3.** Матнро хонед. Номи дарё ва кӯлҳои Тоҷикистонро нависед.
**Гурӯҳи № 4.** Матнро хонед. Номи чашмаҳои маъдании Тоҷикистонро нависед.
7) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро муаррифӣ мекунанд. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
8) Номгӯйи мавзӯҳои гуногунро тартиб диҳед: “Об  манбаи ҳаёт аст!”, “Барои чӣ обро бояд сарфакорона истифода барем?”, “Барои чӣ обро бояд тоза нигоҳ дорем?”, “Агар бинам, ки обро ифлос мекунанд...”, “Ман оби чашма, ҷӯйборро чӣ тавр эҳтиёт мекунам?”, “Чаро оби ифлосро манбаи бемориҳои сироятӣ мегӯянд?”
Онҳоро дар варақ ё лавҳи дарсхона нависед. Ҳар як хонанда мавзӯеро интихоб намуда, дар бораи он шифоҳӣ ҳикоя тартиб медиҳад.
9) Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Чанд нафарро интихобан пурсед. Барои ислоҳи ғалатҳои ҷойдошта тавсияҳои мушаххас диҳед.
10) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки  ҳикояҳои гуфтаашонро нависанд.
Ҳикояҳои навиштаи онҳоро арзёбӣ кунед.

11) Вазифа барои хона: дар бораи дарси имрӯза бо хонавода суҳбат кунед. Бо онҳо маслиҳат намуда, рӯйхатти амалҳоро барои тоза нигоҳ доштани об тартиб диҳед. Намуна:
1. Ҳаргиз ба об порутӯдаҳоро нарезед.
2. ........
Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред.  Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст намоед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима кунед.

## Дарсҳои 7-8. Об аз куҷо меояд?

**Барнома.** Суҳбат дар бораи аз куҷо омадани об. Хондани матн. Кор бо луғат. Муайян карда тавонистани пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягӣ. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда, муайян кардани унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузоршавии воқеаҳо). Нақшофарӣ. Муайян кардани симоҳои матн, амалҳо (гуфтору рафтор)-и симоҳои матн, ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо додан, мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян кардан. Машқи накл кардани мазмуни матн. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва матнофарӣ.

**Салоҳиятҳо:**
4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (400 калима), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- амал (гуфтору рафтор)- ҳои симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- усулҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо ва мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ, филми мустанади “Об аз куҷо меояд?” (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс ба сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Суҳбат. Дарсҳои табиатшиносиро ба хотир оварда, маълум кунед, ки “Об аз куҷо меояд?”
5) Кор бо луғат: Луғатҳои матнро омӯзгор пешакӣ рӯйхат карда, пеш аз хондани матн бо хонандагон дар якҷояги шарҳ медиҳанд.

| Луғат | Шарҳи луғат |
|---|---|
| Пӯк<br>Обмӯрӣ | Сарпӯши шиша<br>Ҷойи обгузари зери девор |

6) **Кори гурӯҳӣ**
а) Аҳли синфро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (Вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, назди гурӯҳҳо гузоред).

**Гурӯҳи № 1.**
1. Қисми якуми матни «Об аз куҷо меояд?»-ро хонед.
2. Мазмунашро нақл кунед.
3. Симоҳои асосии матн киҳоянд, муайян кунед.

**Гурӯҳи № 2**
1. Қисми дуюми матни «Об аз куҷо меояд?»-ро хонед.
2. Мазмунашро нақл кунед.
3. Дарахтону ниҳолҳо ба инсонҳо барои чӣ лозиманд, муайян кунед.

**Гурӯҳи № 3**
1. Қисми севуми матни «Об аз куҷо меояд?»-ро хонед.
2. Мазмунашро нақл кунед.
3. Суханҳои Тоҳирбоборо шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи № 4**
1. Қисми чоруми матни «Об аз куҷо меояд»-ро хонед.
2. Мазмунашро нақл кунед.
3. Сабаби Бурҳони биҳӣ ном гирифтани ин шахсро муайян кунед.

**Гурӯҳи № 5**
1. Қисми панҷуми матни «Об аз куҷо меояд»-ро хонед.
2. Мазмунашро нақл кунед.
3. Аз куҷо омадани обро муайян кунед.

7) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.
8) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро муаррифӣ мекунанд.
9) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
10) Бо хонандагон доир ба мазмуни қисмҳои матнҳои дар гурӯҳ хондаашон муҳокима ташкил намоед.
11) Барои он ки боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни ҳикояро дарк карданд, саволу ҷавоб ташкил кунед. Саволу ҷавобро бо усули “Баъд чӣ мешавад?” ташкил намоед. Тартиби гузаронидани усули мазкур ба таври зайл аст. Аз хонандагон пурсед, ки ҳодисаи якум дар ҳикоя чӣ буд? Яке аз хонандагон нақл мекунад. Сипас омӯзгор бо саволи “Баъд чӣ мешавад?” муроҷиат карда давоми ҳикояро аз хонандаи дигар мепурсад. Ҳамин тариқ бо як саволи “Баъд чӣ мешавад?” омӯзгор метавонад тамоми хонандагони синфашро имконияти нақл кардани мазмуни ҳикояро диҳад. Хонандагон ҳикояро қисм ба қисм нақл мекунанд.
12) **Кори дунафарӣ**: ба хонандагон супориш диҳед, ки аз қисми якуми матни “Об аз куҷо меояд?” гуфтугӯйи Асад ва Самадро ёфта, дар нақши онҳо бозӣ кунанд. Барои онҳо вақт диҳед, то ки тайёр шаванд. Аз якчанд гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш кунед, ки барои дигарон гуфтугӯйи Асад ва Самадро хонанд.
13) Машқи “Кӣ зуд ва бехато?”. Ба хонандагон супориш диҳед, ки чор ҷумлаи охири қисми якуми ҳикояи “Об аз куҷо меояд?”-ро аз саҳифаи 342-и китоб ёфта нависанд. Навиштаҳои онҳоро арзёбӣ кунед.

14) **Имлои дунафарӣ.**

а) Ба хонандагон супориш диҳед, ки ду ҷумлаи аввали қисми панҷуми матни “Об аз куҷо меояд?”-ро ёбанд ва имло нависанд. Хонандаи А баён мекунад, хонандаи Б менависад ва баръакс.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои ҳамдигарро иваз намуда хонанд ва барои ҳамдигар тавсияҳо пешниҳод кунанд.

15) Арзёбӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калимаҳои **об, инсон, фоида, табиат** истифода карда як ҳикоячаи хурдакак, ки аз 4-5 ҷумла иборат бошад, нависанд. Барои хонандагон вақт диҳед, ки нависанд.

16) Аз якчанд нафар хоҳиш намоед, ки ҳикояҳои навиштаи худро хонанд. Ҳикояҳои онҳоро гӯш карда, бо иловаҳои худ дарсро ҷамъбаст намоед.

17) **Вазифаи хонагӣ:** Ҳикояи “Об аз куҷо меояд?”-ро пурра хонед.

Вобаста ба қобилияти хонандагон метавонед вазифаҳои фардӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Дарсро ҷамъбаст намоед. Ба мақсадҳои дарс баргардед ва бо хонандагон муҳокима кунед.

## ДАРСҲОИ 9-10. АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ КИТОБ АСТ (МУҲОКИМАИ КИТОБҲОИ ХОНДА)

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудаас т(нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд, барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**

4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо.

**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

## ДАРСҲОИ 11-14. ДАРСИ АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТНОКИИ ХОНАНДАГОН ДАР НИМСОЛАИ ДУЮМИ СОЛИ ТАҲСИЛ

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан дар охири соли таҳсил. Усулҳои гуногуни арзёбӣ. Арзёбии инфиродии хонандагон. Ҷадвалҳои арзёбии фаъолиятҳои нутқ. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз ҷадвалҳо.

**Тавсия.** Дар доираи дарсҳои мазкур салоҳиятҳои хонандагонро доир ба гӯш кардан (шунидан), гуфтан, хондан ва навиштан арзёбӣ намуда, маълумоти ниҳоӣ гирд оред. Натиҷаҳои арзёбии мазкурро бо ду арзёбии қаблӣ муқоиса кунед ва салоҳиятнокии хонандагони синфи чорумро баҳогузорӣ намоед.
Барои гузаронидани арзёбӣ аз дастур ва намунаҳои боби якум истифода бурда метавонед. Танҳо дар арзёбии ниҳоӣ ҳаҷми матнҳо нисбат ба арзёбии нимсолаи якум барои гӯш кардан (10 калима), барои хондан (5 калима) зиёд карда мешавад.

## ДАРСҲОИ 15-16. ДАРСИ ҶАМЪБАСТ ВА ХАТМИ СИНФИ 4-УМ

**Барнома.** Саволу ҷавоб доир ба матнҳои дар синфи чорумхонда. Аз ёд гуфтани шеърҳо. Саволу ҷавоб оид ба луғат. Бо калимаҳои додашуда навиштани ҷумлаҳо. Вазифа барои таътили тобистона.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дониш, малака ва маҳорати азхудкардаашонро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар таътил ба чӣ кор машғул шуданашонро гуфта тавонанд.

**Равиши дарс**

Ин дарси ҷамъбастии синфи чорум аст. Соати якум, дар бораи натиҷаҳои бадастовардаи хонандагон суҳбат карда мешавад. Дар он зикр мегардад, ки натиҷаҳои санҷиши охири сол нишон доданд, ки шумо, хеле инкишоф ёфтед. Муваффақиятҳои хонандагонро бо таърифу таҳсин қадр карда, барои рафъи ғалатҳои ҷойдошта тавсияҳо диҳед. Хонандагонро бо ҳам муқоиса накунед. Ҳаргиз нагӯед, ки Сарвиноз аз Шаҳло беҳтар аст. Ё Анвар хеҷ чизро ёд нагирифтааст. Натиҷаҳои нишондодаи онҳоро бо аввали сол муқоиса намоед. Масалан, Фарҳод дар аввали сол ҳикоя навишта наметавонист. Баъди кӯшиш ва ғайратҳои пайвастаи ӯ дар охири сол акнун, ҳикоя навишта метавонад. Ташаккур гӯед. Хуб мешуд, ки беҳтарин лаҳзаҳои дарси забони модариро ба хотир оранд ва гӯянд. Кадом душворӣ доштанд ва онро чӣ гуна ҳал намуданд. Барои таътили тобистона вазифа диҳед, ки кадом китобҳоро хонанд.

## ЗАМИМАИ 1. ХОНИШИ ИФОДАНОК ЧИСТ?

Хониши ифоданок чун яке аз санъатҳои каломи бадеӣ ба чанд омили дигар вобаста аст. Масалан, ба адабиётшиносӣ (назм, наср, вазн, маҷоз, ташбеҳ, муболиға…), забоншиносӣ (фосила, таваққуф, аломатҳои китобат, оҳанг, зада, таъбир,..), психология (задаи маъноӣ, задаи мантиқӣ, ҳолату вазъияти иштироккунандагони асар). Муҳимтарин ҷузъи таркибии хониши ифоданок риояи оҳанги хониш мебошад.

Дар инкишофи малакаҳои хониши ифоданоки мактаббачагони хурдсол тарзи хониши шумо, омӯзгорон, нақши муҳим дорад.

Фикру андешаи шумо бояд дар қолаби калима, ибора ва ҷумлаҳои дилнишин ифода ёбад. Ҳадафи асосии он ба дили шунаванда роҳ ёфтан аст. Баёни муаллимон бояд тавре сурат гирад, ки шунавандагонро тасхир созад, дар дили онҳо ҳиссиёти

шодию хурсандӣ, ғаму андӯҳро барангезад. Ин амал ба воситаи чашму гӯш, ҳаракати бадан, имову ишора ва ғайраҳо сурат мегирад, ки онро воситаҳои ғайринутқӣ (ишоратӣ) меноманд.

Воситаҳои ғайринутқӣ:

- Паралингвистӣ: *оҳанги гуфтор, ист, нафас, тарзи баён (диксия), суръат (темп).*
- Экстралингвистӣ: *ханда, гиря, садоҳои гуногун.*
- Кинестикӣ (қиёфасозӣ): *имову ишора, тарзи нигоҳ.*
- Проксемикӣ: *тарзи ист, ҳаракати бадан, риояи масофа.*

*Эзоҳ: хонандагон бо меъёрҳои хониши ифоданок шинос карда мешаванд. Хуб мебуд, агар шумо ин меъёрҳоро дар гӯшае овезон карда, пеш аз ҳар хониши ифоданок онҳоро ёдовар мешудед. Дар ҳамаи дарсҳои минбаъдае, ки сухан дар бораи хониши ифоданок меравад, аз тавсияҳои боло истифода баред.*

## ЗАМИМАИ 2. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ НАҚЛ ВА ХЕЛҲОИ ОН

Нақл кардан интиқол додан, аз ҷое ба ҷое бурдан аст. Чӣ тавр метавон матнро аз як ҷо, масалан, аз китоб ба ҷойи дигар интиқол дод? Матнро интиқол дода намешавад, аммо мазмуни онро мумкин. Чӣ тавр? Тавассути нақл кардан. Аз ин рӯ, маънои нақл кардан интиқол додани мазмуни матн аст, на худи матн.

Нақл кардани мазмуни матн бо риояи пайдарпайии мантиқӣ ҳикоя кардан дар бораи ҳодисаҳо, воқеаҳо, симоҳо ва гуфтору рафтори онҳост. Малакаи нақл кардан яке аз малакаҳои асосии хонандагони синфҳои ибтидоӣ буда, барои таълими минбаъда дар синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши сикли фанҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ заминаи асосӣ маҳсуб меёбад. Бе ташаккули малакаи нақл кардан омӯхтани фанҳои адабиёт, таърих, ҷуғрофиё, биология номумкин аст.

Хонанда тавассути нақл кардан тарзи фикррони, нутқи мураттаб, захираи луғавии худро инкишоф дода, донишҳои оид ба хондан, шунидан ва забоншиносӣ (овошиносӣ, лексикология, грамматика ва имло) андӯхтаашро истифода мекунад.

***Хелҳои нақл: нақли муфассал, мухтасар, интихобӣ ва эҷодӣ.***

**1. Нақли муфассал.** Чунон ки аз номаш маълум аст, дар ин намуди нақл дар бораи ҳодисаҳо, воқеаҳо, симоҳо ва гуфтору рафтори онҳо батафсил (муфассал) ҳикоя мекунанд. Мақсади он на танҳо интиқол додани мазмун, балки нишон додани хусусиятҳои бадеии матн мебошад. Нақли муфассал дар навбати худ ду хел мешавад:

**а)** бо суханони худ нақл кардан (хонанда пайдарҳамии воқеаҳои матнро риоя намуда, дар интихоби калимаҳо, ибора ва ҷумлаҳо нисбатан озод аст. Бештар ба захираи луғавии худ такя мекунад).

**б)** ба матн наздик баён кардани мазмуни матни хондашуда (хонанда пайдарҳамии воқеаҳои матнро риоя намуда, бояд калимаҳо, ибора ва ҷумлаҳои матнро истифода барад)

**2. Нақли мухтасар** нақлест, ки дар он хонанда тартиби мантиқии воқеаҳоро риоя намуда, ҷузъиёти асосии матни хондаашро ҳикоя мекунад. Хонанда дар ҷараёни мухтасар нақл кардани мазмуни матн ҷудо кардани чизҳои муҳим ва дуюмдараҷаро ёд мегирад.

**3. Нақли интихобӣ** нақлест, ки дар он хонанда мувофиқи савол ё супориши омӯзгор ҳамон қисми зарурии матнро интихоб ва баён мекунад. Интихоб метавонад тасвири

симои зоҳирии персонаж, тасвири манзараи табиат, нақл кардани лаҳзаҳои алоҳидаи матн бошад. Муҳимтарин хусусияти нақли интихобӣ муайян намудани ҳудуди нақл аст, яъне, аз куҷо то куҷо бояд нақл карда шавад.

**4. Нақли эҷодӣ** нақлест, ки дар он хонанда ҳангоми дар бораи воқеаҳо гуфтору симоҳои матн ҳикоя кардан шахси якум– **ман** (нақлкунанда)-ро ба шахси чоруми танҳо (**ӯ, вай**) иваз мекунад ва аз унсурҳои муҳокима истифода мебарад. Дар таълими синфҳои ибтидоӣ ҳангоми нақли эҷодӣ истифодаи унсурҳои муҳокима шарт нест. Муҳим шахси якум (нақлкунанда)-ро ба шахси чоруми танҳо (ӯ, вай) иваз карда тавонистан аст.
***Эзоҳ:*** *нақл карда тавонистани мазмуни матн барои хонандагони синфи чорум чизи нав нест. Онҳо нақл карданро ҳанӯз аз синфи якум оғоз карда, дар синфҳои дуюм ва чорум муфассал, интихобӣ ва мухтасар нақл карданро ёд гирифтаанд. Дар синфи чорум муфассал, интихобӣ ва мухтасар нақл карданро дар заминаи матнҳои нисбат ба синфҳои 1-3 мураккабтар ва ҳаҷман калонтар машқ мекунанд. Дар синфи чорум эҷодӣ нақл карданро ёд мегиранд.*

**Намунаи матн ва хелҳои нақли мазмуни он**

Дар поён як матн ва намунаи чор хели нақли мазмуни он пешниҳод мегардад.

**Танбеҳи падар**

*(порча аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)*

**Фаъолият: тартиб додани нақшаи нақл**
**Мақсад: инкишофи малакаи нақл кардан**

**Тартиб:**

1. Пас аз хондани матн бо хонандагон нақшаи нақлро тартиб диҳед (ба намуна нигаред)

А. Ба бозор рафтани муаллиф
Б. Вохӯрӣ бо шиноси падар
В. Фаромӯш кардани суханҳои шиноси падар
Г. Фош шудани гапҳои дурӯғ
Ғ. Дарси ибрат шудани танбеҳи падар

2. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро такроран хонанд ва аз рӯйи намунаи нақша мазмуни онро нақл кунанд.

**Меъёрҳои малакаи нақл карда тавонистан**

| Меъёрҳо | Шарҳ |
|---|---|
| **Риояи сохтори нақл** | Хонанда мувофиқи мақсад мефаҳмад, ки чӣ хел нақл кунад: муфассал, мухтасар, интихобӣ ё эҷодӣ? Пас аз фаҳмидан сохтори ҳамон хели нақл (масалан, мухтасар)-ро риоя мекунад. Вай бояд маҳз мухтасар нақл кунад, на муфассал. |
| **Мураттабии нутқ** | Ҳангоми нақл кардани мазмуни матн пайдарҳамӣ ва алоқамандии ҷумлаҳо риоя мешавад. Нақлро дуруст оғоз карда, дуруст ба анҷом мерасонад. |
| **Буррогии нутқ** | Нутқ фаҳмо ва дастрас аст. Аниқ фаҳмидан мумкин аст, ки ӯ чӣ мехоҳад. Ист карда, «вай», «баъд»-барин калимаҳои нодаркориро дар нутқ истифода намебарад. |

| | |
|---|---|
| **Дурустии мазмуни нақл** | Номи симоҳо, гуфтору рафтори онҳо, ҳодисаю воқеаҳои матнро дуруст баён мекунад. Аз доираи мазмуни матн берун нарафта, бо боварӣ сухан меронад. |
| **Ифоданокии нутқ** | Ҳангоми нақл кардани мазмуни матн ба оҳанги аломатҳои китобат, задаи мантиқӣ риоя мекунад. Ғаму андӯҳ ва шодию хурсандии симоҳоро тавассути воситаҳои ғайринутқӣ аз қабили имову ишора, қиёфа ва ғайраҳо нишон медиҳад. |
| **Риояи меъёрҳои забони адабии тоҷик** | Бо забони адабӣ сухан меронад. Дар нутқ калимаҳои лаҳҷавӣ ва калимаҳои забони дигарро истифода намебарад. |
| **Захираи луғавӣ** | Ҳангоми нақл калимаҳои ҳаммаънои матн (масалан, ба ҷойи калимаи «хуршед»-и матн дар нақл истифода кардани калимаи «офтоб» ва амсоли он)-ро истифода мебарад. |

**Намунаи нақли муфассал**

***Супориш:*** *мазмуни матни хондаатонро муфассал нақл кунед.*

Садриддин Айнӣ нақл мекунад, ки: «Дар наздикии деҳаи мо Сари Пули Эшон ном бозорчае буд, ки аз хонаи мо ду километр дурӣ дошт. Рӯзе маро падар барои харидани намак ба бозор фиристод. Дар бозгашт як шиноси падарам ба ман вохӯрда, чанд гап таъйин кард. Ман то хона омадан суханони ӯро аз ёд баровардам. Вақте ки падарам аз шиносҳо дар бозор киҳоро диданамро пурсид, он одам ба ёдам омад ва гуфтам, ки фулониро дидам.

Падарам пурсид, ки ӯ чӣ гуфт? Азбаски гапҳои вай аз ёдам баромада буданд, чанд гапи сохтаву бофта гуфтам.

Дурӯғии суханҳои манро фаҳмид, ки падар пурсид:

- Шояд гапҳои дигар гуфта бошад?
- Не, ҳамин тавр гуфт, - гӯён дурӯғи худро таъкид кардам.

Баъд аз чанд рӯз он одам ба хонаи мо омад. Падарам ӯро ба меҳмонхона даровarda, маро низ пеши ӯ даъват кард ва аз вай пурсид:

- Шумо ба писари ман чиҳо таъйин карда будед?

Он мард гапҳои таъйинкардаашро нақл кард, ки аз гапҳои гуфтаи ман фарқ мекарданд. Ман аз шарм дар зери обу арақ мондам. Падарам маро танбеҳ дода гуфт, ки баъд аз ин ҳар чизро, ки бинӣ, бо диққат зеҳн мон, ҳар гапро, ки шунавӣ, бодиққат гӯш кун ва дар хотират нигоҳ дор. Аммо ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯй, ки шарманда мешавӣ. Ҳоло ту ду гуноҳ дорӣ, – гуфт падарам, - якум он, ки гапи таъйинкардаро фаромӯш кардӣ, дуюм он ки гапҳои дурӯғ гуфтӣ. Агар ман дурӯғ намегуфтам, дар пеши меҳмон шарманда намешудам.

Ин танбеҳи падарам барои ман дарси ибрат шуд.

**Намунаи нақли эҷодӣ**

(бо тағйир додани шахси якум – ман (нақлкунанда) ба шахси севуми танҳо: вай, ӯ)

***Супориш:*** *мазмуни матни хондаатонро эҷодӣ нақл кунед. Ҳангоми нақл шахси якум - ман(нақлкунанда)-ро ба шахси севуми танҳо «вай, ӯ» иваз намоед.*

Дар наздикии деҳае, ки Садриддин Айнӣ зиндагӣ мекардааст, як бозорча будааст, ки аз хонаашон ду километр дурӣ доштааст. Рӯзе падараш ӯро барои харидани

намак ба бозор мефиристад. Ӯ вақти аз бозор баргаштан як шиноси падарашро мебинад. Ӯ чанд гап таъйин мекунад, ки рафта ба падараш гӯяд. Вай то хона омадан суханҳо, ҳатто, худи ӯро ҳам аз ёдаш мебарорад.
Вақте падараш мепурсад, ки дар бозор аз шиносҳо киҳоро дидааст, он одам ба ёдаш мерасад ва мегӯяд, ки фалониро дидам.
Падараш мепурсад, ки ӯ чӣ гуфт?
Азбаски ҳама гапҳо аз ёдаш баромада буд, чанд гапи дурӯғ мегӯяд.
Бемантиқ ва дурӯғ будани гапҳои ӯро фаҳмида, падараш мепурсад, ки шояд гапҳои дигар гуфта бошад?
-« Не, ҳамин тавр гуфт», - гӯён дурӯғи худро таъкид мекунад Садриддин.
Баъди чанд рӯз он одам ба хонаи онҳо меояд. Падараш Садриддинро ба пеши ӯ даъват мекунад ва мепурсад, ки ба воситаи ин писарам ба ман чиҳо таъйин карда будед?
Меҳмон гапҳои таъйинкардаашро нақл мекунад. Гуфтаҳои вай аз гапҳои Садриддин тамоман фарқ доштанд. Писарбача аз шарм дар обу арақ меғӯтад.

Падараш ӯро танбеҳ дода мегӯяд, ки баъд аз ин ҳар чизро, ки бинад, бо диққат нигоҳ кунад, ҳар гапро, ки шунавад, бо диққат гӯш кунад. Фаҳмида бошад ҳам, дубора пурсида ба хотир гирад. Аммо ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯяд, ки шарманда мешавад.
Ин танбеҳи падар барои ӯ дарси ибрат шудааст.

### Намунаи нақли мухтасар

***Супориш:*** *мазмуни матни хондаатонро мухтасар нақл кунед.*

Дар наздикии деҳаи Садриддин Айнӣ бозорчае будааст. Рӯзе падараш ӯро барои харидани намак ба бозор мефиристад. Ӯ бо як шиноси падараш вомехӯрад. Он кас ба ӯ чанд гап таъйин мекунад, ки рафта ба падараш бигӯяд. Вай ин таъйинро фаромӯш мекунад.

Вақте ки падар аз ӯ дар бозор аз шиносҳо киҳоро дидӣ, гуфта, мепурсад, он одам ба ёдаш мерасад ва дурӯғ мегӯяд.

Баъд аз чанд рӯз он одам ба хонаи онҳо меояд ва дурӯғгӯйии Садриддин фош мешавад. Падараш ӯро танбеҳ дода, таъкид мекунад, ки ҳама чиро дар хотир нигоҳ дорад ва дурӯғ нагӯяд.

Ин танбеҳи падар барои ӯ дарси ибрат мешавад.

### Намунаи нақли интихобӣ

***Супориш:*** *Ҳамон лаҳзаеро, ки дар он дурӯғгӯйии симои матн фош мешавад, нақл кунед.*

Баъди чанд рӯз он одам ба хонаи онҳо меояд. Падараш ӯро ба меҳмонхона дароварда, Садриддинро низ ба пеши ӯ даъват мекунад ва мепурсад, ки ба воситаи ин писарам ба ман чиҳо таъйин карда будед?
Меҳмон гапҳои таъйинкардаашро нақл мекунад. Гуфтаҳои вай аз гапҳои Садриддин тамоман фарқ доштанд. Ӯ аз шарм дар обу арақ меғӯтад.

***Супориш:*** *Лаҳзаи танбеҳ додани падарро нақл кунед.*

Падараш ӯро танбеҳ дода мегӯяд, ки баъд аз ин ҳар чизро, ки бинад, бо диққат нигоҳ кунад, ҳар гапро, ки шунавад, бо диққат гӯш кунад ва агар касе чизе гӯяд, ё коре фармояд, фаҳмида бошад ҳам, дубора пурсида, ба хотир гирад. Аммо ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯяд, ки шарманда мешавад. – Ҳоло ту ду гуноҳ дорӣ, – мегӯяд падар. – Якум он ки

гапи таъйинкардаро аз ёдат баровардӣ, дуюм он ки дурӯғ гуфтӣ. Агар ҳамон вақт «гапҳои таъйинкардаашро фаромӯш кардаам» мегуфт, падараш ӯро дар пеши меҳмон шарманда намекард.

***Супориш:*** *Лаҳзаеро, ки муаллиф дар бораи дарси ибрат шудани танбеҳи падар сухан меронад, нақл кунед.*

Ин танбеҳи падар барои ӯ дарси ибрат шуд.

**Маълумоти мухтасар дар бораи навъҳои савол**

Саволу ҷавоб яке аз рукнҳои асосии таълим дар синфҳои ибтидоӣ буда, бе он натанҳо таҳсилоти ибтидоӣ, балки ҳаётро тасаввур кардан номумкин аст. Аз ин рӯ аз синфи якум сар карда дар хонандагон малакаи ба саволҳо ҷавоб додан, саволу ҷавоб кардан омӯзонда мешавад. Саволгузорӣ ба инкишофи дараҷаи фикррониии хонандагон мусоидат карда, раванди омӯзишро аз як зина ба зинаи дигар баланд мебардорад. Саволҳои бамаврид ва дуруст гузошташуда хонандаро ба таҳлили амиқи масъалаи таълим равона мекунанд. Дар таълими синфҳои ибтидоӣ методи саволу ҷавоб ба таври васеъ истифода карда мешавад.

**Навъҳои савол**

**1. Саволҳои одӣ.** Ба ин навъ саволҳои «кӣ?», «чӣ?», «кай?», «дар куҷо?», «чӣ кор кард?», «чӣ шуд?» ва ғайра дохил мешаванд. Ин саволҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки дараҷаи ба хотир гирифтан ва фаҳмидани хонандагонро муайян кунад. Ба ҳамаи ин саволҳо мазмуни матн ҷавоб медиҳад. Масалан, “Дар матн сухан дар бораи киҳо меравад?” “«Ин воқеа кай рух дод?», “Фарзанд чӣ кор кард?”

**2. Саволҳои мантиқӣ.** Ба ин навъ саволҳои «Чаро?», «Барои чӣ?», «Чӣ хел исбот мекунед?» дохил мешаванд. Ин саволҳоеанд, ки ҷавоби онҳо дар матн равшан нест. Хонанда онро тавассути дониш ва таҷрибаи мавҷудаи худ дарёфт карда метавонад. Ҷавоби ин саволҳо аксар вақт зери ниқоби воситаҳои тасвири бадеӣ, тарзи ҷумлабандӣ ва сохтори матн нуҳуфтаанд. Масалан, ба матни «Давлати пайғамбарӣ» (ба поёнтар нигаред) чунин савол гузошта шудааст: “Чаро модар обро нанӯшид?” Дар матн гуфта нашудааст, ки модар обро нанӯшид. Аммо мантиқи ҷумлаҳои «Чун кӯзаи об биёвард, модар ба хоб рафта буд. Фарзанд то бомдод кӯза дар даст рост истод. Бомдод оби кӯза дар дасти ӯ аз сармо ях кард.» бар он далолат мекунад, ки модар обро нанӯшидааст. Шаб барои он нанӯшид, ки хобаш бурд. Субҳ барои он нанӯшид, ки об ях карда буд.

Ба ҳамин монанд ба матн саволи зерин гузошта шудааст: Ин воқеа дар кадом фасли сол рух дода буд? Дар матн гуфта нашудааст, ки ин воқеа дар фасли зимистон рух дода буд. Аммо хонанда баъди хондани матн ба чунин хулоса меояд, ки ин воқеа маҳз зимистон рух додааст, зеро дар матн омадааст: «Бомдод оби кӯза дар дасти ӯ аз сармо ях кард». Об дар кӯза аз сармо ва дар фасли зимистон ях мекунад.

3. **Саволҳои эҷодӣ**. Ба ин навъ саволҳои «Агар шумо мебудед, чӣ кор мекардед (мегуфтед)?», «Ба симои матн чӣ маслиҳат медиҳед?», «Пас аз хондани ин ҳикоя кадом ҳиссиёт шуморо фаро гирифт?» дохил мешаванд. Хонанда ба ин саволҳо дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ, сатҳи тарбия ва арзишҳои маънавии худ баҳо дода метавонад. Дар ин сурат ҷавоб ягона, хуб ё бад, дуруст ва нодуруст буда наметавонад. Мақсади асосии таълими ин навъ саволҳо аҳамияти таълимӣ (инкишофи нутқ) ва тарбиявӣ (муайян кардани арзишҳои маънавии хонанда) доштани онҳост.

**Меъёрҳои арзёбии малакаи ба саволҳо ҷавоб дода тавонистан**

| Меъёрҳо | Шарҳ |
|---|---|
| **Шунидан** | Хонанда саволи омӯзгорро бодиққат гӯш мекунад. |
| **Савол додан** | Хонанда барои аниқ кардани савол савол медиҳад. |
| **Буррогии ҷавоб** | Ҷавоб фаҳмост. Хонанда ҷавоби худро равшану возеҳ баён мекунад. |
| **Дурустии ҷавоб** | Хонанда ба савол ҷавоби дурусту қонеъкунанда медиҳад. Дар мавридҳои зарурӣ барои исбот аз матн далел меорад. |
| **Риояи меъёрҳои забони адабии тоҷик** | Бо забони адабӣ ҷавоб медиҳад. Ҳангоми ҷавоб додан калимаҳои лаҳҷавӣ ва калимаҳои забони дигарро истифода намебарад. |
| **Луғатомӯзӣ** | Ҳангоми ҷавоб додан аз калима ва ибораҳои матн истифода мебарад. |

## Адабиёт


1) Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. – Душанбе, 2016
2) Барномаи таълими фанни забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2016.
3) Арзёбии таълим. Дастури методӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2010.
4) Зиёев М., Эрматова У., Олимова Ф. ва дигарон «Забони модарӣ» (китоби дарсӣ барои синфи чорум.) – Душанбе, 2012
5) Зиёев М., Эрматова У., Олимова Ф. ва дигарон «Роҳнамои омӯзгор» (дастури методӣ ба китоби «Забони модарӣ» барои синфи чорум.) – Душанбе, 2012.
6) Зиёев М. Н., Мирзоматов Н., Бадалова М., Роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълими «Забони модарӣ» ва «Математика». –Душанбе, 2008.
7) Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С. ва дигарон. Таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ (Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ.) – Душанбе, 2009.
8) Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. - Душанбе, 2007.
9) Лутфуллоев М. Маҷмӯаи имло барои синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе, 2006.
10) Лутфуллоев М. Равиши дарси забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. -Душанбе, 1986.
11) Лутфуллоев М. Дарс. -Душанбе, 1995.
12) Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. – Душанбе, 2012
13) Ниёзов Ф., Зиёев М., Эрматова У., Олимова Ф. ва дигарон. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2012.
14) Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М.: Советская энциклопедия, 1969. -Ҷ. 1 ва 2.
15) Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2008. –Ҷ. 1 ва 2.
16) Шарипов Э., Азимова А. «Роҳу усулҳои тавзеҳи маҷоз ва воситаҳои образноки забон дар таълими ибтидоии забони модарӣ». Хуҷанд,- 2009.

Адабиёт ба забони русӣ:

1. Кайнова Э.Б. Курс современной практической педагогики. – М., 2005.
2. Кошмина И. В. Межпредметные связи в начальной школе. – М., 2003.
3. Кукушин В. С., Болдырева А.В. – Вараксина. Педагогика начального образования. – М. –Ростов – на – Дону, 2005.
4. Кульневич С.В., Лакоценина Т.П. Современный урок. – М.: Учитель, 2005.
5. Кустарева В.А. Методика грамматики и орфографии в начальных классах. - Москва, 1979

Сарчашмаҳои интернетӣ:

https://yandex.ru/yandsearch?&clid=2186617&text
http://yandex.ru/clck/jsredir?from=yandex.ru
http://videouroki.net/filecom.php?fileid=98712505

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ 4-УМ

## бароии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Мунavваров |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 18.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 32.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 102/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ “Душанбе – Принт” чоп шудааст